МУАЛЛИФ
МУҲАММАДИҚБОЛИ САДРИДДИН

# ШИНОХТ ВА МАҚОМИ САҲОБА (Р) ДАР ИСЛОМ

ДУШАНБЕ 2008

**ББК 86,38**
**С-16**

*Бунёди ҷамъиятии*
***«ВАСАТИЯТ»***
*тақдим мекунад*

Китоб усули шинохти асосгузорон ва нашркунандагони мактаби Ислом – Саҳобагони Расули Худо Муҳаммад *саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам* ва хидмату заҳамоти он абармардонро дар тақвияту густариши дини илоҳӣ ва фазилату дараҷаи онон ва баёни ҳукми маҳбубияту пайравӣ ва ё бадбинию душманӣ дар ҳаққи ононро аз дидгоҳи Қуръон ва Суннат ва низ бозтоби симои он бузургонро дар осори назмии шоъирони гузашта ва муъосири форсу тоҷик пешкаши хонандагон менамояд. Дар ин робита нуқтаназарҳои чанд тан аз уламо ва пешвоҳои мазҳабии бузурги кишвар, аз ҷумла: Раиси Маркази Исломии Тоҷикистон Шайх Амонуллоҳи Неъматзода, Домулло Муҳаммадии Қумсангирӣ, Роҳбари маънавии ҲНИТ, Устод Муҳаммадшарифи Ҳимматзода ва дигар азизонро дар хусуси шинохти фазоили Саҳобагони Расули Худо ва ҳукми саб ва носазогӯяндаи онҳо мавриди баррасӣ қарор додаем.

Китоб барои доираи васеъи хонандагони донишомӯз, ҳавзаҳои илмӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, динӣ ва таърихнигорони муҳаққиқ ва оммаи мардуми мусалмон тақдим мегардад.

| | |
|---|---|
| Номи китоб | ***Шинохт ва макоми Сахоба (р) дар Ислом*** |
| Муаллиф | *Муҳаммадиқболи Садриддин* |
| Муҳаррири масъул | *Файзуллоҳи Аҳё* |
| Тарроҳ | *Усмоналии Абдуқаҳҳор* |
| Ҳуруфчинон | *Меҳрбонуи Раҳимбек* *Фирузаи Давлатназар* |

Ношир: Комбинати полиграфии ш. Душанбе.
Супориш № 48
Таърихи чоп 30. 05. 2008.
Теъдод: 2000 нусха

***ISBN 978- 99947- 733- 3- 6***

# Мундарича

**ПЕШГУФТОРИМУАЛЛИФ** 7

**ТАЪРИФИ ЛАФЗИ САҲОБА**-------------------------------------------**20**
*Маънои калимаи Саҳоба дар луғат: ----------------------------------------20*
*Маънои калимаи саҳоба дар истилоҳ --------------------------------------23*
*Саҳоба аз нигоҳи уламои усул-----------------------------------------------25*
*Саҳоба аз нигоҳи уламои ҳадис---------------------------------------------25*

**ОЁ АЗ ҶИН ҲАМ САҲОБА ҲАСТ?----------------------------------------27**

**ШИНОХТИ САҲОБА БО ДАЛЕЛҲО---------------------------------32**

**ҲИКМАТ ВА РАҲМАТИ ХУДОВАНД**
**ДАР ИНТИХОБИ САҲОБА---------------------------------------------------33**

**АДОЛАТ ВА СИФОТИ САҲОБАГОН ---------------------------------36**

**ФАЗИЛАТ ВА ҶОЙГОҲИ РАФЕЪИ САҲОБАГОН-----------------47**
*Шаҳодати Қуръони маҷид дар фазоили саҳоба------------------------47*

**ДАЛЕЛҲОИ АҚЛӢ ВА НАҚЛӢ БАРОИ ИСБОТИ**
**ФАЗОИЛИ АСҲОБИ ПАЁМБАР (с) -------------------------------------66**

**ДАР БОРАИ МАЪНОИ КАЛИМАИ «ОЛ»-----------------------------82**

**ШИНОХТИ ТАБАҚАҲОИ САҲОБА -------------------------------------86**

**СИТОИШИ УЛАМО ДАР ФАЗИЛАТИ САҲОБАГОН-------------88**

**АВВАЛИНҲО ДАР ИСЛОМ ВА...----------------------------------90**

**АВВАЛИНИ САҲОБАГОН ДАР ИСЛОМ ВА ОХИРИНАШОН**
**ДАР ТАРКИ ДУНЁ------------------------------------------------------------94**

**АДАДИ САҲОБАГОН -----------------------------------------------------96**

**САҲОБАГОН ВА ДОНИШАШОН-------------------------------------96**

**ХИДМАТИ АСҲОБ ДАР ТАФСИР**
**ВА НАШРИ ҚУРЪОНИ КАРИМ--------------------------------------------99**
*Сабабҳои таълиф ва нашри тафсир--------------------------------------102*
*Зикри маноқиби баъзе аз муфассирони саҳоба-----------------------104*

**ХИДМАТИ АСҲОБ ДАР ҲИФЗ**
**ВА НАШРИ СУННАТИ НАБАВӢ--------------------------------------107**
*Таъбири Имом Шофеъӣ дар бақои ҳамешагии ҳадис----------------111*
*Саҳобагон нахустин муҳофизони Суннат------------------------------112*
*Омилҳои маҳфузияти Суннат.-------------------------------------------113*
*1. Саҳобагон дӯстдорони ростини Паёмбар(с)-----------------------113*
*2. Эъҷоз ва балоғати каломи Расулуллоҳ (с)--------------------------114*
*3. Тарғиб ва ташвиқ ба ҳифз ва фарогирии Суннат-----------------115*
*4. Ҷойгоҳи рафеъи Суннат дар дин--------------------------------------116*
*5. Ҳидоятёбии саҳобагон ба Суннат-------------------------------------117*
*6. Вуҷуди Расули Худо(с) дар миёни саҳобагон (р)--------------------118*

**САРГУЗАШТИ СУННАТ ДАР ҲАССОСТАРИН МАРОҲИЛ----119**
*Суннат дар замони Паёмбар (с)-------------------------------------------119*
*Асҳоби Суффа---------------------------------------------------------------121*
*Роҳҳои ҳифзи Суннат дар аҳди рисолат--------------------------------123*
*Хулосае аз корҳои Паёмбар (с) дар нашри Суннат------------------128*

**СУННАТ ДАР АҲДИ ХУЛАФОИ РОШИДИН---------------------------130**
*Суннат дар аҳди хилофати Абубакри Сиддиқ(р)--------------------130*
*Суннат дар замони хилофати Форуқи Аъзам------------------------133*
*Суннат дар аҳди хилофати Усмон (р)---------------------------------137*
*Суннат дар замони хилофати Алӣ (р)---------------------------------139*

**МУШОҶИРАТ ВА Ё ИХТИЛОФОТИ БАЙНИ САҲОБА-------145**
**ТАЪРИХ ДАР БОРАИ АСҲОБИ ПАЁМБАР (С) ЧӢ МЕГУЯД,**
**ОЁ ҲАМАИ ОНҲО ДУРУСТАНД? --------------------------------------166**
*Таърихро чи гуна бихонем?-------------------------------------------------170*
*Китобҳои чӣ касонеро нахонем? -----------------------------------------172*
*Пас китобҳои чӣ касонеро бихонем?-----------------------------------172*
*Он чи, ки бояд аз он дурӣ ҷӯем-------------------------------------------173*
*Равиши Имом Табарӣ дар таърихаш--------------------------------------178*
*Достони Сақифаи бани Соъида.------------------------------------------182*
*Ноқилони ахбор чи гуна таърихро таҳриф мекунанд----------------188*
*Ровиёни ғайри мӯътамаде, ки таърихнигорон*
*аз онҳо ривоят кардаанд-----------------------------------------------------190*
*Аҳли суннат таҳқиқ барои касби*
*итминонро аз чӣ замоне оғоз карданд?---------------------------------192*

**ФАЗИЛАТИ САҲОБАГОН ДАР АҚИДАИ АҲЛИ СУННАТ ВА ҶАМОЪАТ----------------------------------------------193**

**ДАШНОМУ НОСАЗО ГУФТАНИ САҲОБАГОН ВА ҲУКМИ ОН---------------------------------------------------------200**

**НАЗАРИ УЛАМОИ МУЪОСИРИ ТОҶИК ДАР МАВРИДИ САҲОБА----------------------------------------------211**

*Назари Раиси Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шайх Амонуллоҳ Неъматзода--------------------------------------212*

*Сӯҳбат бо домулло Муҳаммадии Қумсангирӣ-------------------------215*

*Устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода, роҳбари маънавии ҲНИТ-----------------------------------------------222*

*Домулло Эшонҷон (Мулломустазъафи Қаротегинӣ)-----------------227*

*Назари Ҳоҷӣ Домулло Мирзо Тоҳир--------------------------------------230*

*Домулло Маҳмудҷони Тураҷонзода---------------------------------------238*

*Назари махсуми Саддод-----------------------------------------------------241*

*Махдуми Ҳоҷи Исмоил-------------------------------------------------------242*

*Назари Ҳоҷи Хоҷамир Хоҷамиров узви шурои уламои дини вилояти Суғд------------------------------------------------247*

*Имом ибни Деҳқон ноиби сархатиби масҷиди «Ҳоҷиён»-и н. Исфара.*----------------------------------------------251

**МАВЗЕЪГИРИИ ДУРУСТ ДАР РОБИТА БО АСҲОБИ ПАЁМБАР (с)------------------------------------------------255**

**ҶОЙГОҲИ САҲОБАГОН ДАР НАЗМИ ГУЗАШТАГОН ВА МУЪОСИР---------------------------------------------261**

Шайх Фаридуддини Аттор Мантиқут-тайр

Куллиёти Шоҳнеъматуллоҳи валӣ------------------------------------------268

*Ҳафт авранги мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ---------------------------269*

*Аҳмади Ҷомӣ------------------------------------------------------------------271*

*Саъидмуҳаммади Каррухӣ, мутахаллис ба Сайидо--------------------274*

*Хоҷафахруддини зиндадил-------------------------------------------274*

*Девони Қозӣ Бедил----------------------------------------------------------275*

*Мавлоно Шамси Табрезӣ-----------------------------------------------------276*

*Миршамсиддини Кабарзонӣ-------------------------------------------------277*

*Гулзори ваҳдат аз Муҳаммои Ғазнавӣ---------------------------------------286*

*Ҷамили Ноошно-------------------------------------------------------------286*

*Муҳаммадӣ Ҳодизода Навид. Қасидагуна---------------------------------288*

*Саъдуллоҳи Мӯсо--------------------------------------------------------------293*

**САРЧАШМАҲОИ МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТА ------------------------------------------------------- 295**

**Аз Худо битарсед дар мавриди саҳобагонам! Аз Худо битарсед дар мавриди саҳобагонам ва баъди ман ба онҳо ҳеҷ ғараз нагиред. Касе онҳоро дӯст доштааст, пас ба сабаби дӯстдории ман дӯсташон доштааст ва касе онҳоро бад дидааст, пас ба сабаби бадбинии ман онҳоро бад дидааст ва касе эшонро азияташон кардааст, пас дар ҳақиқат маро азият кардааст ва касе маро азият кардааст, ба таҳқиқ, Худоро азият кардааст ва касе Худоро азият кунад, ба зудӣ ӯро Худо ба азоб мегирад.**

*Имом Тирмизӣ, Ибни Ҳаббон*

**Касеро аз асҳоби Расули Худо (с) ҷуз ба хайру некӣ ёд намекунем.**

*(Аз иршодоти Имом Абуҳанифа (р.ҳ) дар* **“фиқҳи акбар”***)*

**Саҳобӣ, агарчӣ як лаҳза ҳам бо Паёмбар (с) буда бошад, ҳеҷ амале бо он баробар нахоҳад шуд ва ҳеҷ чизе ба ин дараҷа намерасад, зеро фазилатҳо ба таври қиёс гирифта намешаванд. Ин фазилатест, ки Худованд ба ҳар касе, ки бихоҳад, медиҳад.**

*Имом Нававӣ, Шарҳи Муслим.*

БИСМИЛЛОҲИР- РАҲМОНИР-РАҲИМ

## ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

Воқеъан ҳам маърифати арзишҳои олии дини Ислом ва шинохти дурусти Қуръон ва суннат ба шинохти ҳаёти Паёмбар (с) ва таърифоти зиндагиномаи саҳобагони он Ҳазрат (с) сахт вобастагӣ дорад, зеро онҳо дарёфткунандагони бевоситаи ваҳй ва муҳити иҷтимоии нузули Қуръони карим мебошанд. Онҳо дар тарбияи амалии Расули Худо (с) ба камол расида аввалин насле мебошанд, ки арзишҳои исломӣ ва аҳкоми қуръонӣ дар ҳаёти эшон амалан татбиқ гардидааст. Ташаккули эътиқодӣ, тарзи тафаккур ва шеваи зиндагонии онҳо ба василаи Паёмбари акрам (с) ва дар зери назар ва раҳнамоии бевоситаи ваҳйи илоҳӣ сурат гирифтааст.

Аз сӯи дигар, бинои эътиқодот ва сохтори зиндагии онҳо мазҳари таҷаллии лутфи Худо ва нишонаи камоли дини Ӯ ба шумор меравад. Ҳаёти онҳо таҷассуми зиндаи арзишҳои исломӣ ва ҳадафҳои қуръонӣ буд. Бинобар ин Худованд аз он сарҳалқаи насли башарият то ҷое хушнуд буда, ки сохтори имонӣ ва шеваи зиндагонии онҳоро намунаи амалӣ ва меъёри дурустӣ ва пазириши имон ва аъмоли дигар бандагони худ қарор додааст он ҷо, ки мефармояд:

فَإِنۡ ءَامَنُواْ بِمِثۡلِ مَآ ءَامَنتُم بِهِۦ فَقَدِ ٱهۡتَدَواْۖ وَّإِن تَوَلَّوۡاْ فَإِنَّمَا هُمۡ فِي شِقَاقٖۖ فَسَيَكۡفِيكَهُمُ ٱللَّهُۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ﴿١٣٧﴾

***«Агар (мардумони дигар низ) ба монанди имони шумо имон оваранд, пас дар воқеъ роҳ ёфтаанд ва (ле) агар (аз чунин имоне) рӯй бартобанд, пас (бидонед, ки) онҳо дар шиқоқ (ва душманиии бо шумо» қарор доранд, зуд аст, ки Худо туро аз эшон кифоят намояд ва Ӯ шуновову доно аст».***

*(Сураи Бақара, ояти 137)*

Худованд дар ояти баъдӣ сохтори имонӣ, тарзи зиндагонии саҳобагони Расули акрам (с)-ро комилан мутобиқи дини худ ва дорои ранги худоӣ гуфтааст, он ҷо, ки мефармояд:

صِبۡغَةَ ٱللَّهِۖ وَمَنۡ أَحۡسَنُ مِنَ ٱللَّهِ صِبۡغَةٗۖ وَنَحۡنُ لَهُۥ عَٰبِدُونَ ﴿١٣٨﴾

***«(Он) ранги Худо мебошад ва аз ранги Худо дигар чӣ ранге беҳтар аст ва мо ибодаткунандаи Ӯ ҳастем?»***

*(Сураи Бақара, ояти 138)*

Мавлоно Ҷомӣ (р.ҳ) бо забони назм ин фармудаҳои илоҳиро чунин баён кардааст:

*Аз ватанҳо муҳоҷират карданд,*
*Бар аламҳо мусобират карданд.*
*Дар сафар ҳамрикоби ӯ буданд.*
*Дар ҳазар ҳамхитоби ӯ буданд.*

*Ҳама осори ваҳй дида аз ӯ,*
*Ҳама асрори дин шунида аз ӯ.*
*Бо Набӣ дар шадоиди аҳвол,*
*Базли арвоҳ кардаву амвол.*

*Пояи дин баланд аз имон шуд,*
*Кори шаръ арҷманд аз имон шуд.*
*Разияллоҳу анҳум аз сӯи Ҳақ,*
*Пайи эшон башорати мутлақ.*

Бинобар ин, барои ба даст овардани маърифати динӣ ва шинохти воқеъии арзишҳои илоҳӣ ҳар мусалмонро зарур аст, то дар бораи ҳаёт ва корномаи амалии саҳобагони Расули Худо (с) огоҳии комил дошта бошад.

Ҳамин тавр, ӯ худро аз таъсири ҳамалоти пурҳаҷм ва барномарезишудаи бегонагон метавонад нигаҳ дорад. Зеро онҳо низ дониста ба ин нуқтаҳои ҳассоси эътиқодӣ чанг мезананд. Ин ҷойгоҳи рафеъ ва камоли лутфи Худованд барои саҳобагон ба таври табиъӣ кина ва ҳасади пайравони фарҳангҳои шикастхӯрда, пешвоёни динҳои ноком ва душманони арзишҳои башариро бар зидди онҳо барангехт.

Онҳо дар тӯли таърихи наздик ба якуним ҳазор солаи Ислом кӯшидаанд, то бо ҳар василае симои тобноки он насли баргузидаро хадшадор созанд. Илова бар ин, дар зери таъсири андешаҳои инҳо ва бо истифода аз фазои тасомуҳи дини Ислом дар мақтаъҳои гуногуни замонӣ тоифаҳои тундрав ва бероҳе арзи вуҷуд намудаанд, ки бо ҳамон шеваи носолим ба ташвеҳи (бадсозии) арзишҳои дини илоҳӣ ва зиштнамоии симои зиндагонии саҳобагони Расули акрам (с) ва бузургони садри Ислом пардохтаанд.

Ин ҳамалоти гумроҳсозанда бар зидди арзишҳои дини Худо ва рисолати Ислом ҳанӯз дар замони ҳаёти Паёмбар (с) оғоз гардида буд. Ҳодисаи тӯҳмати ҳамсари поки Расули Худо (с) ҳазрати Оишаи Сиддиқа (р) ба дасти мунофиқон яке аз шадидтарин ҳамалоте буд, ки бар зидди хонадони нубувват равона гардида буд. Дар ин амалиёти зиддиарзишии мунофиқон яҳудиёни Мадина ба таври ғайримустақим дахолат доштанд ва Абдуллоҳ ибни Убай, сардори мунофиқон нуқтаи марказӣ ва асоси онро дар даст дошт. Шояд хонандаи гиромиро саволе пайдо гардад, ки ин китоб дар мавриди шинохт ва мақоми саҳобагон баҳс мекунад ва ёдовар шудани ҳодисаи «Ифк»[1], ки дар мавриди бонуи афифа Оишаи Сиддиқа (р) аст, барои чист? Бояд бидонем, ки Оишаи Сиддиқа (р) нахустин саҳобияе буд, ки дар замони ҳаёти Паёмбари Худо (с) мубтало ба тӯҳмати «Ифк» гардид ва он ҳангом ҳанӯз Қуръони карим нозил мегардид ва аҳкоми илоҳӣ комил мешуд. Худованд аз фарози ҳафт осмон покии модарамонро эълон

[1] . *Ифк-дурӯғ, буҳтон.*

намуд ва чеҳраи нопоки мунофиқони тӯҳматангезро ошкор ва нақшаи нопоки ононро, ки бо ин тарҳи амалиётӣ мехостанд асли рисолати ҳазрати Муҳаммад (с)-ро зери савол қарор диҳанд ва мусалмононро нисбат ба хонадони он Ҳазрат (с) дар шак андозанд, хунсо ва бармало сохт.

Ин нақшаи шуми онҳо дар андешаи баъзе мусалмонони нопухта низ таъсир гузошт. Худованд вақте покии Оишаи Сиддиқа (р)-ро эълон кард, ҳамин нопухтагӣ ва таъсирпазирии баъзе мусалмононро аз ду ҷанба мавриди накӯҳиш қарор дод; яке нопухтагии фикрии онҳо ва дар ин бора мефармояд:

لَّوْلَآ إِذْ سَمِعْتُمُوهُ ظَنَّ ٱلْمُؤْمِنُونَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتُ بِأَنفُسِهِمْ خَيْرًا وَقَالُوا۟ هَٰذَآ إِفْكٌ مُّبِينٌ ﴿١٢﴾

***«Чаро вақте он (тӯҳмат)-ро шунидед, мардон ва занони мӯъмин нисбат ба худ гумони хайр накарданд ва нагуфтанд, ки ин тӯҳмати ошкор аст».***

*(Сураи Нур, ояти 12)*

Яъне оё ҳанӯз ташаккули имонӣ ва сохтори фикрии шумо ба ҷое нарасидааст, ки вақте онро шунидед, нисбат ба худ гумони нек дошта бошед ва онро тӯҳмати ошкор бидонед? Чунин тӯҳматеро бояд дар ҳаққи худ қабул намекардед, чӣ расад ба ин ки онро дар ҳаққи хонадони Паёмбаратон бипазиред. Чӣ гуна имонатон ба шумо иҷозат дод, ки дар ҳаққи хонадони Паёмбаратон чунин тӯҳматеро бипазиред? Фикр накардед, ки Худо барои хонадони Паёмбараш ҳаргиз чунин чизеро иҷозат намедиҳад?

Дуввум, нопухтагии амалии онҳо ва дар ин бора мефармояд:

لَّوْلَا جَآءُو عَلَيْهِ بِأَرْبَعَةِ شُهَدَآءَ ۚ فَإِذْ لَمْ يَأْتُوا۟
بِٱلشُّهَدَآءِ فَأُو۟لَٰٓئِكَ عِندَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلْكَٰذِبُونَ ﴿١٣﴾

***«Чаро бар ин (тӯҳматашон) чаҳор шоҳид наовարданд? Вақте шоҳидоне наоварданд, пас дар назди Худо онҳо дурӯғгӯянд».***

*(Сураи Нур, ояти 13)*

Яъне вақте онҳо ба ин тӯҳмат даст заданд, чаро аз онҳо нахостед, ки чаҳор шоҳид[2] биёваранд?

Вақте барои ин тӯҳматашон шоҳиде надоранд, пас ба таври табиъӣ ва бо мантиқи ақл маълум аст, ки дурӯғ мегӯянд.

Қуръони карим аз ояти 11-ум то ояти 18-уми сураи Нур бевосита ба баёни амалиёти зиддидинии мунофиқон ва эълони покии ҳазрати Оиша (р) пардохтааст ва онро аз назари тарбиявӣ ва тактикӣ хайр ва ба нафъи мусалмонон донистааст. Зеро мусалмонон бояд аз чунин ҳаводисе дар сайри такомулии хеш панд гиранд ва минбаъд ба чунин шоеъаҳо (паникаҳо)-е дода нашаванд. Ҳар кас ба ҳамон андозае, ки дар он шоеъаафканӣ саҳм дошт, гуноҳ гирифтааст, вале он касе, ки дар он нақши меҳвариро анҷом медод, барояш азоби дарднокест.

---

[2]. *Ишора ба ояти чаҳоруми сураи Нур.*

Сипас дар ояти 19-ум қоидаи умумӣ ва ҳукми абадиеро поягузорӣ менамояд, ки барои ҳамаи давру замон ва фарогири тамоми наслҳо мебошад. Ҳар касе ба чунин тӯҳматпароканӣ ва амалиётҳои зиддиарзишӣ даст занад ва талош намояд, ки дар миёни мӯъминон нобоварӣ нисбат ба арзишҳои динӣ, бадкорагӣ ва фаҳшо паҳн гардад, дар дунё ва охират ба азоби дардноке мубтало мегардад.

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ ٱلْفَٰحِشَةُ فِى ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ ۚ ... ﴿١٩﴾

***«Касоне, ки дӯст медоранд (ва кӯшиш мекунанд), ки дар миёни мӯъминон фоҳиша (ва тӯҳматгароӣ) паҳн шавад, барояшон дар дунё ва охират азоби дардноке аст...».***

*(Сураи Нур, ояти 19)*

Дар даврони хулафои рошидин низ ҳамин гуна амалиётҳои зиштнамоӣ ва тарҳҳои васеъи таъну бадгӯӣ бар зидди саҳобагони Расули акрам (с) ба роҳ андохта шуд, ки то имрӯз идома дорад. Онҳо дониста ва ба таври барномарезишуда ҳақоиқи қуръонӣ ва оятҳои китоби Худоро инкор менамоянд ва суннати Расули акрам (с)-ро дурӯғ мешуморанд. Воқеъиятҳои таърихро таҳриф намуда, бар зидди беҳтарин насли башарият, саҳобагони Паёмбар (с) тӯҳмат мезананд, то, ки бо ин амалашон сарчашмаҳои аслии дини оламшумули исломро хадшадор намоянд ва ба муҳимтарин ноқилон ва густаришдиҳандагони дини Ислом, ки ҳамзамон

парвардагони мактаби рисолатанд иттиҳом ворид намоянд ва симои нуронии ононро нохуб нишон дода ва бебокона ҷор бизананд, ки асҳоби Муҳаммад (с) чунин нохубу нописанд будаанд ва ба ин восита шахси мусалмони ноогоҳро ба бероҳа бикашанд ва барои шахси ба ин дин дохилшаванда садди роҳ гарданд.

***Худованд дар шаъни ҳаминҳо мефармояд:***

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا أَوْ كَذَّبَ بِٱلْحَقِّ لَمَّا جَآءَهُۥٓ ۚ أَلَيْسَ فِى جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْكَـٰفِرِينَ ﴿٦٨﴾

***«Ва чӣ касе золимтар аз он аст, ки бар (зидди оятҳои китоби) Худо дурӯғ бибофад (ва) ё ҳақро, вақте барояш омад, дурӯғ шуморад? Оё дар ҷаҳаннам оромгоҳе барои кофирон нест?».***

*(Сураи Анкабут, ояти 68)*

Табиъати мубориза и ҳаққу ботил, куфру имон ва некиҳову бадӣ ҳамин аст ва он то рӯзи қиёмат идома меёбад. Вале мӯъминон бояд дар бораи арзишҳои динӣ, таърихи садри Ислом, бузургони дин ва ҳамчунин, равишҳои кори душманон шинохтҳои дуруст ва огоҳиҳои воқеъӣ дошта бошанд, то имон ва муқаддасоти худро аз осеби ҳамалоти бадандешон нигаҳ доранд ва дар худ нерӯи муқовимати фарҳангиро ба вуҷуд оваранд.

Илова бар ин, вазифаи динӣ ва масъулияти имонии ҳар шахси огоҳ ва бомаърифат аст, ки наслҳои ҷавонро дар ҷодаи худшиносӣ ва худсозӣ тарбия намояд ва дар роҳи баланд бардоштани маърифати динӣ ва шинохтҳои имонии онҳо саҳми

худро гузорад. Зеро пайдоиши чунин тенденсияҳои ҷамъиятӣ ва ҷараёнҳои фикрӣ оқибат ба парокандагии миллӣ ва шикасти якпорчагии мусалмонон меанҷомад.

Ин кор комилан хилофи сиёсатҳои хирадмандона ва ҳадафҳои олии сарвари давлат мебошад. Сарвари давлат борҳо дар суханрониҳояш ба ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани маърифати динии мардум таъкид намудааст. Пас хуб мешавад, ки дар роҳи татбиқи ин ормонҳои олии сарвари давлат барномаи комили фарогиронии мардум бо маърифати динӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна тенденсияҳои тундравонаи иҷтимоъӣ, ки аз сӯи бегонагон барномарезӣ мешаванд, таҳия ва ба мавриди иҷро гузошта шавад.

Ва ногуфта намонад, ки мо тоҷикон пайрави мазҳаби Имом Абуҳанифа (р.ҳ), ки маъруф ва машҳур ба Имоми Аъзам аст, мебошем ва ӯ Имом ва пешвоест, ки дар сарҳалқаи имомони аҳли суннат, хусусан мазоҳиби чаҳоргонаи он қарор дорад. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки Имом Абуҳанифа аз ҷумлаи тобеъин буда ва бо чанд тан аз саҳобагони Расули Худо (с) мулоқот карда ва аз як нафари онҳо ҳадис ривоят кардааст, ки ӯ Анас ибни Молик (р) мебошад. Ва мавриди зикр аст, ки Имом Абуҳанифа яке аз бузургтарин ва пештозтарин имомони дорои пайрав аст, ки дар гузашта ва ҳозир бештар аз нисфи мусалмонони ҷаҳони Ислом аз мазҳаби ӯ пайравӣ мекунанд[3].

[3] . *Алимом Абуҳанифата Нуъмон муҳаддисан фи кутубил муҳаддисин. (Гирдоварии Муҳаммад Нур ибни Абулҳафизи Сувайд) чопи якум «Мактабаи Дорул Баён». Кувайт-2003.*

Инчунин Имом Абуҳанифа (р.ҳ) дар асру замоне, ки тибқи фармудаи Расули акрам (с) ба «Хайрул-қурун»[4] машҳур аст, зиндагӣ намудааст. Ин мазҳабест дорои ақида, фиқҳ ва роҳу равише, ки ҳамеша дар мадори таърих бо ҳама асру замонҳо созгор буда ва пайравонашро ба равиши муътадил роҳнамоӣ менамояд ва аз хушунат ва тундравӣ фосила дорад. Ин мазҳаб пайравонашро ба устуворӣ дар дин ба воситаи чанг задан ба ду асли муҳимми Ислом Қуръон ва Суннат, сипас ба воситаи муҳаббат ва пайравии хонадони поки Паёмбар (с) ва инчунин ба дӯстдорӣ ва роҳу равиши хулафои рошидин ва асҳоби киром (р) даъват менамояд.

Барои мо пайравони ин мазҳаб муҳим аст бидонем, ки кӯчактарин таън ё бадгӯӣ нисбати асҳоб (р) ҷинояти нобахшиданист, зеро сарчашмаҳои поку беолоиши фиқҳи мазҳабро, ки Имом Абуҳанифа (р) бо силсила аз Муҳаммад (с) дастрас кардаанд ҳама ба воситаи асҳоби Муҳаммад (с) мебошанд. Таън ва бадгӯӣ нисбати асҳоби киром (р) нахуст мазҳабро беэътибор қарор медиҳад ва сипас Исломи азизро хадшадор месозад.

---

4 . *Ишора ба ҳадиси Тирмизӣ, 4/476 (2303) Ибни Ҳаҷар, Талхис ал-Ҳабир, 4/204, Усудул-гоба фи маърифатис-саҳоба, муқаддимаи 1/22.*

## Шайх Фаридуддини Аттор
## чӣ хуб фармудааст:

*Ай гирифтори таъассуб мондае,*
*Доиман дар буғзу дар ҳуб (б) мондае.*

*Гар ту лоф аз ҳушу аз луб (б) мезанӣ,*
*Пас чаро дам аз таъассуб мезанӣ?*

*В-ар куни таксиби асҳоби Расул,*
*Қавли Паёмбар накардасти қабул.*

*Гуфт:-Ҳар ёрем начме рӯшан аст,*
*Беҳтарини қарнҳо қарни ман аст.*

*Беҳтарини халқ ёрони мананд,*
*Ақрабову дӯстдорони мананд.*

Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дӯст доштани асҳоби Муҳаммад (с) дину имон буда, бадбиниашон фисқу исён мебошад.

Аз ин рӯ дар ин маврид хело бо тааммул бошем, ки кор ба бероҳа накашад. Мусалмони закӣ ва боҳушро зарур аст, ки ҳушёриро аз даст надиҳад ва дар доми чунин тавтиъаҳои бадманишон наафтад ва то метавонад бо тамоми ҳастиаш аз хонадон ва асҳоби гиромии он Ҳазрат (с) дифоъ намояд.

Ин китоб, бо хости Худо, шинохти воқеъӣ ва маълумотҳои арзандаеро дар мавриди саҳобагони Расули Худо (с) дар ихтиёри хонанда

қарор медиҳад ва ҳар фарди мусалмонро зарур аст, ки онро борҳо ва бо тааммул мутолиъа намояд.

Дар таҳия ва баррасии ин китоб кӯшидем, то симои воқеъии саҳобагонро барои хонандагон бозгӯ намоем. Бошад, ки хонанда аз қироати он баҳра ва маълумотҳои муносиберо касб намуда роҳи савоб ва дурустро интихоб намояд. Хонандаи гиромӣ! Дар заминаи шинохти симои воқеъии саҳобагон зиёд гардидани маълумоти шумо, ин ихтиёр намудани роҳ ва равиши Паёмбар (с) мебошад, ки он орзуи ҳар як фарди мусалмони асил аст ва ноогоҳ мондан аз он барои ҳама мардуми мусалмон пайомадҳои нохушеро дар пай дорад.

Дар охир мехоҳам хонандагони гиромиро бо унвони қисмате аз мавзӯъҳои ин китоб ба таври мухтасар ошно созам, то қабл аз оғози мутолиъа аз муҳтавои он огоҳӣ дошта бошад.

Нахуст дар мавриди калимаи саҳоба аз нигоҳи луғавӣ ва истилоҳӣ маълумоти муфассалеро пешкаш намудаам, то барои хонанда огоҳии комил пайдо шавад. Сипас шаҳодатҳои қуръонӣ ва аҳодиси Паёмбар (с)-ро дар мавриди шаъну манзалати саҳобагон (р) овардаам. Инчунин далелҳои ақлиро дар мавриди саҳоба ва низ мушоҷараеро, ки миёнашон гузашт, пешкаш намудаам. Инчунин таърих дар мавриди асҳоб чӣ мегӯяд, назари уламо ва аимаи аҳли суннат, назари уламои муъосири тоҷик дар робита бо саҳоба (р), ҳукми носазогӯяндаи асҳоб (р), мавқеъи аҳли суннат дар ин робита ва поёнбахши

онро назми шоъирони гузашта ва муосири форсу тоҷик дар бораи асҳоб (р) дар бар дорад.

Инчунин мехоҳам аз ҳама донишмандон ва уламои муъосири тоҷик, ки назарҳо ва мулоҳизоти муассирашонро дар мавриди саҳобагони Расули Худо (с) ва таълифи чунин китоб барои банда аз тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ изҳор намуданд ва ё маро дар ин кори ниҳоят муҳимми хайр ташҷиъ карданд изҳори миннатдорӣ намоям ва дуъои ҳамешагиам барояшон ин аст:

Худоё бар ин бузургони хидматгузор,
Ба фазлу карам борони раҳмат бибор.

Ҳамчунин хидмату дастгирии ҳамкорон Файзуллоҳи Аҳё, Амриддин Холов, Файзалии Мирзонаъим ва дигар бародаронро, ки дар омодасозии ин китоб бо ман буданд ва вақтҳои қимати худро сарфи он намуданд арзи сипос менамоям.

***Ҳар, ки хонад дуъо умед дорам,***
***З-он ки ман бандаи гунаҳкорам.***

*МУҲАММАДИҚБОЛИ САДРИДДИН.*

# ТАЪРИФИ ЛАФЗИ САҲОБА

## *МАЪНОИ КАЛИМАИ САҲОБА ДАР ЛУҒАТ:*

Саҳоба, аз решаи калимаи сӯҳбат гирифта шуда, дар луғат ба маънои мулозамат ва ҳамсӯҳбатӣ намудан бо касе мебошад, ҳарчанд кам ҳам бошад. Саховӣ гуфтааст: Саҳоба дар луғат ба шахсе гуфта мешавад, ки бо ҳамнишинаш ба муддати камтарин вақте, ки ба он сӯҳбат номида шавад, ҳамсӯҳбат шуда бошад. Аммо шахсеро, ки сӯҳбаташ тӯлонӣ ва ҳамнишиниаш бисёр шуда бошад, фазилат ва бартариаш ҳам бештар аст.[5]

Сӯҳбат, ки калимаи саҳоба аз он гирифта шудааст, ба маъниҳои бисёре, аз қабили: Ёр шудан, ёрӣ кардан, ҳамдам шудан, муоширaт, сӯҳбат кардан, ҳамроҳӣ ва ғайраҳо омадааст, ки дар тамоми маъниҳои он пайвастагӣ, ҳамнишинӣ ва итоъат муштарак аст.

Пеш аз баёни баъзе корбурдҳои маъниҳои луғавии саҳоба, лозим аст зикр намоям, ки бархе аз маъниҳои луғавии он дар зимни маънои истилоҳии он шомил намешаванд, зеро таъриф-ҳои истилоҳӣ аксаран ҳама маъниҳои луғавиро дар бар намегиранд. Бинобарин, ба баёни паҳлуҳое аз он, ки бо маъниҳои истилоҳиаш алоқа-манд мебошанд, мепардозам, то манзури асосӣ аз ин калима ба таври дуруст фаҳмида шавад.

[5] *. Фатҳул мугис: Саховӣ 3/86.*

Калимаи сӯҳбат умуман, дар забони араб шаш корбурди васеъ дорад:

***1. Сӯҳбати маҷозӣ:***

Ин гуна сӯҳбатро барои шахсоне гуфта мешавад, ки дорои як васфи муштарак бошанд, ҳарчанд, ки фосилаи замонии тӯлонӣ ҳам дар миёнашон бошад. Ҳамон гуна, ки Паёмбари акрам (с) ба баъзе аз ҳамсаронаш фармуд: «**Шумо соҳибони Юсуф (а) ҳастед**».

***2.Сӯҳбати изофӣ:***

Яъне, изофа шудани калимаи соҳиб ба калимаи дигар, ба сабаби вуҷуд доштани пайвастагие дар байни онҳо, монанди ин ки гуфта мешавад: «**Соҳиби мол, соҳиби илм**...».

***3.Сӯҳбате, ки бар асоси масъулият ба вуҷуд омадааст:***

Чуноне, ки дар ояти зерин омадааст:

وَمَا جَعَلْنَآ أَصْحَٰبَ ٱلنَّارِ إِلَّا مَلَٰٓئِكَةً ...

***«Муваккалони дӯзахро ҷуз аз фариштагон қарор надодем...».***

*(Сураи Муддасир, ояти 31)*

***4. Сӯҳбати дидор (мулоқот):***

Корбурди калимаи соҳиб ба ин маънӣ замоне аст, ки байни ду шахс дидоре сурат гирад, агарчи барои як бор ҳам бошад ва бо ягон сабабе, пас аз он қатъ шавад. Он гуна, ки Паёмбар (с) дар ҳадиси

зер ишора кардаанд, ки ***«Албойиъони билхиёри мо лам ятафаррақо ав яқулу аҳадуҳумо лисоҳибиҳи, ихтар...»,*** яъне фурӯшанда ва харидор то замоне, ки дар як маҷлис (дар як ҷой, ҷои хариду фурӯш) ҳастанд, ихтиёри фасхи (бекор кардан) муъомиларо доранд. Ё ин ки яке аз онҳо ихтиёрро ба соҳибаш, (яъне, тарафи муъомилааш) бидиҳад. Паёмбар (с) дар ин ҳадис харидору фурӯшандаро соҳиб номидааст, дар ҳоле, ки дидори онҳо бо ҳамдигар, фақат як бор, ҳангоми хариду фурӯши мол сурат гирифтаст.

### 5.Сӯҳбати муҷовират (ҳамнишинӣ) ва тақобул:

Ин гуна сӯҳбат, дар иртиботи мӯъмин бо кофир ва ё мӯъмин бо мӯъмин корбурд дорад ва намунаи он дар ин фармудаҳои Худованд баён шудааст:

قَالَ لَهُۥ صَاحِبُهُۥ وَهُوَ يُحَاوِرُهُۥٓ أَكَفَرۡتَ بِٱلَّذِي
خَلَقَكَ مِن تُرَابٖ ثُمَّ مِن نُّطۡفَةٖ ثُمَّ سَوَّىٰكَ رَجُلٗا ﴿٣٧﴾

***«Дӯсташ, ки бо ӯ гуфтугӯ мекард, гуфт: «Оё бар он кас, ки туро аз хок ва сипас аз нутфа биёфарид ва боз туро марде комил сохт, кофир шудаӣ?!».***

*(Сураи Каҳф, ояти 37)*

وَكَانَ لَهُۥ ثَمَرٌ فَقَالَ لِصَٰحِبِهِۦ وَهُوَ يُحَاوِرُهُۥٓ أَنَا۠ أَكۡثَرُ
مِنكَ مَالًا وَأَعَزُّ نَفَرًا ﴿٣٤﴾

***«Ҳосил аз они ӯ буд. Ба дӯсташ, ки бо ӯ гуфтугӯ мекард, гуфт: «Ман молдортар аз ту ва ба афрод нерӯмандтарам».***

*(Сураи Каҳф, ояти 34)*

**6. Дар баъзе ҳолат гуфтани калимаи соҳиб ба касе, ки дигариро намешиносад ва ӯро надидааст, низ дуруст аст:**

Он гуна, ки Абдурраҳмон ибни Авф (р) ба ду нафар аз ҷавонони Ансор, ки дар ғазваи Бадр барои куштани Абуҷаҳл ба хотири дашноме, ки ба Паёмбар (с) дода буд, ба дунболи вай мегаштанд, гуфт:

***«Соҳиби шумо, ки дунболи ӯ мегардед, он ҷост».***

## *МАЪНОИ КАЛИМАИ САҲОБА ДАР ИСТИЛОҲ*

Барои маънии саҳоба, дар истилоҳ таъбирҳои гуногуне зикр шудааст, ки таърифи зерин дақиқтарин ва шомилтарини онҳо мебошад:

- Саҳоба, касеро мегӯянд, ки Паёмбар (с)-ро мулоқот карда, ба ӯ имон овардааст ва аз дунё мусалмон даргузаштааст.

***Шоҳиди Сонӣ мегӯяд:***

- «*Касеро саҳобӣ гӯянд, ки Паёмбар (с)-ро дида ва ба ӯ имон оварда ва мусалмон бимирад, ҳарчанд, ки қабл аз вафоти хеш ва дар тӯли умри худ, дучори иртидод шуда бошад. Ва мурод аз мулоқот бо Паёмбар (с) ҳамнишинӣ, ҳамроҳӣ ва ҳатто дидор дар масири роҳро низ шомил мешавад, ҳатто агар Паёмбар (с) вайро надида ва бо ӯ гуфтугӯ ҳам нанамуда бошад*».

Барои равшантар гаштани маънои дидор бо Паёмбар (с) мегӯям, ки агар мулоқот бо Паёмбар (с) дар замони ҳаёти он Ҳазрат (с) сурат гирифта бошад, барои саҳоба гаштани шахс кофӣ аст, ҳарчанд он Ҳазрат (с)-ро ба сабаби нобиноӣ, бо чашми сар надида бошад ҳам, ба монанди Абдуллоҳ ибни Умми Мактум, ки аз биноӣ маҳрум буда ва дар мулоқот бо он Ҳазрат (с), вайро надидааст. Аммо касе, ки пас аз вафоти Паёмбар (с) имон оварда ва қабл аз дафни эшон вайро дида бошад, аз ҷумлаи саҳоба ба шумор намеравад.

Манзур аз имон ба Паёмбар (с) ин аст, ки ба худи эшон ва он чӣ бар вай нозил шудааст, имон оварда бошад. Пас, ҳар касе, ки эшонро мулоқот карда, аммо бар куфри худ боқӣ монда бошад, чӣ аз аҳли китоб бошад, ё аз мунофиқон ва баъд аз вафоти он Ҳазрат (с) мусалмон шавад, дар шумораи саҳобагон ба ҳисоб намеояд.

Манзур аз мусалмон будани вай то дами марг, ин аст, ки агар пас аз вафоти Паёмбар (с) муртад шавад (яъне, аз дин баргардад) ва бо ин ҳол бимирад, дар шумори саҳобагон дохил намешавад ва барои исломи аввали ӯ дигар ҳеҷ арзиш ва маъное боқӣ намондааст.

## САҲОБА АЗ НИГОҲИ УЛАМОИ УСУЛ

Абулҳасан дар китоби «Алмӯътамад» фармудааст: Саҳоба касест, ки шахсеро ба мӯҳлати дарозе ва ба хотири худи ҳамон шахс ва пайравӣ аз он ва ҳосил кардани чизе аз он шахс ҳамнишинӣ кардааст, аммо шахсе, ки ба мӯҳлати дарозе касеро бидуни ягон мақсад ва пайравӣ аз он, ба монанди роҳгузарон ҳамнишинӣ кардааст, пас, ӯро саҳоба номида намешавад.

***Табарӣ фармудааст:***

Саҳоба шахсе аст, ки Расулуллоҳ (с)-ро аз сидқи дил ва содиқона ҳамроҳӣ ва ҳамсӯҳбатӣ кардааст, то он, ки аз ҷумлаи пайравонаш шуморида шуда ва хидмати ӯро пайваста ба ҷой овардааст.

## САҲОБА АЗ НИГОҲИ УЛАМОИ ҲАДИС

Ибни Салоҳ аз Абумузаффари Мамъонӣ ҳикоят мекунад, ки гуфтааст: Уламои ҳадис ҳар шахсеро, ки аз ӯ ҳадис ё калимае ривоят шудааст, саҳоба меноманд. Доираи номи саҳобаро то андозае васеъ донистааст, ки ҳатто агар касе Расули Худо (с)-ро дар хоб ҳам дида бошад, аз ҷумлаи саҳобаҳост. Ин ҳама барои шарофати манзалати Расули Худо (с) буда ва ба ҳар шахсе, ки он ҷанобро дидааст, номи саҳобаро гузоштаанд.[6]

Саъид ибни Мусайяб, ки яке аз бузургони тобиъин аст, гуфтааст: Саҳоба он шахсе бошад, ки ҳамроҳи Расули Худо (с) як ё ду сол зиндагӣ карда ва ҳамроҳ дар як ё ду ғазва (набард), иштирок карда бошад.[7] Вале дурусттарин таъриф дар маънои саҳоба ин аст:

*[6] . Алмуқаддима 118 ва Фатҳулмугис лил-Ироқӣ. 4/30-31.*
*[7] . Алкифоя: 69, Улумул ҳадис: 293. Ал-минҳал урравий: 117.*

- Саҳоба шахсе мебошад, ки Расулуллоҳро дидааст ва худаш мусалмон буда ва бо Ислом вафот кардааст.

Пас, шарт ин аст, ки Расулуллоҳро дар ҳоли ҳаёташ дида бошад, на баъди вафот ва пеш аз дафн кардашудани он Ҳазрат (с). Аз ин рӯ, Абизубайи Ҳузалӣ дар ҷумлаи саҳобагон шомил намешавад, зеро вай Расулҳуллоҳ (с)-ро пеш аз дафнаш дидааст, на дар замони ҳаёташ. Ва инчунин шахсе, ки пеш аз пазируфтани ислом Расулуллоҳро дида, вале баъди вафоти он Ҳазрат (с) мусалмон шуда бошад, саҳоба номида намешавад, монанди намояндаи Қайсар (императори Рум) ба сӯи Расулуллоҳ (с), ки кофир буд ва бо он Ҳазрат (с) вохӯрд ва пас аз вафоти Расули Худо (с) мусалмон шуд. Ва инчунин барои дар ҷумлаи саҳобаҳо дохил шудан, аз олам мусалмон чашм пӯшидан шарт аст. Аммо дар мавриди шахсе, ки муртад мешавад ва пас, ба Ислом боз мегардад, Алиқорӣ фармудааст:

- Дар ин ҳолат гумон аст, ки он шахс дар зумраи саҳобагон дохил шавад, зеро Имом Шофеъӣ (р.ҳ) ва Абуҳанифа (р.ҳ) гуфтаанд, ки муртад шавии шахс ботил кунандаи сифати саҳобияти он шахс мебошад, ба монанди Қурраа ибни Майсара ва Ашъаб ибни Қайс.

Аммо назари шайхулислом Ҳофиз ибни Ҳаҷар ин аст, ки муртад шудан ва дубора ба Ислом гаштани шахс, саҳобияти ӯро маҳву бекор намесозад, ба монанди Абдуллоҳ ибни Абисарҳ.

## ОЁ АЗ ҶИН ҲАМ САҲОБА ҲАСТ?

Байни уламо дар баёни ҳақиқати ҷин, ихтилоф вуҷуд дорад. Баъзе аз уламо ҷинро ба ин шакл маънидод карда ва гуфтаанд, ки ҷин иборат аз ҷисми нарму латифе ҳаст, ки худро ба шаклҳои гуногун месозад ва амалҳои хориқулодат (ғайри муқаррарӣ) аз онон дида мешавад ва онон дар байни худ, мисли одамиён, ба мӯъмин ва кофир ҷудо мешаванд.

Шайтонҳо низ аз шумори ҷин буда, иборат аз ҷисмҳои оташин ҳастанд ва корашон нигоҳ доштани инсонҳо дар гуноҳу фасодиҳо ва саркашӣ аз амри Худо мебошад. Ба ақидаи дигар уламо ҳақиқати онҳо як буда, иборат аз ҷисмҳои оташине ҳастанд, ки дорои ақл ва қобилияти дигар кардани шаклҳояшон мебошанд, яъне худро ба шакли хуб ва бад намоён карда метавонанд. Ҷинҳо ба монанди одамон мукаллаф барои ибодат буда, мехӯранду менӯшанд ва насл меоваранд. Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

وَٱلْجَآنَّ خَلَقْنَٰهُ مِن قَبْلُ مِن نَّارِ ٱلسَّمُومِ ﴿٢٧﴾

***«Ва ҷинро пеш аз он, аз оташи сӯзандаи бедуд офарида будем»***

*(Сураи Ҳиҷр, ояти 27)*

Ҳамчунин гуфтаи Худованд аст дар мавриди вуҷуд доштанашон ва мукаллаф будани онон.

**Сухани Худо:**

قُلۡ أُوحِيَ إِلَيَّ أَنَّهُ ٱسۡتَمَعَ نَفَرٞ مِّنَ ٱلۡجِنِّ فَقَالُوٓاْ إِنَّا سَمِعۡنَا قُرۡءَانًا عَجَبٗا ۝١
يَهۡدِيٓ إِلَى ٱلرُّشۡدِ فَـَٔامَنَّا بِهِۦۖ وَلَن نُّشۡرِكَ بِرَبِّنَآ أَحَدٗا ۝٢

***«Бигу: «Ба ман ваҳӣ шудааст, ки гурӯҳе аз ҷин ба сӯи ман гӯш фаро доданду гуфтанд: Ҳаройина, мо Қуръоне аҷиб шунидем, ки ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Пас, мо ба он имон овардем ва ҳаргиз касеро шарики Парвардигорамон намесозем»***

***(Сураи Ҷин, оятҳои 1-2)***

Пас, модоме, ки вуҷуди ҷин ба оятҳои Қуръон, суханҳои Паёмбар (с) ва бо иҷмоъи уламо собит шудааст, бовар доштан ба вуҷуди онҳо воҷиб ва инкор кардани онон куфр аст. Аммо саволе, ки оё онҳо дар ҷумлаи саҳобагон ҳастанд, ҷавобаш ин аст, ки: ***Бале, ҳар кадоми онон, ки он Ҳазрат (с)-ро дида, ба ӯ имон оварда ва аз дунё бо имон рафта бошад, дар ҷумлаи саҳобагони Паёмбар(с) мебошад,*** зеро Муҳаммад(с) ба сӯи инсонҳо ва ҷинҳо ба якборагӣ фиристода шудааст.

Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

تَبَارَكَ ٱلَّذِى نَزَّلَ ٱلْفُرْقَانَ عَلَىٰ عَبْدِهِۦ لِيَكُونَ لِلْعَٰلَمِينَ نَذِيرًا ﴿١﴾

***«Бузургу боазамат аст он (Худое), ки ин Фурқонро (яъне ҷудосозандаи ҳақ аз ботилро) бар бандаи худ (Муҳаммад (с)) нозил кард, то ҷаҳониёнро (ба воситаи он) бимдиҳандае бошад (ва даъвати Қуръонро ба гӯши онҳо бирасонад)».***

***(Сураи Фурқон, ояти 1)***

Муфассирони киром бо истинод ба ин ояти карима рисолати он Ҳазрат (с)-ро барои тамоми ҷаҳониён: Одамон ва ҷинҳо донистаанд ва онро далели саҳоба будани онҳо гуфтаанд Худованд мефармояд:

وَإِذْ صَرَفْنَآ إِلَيْكَ نَفَرًا مِّنَ ٱلْجِنِّ يَسْتَمِعُونَ ٱلْقُرْءَانَ فَلَمَّا حَضَرُوهُ قَالُوٓا۟ أَنصِتُوا۟ ۖ فَلَمَّا قُضِىَ وَلَّوْا۟ إِلَىٰ قَوْمِهِم مُّنذِرِينَ ﴿٢٩﴾

***Ва гурӯҳе аз ҷинро ба сӯи ту равон кардем, то Қуръонро бишнаванд. Чун ба наздаш расиданд, гуфтанд: «Гӯш фаро диҳед! Чун (тиловати Қуръон) ба поён омад, монанди бимдиҳандагоне ба сӯи қавми худ бозгаштанд»***

***(Сураи Аҳқоф ояти 29)***

***Ва дар ҷои дигар Худованд мефармояд:***

يَٰقَوْمَنَآ أَجِيبُوا۟ دَاعِىَ ٱللَّهِ وَءَامِنُوا۟ بِهِۦ يَغْفِرْ لَكُم
مِّن ذُنُوبِكُمْ وَيُجِرْكُم مِّنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿٣١﴾

***(Ҷинҳо ба қавми худ гуфтанд): «Эй қавми мо, доъии Худоро иҷобат намоед ва ба вай имон овареד, то гуноҳонатонро мағфират намояд ва аз азоби дарднок паноҳатон диҳад».***

*(Сураи Аҳқоф, ояти 31)*

Аз ин ояти Қуръони карим маълум мешавад, ки яке ва ё гурӯҳе аз ҷинҳо ҷинҳои дигарро ба қабул кардани даъвати Аллоҳ амр кардаанд, пас возеҳ шуд, ки Паёмбар (с) барои онҳо ҳам паёмбар будааст. Аммо далелҳое, ки аз ҳадисҳои Паёмбар (с) дар ин маврид омада аст, ин аст, ки Муслим дар китоби Саҳеҳи худ ҳадиси Ал-ало аз падараш, аз Абуҳурайра (р) оварда аст, ки Расулаллоҳ (с) гуфтааст:

ففي صَحيح مسلم من حديث العلاء عن أبيه عن أبي هريرة رضي الله عنه عن رسول الله صلي الله عليه وسلم قال:"فُضِّلْتُ على الأنبياءِ بستٍّ:أُعطِيتُ جَوامِعَ الكلِمِ ونصُرتُ بالرُّعبِ, وأحلت لي الغنَا ئمُ,وجُعِلت لي الأرضُ طَهُراَ ومسجِداَ, وأُرسِلْتُ الى الخَلق كافَّةَ, وَخُتِمَ بي النَّبيُّونَ "(أخرجه مسلم في الصحيح 1/371-372 في كتاب المساجد ومواضع الصلاة(5)حديث رقم(5/523) والترمذي في السنن4/104-105 وغيره

*«Худованд маро аз дигар анбиё, бар шаш сифат фазилат додааст: Бароям калимаҳои пурмаъное (ҷавомеъи калим) додааст ва бар душманам пирӯзам гардонидааст ва ғаниматҳои ҷангиро бароям ҳалол гардонидааст ва заминро бароям поку намозӣ қарор додааст ва ба сӯи тамоми халқи Худо фиристода шудаам ва хатмкунандаи Паёмбарон дар рӯйи замин ҳастам».*

Аз ин ҳадиси шариф маълум мешавад, ки Муҳаммад (с) ба сӯи тамоми халқи Худованд, аз инсонҳо ва ҷинҳо, фиристода шудааст.

## ШИНОХТИ САҲОБА БО ДАЛЕЛҲО

Саҳобаро бо чандин далел шинохта мешавад.

***АЗ ҶУМЛА:***

**1. Бо далели тавотур** – яъне ривояти гурӯҳе аз гурӯҳи дигар, ки номумкин бувад дурӯғгу пиндоштани ягон гурӯҳи онҳо. Шахсиятҳое, ки саҳоба будани онҳо ба таври мутавотир собит шудааст, аз ҷумла инҳо мебошанд: Монанди Абубакр (р), Умар (р), Усмон (р), Алӣ (р) ва боқимондаи он даҳгонае, ки Паёмбар (с) онҳоро ба биҳишт башорат додаанд.

**2. Машҳурияти зиёде**, ки аз тавотур бисёр кам фарқ кунад, ба монанди Зимом ибни Саълаба ва Уккоша ибни Муҳсин. Саҳоба будани онҳо машҳур ва наздик ба тавотур аст.

**3. Бо хабари тобиъӣ:**

- Агар яке аз тобиъин хабар диҳад, ки фалон кас саҳоба аст, ин ҳам ба шарте, ки каси дигари одиле ин тобиъиро ба сифати хубаш муъаррифӣ кунад. Дар ин маврид Ҳофиз ибни Ҳаҷар, дар китоби «Ал-исоба» асли муҳиммеро зикр кардааст, ки барои шинохтани бисёре аз саҳобагон кифоят мекунад ва он аз се нишонае гирифта шудааст:

**а).** Дар тамоми ғазваҳо саҳобагон иштирок кардаанд, пас, касе ки набардҳои замони Расулуллоҳ (с)-ро пайгирӣ кунад, бисёре аз ононро пайдо хоҳад кард.

**б).** Абдурраҳмон ибни Авф мегӯяд: Дар замони ҳаёти Расули Худо (с) тамоми навзодон ба наздашон

оварда мешуданд ва он Ҳазрат (с) дар ҳаққи онҳо дуъо мекард. Пас, дар байни зодашудагони замони Расули Худо (с) низ саҳобагон бисёр ҳастанд.

**в**). Ҳеҷ мусалмоне дар шаҳрҳои Макка, Мадина ва Тойиф ва деҳоти атроф боқӣ намонда буд, магар, ки дар «Ҳаҷҷатул видоъ» иштирок кардааст, пас, онон ҳама аз ҷумлаи саҳобагон ҳастанд, чунки ба дидори он Ҳазрат (с) мушарраф гаштаанд, агарчи Расули Худо (с) онҳоро надидааст.

## ҲИКМАТ ВА РАҲМАТИ ХУДОВАНД ДАР ИНТИХОБИ САҲОБАГОН

Худованд (ҷ), барои густариши дини мубини Ислом ва расонидани шариъати Муҳаммад (с) ба мардуми ҷаҳон, аз миёни бандагони худ, бузургмардонеро интихоб кардааст, ки онҳо саҳобагони Паёмбар (с) мебошанд. Барои мо мусалмонон ҳикмат ва раҳмати Худованди карим аст, ки Ӯ (ҷ) ин саҳобагонро интихоб карда, масъулияти муҳимми илоҳиро бар дӯши онҳо гузоштааст.

Интихоби Худованд одилона буд, ки ин саҳобагони Паёмбар (с)-ро беҳтарини уммат хонда бо бисёр сифатҳои ҳамида ситудааст.

Саҳобагони киром, барои расонидани дини мубини Ислом, ҳамаи заҳмату машаққатро таҳаммул карда, ин шариъатро, бо хости Худованди меҳрубон, ба мо оварда расонидаанд, ки нусрати Худованд дар ҳамаи ҳолатҳо бо онҳо будааст.

***Худованд мефармояд:***

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَنصُرُواْ ٱللَّهَ يَنصُرۡكُمۡ
وَيُثَبِّتۡ أَقۡدَامَكُمۡ ﴿٧﴾

***«Эй касоне, ки имон овардаед, агар Худоро ёрӣ кунед, шуморо ёрӣ хоҳад кард ва пойдорӣ хоҳад бахшид».***

*(Сураи Муҳаммад, ояти 7)*

Худованди карим ба дилҳои бандагонаш нигарист ва дид, ки беҳтарини дилҳо дили Муҳаммад (с) аст, пас, ӯро барои худ, Паёмбар интихоб кард ва дар рӯи замин барои ҳамаи махлуқоташ фиристодаи худ таъинаш намуд ва боз Худованд ба дилҳои бандагонаш назар кард ва дид, ки беҳтарин дилҳо баъди Паёмбар (с) дилҳои саҳобагон ҳастанд, пас, аз онҳо барои Паёмбараш (с) ҷонишинҳо интихоб намуд, ки барои пешрафти дини Ислом мубориза мебурданд.

***Имом Аҳмад дар Муснадаш*** таҳти рақами (3600) ривояте аз Абдуллоҳ ибни Масъуд овардааст, ки Имом Ҳасан ибни Муҳаммади Аскарӣ дар мавриди саҳобагони Расули Худо фармудааст:

*Вақте Худованд ҳазрати Мӯсо ибни Имронро баргузидаи худ хонд ва барояш мӯъҷизаи асоро ато кард, то ба воситаи он баҳрро ду пора намуда барои бани Исроил гузаргоҳе сохту қавми Исроилро наҷот дод ва барояш тавроту лавҳро насиб гардонид ва чун мартабаи худро дар назди Парвардигораш дид, гуфт:*

*Худовандо! Бо чунин кароматe, ки маро насиб гардонидаи, оё ҳеҷ касеро ғайри ман чунин икром кардаӣ?*

*Худованд дар ҷавоб гуфт: Ай Мӯсо, оё намедонӣ, ки Муҳаммад дар назди Ман аз ҳамаи малоик ва махлуқот беҳтар аст? Мӯсо гуфт: Худовандо, пас агар Муҳаммад дар наздат беҳтарин шахс бошад, оё аз саҳобагони паёмбарон дар наздат беҳтар аз саҳобагони ман, касе ҳаст?*

*Худованд гуфт: Ай Мӯсо, оё хабар надорӣ, ки фазилати саҳобагони Муҳаммад (с) бар саҳобагони дигар паёмбарон ба монанди фазилати Муҳаммад бар дигар паёмбарон аст.*

***(Тафсири: «Ал-имомул Аскарӣ, саҳ 31»)***

***Имом Алӣ ибни Абутолиб (р)*** мефармояд: Ҳамоно, ёрони Паёмбар(с)-ро дидаам. Касонеро,ки ҳамонанди онҳо бошанд, дигар намебинам. Чунон буданд, ки рӯзро жӯлидамӯ ва гардолуд ба шаб мерасониданд ва шабро ба навбат дар саҷда ё қиём ба сар мебурданд. Гоҳ пешонӣ ба замин месӯданд ва гоҳ гунаву рухсор бар хок. Аз ёди миъод (қиёмат) чунон ноором менамуданд, ки гӯё бар пораи оташе истода буданд.

Миёни ду чашмонашон, аз тулонӣ мондан дар суҷуд чун зонуи гӯсфандон пина баста буд. Агар номи Худо бурда мешуд, чандон мегиристанд, ки гиребонҳояшон тар мегардид ва аз кайфаре, ки бими он доштанд, ё умеде, ки тухми он дар дил мекоштанд, меларзиданд, чунончи дарахт дар рӯзи тундбод меларзад.

*«Наҳҷул-балоға, Тарҷумаи доктор Ҷаъфари Шаҳидӣ, чопи чаҳордаҳум, соли 1378, Теҳрон»*

## АДОЛАТ ВА СИФОТИ САҲОБАГОН

Дар Қуръон, ҳадисҳои Расули Худо (с) ва иттифоқи уламои Ислом дар мавриди адолати тамоми саҳобагони Расулуллоҳ (с), ҳеҷ ихтилофе вуҷуд надорад, зеро ҳамаи онҳо адолатхоҳу адолаткор буданд.

***Қуръони карим мефармояд:***

وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَٰكُمْ أُمَّةً وَسَطًا لِّتَكُونُوا۟ شُهَدَآءَ عَلَى ٱلنَّاسِ

وَيَكُونَ ٱلرَّسُولُ عَلَيْكُمْ شَهِيدًا ۗ وَمَا جَعَلْنَا ٱلْقِبْلَةَ ٱلَّتِى كُنتَ

عَلَيْهَآ إِلَّا لِنَعْلَمَ مَن يَتَّبِعُ ٱلرَّسُولَ مِمَّن يَنقَلِبُ عَلَىٰ عَقِبَيْهِ ۚ
وَإِن كَانَتْ لَكَبِيرَةً إِلَّا عَلَى ٱلَّذِينَ هَدَى ٱللَّهُ ۗ وَمَا كَانَ ٱللَّهُ
لِيُضِيعَ إِيمَـٰنَكُمْ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِٱلنَّاسِ لَرَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٤٣﴾

***«Оре, инчунин аст, ки шуморо беҳтарини умматҳо гардонидем, то бар мардум гувоҳ бошед ва паёмбар бар шумо гувоҳ бошад. Ва он қиблаеро, ки рӯ ба рӯи он меистодӣ, дигаргун накардем, магар ба он сабаб, ки ононро, ки аз паёмбар пайравӣ мекунанд, аз онон, ки рӯй мегардонанд (аз дин), бозшиносем. Ҳарчанд, ки ин амр ҷуз бар ҳидоятёфтагон душвор буд. Худо имони (намози) шуморо зоеъ намекунад. Ӯ бар мардумон ниҳоят меҳрубон ва бахшоянда аст».***

*(Сураи Бақара, ояти 143)*

Аммо ибораи «умматан васатан», ки дар ин ояти Қуръони карим зикр шудааст, ба маънои беҳтарин ва одилтарин омадааст. Пас саҳобагон, дар рафтору гуфтор ва нияту иродаашон беҳтарин ва боадолаттарини ин уммат ҳастанд ва аз ин хотир аст, ки дар рӯзи қиёмат барои уммати Расулуллоҳ (с) мустаҳиққи шаҳодат додан гаштаанд ва Худованд шаҳодати онҳоро барои мардум, мепазирад. Аз ин хотир аст, ки Худованди карим мақоми онҳоро баланд карда, бар онон сано ва ситоиш хондааст.

Тамоми малоикаҳоро амр кардааст, ки барои онҳо салавот фиристода ва дар ҳаққашон дуъо намуда, талаби мағфират намоянд. Ва шоҳиди (гувоҳи) писандидаву мақбул дар назди Худованд шахсе мебошад, ки бо дониши аниқу дуруст хабар мекунад, чунончи Худованд фармудааст:

وَلَا يَمْلِكُ ٱلَّذِينَ يَدْعُونَ مِن دُونِهِ ٱلشَّفَٰعَةَ

إِلَّا مَن شَهِدَ بِٱلْحَقِّ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٨٦﴾

***«Касоне, ки ғайр аз Ӯро ба худоӣ мехонанд, қодир ба шафоати касе нестанд, магар касоне, ки аз рӯи илм ба ҳақ шаҳодат дода бошанд (ва Худоро ба ягонагӣ парастида бошанд)».***

*(Сураи Зухруф, ояти 86)*

Дар ҷои дигар Худованди меҳрубон беҳтарин уммат будани саҳобагонро бо нишонаҳо ва амалҳяшон баён кардааст он ҷо, ки мефармояд:

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ

بِٱلْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَتُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ ۗ

وَلَوْ ءَامَنَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُم ۚ مِّنْهُمُ

ٱلْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿١١٠﴾

***«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум берун оварда шудааст, (зеро шумо) амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунед ва ба Худо имон доред. Агар Аҳли Китоб низ имон биёваранд, барояшон беҳтар аст. Баъзе аз онҳо мӯъминанд, вале бештарашон табаҳкоранд».***

*(Сураи Оли Имрон, ояти 110)*

Ва дар ин хитоби Худовандӣ, ки дар ояти карима зикр гардидааст, тамоми саҳобагон шомил ҳастанд. Зеро ҳамаи онон ҳамеша ба корҳои хуб ва роҳи рост амр мекарданд ва аз тамоми мункарот ва бадиҳо боз медоштанд.

*Худованд мефармояд:*

...ۚ هُوَ سَمَّىٰكُمُ ٱلْمُسْلِمِينَ مِن قَبْلُ وَفِي هَٰذَا
لِيَكُونَ ٱلرَّسُولُ شَهِيدًا عَلَيْكُمْ وَتَكُونُوا۟ شُهَدَآءَ عَلَى
ٱلنَّاسِ ۚ فَأَقِيمُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُوا۟ ٱلزَّكَوٰةَ وَٱعْتَصِمُوا۟
بِٱللَّهِ هُوَ مَوْلَىٰكُمْ ۖ فَنِعْمَ ٱلْمَوْلَىٰ وَنِعْمَ ٱلنَّصِيرُ ﴿٧٨﴾

***«...Ӯ пеш аз ин (дар китобҳои пешин) ва дар ин (охирин китоби осмонӣ, ки Қуръон аст) шуморо мусалмон номид. То паёмбар бар шумо гувоҳ бошад ва шумо бар дигар мардум гувоҳ бошед. Пас, намоз бигузоред ва закот бидиҳед ва ба (дини) Худо тамассук ҷӯед! Ӯст мавлои шумо. Чӣ мавлое некӯ ва чӣ ёваре некӯ».***

*(Сураи Ҳаҷ, ояти 78)*

Худованди карим дар ин оят хабар додааст, ки саҳобагони Расули Худо (с) дар рӯи замин пас аз паёмбаронаш, аз ҷумлаи дӯстдорон ва баргузидагон ва аз ҷониби Худованд ба манзалаи гувоҳ бар дигар мардумон ҳастанд. Онҳо дар роҳи Худо аз ҳеҷ ҷаҳду кӯшиш ва молу ҷон дареғ надоштаанд.

Худованди тавоно дар ҷои дигар ризои худро аз онҳо изҳор дошта ва ба «ғалабаи қариб» муждаашон додааст. Зеро Ӯ медонист, ки дар дили онҳо чӣ мегузарад. Онҳо бо аҳду паймонашон бо Худо ва Паёмбар (с) ва дар имони худ содиқ монданд.

﴿ لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴾ ١٨

***«Худо аз мӯъминон, он ҳангом, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас, бар онҳо оромишро фуруд овард ва ба фатҳе (ғалабае) наздик подошашон дод».***

*(Сураи Фатҳ, ояти 18)*

Дар ояти баъдӣ Худованди маннон гурӯҳи пештозу пешқадами «Муҳоҷирин ва Ансор»-ро, ки аз лаҳзаҳои аввали зуҳури Ислом, ҳаёту мамоти худро дар роҳи Худо ва барои ёрӣ ва нусрати Расули Ӯ бахшиданд ва дар расонидани рисолати илоҳӣ, аз молу сарват, обрӯю иззат ва тамоми ҳастиашон даргузаштанд ва ҳамаро фидои ин роҳ карданд ва ҳамин тавр касонеро, ки ба хайру некӣ аз пайи эшон рафтанд ва амалкарди пешгузаштагонро ба худ сармашқи амал қарор доданд, ҷаннатро барояшон мужда дода, хушнудии худро аз онҳо эълом доштааст. Дар ин бора мефармояд:

وَالسَّابِقُونَ الْأَوَّلُونَ مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنصَارِ وَالَّذِينَ اتَّبَعُوهُم
بِإِحْسَانٍ رَّضِيَ اللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا
الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا ذَٰلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

***«Ва аз нахустин собиқадорони муҳоҷир ва ансор (аҳли Мадина) ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд, Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хушнуданд. Барояшон боғҳое, ки аз зери онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд, омода кардааст. Ин аст комёбии бузург!»***

*(Сураи Тавба, ояти 100)*

Худованди карим саҳобагон ва мусалмонони садри исломро барои Расули Худо (с) интихоб карда ва баргузидааст. Худованд дар зимни дастуре, ки барои ситоиши худ ба Паёмбар (с) додааст, гузиниш ва хушнудии хешро аз саҳобагони он Ҳазрат (с) эълом доштааст, он ҷо, ки мефармояд:

قُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ وَسَلَٰمٌ عَلَىٰ عِبَادِهِ ٱلَّذِينَ ٱصْطَفَىٰٓ ۗ ءَآللَّهُ

خَيْرٌ أَمَّا يُشْرِكُونَ ﴿٥٩﴾

***Бигу: «Сипос Аллоҳро ва салом бар бандагони баргузидаи Ӯ. Оё Аллоҳ беҳтар аст ё он чиз, ки шарики Ӯ қарор медиҳанд?».***

*(Сураи Намл, ояти 59)*

Ибни Аббос (р) мефармояд: Тамоми ин оятҳо бар фазилату адолати ҳамаи саҳобагони Расули Худо (с) шаҳодат медиҳанд. Онҳо дар ҳамаи ҳолатҳои вазнину ҳассос барои нашри даъвати Ислом, аз хонаи Арқам (аввалин хонае, ки даъвати Расули Худо (с) он ҷо мегузашт) ибни Абуарқам сар карда, то охир ҳамроҳи Расули Худо (с) буданд. Дар исботи адолати саҳобагони Расулуллоҳ (с), Худованд, аз болои ҳафт осмон ваҳйи ҷовидонаи худро фиристодааст ва дар каломи худ ба адолати эшон шаҳодат додааст. Пас шахси бомаърифат ҳаргиз нисбат ба саҳобагони Расули Худо (с) таън ва бадгӯӣ намекунад. Илова бар ин, онҳо нахустин сарҳалқаи уммат ва парвардагони бевоситаи Паёмбар (с) буданд ва бо нисори молу ҷон ва

азхудгузаштагиҳои эшон арзишҳои илоҳии Ислом дар ҷаҳон нашр гардид ва ба наслҳои баъдӣ таҳвил дода шуд. Ормонҳои неки башарӣ ва паёмҳои ҷовидонаи Қуръон барои аввалин бор дар ҳаёт ва ба дасти онҳо татбиқи амалӣ ёфтанд. Онҳо аввалин пойгоҳи иҷтимоъие буданд, ки пас аз ба вуҷуд омадани он Худованд камол ва амалан пурра гардидани дини худро эълом намуд. Ин баёни Худованд дуруст ҳамон вақте эълом гардид, ки даврони рисолати Паёмбар (с) ба поёни худ наздик расида ва ташаккули ҳамаҷонибаи насле, ки ҳомили рисолати Худованд пас аз он Ҳазрат (с) бошад, ба камол расида буд. Дар ҳамин ҳол, яъне пас аз поёни ҳаҷҷатул-вадоъ ва пеш аз баргашти он Ҳазрат (с) ба сӯи Мадина Худованд камоли дини худ, тамомияти неъмати Ислом ва ҷовидонагии онро барои башарият эълон намуд он ҷо, ки мефармояд:

... ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ
نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗاۚ

***«...имрӯз барои шумо динатонро (амалан) комил намудам ва неъматамро бар шумо тамом (пурра) сохтам ва дини Исломро барои шумо баргузидам... ».***

*(Сураи Моида, ояти 3)*

Ин оят аз як сӯ, эъломи камоли нузули барномаи ҳидояти Худо барои башарият ва аз сӯи дигар, парвариш, омодагӣ ва гузиниши насле (насли саҳобагон) барои идомаи рисолат ва нашри арзишҳои дини Худо пас аз он Ҳазрат (с) буд. Пас ворид намудани таън ва бадгӯӣ нисбат ба саҳобагон - он насле, ки Худо бо эълони ошкоре онҳоро барои идома ва нашри арзишҳои дини худ пас аз он Ҳазрат (с) баргузидааст, ба маънои қабул накардани камол ва пуррагии дини Худо ва дурӯғ шуморидани ин ояти Қуръони карим мебошад.

Зикри сифатҳо ва симои шахсияти саҳобагон дар Қуръон ва суннат ба таври равшане бозтоб ёфтааст ва гузиниш ва хушнудии Худованд аз эшон то ҷое дақиқ ва бо сароҳат зикр гардидааст, ки ҷое барои тардид боқӣ нагузоштааст ва имон доштан ба ин асли муҳим ва тасреҳи Қуръон яке аз бахшҳои тасдиқи китоби Худо ба шумор меравад. Ояти икмоли дин дар Мино пас аз хотимаи маросими ҳаҷ нозил гардидааст ва ҳаҷ охирин рукни бинои Ислом мебошад, ки Расули Худо (с) онро амалан ба мардуми мусалмон омӯхт. Пас аз он дигар ҳеҷ ҳукми динӣ ва ҳеҷ амри шаръие аз ҷониби Худо нозил нагаштааст.

Пеш аз нузули ояти икмоли дин Паёмбар (с) дар хутбаҳои рӯзи Арафа, рӯзи Наҳр ва яке аз рӯзҳои ташриқ дар Мино дар миёни ҷамъи садҳазорнафараи ҳаҷгузорон усули куллӣ ва пояҳои Исломро бори дигар ва бо услубҳои хосе барои мардум эълон намуд ва аз уммат иқрор ва шаҳодат гирифт, ки рисолати илоҳиро ба онҳо расонидааст. Наздик ба садҳазор саҳобаи он Ҳазрат (с) барои вай шаҳодат доданд. Илова бар ин, он

Ҳазрат (с) Худоро низ бар ин гувоҳии саҳобагон шоҳид гирифт.

Ин рӯйдоди таърихӣ ба маънои он аст, ки Паёмбар (с) поёни даврони рисолати худро амалан эълон намуд ва бо хотири осуда аз саҳобагон байъати идомаи роҳи худро гирифт. Худо низ бар ин воқеъият шоҳид гашт ва гузиниши онҳоро барои ҳифз, идома ва нашри арзишҳои дини худ бо нузули ояти икмоли дин расман эълон намуд.

Агар дар даврони ҳаёти Расули Худо (с) уммат ва насле барои ҳамли рисолати илоҳӣ пас аз он Ҳазрат (с) ба камол намерасид, дигар эълони икмоли дин маъное надошт, зеро бори сангини рисолати илоҳиро пас аз он Ҳазрат (с) панҷ-даҳ нафар наметавонист бар дӯш гирад, балки барои он уммат ва насле зарурат дошт, ки биҳамдиллоҳ он пойгоҳи иҷтимоъӣ ба вуҷуд омада буд. Дигар он ки нузули барномаи ҳидоят, вақте пойгоҳи иҷтимоъие барои ҳамли рисолати он ба вуҷуд наомада бошад, икмоли дин ба шумор намеравад. Сеюм, он ки Паёмбар (с) бо хотири осуда аз уммат барои анҷоми рисолати илоҳии худ гувоҳӣ гирифт. Агар онҳо сазовории ин гувоҳиро намедоштанд, шаҳодати онҳо дар ин маврид чӣ гуна пазируфта мешуд ва Худо низ бо нузули ояти икмоли дин онро таъйид мекард?

Паёмбар (с) рӯзе дар аснои беморӣи худ аз ҳуҷраи Оиша (р) ба сафҳои муназзами намоз-гузорон нигарист ва аз ин ваҳдати имонӣ ва

омодагии иҷтимоъии онҳо барои идомаи роҳи худ изҳори хушнудӣ намуд ва бо табассуми ризоятбахше пардаро поён кард.

Бинобар ин, Худованд худаш ҳифзкунанда ва нигаҳдорандаи шарафу обрӯи онҳо мебошад, ҳарчанд ин кор барои бадхоҳони дини Худо ва бадгӯёни он насли баргузида нописанд ояд.

Худованди бузургу тавоно, ба онҳо ҳушдор додааст, ки агарчи камол ёфтани ҳақиқат ва партавафшонии арзишҳои дини Ислом барои шумо нописанд аст ва ҳар лаҳза мехоҳед, ин нурро бо даҳонатон хомӯш созед, вале бидонед, ки ин корро карда наметавонед, зеро Худованд комилкунанда ва пуштибони ин дин аст. Худованд мефармояд:

يُرِيدُونَ أَن يُطْفِـُٔوا۟ نُورَ ٱللَّهِ بِأَفْوَٰهِهِمْ وَيَأْبَى
ٱللَّهُ إِلَّآ أَن يُتِمَّ نُورَهُۥ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْكَـٰفِرُونَ ﴿٣٢﴾

***«Мехоҳанд нури (дини) Худоро бо даҳонҳои худ (бо суханони дурӯғ ва шубҳаҳояшон) хомӯш кунанд ва Худо намехоҳад, магар ба камол расонидани нури (дини) Худро, ҳарчанд (ин кор) барои кофирон хуш наояд».***

*(Сураи Тавба, ояти 32)*

Дини Ислом дар қалб ва ҳаёти он мардони Худо чунон устувор ва нерӯманд буд, ки дилҳои омода пас

аз шунидани ҳидояти онон қабул мекард ва то ҳадде дар дили он саҳобагон адолат ҷойгир шуда буд, ки агар кадом гуноҳи бузургеро муртакиб мегаштанд, худашон омада, ба он гуноҳашон эътироф мекарданд ва бар сари худашон татбиқ (амалӣ) кардани ҳукми Худоро мехостанд, то худро дар ин дунё аз гуноҳ пок созанд ваончунон тавба мекарданд, ки Худованд онҳоро мебахшид.

## ШАҲОДАТИ ҚУРЪОНИ МАҶИД ДАР ФАЗОИЛИ САҲОБА

Дар мавриди фазоил ва сифатҳои неки саҳоба, дар Қуръони карим оятҳои эиёде омадааст ва дар ин боб чун муште аз хирвор, қисмате аз онҳоро бо шарҳу тавзеҳоти ҷолиб пешкаш менамоем.

***<u>Ояти аввал</u>:***

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ
بِٱلْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَتُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ ۗ
وَلَوْ ءَامَنَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُم ۚ مِّنْهُمُ
ٱلْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿١١٠﴾

*«**Шумо беҳтарин уммате ҳастед аз миёни мардум падид омада, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунед ва ба Худо имон доред. Агар Аҳли Китоб низ имон биёваранд, бараяшон беҳтар аст. Баъзе аз онҳо мӯъминанд, вале бештарашон табаҳкоранд**».*

*(Сураи Оли Имрон, ояти 110)*

Дар ин оят Худованд фазилат ва хубиҳои саҳобагон он сарҳалқаи умматро баён мекунад. Ба онҳо башорат медиҳад, ки шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои ҳидояти мардум ба вуҷуд оварда шудаед.

Кореро, ки барои он интихоб шуда будед, анҷом медиҳед ва хизмате, ки ба шумо супурда шудааст, ба поён хоҳед расонд, яъне, мардумро ба корҳои нек ҳидоят медиҳед ва аз корҳои бад дур нигоҳ медоред.

Барои аҳли хирад ва инсоф ҳамин оят кифоя аст, ки бо дидаи эҳтиром ва бузургдошт ба саҳобагони Расули Худо (с) бинигарад ва худро аз таъни онҳо дур дорад. Зеро Худованд асҳоби Расули худро беҳтарин уммате донистааст, ки амри маъруф ва наҳйи аз мункар мекунанд.

Агар саҳобагони гиромӣ беҳтарин уммат набуданд, пас, хитоби ***«Кунтум хайра умматин»*** барои чӣ касоне аст? Агар онҳо соҳиби амалҳои хуб набуданд, пас, мухотаби ***«Таъмуруна бил маъруфи ва танҳавна ъанил мункар»*** кист?.

Агар онҳо аз сидқи дил имон наёварда бошанд, пас, тасдиқи Худовандӣ, ки ***«Туъминуна биллоҳ»*** чӣ маъно дорад?

Ин оятҳо бо сароҳат ҷойгоҳи бузурги саҳобагонро дар пешгоҳи Худо ва воқеъияти имони онҳоро баён менамоянд ва барои бандаи мӯъмин

дар шинохти ҷойгоҳи эшон ҳамин оят кифоя аст, вале афсус, ки имрӯз баъзе худиёни бегонагашта ва ё ноогоҳ бо чашпӯшӣ аз маънои дақиқ ва равшани ин оятҳо ба бадгӯӣ ва таъни саҳобагони Паёмбар (с) забон кушуда, ҳатто сухани Худоро дар тавсифи эшон ба назар намегиранд. Онҳо бо номи муҳаббат ва самимият ба хонадони Паёмбар (с) забони таъну бадгӯиро нисбат ба саҳобагони он Ҳазрат (с) кушодаанд ва бо номи ҳимояи усули дин бар асли рисолат ва дин зарба ворид месозанд.

Касонеро, ки Худованди карим беҳтарин уммат гуфтааст, онҳоро бадтарин медонанд ва касонеро, ки Худованд дар бораи онҳо ***«Таъмуруна бил маъруфи ва танҳавна ъанил мункар»*** фармудааст, онҳоро гурӯҳи бадкор ва фурсатталаб мегӯянд.

***<u>Ояти дуввум:</u>***

فَٱسۡتَجَابَ لَهُمۡ رَبُّهُمۡ أَنِّي لَآ أُضِيعُ عَمَلَ عَٰمِلٖ
مِّنكُم مِّن ذَكَرٍ أَوۡ أُنثَىٰۖ بَعۡضُكُم مِّنۢ بَعۡضٖۖ فَٱلَّذِينَ
هَاجَرُواْ وَأُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأُوذُواْ فِي سَبِيلِي
وَقَٰتَلُواْ وَقُتِلُواْ لَأُكَفِّرَنَّ عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَلَأُدۡخِلَنَّهُمۡ
جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ ثَوَابٗا مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِۚ
وَٱللَّهُ عِندَهُۥ حُسۡنُ ٱلثَّوَابِ ١٩٥

***Парвардигорашон дуъои онҳоро иҷобат фармуд, ки Ман кори ҳеҷ коргузореро аз шумо,***

***чӣ зан ва чӣ мард, ки ҳама аз якдигаред, зоеъ намесозам. Пас, гуноҳони касонеро, ки ҳиҷрат кардаанд ва аз хонаҳояшон ронда шудаанд ва дар роҳи Ман озор дидаанд ва ҷангидаанд ва кушта шудаанд, мағфират мекунам ва ононро дар боғҳои биҳишт, ки дар он наҳрҳо ҷорист, дохил мекунам. Ин подошест аз ҷониби Худо ва подоши некӯ назди Худост»***

*(Сураи Оли Имрон, ояти 195)*

Дар ин оят Аллоҳ таъоло фазилат ва ҷойгоҳи муҳоҷиронро дар назди худ баён намуда аҳли ҷаннат будани онҳоро башорат медиҳад ва мефармояд: Касоне ки барои Худо, ватан ва хонаву қабилаи худро тарк карданд ва ба сабаби имон овардани ба Худо озору ранҷ диданд ва дар роҳи Худо азобҳо кашиданд, Худованд низ ба чунин содиқону мухлисон, лутфу карам хоҳад намуд ва бар мусибатҳое, ки тоқат карданд ва ҷонфидоиҳое, ки дар роҳи Худо намуданд онҳоро подоши нек хоҳад дод. Гуноҳони онҳоро мағфират хоҳад намуд, балки гуноҳонашонро ба некиҳо табдил хоҳад кард ва онҳоро дар ҷаннат дохил хоҳад намуд. Дар он ҷо онҳоро на ранҷу ғам, на тарсу даҳшате хоҳад расид ва ин неъматҳо аз фазлу карами Худованд аст. Дар ин оят баландтарин пояи иноят ва навозишҳои Худовандро дар бораи муҳоҷирон ҳангоми зикри фазилати онҳо мушоҳида менамоем.

Мартаба ва дараҷаи онҳоро Худованд ба хубӣ ошкор намуда ба ҷаннатӣ будани онҳо қотеъона шаҳодат медиҳад. Бигӯед, ҳиҷраткунандагоне, ки Худованди карим барои онҳо ин ваъдаҳоро фармуда ва зикри биҳиштӣ будани онҳоро намудааст, кистанд?

Оё бузургоне, бо номи Абубакр (р), Умар (р), Усмон (р), Алӣ (р) ва ғайра аз ҷумлаи он муҳоҷирон набуданд? Худованди карим дар бораи онҳо фармудааст, ки: «Ман гуноҳонашонро хоҳам бахшид ва онҳо - ёрони Паёмбар (с)-ро - ба ҷаннат дохил хоҳам кард», зеро онҳо барои ризои Худованд аз хонаҳои худ ронда шуданд ва дар роҳи Ӯ (ҷ) ранҷу озор диданд ва дӯстиву муҳаббати Расули Худо (с)-ро бар ҳама чиз баргузиданд.

Дар ҳақиқат, лаҳзаи ҳиҷрат кардани онҳо корест басо душвор ва аз назари ибодат аз ҳазорон кори хайр беҳтар.

***<u>Ояти саввум:</u>***

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ
وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَٰنٍ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟
عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ
فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

***«Ва аз нахустин собиқадорони муҳоҷирин ва ансор (аҳли Мадина) ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд, Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хушнуданд. Барояшон боғҳои биҳишт аст, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд. Ин аст комёбии бузург!»***

*(Сураи Тавба, ояти 100)*

Дар ин оят Аллоҳ таъоло, ризояти худро аз муҳоҷирон ва ансор баён намуда, онҳо ва пайравонашонро ба ҷаннат башорат медиҳад. Зеро ҳар вақте Худованд фармояд, ки **«Разияллоҳу ъанҳум ва разу ъанҳ»** яъне, ***(Ман аз онҳо розӣ ҳастам ва онҳо аз Ман розӣ мебошанд)***, дар ҳаққи онҳо мефармояд, ки: ***(...ва аъадда лаҳум ҷаннотин...)*** Худо барои онҳо боғҳои биҳиштиро бо васфҳои хосе барои онҳо омода намудааст.

Худованд дар ду оят тасдиқ намуда, ки муҳоҷирон ва ансор ҳар коре кардаанд, барои ризои Парвардигорашон кардаанд, он ҷо, ки мефармояд:

ٱلَّذِينَ أُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِم بِغَيۡرِ حَقٍّ إِلَّآ أَن يَقُولُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُۗ وَلَوۡلَا دَفۡعُ ٱللَّهِ ٱلنَّاسَ بَعۡضَهُم بِبَعۡضٖ لَّهُدِّمَتۡ صَوَٰمِعُ وَبِيَعٞ وَصَلَوَٰتٞ وَمَسَٰجِدُ يُذۡكَرُ فِيهَا ٱسۡمُ ٱللَّهِ كَثِيرٗاۗ وَلَيَنصُرَنَّ ٱللَّهُ مَن يَنصُرُهُۥٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ ﴿٤٠﴾

***Онҳое, ки ба ноҳақ аз диёрашон ронда шуданд ва гуноҳашон танҳо ин буд, ки мегуфтанд: «Парвардигори мо Худои яктост» ва агар Худо баъзеро ба василаи баъзе дигар дафъ насозад, дайрҳову калисоҳо ва куништҳову масҷидҳое, ки номи Худо***

***ба фаровонӣ дар онҳо бурда мешавад, вайрон мегардид. Ва Худо ҳар касеро, ки ӯро ёрӣ кунад, нусрат медиҳад ва Худо тавонову пирӯзманд аст»***

*(Сураи Ҳаҷ, ояти 40)*

*Дар ҳаққи Ансор низ фармудааст:*

وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلْإِيمَـٰنَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ
مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِى صُدُورِهِمْ حَاجَةً
مِّمَّآ أُوتُوا۟ وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ
خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ
ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾

***«Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон сарзамин ва (пойгоҳи) эшонро омода намудаанд, онҳоеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат кардаанд, дӯст медоранд ва дар синаҳои худ нисбат ба он чӣ дода шудаанд, эҳсоси ниёзе намекунанд ва дигаронро (муҳоҷиронро) бар худ исор менамоянд, ҳарчанд худ (ансор) мӯҳтоҷ бошанд ва онон, ки аз бухли хеш дар амон монда бошанд, растагоронанд».***

*(Сураи Ҳашр, ояти 9)*

Дар ин оят Худованд аз омодабоши қалбӣ, муҳаббати имонӣ ва исору азхудгузаштагии мардуми ансор ситоиш ба амал овардааст.

***<u>Ояти чаҳорум:</u>***

۞ لَّقَدۡ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ إِذۡ
يُبَايِعُونَكَ تَحۡتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمۡ فَأَنزَلَ
ٱلسَّكِينَةَ عَلَيۡهِمۡ وَأَثَٰبَهُمۡ فَتۡحٗا قَرِيبٗا ١٨ وَمَغَانِمَ
كَثِيرَةٗ يَأۡخُذُونَهَاۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمٗا ١٩
وَعَدَكُمُ ٱللَّهُ مَغَانِمَ كَثِيرَةٗ تَأۡخُذُونَهَا فَعَجَّلَ لَكُمۡ
هَٰذِهِۦ وَكَفَّ أَيۡدِيَ ٱلنَّاسِ عَنكُمۡ وَلِتَكُونَ ءَايَةٗ
لِّلۡمُؤۡمِنِينَ وَيَهۡدِيَكُمۡ صِرَٰطٗا مُّسۡتَقِيمٗا ٢٠

***«Худо аз мӯъминон, он ҳангом, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилҳояшон чӣ мегузарад. Пас, бар онҳо оромишеро фурӯд овард ва ба фатҳе (ғалабае) наздик ва ба ғаниматҳои бисёр, ки ба даст меоваранд, подошашон дод ва Худо пирӯзманду ҳаким аст. Худо ба шумо ваъдаи ғаниматҳои бисёре додааст, ки ба даст меоваред ва ин ғаниматро зудтар арзонӣ дошт ва шуморо аз осеби мардумон амон бахшид,***

***то (ин амр) барои мӯъминон ибрате бошад ва ба роҳи рост ҳидоятатон кунад»***

*(Сураи Фатҳ, оятҳои 18-20)*

Сababи нозил шудани ин оятҳо он аст, ки он Ҳазрат (с) барои анҷом додани ҳаҷҷи умра ба сӯи Макка рафтанд ва арабҳову бодиянишинҳоро ба ин сафар даъват намуданд, зеро шаҳри Макка дар ихтиёри кофирон буд ва эҳтимоли он мерафт, ки аз дохил шудан ба шаҳри Макка монеъа эҷод кунанд. Лекин бештари арабҳо ин даъватро қабул накарданд ва дар ин сафар аз саодати «Байъати Ризвон» маҳрум монданд.Ба ҷуз он холисон ва дӯстдорони Худо ва Расули Ӯ (с), ки сар то пойи онҳо аз нури имон медурахшид. Чун ин ҷамоъати нуронӣ наздики шаҳри Макка ба ҷое, ки Ҳудайбия ном дошт расиданд, мардуми Қурайш, барои даромадани он Ҳазрат (с) ба шаҳри Макка, мухолифат намуданд.

Муҳаммад (с) аввалан Харош ибни Умайяи Хузоиро ба назди аҳли Макка фиристод ва чун кофирони Қурайш дар пайи қатли вай шуданд, ӯ ин ҳолро дида баргашт. Сониян ҳазрати Усмон (р)-ро ба сӯи Макка фиристод ва куффори Макка ҳазрати Усмон (р)-ро бо худ нигоҳ доштанд, ки сабаби ба дурӯғ овоза шудани шаҳодати ҳазрати Усмон(р) гардид.

Бо шунидани ин хабар он Ҳазрат (с) ёрони худро, ки ҳамроҳи вай буданд, ҷамъ кард, ки адади онҳо бо ихтилофи ривоят 1400 нафарро ташкил медод. Паёмбар (с) зери дарахт нишаста аз онҳо

байъат гирифт ва ба ғайр аз мунофиқон, дигар касе мухолифат накард. Бояд бидонем, ки асҳоби Паёмбар (с) дар ҳолатҳои бисёр душвор ва азобу ранҷҳои зиёд як лаҳза ҳам аз фармони Паёмбар (с) қадам берун намондаанд.

***<u>Ояти панҷум:</u>***

لَّوْلَا كِتَٰبٌ مِّنَ ٱللَّهِ سَبَقَ لَمَسَّكُمْ فِيمَآ أَخَذْتُمْ
عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٦٨﴾

***«Агар пеш аз ин аз ҷониби Худо ҳукме нашуда буд, ба сабаби он чӣ гирифта будед, азобе бузург ба шумо мерасид».***

*(Сураи Анфол, ояти 68)*

Сабаби нозил шудани ин оят ин аст, ки чун мусалмонон дар муборизаи Бадр пирӯз шуданд ва мушрикҳо асир гаштанд, Паёмбар (с) бо асҳоби худ дар бораи чи гуна бо асирон рафтор кардан машварат карданд. Абубакр (р) гуфт, ки фидя гирифта асиронро озод кунанд. Умар (р) гуфт, ки онҳоро қатл бояд кард ва он Ҳазрат (с) ба машварати ҳазрати Абубакр (р) ва дигар саҳобагони гиромӣ амал кард, яъне фидя гирифта асиронро озод кард.

Аз ин ҳадис чунин натиҷа мегирем, ки Паёмбари Худо (с) асҳобашро дӯст медошт ва бо онҳо дар масъалаҳои мухталиф машварат мекард. Худованд дар чанд ҷои Қуръони маҷид дар ҳаққи ҳиҷраткунандагон оятҳоеро баён фармуда ва ба онҳое, ки аз аҳли Бадр буданд, ваъдаи мағфират додааст. Ва мо ҳам бояд асҳоби Паёмбар (с)-ро дӯст дорем ва ин нишонаи имон аст.

**_Ояти шашум:_**

وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِي سَبِيلِ
ٱللَّهِ وَٱلَّذِينَ ءَاوَواْ وَّنَصَرُوٓاْ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ
حَقًّاۚ لَّهُم مَّغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ﴿٧٤﴾

***«Онон, ки имон овардаанд ва ҳиҷрат карда ва дар роҳи Худо ҷиҳод кардаанд ва онон (Ансор, аҳли Мадина), ки (муҳоҷиронро) ҷой ва ёрӣ доданд, дар ҳақиқат мӯъминонанд. Омӯрзиш ва рӯзии некӯ барои онҳост (Барои ҳарду гурӯҳ)»***

*(Сураи Анфол, ояти 74)*

Чи тавре мебинем, Худованд дар ин оят ва як қатор оятҳои дигар имон ва аъмоли нек ва талошҳои даъавии ҳар ду гурӯҳи муҳоҷирон ва ансорро дар марҳалаҳои гуногуни даъват мавриди ситоиш қарор додааст, хушнудӣ ва мағфирати худро аз онҳо эълон намуда, ба хотимаи нек дар охират башорат додаанд.

Бандаи мӯъмин пас аз шунидани сухани қатъии Худо дар бораи саҳобагони Расули акрам (с) ба камоли имони ва беҳтарин насли уммат будани онҳо имон меоварад ва нисбат ба мақоми рафеъи онҳо арҷ мениҳад.

Барои шахси мусалмон каломи Худо охирин ва қотеътарин сухан ба шумор меравад ва пас аз ҳукм ва қазовати ӯ дар ин бора дигар ҳеҷ ҳарферо бо он баробар намедонад. Зеро мавзӯъро ба таври қатъӣ ва равшане баён намудааст.

ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَهَاجَرُوا۟ وَجَٰهَدُوا۟ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ
بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ أَعْظَمُ دَرَجَةً عِندَ ٱللَّهِ ۚ وَأُو۟لَٰٓئِكَ
هُمُ ٱلْفَآئِزُونَ ﴿٢٠﴾

***«Онон, ки имон оварданд ва ҳиҷрат карданд ва дар роҳи Худо бо молу ҷони хеш ҷиҳод карданд, дар назди Худо дараҷоте азимтар доранд ва онҳо комёфтагонанд»***

*(Сураи Тавба, ояти 20)*

Вақте, ки бандаи мӯъмин ин оятҳоро мутолиъа менамояд, беш аз ин намегӯяд, ки Худовандо! Мо чун ин китоби поки Туро кушодем, мақом ва фазилати асҳоби Паёмбаратро ба таври дақиқ ва равшане дар он ёфтем. Худованди меҳрубон! Чун аз китоби Ту дар ҳаққи асҳоби Паёмбарат (с) баён ва шаҳодате талаб кардем, дар он нидои ***«...улоика ҳумул мӯъминуна ҳаққо...***, яъне ***(Ҳамин ҷамоъат, дар ҳақиқат, мӯъминони комил ҳастанд)»,*** шунидем.

Боз вақте ҳар чӣ бештар ба пайгирии сифоти онҳо дар оятҳои китоби Ту пардохтем, баландтарин намунаҳои имонӣ ва инсони комилро дар васфи онҳо ёфтем. Моро нидои: ***«Онҳо мӯъминони ҳақиқӣ ҳастанд. Барояшон мағфират ва ризқи некӯ бошад»*** *(Сураи Анфол, ояти 74)*,

***«Онҳо дараҷоти баландтаре доранд ва онҳоянд растагорон»*** *(Сураи Тавба, ояти 20)* фаро гирифт, ки: Дигар ҷӣ ҷои шак аст дар он бандагони бузурги Худо!

Вақте Худованди бениёз фазилат ва мартабаи асҳоби Паёмбар (с)-ро дар китобаш зикр карда ва дар ҳаққи онҳо чунин фармудааст:

جَزَآؤُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ جَنَّٰتُ عَدْنٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا
ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۖ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟
عَنْهُ ۚ ذَٰلِكَ لِمَنْ خَشِىَ رَبَّهُۥ ﴿٨﴾

***«Подоши онҳо дар назди Парвардигорашон боғҳои ҷовидонаи биҳишт аст, аз зери онҳо наҳрҳо ҷорист. То абад дар он ҷоянд. Худо аз онҳо хушнуд аст ва онҳо аз Худо хушнуданд. Ва ин хосси касест, ки аз Парвардигораш битарсад».***

*(Сураи Байина, ояти 8)*

Ва моро амр намудааст, то аз онҳо пайравӣ кунем ва муҳаббати онҳоро дар дил доshта бошем ва аз бадгӯӣ ва душмании онҳо барҳазар бошем, пас мо низ бояд, онҳоро ёрони накӯкори он Ҳазрат (с) дониста, пешвои худ қарор диҳем. Худованди меҳрубон! Мо дар замони асҳоби Паёмбар (с) набудем, ки дар ҳаққи онҳо фармудаи:

لِلْفُقَرَآءِ ٱلْمُهَـٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخْرِجُوا۟ مِن دِيَـٰرِهِمْ
وَأَمْوَٰلِهِمْ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا وَيَنصُرُونَ
ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّـٰدِقُونَ ﴿٨﴾

***«Низ ғаниматҳо аз они муҳоҷирони фақирест, ки аз сарзаминашон ронда шудаанд ва онҳо дар талаби фазлу хушнудии Худоянд ва Худову паёмбарашро ёрӣ мекунанд. Инҳо воқеъан ҳам ростгӯёнанд»***

*(Сураи Ҳашр, ояти 8)*

Ва инчунин моро аз ҷумлаи он ҷамоъае наофаридаи, ки дар ҳаққашон фармудаи:

وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلْإِيمَـٰنَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ
مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِى صُدُورِهِمْ حَاجَةً
مِّمَّآ أُوتُوا۟ وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ
خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ
ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾

***«Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон сарзамин ва (пойгоҳи) имониро ба вуҷуд овардаанд, онҳоеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат кардаанд, дӯст медоранд. Ва дар синаҳои худ аз он чӣ ба эшон дода шудааст, эҳсоси ниёзе намекунанд ва онҳоро бар худ исор менамоянд, ҳар чанд худ (ансор) мӯҳтоҷ бошанд. Ва онон, ки аз бухли хеш дар амон монда бошанд, пас ҳамонҳо растагоронанд»***

*(Сураи Ҳашр, ояти 9)*

Худовандо! Ту моро баъд аз ҳар ду гурӯҳ офаридаи ва барои адои эҳтиром, поси хадамоти арзанда ва тарзи муносибат ба онҳо ба мо амр кардаи, ки дар ҳаққи гузаштагони мусалмони худ мағфират ва дуъои хайр бихоҳем:

وَالَّذِينَ جَاءُو مِن بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا
اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَلَا
تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِّلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ
رَّحِيمٌ ﴿١٠﴾

***Касоне, ки аз паси онҳо омадаанд, мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, биёмурз ва кинаи касонеро, ки имон овардаанд, дар дили мо ҷой надеҳ. Эй Парвардигори мо, ҳаройна, Ту бо навозиш (ва) меҳрубон ҳастӣ»***

*(Сураи Ҳашр, ояти 10)*

Пас аз ин ҳама оятҳои равшани Худованд, ки симои шахсият, сифатҳои олии инсонӣ ва камоли имонии ёрони Паёмбар (с)-ро ба таври дақиқ барои андешаҳои солим ва ақлҳои беғараз баён намудааст ва хушнудии хешро аз онҳо эълон кардааст, бояд аз онҳо бо камоли эҳтиром ва риояи адаб сухан гӯем. Агар равияи касе дар бораи онҳо ғайр аз ин аст, пас бояд бидонем, ки чунин одамоне ё ба китоби Худо ва оятҳои равшани он имон надоранд ва ё ҳанӯз арзишҳои олӣ ва ҳадафҳои дини Худоро дуруст дарк накардаанд.

***<u>Ояти Ҳафтум:</u>***

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَا لَكُمۡ إِذَا قِيلَ لَكُمُ ٱنفِرُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ ٱثَّاقَلۡتُمۡ إِلَى
ٱلۡأَرۡضِۚ أَرَضِيتُم بِٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا مِنَ ٱلۡأٓخِرَةِۚ فَمَا مَتَٰعُ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا
فِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ (٣٨) إِلَّا تَنفِرُواْ يُعَذِّبۡكُمۡ عَذَابًا أَلِيمٗا وَيَسۡتَبۡدِلۡ
قَوۡمًا غَيۡرَكُمۡ وَلَا تَضُرُّوهُ شَيۡـٔٗاۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ (٣٩) إِلَّا
تَنصُرُوهُ فَقَدۡ نَصَرَهُ ٱللَّهُ إِذۡ أَخۡرَجَهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ثَانِيَ ٱثۡنَيۡنِ إِذۡ هُمَا

فِي ٱلْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحْزَنْ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا ۖ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ
سَكِينَتَهُۥ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُۥ بِجُنُودٍ لَّمْ تَرَوْهَا وَجَعَلَ كَلِمَةَ ٱلَّذِينَ
كَفَرُوا۟ ٱلسُّفْلَىٰ ۗ وَكَلِمَةُ ٱللَّهِ هِيَ ٱلْعُلْيَا ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٤٠﴾

***«Эй касоне, ки имон овардаед, чаро вақте ба шумо гуфта шавад: Дар роҳи Худо шитобон берун оед, гарону беҳавсала ба сӯйи замин майл мекунед? Оё ба ҷои зиндагии ухравӣ ба зиндагии дунё розӣ шудаед? Матоъи ин дунё дар баробари матоъи охират ҷуз андаке нест. Агар ба ҷанг ҷамъ нашавед, Худо шуморо ба шиканҷае дарднок азоб мекунад ва қавми дигареро ба ҷои шумо бармегузинад ва ба Худо низ зиёне намерасонед, ки Худо бар ҳар коре тавоност. Агар шумо ёриаш накунед пас Худо ӯро вақте кофирон дуюми ду нафар берунаш карданд, ёрӣ кард, ҳангоме, ки дар гор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Худо бо мост!» Худо ба дилаш оромиш бахшид ва бо лашкарҳое, ки шумо онҳоро намедидед, қувваташ дод. Ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст».***

*(Сураи Тавба, оятҳои 38-40)*

Дар оятҳои қаблӣ фазилатҳои муҳоҷирон ва ансор ба таври умумӣ баён гардида буд, лекин ояти фавқ ба таври хусусӣ, дар ситоиш ва фазилати ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) нозил шудааст. Расули Худо (с) пас аз баргашт аз ҷанги Тоиф ва Ҳунайн мусалмононро ба омодабоши фаврӣ ва нигоҳбини ба сарҳадоти Рум ва рӯёрӯӣ ба лашкари Рум амр кард. Мавсими гармо ва сафари дуру дароз дар пеш буд. Бинобар ин, ин озмоиш барои баъзеҳо хеле сангин омад. Аз тарафи дигар, румиҳо баъзе аз минтақаҳоро зери фармони худ гирифта буданд. Бинобар ин Аллоҳи бузург барои ташвиқ кардан ба набард ва муҳориба дар роҳи ҳақ , ин оятро нозил кард.

Чуноне дар оғози *«ояти 38 сураи Тавба»* омадааст: ***«Эй мӯъминон, чаро шумо вақте барои дарёфти ризои Парвардигор ба мубориза даъват мешавед, аз хонаҳои худ берун шудан намехоҳед, оё шумо зиндагии дунёро дар баробари охират ихтиёр кардаед, ҳоло он ки фоидаи дунё дар баробари охират бисёр кам аст.***

Дар *«ояти 39 сураи Тавба»* мефармояд: ***«Агар шумо барои мубориза дар роҳи ризои Худо хориҷ нашавед, Худо шуморо ба шиканҷае дарднок азоб мекунад ва қавми дигареро ба ҷои шумо бармегузинад ва ба Худо низ зиёне намерасонед ва Худо бар ҳар коре тавоност».***

Он гоҳ Худованди меҳрубон бениёзии худ ва дар амон будани Расулашро дар *«ояти 40 сураи Тавба»* барои онҳо баён намуда, мефармояд:

***«Агар шумо ӯро ёрӣ накунед ҳам, вақте кофирон ӯро (аз Макка) берун карда буданд, Худо вайро воқеъан ҳам нусрат дода буд, дар ҳоле, ки вай дуюми ду нафар, дар ғор буданд, ҳангоме ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Худо бо мост!» Пас, Худо оромишеро ба дилаш фуруд овард ва ӯро бо лашкарҳое, ки шумо онҳоро намедидед, қувват дод. Ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст».***

Вақте кофирон ба дари ғор расиданд ва мобайни онҳо ва Паёмбар (с) фосилаи каме монда буд, ёр ва саҳобаи он Ҳазрат (с) - Абубакри Сиддиқ (р), ба фикри ин, ки мабодо кофирон аз даруни ғор огоҳ шаванд ва ба Паёмбар (с) озоре расонанд, ба ташвиш афтод ва ғамгин гашт, дар ин лаҳза Паёмбар (с) ба вай гуфт:

- ***Ғамгин мабош, зеро Худо ҳамроҳи мост.***

Ин оятҳо ба таври ошкоре фазилат, бартарӣ ва саҳобӣ будани ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р)-ро собит месозанд.

## ФАЗИЛАТ ВА ҶОЙГОҲИ РАФЕЪИ САҲОБАГОН ДАР АҲОДИСИ НАБАВӢ

Мақом ва мартабаи саҳобагони Расули Худо (с), дар ҳадисҳои набавӣ низ ба таври чашмгире зикр гардидааст.

Аз Имрон ибни Ҳусайн ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд:

وعن عِمْران بن حُصَينٍ قال:قال رسول الله صلي الله عليه وسلم:""" خَيْرُ أُمَّتِي القَرْنُ الّذي بُعِثْتُ فِيهِمْ, ثُمَّ الّذينَ يَلونَهُمْ, ثُمَّ الّذِينَ يَلونَهُمْ """(أخرجه مسلم(2535-215), والترمذي 434/4 كتاب الفتن,أبو داود214/4 ,وأحمد في المسند2228/2, وغيره,,,,)

*Беҳтарини умматам касоне ҳастанд, ки ман дар замони онҳо фиристода шудам, он гоҳ касоне, ки пас аз онҳо меоянд ва боз касоне, ки пас аз онон меоянд[8].*

Дар ин ҷо Расули Худо (с) се наслро беҳтарин наслҳои уммати худ гуфтааст.

[8] . Муслим, (215-2535), Тирмизӣ, «ал-Фитан», (4\434), Абудовуд, (4\214), Аҳмад , (2\2228).

***а)*** *Ҳамон насле, ки Расули Худо (с) дар замони онҳо фиристода шуда, рисолати хешро анҷом додааст.*

***б)*** *Насли дуюми уммат, ки шогирдон ва тарбиятёфтагони бевоситаи саҳобагони он Ҳазрат (с) буданд ва дар таърих ба насли тобиъин машҳур мебошанд.*

***в)*** *Пайравон ва атбоъи тобиъин мебошанд.*

*Боз он Ҳазрат (с) фармудааст:*

عن رسول الله صلي الله عليه وسلم قال:خَيرُ القُرُون قرْني, ثُمَّ الَّذِينَ يَلونَهُمْ, ثُمَّ الَّذِينَ يَلونَهُمْ ثم يَفْشُو الكَذِ بُ ""(أخرجه الترمذي 476/4(2303) وذكره ابن حجر في تلخيص الحبير 204/4 وكتاب أسد الغابة في معرفة الصحابة مقدمة2/1.

*Беҳтарини наслҳо насли ҳамасри ман аст, он гоҳ, касоне, ки пас аз онҳо меоянд, боз касоне, ки пас аз эшон меоянд ва пас аз онҳо (дар миёни мардум) дурӯғ равнақ мегирад[9].*

Ин ҳадиси шариф дар саҳеҳи Бухорӣ ва саҳеҳи Муслим ва дигарҳо низ ривоят шудааст. Беҳтаринҳои аср касоне шуда метавонанд, ки адолат дошта ва пойбандии сахте ба дин доранду амалҳои хуб анҷом медиҳанд.

Боз аз Имрон ибни Ҳусайн омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд:

---

[9]. *Тирмизӣ, 4/476 (2303) Ибни Ҳаҷар, Талхис ал-Ҳабир, 4/204, Усудул-ғоба фи маърифатис-саҳоба, муқаддимаи 1/22.*

«خير أمتى قرنى ثم الذين يلونهم ثم الذين يلونهم» قال عمران:
«فلا أدرى، أذكر بعد قرنه قرنين أو ثلاثا»

*Беҳтарини (мусалмонони) уммати ман касоне ҳастанд, ки дар ин қарн бо ман зиндагӣ мекунанд, сипас ононе, ки баъд аз ин қарн меоянд, сипас ононе, ки баъд аз онҳо меоянд. Имрон мегӯяд, намедонам, ки Паёмбар (с) баъд аз қарни худ ду қарнро зикр кард ё се қарнро[10].*

Дар Саҳиҳайн ва Сунани Абудовуд ва Тирмизӣ аз Абусаъиди Худрӣ ривоят аст, ки Расули Худо (с), фармуд:

عَنْ أبي سَعِيْدٍ. قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ صلى الله عليه و سلم :
" لا تَسُبُّوْا أحَدًا مِنْ أصْحَابِي، فَإنَّ أحَدَكُمْ لَوْ أنْفَقَ مِثْلَ أُحُدٍ ذَهَبًا، مَا أدْرَكَ مُدَّ أحَدِهِمْ، و لا نَصِيْفَهُ ".

*Ҳеҷ кадоме аз асҳоби маро бадгӯӣ накунед, зеро агар касе аз шумо баробари кӯҳи Уҳуд тилло дар роҳи Худо харҷ кунад, боз ҳам бо мудд ва ҳатто бо нисфи мудди ҳеҷ кадоми онҳо баробар шуда наметавонад[11].*

Калимаи «мудд» як паймонаи арабӣ буда ба эътибори вазн тақрибан баробари як кило аст. Аз гуфтаҳои гуҳарбори он Ҳазрат (с) ба таври ошкор маълум мешавад, ки дидор ва сӯҳбати он Ҳазрат (с) неъмати бузург аст, ки ба баракати он, як амали саҳоба дар баробари амалҳои дигарон, ҳамон нисбатеро дорад, ки як кило ё ним кило

[10] . Бухорӣ, 2535, Муслим, 3650.

[11] . Ҷамъул фавоид, китоби Мақоми Саҳоба.

амали онҳо ба андозаи як кӯҳ аз амали дигарон ҳам бештар хоҳад буд.

Чунончи аз мазмуни ҳадис маълум мегардад, Расули Худо (с) дар мавриди ёронаш, ибораи «Ло тасуббу асҳобӣ»-ро истифода кардааст ва лафзи «сабб»-ро дар забонҳои ғайри арабӣ маъмулан ба маънои дашном додан шарҳ мекунанд, ки дар воқеъ маънии аслии ин калима нест, зеро лафзи дашном дар забони форсӣ -тоҷикӣ барои каломи фаҳш ба кор бурда мешавад, дар ҳоле ки лафзи «сабб» дар забони арабӣ мафҳуми умумитаре дорад. Дар забони арабӣ, ҳар каломе, ки мафҳуми иҳонат ва бадгӯӣ дар ҳаққи касеро дошта бошад, «сабб» номида мешавад. Барои мафҳуми дашном бошад, дар забони арабӣ лафзи хосси «шатм» мавҷуд аст.

Аз Абдуллоҳ писари Муғаффали Музаннӣ омадааст, ки Расули Худо (с) фармуд:

عن عبداللهِ بن مُغَفَّلٍ قال:قال رسول الله صلى الله عليه وسلم
"أللهَ اللهَ فِي أصحَابي, أللهَ اللهَ فِي أصحَابي, لا تَتَّخِذُوهُم
غَرضاًبَعدِي, فمَن أحبَّهُم فبِحُبي أحَبَّهُم, وَمَن أبغَضَهُم فبِبُغضي أبغَضَهُم,
ومَن آذاهُم فقدآذاني, ومن آذاني فقد/ آذى ألله, ومن آذى
اللهَ فيُوشِكُ أن يَأخُذَهُ (انفرد به الامام الترمذى)
حديث تحت رقم 3/3862 ، باب 58/ 133

*Дар мавриди саҳобагонам аз Худо битарсед! Дар мавриди саҳобагонам аз Худо битарсед ва баъди ман ба онҳо ҳеҷ ғараз нагиред. Касе онҳоро дӯст дорад, пас бо муҳаббати ман дӯсташон доштааст ва касе онҳоро бад бинад, пас ба сабаби бадбинии ман онҳоро бад дидааст. Касе*

*онҳоро озоре (бо забонаш) расонад, дар ҳақиқат маро азият кардааст ва касе маро азият кардааст, ба таҳқиқ, Худоро азият кардааст ва касе Худоро азият кунад, ба зудӣ ӯро Худо ба азоб мегирад.*[12]

Аз Абумӯсои Ашъарӣ ба ин мазмун ҳадисе ривоят шудааст, ки мегӯяд: *Ҳамроҳи Расули Худо (с) намози шомро хондем ва «Асҳоб» бо ҳамдигар гуфтем: Чӣ мешавад, интизор шавем, то ҳамроҳи Расули Худо (с) намози хуфтанро низ бихонем? Пас, ба ҳамин ҳол интизор шудем, то ки Расу-луллоҳ (с) ба сӯи мо баромада гуфт: «То ба ҳол шумо ин ҷо ҳастед?» Абумӯсои Ашъарӣ мегӯяд: Мо гуфтем: Бале, эй Расули Худо (с), хостем, ки ҳамроҳи шумо намози хуфтанро бигузорем. Расули Худо (с) гуфт: Бисёр хуб кардед. Сипас, сари муборакашро сӯи осмон боло кард, чун ин корро зиёд мекард ва гуфт: Ситораҳо амонат-дор ҳастанд ба он чи, ки дар осмон аст,пас, агар ситораҳо аз байн раванд, чӣ нохушиҳое меояд бар сари он чи, ки дар осмон аст ва ман амонат-дорам барои саҳобагонам, пас, вақте ман аз сар равам, чӣ нохушиҳое бар сари саҳобагонам меояд ва саҳобагонам амонатдоранд барои умматам, пас, вақте саҳобагонам аз сар раванд, чӣ нохушиҳое меояд бар сари умматонам.*

«Ин ҳадисро Муслим дар саҳеҳаш дар ҳадиси (4\ 1961) ва Аҳмад дар муснадаш дар ҳадиси (4\399) овардаанд».

Абумӯсои Ашъарӣ аз Паёмбар (с) ривоят кардааст, ки фармуд:

[12]. *Тирмизӣ 3/3862, боб, 133/58, Ибни Ҳаббон ва Аҳмад саҳеҳаш донистаанд,*

«النجوم أمنة للسماء فإذا ذهبت النجوم أتى أهل السماء ما يوعدون،
وأنا أمنة لأصحابى، فإذا ذهبتُ أنا أتى أصحابى ما يوعدون،
وأصحابى أمنة لأمتى، فإذا ذهب أصحابى أتى أمتى ما يوعدون»

*Ситорагон барои осмон амин ва сипар ҳастанд. Вақте ситораҳо бираванд, он чи бар аҳли осмон ваъда дода шудааст, бар сарашон меояд (он қиёмат аст) ва ман амини саҳобагонам ҳастам. Вақте, ки ман биравам, он чи барои онон ваъда дода шудааст, бар сарашон хоҳад омад ва саҳобагони ман амини умматам ҳастанд, вақте ки онҳо бираванд, он чи ки барои умматам ваъда дода шудааст, бар сарашон хоҳад омад*[13]*.*

Умар ибни Хаттоб (р) аз Паёмбар (с) нақл кардааст, ки фармуд:

«أكرموا أصحابى، فإنَّهم خياركم»

*Ёрон ва саҳобагони маро эҳтиром намоед, зеро онҳо беҳтаринҳои шумо ҳастанд*[14]*.*

Восила аз Паёмбар (с) нақл мекунад, ки фармуд:

«لا تزالون بخير مادام فيكم من رآنى وصحبنى،
والله لا تزالون بخير مادام فيكم من رأى مَن رآنى وصاحبنى»

[13] .Саҳеҳи Муслим 253.

[14] . Ин ҳадисро Аҳмад, Насоӣ ва Ҳоким дар китобҳояшон овардаанд.

*Ҳамеша бар хайр ва некӣ хоҳед монд, модоме, ки дар миёни шумо касе бошад, ки маро дида аст ва бо ман мусоҳибат намудааст. Савганд ба Худо, ҳамеша бар хайр хоҳед буд, ба шарте, дар миёни шумо касоне вуҷуд дошта бошанд, ки асҳоби маро дида бошанд*[15].

Анас (р) аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки гуфт:

آية الإيمان حب الأنصار وآية النفاق بغض الأنصار»""

*Нишонаи имондорӣ дӯст доштани ансор аст ва нишонаи нифоқ кина варзидан бо онон аст*[16].

Дар бораи ансор боз фармудааст:

«لا يحبهم إلاّ مؤمن ولا يبغضهم إلاّ منافق»

*Ба ҷуз мӯъмин ононро дӯст надорад ва ба ҷуз мунофиқ ононро бад набинад*[17].

Ва дар бораи саҳобагон боз фармудааст:

«لا يدخل النار إن شاء الله من أصحاب الشجرة أحد؛ الذين بايعوا تحتها»

*Бо хости Худованд, ҳеҷ кадоме аз асҳоби шаҷара, ононе ки дар зери дарахт (бо Паёмбар (с)) байъат кадаанд, ба дӯзах намераванд*[18].

---

[15]. Ин ҳадисро Ибни Абушайба (12\178) ва Ибни Абуосим (2\630) дар китоби Алсунна, ва Табаронӣ дар китоби Алкабир (22\85) овардаанд.

[16]. Саҳеҳи Бухорӣ (85/1, 113/7)

[17]. Саҳеҳи Бухорӣ (1\85, 7\113).

[18]. Саҳеҳи Муслим, китоби Фазоили саҳоба 4\ 1942, 2496.

## *ДАЛЕЛҲОИ АҚЛӢ ВА НАҚЛӢ БАРОИ ИСБОТИ ФАЗОИЛИ АСҲОБИ ПАЁМБАР (С)*

Чи тавре дидем, дар Қуръону суннат ҳаёт, сифот, камоли имонӣ ва зикри корнамоиҳои саҳобагони Паёмбар (с) ба таври равшане бозтоб ёфтааст. Ҳам Худованд ва Расули акрам (с) хушнудии худро аз он насли босаодат иброз намудаанд. Қуръони карим ба таври намунавӣ татбиқи амалии худро дар ҳаёти онҳо ёфта буд.

Ҳамин шаҳодати Қуръон ва суннат барои он насли хуҷаста кифоя аст ва бандаи мӯъмин нисбат ба мақоми имонӣ ва арзиши талошҳои худоии онҳо арҷ мениҳад ва бо ҷиддият мекӯшад, ки онҳоро сармашқи зиндагии худ қарор диҳад.

Вале ба ҳар сурат мазҳари зиндагӣ ва корнамоиҳои эшонро бо мантиқи ақл ва таҳлили воқеъбинона мавриди баррасӣ қарор медиҳем, то амалан дарк намоем, ки он ҳама дилбастагӣ ва фидокорӣ дар роҳи нашри арзишҳои дини Худо ва пайравии самимӣ аз Паёмбар (с) наметавонад, ҷуз аз манбаъи имон сарчашма бигирад.

## Далели аввал:

Ба ҳамагон маълум аст ва ҳатто донишмандони ғайри мусалмон ҳам, медонанд, ки чун Ҳақ таъоло паёмбараш Муҳаммад (с)-ро дар сарзамини араб ба паёмбарӣ интихоб намуд ва чун ӯ ибтидоан дар шаҳри Маккаи мукаррама эълони набувват кард, аксарияти сокинони он шаҳр мушрик ва ё кофир буданд. Хешовандон ва наздикони Муҳаммад (с) бо шунидани ин эълон, душмани он Ҳазрат (с) гаштанд ва паёмбарии Муҳаммад (с)-ро дурӯғ шумориданд. Яке он Ҳазратро маҷнун мегуфту дигари шоир, саввумӣ соҳир ва дигару дигарҳо.

Дар муддати шаш сол, дар натиҷаи талошҳои хастагинопазири он Ҳазрат (с) дар роҳи даъват ба дини Ислом, ва зуҳури мӯъҷизот аз ҷониби Паёмбар (с), чанд нафаре мусалмон шуданд, ки адади онҳо то чиҳил нафар ҳам намерасид. Баъд аз шаш сол ҷамоъати мусалмонон ба қадре зиёд шуд ва даъвати дин ривоҷ гирифт ва он Ҳазрат (с) аркони динро зоҳир кардан гирифт. Вақте дини Ислом равнақ гирифт, кофирон барои озор додани он Ҳазрат (с) ва асҳобаш аз ҳар роҳу равиш истифода карданд, то он ки саранҷом ҳазрати Муҳаммад (с) ва ёронаш ба Мадина ҳиҷрат карданд.

Баъд аз ҳиҷрат дини Ислом оҳиста-оҳиста рӯ ба тараққӣ овард ва пас аз чанде нури Ислом дар сар то сари ҷазиратул- араб партавафшон шуд.

Пас, нисбати онҳое, ки дар ибтидои даъват ба дини мубини Ислом гаравидаанд ва аз ҳама пештар гуфтори он Ҳазрат (с)-ро ҳақ дониста ва

нубуввати он Ҳазрат (с)-ро тасдиқ намудаанд ва бе шакку шубҳа калимаи шаҳодатро ба забон овардаанд, нек бояд андешид, ки он бузургмардон буданд, ки дини қадимаи аҷдодиашонро тарк гуфта ва бо хешовандони худ робитаашонро қатъ намуданд ва барои ба даст овардани хушнудӣ ва ризои Худованди ягона ва Расулаш, бо ҳамдигар мусобиқа карда, фармон ва итоъати набавиро бар дӯши худ гирифтанд. Ислом овардани чунин одамон дар он замони пуртуғён, ҳаргиз бе сабаби қаввие буда наметавонад, зеро дини қадими худро тарк кардан ва дини навро ихтиёр кардан, корест басо душвор ва ҳамчунин, осоишу истироҳатро тарк карда худро гирифтори мусибату азоб сохтан, корест бисёр мушкил ва мухолифи хостаҳои табиъии инсон. Ошкор аст, ки чунин кори душвор ва амри мушкил, бе ҳеҷ гуна ангеза ва сабаби нерӯманде, ҳаргиз анҷом намегирад. Вақте дар бораи он сабаби қаввие, ки гузаштагони солеҳ ва некӯкори моро бар хилофи хостаҳои табиъиашон ба қабул кардани дини Ислом барангехт биандешем, ба ҷуз ду сабаб амри дигаре дар фаҳми мо намеояд. Ё хоҳиши дин ва умеди наҷот буд, ё талаби дунё ва моли дунё. Мо сабаби аввалро қабул мекунем, яъне асҳоби гиромӣ танҳо ба умеди наҷоти охират имон оварда ва барои ризои Худованд, тарки ватан ва дурӣ аз хостаҳои дунёӣ намуда буданд. Ин амр дар фикри мо намеояд, ки асҳоби гиромӣ гоҳе аз дини Ислом баргашта бошанд. Муҳаббати имон ва Ислом, ки дар дилҳои онҳо ҷойгир шуда буд, ҳатто аз хоҳишҳои дунявӣ ҳам ғолиб омад ва аз дилҳои онҳо берун нарафт. Ба таври дақиқ медонем, ки

касоне ки дар он ҳангом дини Исломро қабул карданд ва ба сабаби қабули дини Ислом азобу ранҷҳои зиёд кашиданд ва солҳои дароз дар ин ҳол умр ба сар бурданд ва аз дини Ислом ҳаргиз берун нашуданд ва то вақти марг ба дини ҳақ собитқадам буданд, ризоияти Худоро ёфтаанд.

Агар ба сабаби дуввум назар андозем ва гӯем, ки талаби дунё ва моли дунё сабаби мусалмон шудани он бузургмардон будааст, виҷдони мо бар мо маломат мекунад , ки тасаввури ин амр аз ақл дур аст. Касе, ки заррае имон, ақл ва фаҳму дониш дошта бошад, наметавонад чунин бардоштеро бипазирад, зеро дар аввали пайдоиши Ислом ба даст овардани мол ва сарвати дунё коре буд хеле душвор. Дар он вақт молу сарвати дунё дар ихтиёри расули Худо (с) набуд, ки касе ба хотири ба даст овардани он, дини Исломро қабул карда бошад. Бо таваҷҷӯҳ ба вазъияти он замон ҳар соҳибақл фикр мекард, ки қабулкунандагони Ислом зуд аз саҳнаи ҳастӣ нобуд карда хоҳанд шуд, зеро ин заъифон ва бечорагон, ки аз ин дин пайравӣ доранд, дар баробари ҳуҷуми душманонашон, ки шумораи онҳо хеле зиёд аст, соате беш мубориза карда наметавонанд.

***<u>Далели дуввум:</u>***

Агар дар зиндагии хулафои рошидин ва дигар муҳоҷирону ансор назар кунем ва равиши онҳоро дар ибодат ва муомилот баррасӣ намоем, моро боварии комил ҳосил мешавад, ки асҳоби гиромӣ ҳамеша пайрави Паёмбари худ буда ва хоҳишҳои нафсониро дар ҳеҷ коре дохил накарда ва

шабонарӯз дар талаби ризои Худо ва Расулаш зиндагӣ мекардаанд. Душманони асҳоб ҳам ин амрро рад намекунанд, ки Абубакр (р) ҳаққи рафоқати Паёмбари Худоро ба беҳтарин ҳолат иҷро намуд, ҷону моли худро бо ризоияти комил, тақдими он Ҳазрат (с) сохт. Кадом озор буд, ки куффор ба Паёмбару асҳоби гиромияш нарасониданд? Ва кадом азият буд, ки мушрикон ба эшон надоданд? Чун, кофирони Макка озор додани Паёмбари Худо (с) ва масхара кардани вайро оғоз намуданд, саҳобагони гиромии он Ҳазрат (с) аз вай пуштибонӣ карда ҳимояташ мекарданд ва барои даъват ба дини мубини Ислом, бо Паёмбар (с) якҷо шуда ва дар роҳи нашри арзишҳои дини Худо кушишҳои зиёд намуданд, ки ҳамаи онҳо дар саҳифаҳои таърих сабт шудааст.

Вақте Арабҳо ба таври умум ва Қурайш ба таври хос, барои озор додани Муҳаммад (с) камар бастанд, ёрони ӯ (с) худро сипари вай сохта ва дар ин роҳ фидокориҳои васфнопазире аз худ бар ҷой гузоштанд. Вақте он Ҳазрат (с) ба ҳиҷрат ва набард амр кард, асҳоби ӯ (с) аз кофирон азобҳои сахте кашиданд ва ғамҳои зиёде чашиданд. Пас бояд биандешем, ки агар муҳаббати Худо ва Расулаш дар дилҳои саҳобагони гиромӣ намебуд, чаро онҳо ҷону моли худро мебахшиданд ва чаро ин ҳама ранҷу азобро бар худ таҳаммул менамуданд?. Хуб бояд андеша кард, ки муҳаббати чӣ касе муҳоҷиронро аз хонаҳояшон берун карда ва муҳаббати чӣ касе ансорро омодаи ин ҳама фидокориҳо сохта буд?

Он вақтеро ба ёд оваред, ки мардум аз чаҳор тараф бо лафзҳои соҳир, маҷнун, шоъир ва ғайра

ба Паёмбар (с) мурочиъат мекарданд ва дили поки он Ҳазрат (с)-ро мехарошиданд ва дар ҳамин ҳол онҳоеро ба хотир оваред, ки дар чунин лаҳзаҳои ҳассос бо садои поку дилнавози: Эй Расули Худо (с) ва эй баргузидаи Худо (с) он Ҳазрат (с)-ро хитоб менамуданд ва қалби покашро тақвият медоданд. Ва низ он вақтеро ба ёд оваред, ки хешовандонаш ба он Ҳазрат (с) ситамҳо мекарданд, вале ёрони вафодораш синаҳои худро барои ӯ (с) сипар карда буданд. Ин воқеъиятҳо ба хубӣ собит месозанд, ки асҳоби киром (р) ба он Ҳазрат (с) чӣ қадар иззату эҳтиром доштанд.

Ростӣ, ҳеҷ андешаи солим ва дидаи беғараз он ҳама ранҷу сахтиҳое, ки ёрон ва саҳобагони Паёмбар (с) дар роҳи нашри арзишҳои дини Худо кашидаанд, инкор наменамояд. Пас онҳое, ки нисбат ба он насли хуҷаста забони худро бо таъну бадгӯӣ кушодаанд, ё ба воқеъиятҳои таърих низ бовар надоранд ва онҳоро таҳриф (каҷ) менамоянд, ки ин нишонаи куфр ва душмании онҳо ба дини Худо ва пайравони ростини он мебошад ва ё аз андешаи солим ва мантиқи ақл бебаҳраанд.

Албатта, манзур ҳамон худнамоёне мебошанд, ки бо номи таҳлили зиндагонии саҳобагон ва ҳаводиси садри Ислом мехоҳанд бар асли дини Худо зарба ворид созанд ва бо номи муҳаббати хонадони Расули акрам (с) рисолати илоҳии он Ҳазрат (с)-ро зери суол мегузоранд, на он бегонагоне, ки бо барномаҳои пурҳаҷм ва печидае, ҳавзаи тамаддуни исломиро мавриди таҳоҷуми фарҳангии хеш қарор додаанд.

Касе бо чашми инсоф ва беғараз ба ин воқеъиятҳои таърихи садри Ислом ва гузашту

ҷонбозиҳои саҳобагони он Ҳазрат (с) назар афканад, фазли бузрг ва ҷойгоҳи онҳоро дар назди Худо ва корнамоиҳояшонро дар сафаҳоти таърих хоҳад дид.

Имрӯз ҳарчанд ҷону моли худро дар роҳи Худо бахшем ҳам фазилати асҳоби Паёмбар (с)-ро нахоҳем ёфт. Агар тамоми рӯи замин аз молу сарват пур гардад ва шахсе ҳамаи ин молу сарватро дар роҳи Худо бахшад, ҳаргиз ба фазилате, ки асҳоби «Бадр» ё асҳоби «Байъати Ризвон» доранд, намерасад.

Ростӣ, дар ин воқеъиятҳои таърихӣ ва корнамоиҳои Паёмбар (с) шак кардан ва забон ба таън ва бадгӯии онҳо кушудан ба маънои шак кардан дар муваффақияти рисолат ва ӯҳдабароии он Ҳазрат (с) дар шинохт, интихоб ва тарбияи саҳобагони худ мебошад. Ба маънои он аст, ки Расули Худо (с) дар анҷоми рисолати илоҳии худ ва ба насли комил ва омодае таҳвил додани бори амонати илоҳӣ ноком ва бебарор мондааст, ки Худо аз чунин иртидоде ва шакки дар рисолат паноҳ диҳад.

***<u>Далели саввум:</u>***

Ин ҳақиқатро касе наметавонад рад кунад, ки дар замоне, ки Паёмбар (с) ба рисолат расиданд, аксарияти мардум парастиши Худоро инкор мекарданд ва дар ибодати Худо ширк меварзиданд ва роҳи ибодатро фаромӯш карда буданд. Дар дини Иброҳим (а) дигаргуниҳо эҷод мекарданд ва монанди дарранда бо ҳам меҷангиданд аз илму ҳикмат бенасиб гашта, ахлоқи хубро раҳо карда буданд. Барои аз байн бурдани ҳамаи ин бадбахтиҳо

Худованд он сарвари анбиё (с)-ро ба паёмбарӣ мушарраф гардонид, то бандагони Худоро дарси тавҳид биомӯзад ва аз палидии ширк пок сохта тариқаи ибодати Худоро ба онҳо ёд диҳад ва асли миллати иброҳимиро зинда гардонида ва ахлоқи хубро дар байни мардум ривоҷ диҳад ва ин ҳама чизҳое, ки гуфта шуд дар асоси усули мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат рост меояд, зеро касоне, ки дар рӯ ба рӯи он Ҳазрат (с) имон овардаанд, яъне асҳоби Паёмбар (с), дар имон ба дини Ислом комил буданд, замири онҳо бо забонашон як буда ва то вақти марг дар ин роҳ устувор мондаанд. Муҳаммад (с) дар иҷрои фароизи худ аз ҳамаи паёмбарон муваффақтар аз дунё гузашт ва ошкор аст, ки ин боварӣ нисбати ин бузургворон дар бораи саҳобаҳои гиромӣ аз хусусиятҳои аҳли суннат мебошад.

Ва агар дар бораи ёрони Паёмбар (с) эътиқод карда шавад, ки онҳо ба зоҳир Ислом оварда буданд ва дар ботин ҳама «наъузу биллоҳ» чунон набуданд ва баъд аз вафоти он Ҳазрат (с) ҳамаи онҳо аз дин баргаштанд чуноне, ки бадгӯёни асҳоби Паёмбар (с) мегӯянд, дар ин сурат ба кадом забон метавон гуфт, ки мақсади Худованд аз Паёмбар (с) шудани он Ҳазрат (с) ҳосил шудааст ва аз ҳидояти Муҳаммад (с) фоидае ба халқи Худо расидааст.

Агар саҳобагони гиромӣ ҳамон насли имондор ва нашркунандаи асосҳои тавҳид ва арзишҳои инсонӣ дар рӯи замин набошанд, пас Исломро, кӣ қабул кард ва аз таълими Паёмбар (с) чӣ касе манфиъат бурд? Кӣ бо он Ҳазрат (с) ширкро тарк карда ва худопараст шуд ва мардуми куҷо ибодат

карданро аз он Ҳазрат (с) омӯхтанд?. Дини Муҳаммад (с)-ро киҳо густариш дода ва имонро дар тамоми дунё пахш намуданд?

***Далели чаҳорум:***

Ҳама медонад, ки агар шахсе дар хоб ба зиёрати он Ҳазрат (с) мушарраф шавад, барои он шахс ин як навъ саодат аст. Ҳатто ба сӯҳбати шахсияти бузурге нишастан барои одамизода мояи ифтихор ва пурмаънотарин лаҳзаҳои ҳаёти ӯ ба шумор меравад. Пас бояд биандешем, ки он бузургмардон солҳои дароз ва шабу рӯз дар сӯҳбати Паёмбар (с) ҳозир буда, ҳар лаҳза ва ҳар соат ба дидори он Ҳазрат (с) мушарраф мешуданд ва дар ҳар шодию ғам шарики он Ҳазрат (с) буда ва дар нусрат ва ёрӣ додан дар интишори дини Ислом, он Ҳазрат (с)-ро ҳамроҳӣ мекарданд.

***Назми мавлоно Ҷомӣ:***

*Аз ватанҳо муҳоҷират карданд,*
*Бар аламҳо мусобират карданд.*
*Дар сафар ҳамрикоби ӯ буданд.*
*Дар ҳазар ҳамхитоби ӯ буданд.*

*Ҳама осори ваҳй дида аз ӯ,*
*Ҳама асрори дин шунида аз ӯ.*
*Бо Набӣ дар шадоиди аҳвол,*
*Базли арвоҳ кардаву амвол.*

*Пояи дин баланд аз имон шуд,*
*Кори шаръ арҷманд аз имон шуд.*
*Разияллоҳу анҳум аз сӯи ҳақ,*
*Пайи эшон башорати мутлақ.*

Дар сӯҳбати сайиди анбиё (с) будан чунон фазилате аст, ки ҳеҷ фазилате ба он баробар шуда наметавонад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки фазилатҳои дигар низ бар фазилатҳои асҳоби гиромӣ изофа шудаанд, мақому фазилати онҳо «*Разияллоҳу анҳум*» баланду олӣ аст.

## *ДАР БОРАИ МАЪНОИ КАЛИМАИ ОЛ*

Дар китоби «Сиҳоҳ», қомуси арабӣ ба арабии Исмоил ибни Ҳимоди Ҷавҳарӣ, калима ё вожаи ол, чунин баён гардидааст: «Ол-ар-раҷул: Аҳлуҳу ва ъаёлуҳу ва атбоъуҳу, яъне оли мард, аҳлу аёл ва пайравонаш мебошанд. Олимони луғатшинос менависанд, ки оли ҳар шахс он касонеанд, ки муомилоташон ба он шахс баргардад. Мақсад он ки лафзи ол ба маънои пайравикунанда аст. Хулосаи калом ин, ки калимаи ол дар забони арабӣ васеътар аз маънои фарзандон ва аҳли хонавода ва насли шахс ба кор рафтааст. Дар Қуръони маҷид калимаи ол дар оятҳои бисёре ба маънои «пайрав ва тобеъ», омадааст.

***Худованд мефармояд:***

وَإِذْ نَجَّيْنَٰكُم مِّنْ ءَالِ فِرْعَوْنَ يَسُومُونَكُمْ سُوٓءَ
ٱلْعَذَابِ يُذَبِّحُونَ أَبْنَآءَكُمْ وَيَسْتَحْيُونَ نِسَآءَكُمْ ۚ وَفِى
ذَٰلِكُم بَلَآءٌ مِّن رَّبِّكُمْ عَظِيمٌ ﴿٤٩﴾

***«Ва (ба ёд оред) он замонеро, ки шуморо аз оли (пайравони) Фиръавн раҳонидем, шуморо шиканҷаҳои сахт мекарданд, писаронатонро мекуштанд ва занонатонро зинда мегузоштанд. Ва дар ин озмоише бузург аз сӯи Парвардигоратон буд».***

*(Сураи Бақара, ояти 49)*

Худованд дар ин оят пайравони Фиръавнро оли фиръавн гуфтааст. Аллоҳ дар ояти дигар фармудааст:

فَأَخَذْنَٰهُ وَجُنُودَهُۥ فَنَبَذْنَٰهُمْ فِى ٱلْيَمِّ ۖ فَٱنظُرْ كَيْفَ كَانَ عَٰقِبَةُ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٤٠﴾

***«Пас, ӯ ва лашкарҳояшро гирифтем ва ба баҳр афкандем. Бингар, ки оқибати кори ситамкорон чи гуна будааст»***

*(Сураи Қасас, ояти 40)*

Ҳамон ибораи оли Фиръавн дар ин оят бо ибораи лашкари Фиръавн тафсир шудааст. Инчунин дар Қуръони маҷид фарзандоне, ки тобеъ ва пайрави падар набошанд, аз аҳлияти он падар хориҷ карда шудааст. Дар қиссаи ҳазрати Нӯҳ (а) омадааст:

وَنَادَىٰ نُوحٌ رَّبَّهُۥ فَقَالَ رَبِّ إِنَّ ٱبْنِى مِنْ أَهْلِى

وَإِنَّ وَعۡدَكَ ٱلۡحَقُّ وَأَنتَ أَحۡكَمُ ٱلۡحَٰكِمِينَ ﴿٤٥﴾ قَالَ يَٰنُوحُ إِنَّهُۥ لَيۡسَ مِنۡ أَهۡلِكَۖ إِنَّهُۥ عَمَلٌ غَيۡرُ صَٰلِحٖۖ فَلَا تَسۡـَٔلۡنِ مَا لَيۡسَ لَكَ بِهِۦ عِلۡمٌۖ إِنِّيٓ أَعِظُكَ أَن تَكُونَ مِنَ ٱلۡجَٰهِلِينَ ﴿٤٦﴾

***«Нӯҳ, Парвардигорашро нидо дод: «Эй Парвардигори ман, писарам аз хонадони ман буд ва ваъдаи Ту ҳақ аст ва нерӯмандтарини ҳукмкунандагон Ту ҳастӣ» Гуфт: «Эй Нӯҳ, ҳаройна, ӯ аз хонадони ту нест (яъне ӯ аз ҷумлаи касоне нест, ки онҳоро наҷот медиҳем), албатта, вай амали солеҳ нест (зеро, ки ӯ кофир аст). Аз сари ноогоҳӣ аз Ман чизе махоҳ, Панд медиҳам туро, ки аз мардуми нодон набошӣ».***

*(Сураи Ҳуд, оятҳои 45-46)*

Худованд ба ҳазрати Нуҳ (а) ваъда фармуда буд, ки эй Нуҳ ту ва аҳл (хонадонат)-ро аз ғарқ шудан ҳифз хоҳам кард. Чун писари Нуҳ (а) аз падари худ пайравӣ накард, кофир шуда ғарқ гашт. Нуҳ (а) фарёд кард:

- Худовандо, писари ман аз аҳли ман, яъне аз хонаводаи ман аст ва ваъдаи Ту рост аст. Худо фармуд:

- Эй Нуҳ, писари ту ба сабаби амалҳои ғайри солеҳ аз аҳли ту нест.

Маълум шуд, ки шарти аслии оли Паёмбарон

қарор гирифтан, имон доштан ба он паёмбарон, аз онҳо пайравӣ кардан ва амали солеҳ анҷом додан аст ва пайвандҳои насабиро дар он эътиборе нест. Чуноне, ки Абдураҳмони Ҷомӣ гуфтааст:

*Бандаи ишқ шудӣ тарки насаб кун Ҷомӣ,*
*Ки дар ин роҳ фалон ибни фолон чизе нест.*

***Ва низ дар Қуръони маҷид омадааст:***

إِنَّ أَوْلَى النَّاسِ بِإِبْرَاهِيمَ لَلَّذِينَ اتَّبَعُوهُ وَهَٰذَا
النَّبِيُّ وَالَّذِينَ آمَنُوا ۗ وَاللَّهُ وَلِيُّ الْمُؤْمِنِينَ ﴿٦٨﴾

***«Наздиктарини мардум ба Иброҳим, ҳамон пайравони ӯ ва ин паёмбар ва мӯъминон ҳастанд. Ва Худо ёвари мӯъминон аст».***

*(Сураи Оли Имрон, ояти 68)*

Абуҷаҳл бо вуҷуди он, ки аз насли ҳазрати Иброҳим (а) буд, аз дини ҳазрати Иброҳим хориҷ аст, вале ҳазрати Билол, ки ҳабашӣ аст ва ҳеҷ робитаи насабие бо ҳазрати Муҳаммад (с) надорад, лекин вақте ба ӯ имон оварد ва аз вай пайравӣ кард, наздиктарин шахс ба он Ҳазрат (с) гардид.

Хулоса, ба ин маъно, ки ҳар касе пайравии шахсеро кунад он кас оли он шахс аст, дар китоби Худо оятҳои хеле зиёде омадааст. Ва касе, ки аз пайравӣ кардани Паёмбар баҳрае надорад, агарчи писари Паёмбар ҳам бошад, аз оли ӯ хориҷ аст. Аз ин баррасӣ ва таҳқиқ маълум шуд, ки ол ба маънои

фарзандон нест, балки ба маънои пайравикунандагон аст. Аз ин ҷиҳат асҳоби гиромӣ ба таври мушаххас дарбаргирандаи оли Расулуллоҳ (с) ҳастанд. Бинобар ин, дар дурудҳои намоз, ба лафзи ол иктифо намуда ва зикри асҳоб нашудааст.

## *ШИНОХТИ ТАБАҚАҲОИ САҲОБАГОН*

Худованд ҷойгоҳ ва бузургии мақоми саҳобагони Расули акрам (с)-ро бар асоси ду марҳалаи муҳимми рисолат: Қабл аз фатҳи Макка ва баъд аз фатҳи Макка ҷудо намудааст, вале асҳоби ҳар ду табақаро подоши нек ва дараҷоте ваъда намудааст, он ҷо, ки мефармояд:

... لَا يَسْتَوِي مِنكُم مَّنْ أَنفَقَ مِن قَبْلِ الْفَتْحِ وَقَاتَلَ ۚ أُولَٰئِكَ أَعْظَمُ دَرَجَةً مِّنَ الَّذِينَ أَنفَقُوا مِن بَعْدُ وَقَاتَلُوا ۚ وَكُلًّا وَعَدَ اللَّهُ الْحُسْنَىٰ ۚ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿١٠﴾

***«Аз миёни шумо бо онҳое, ки пеш аз фатҳ (фатҳи Макка) инфоқ ва мубориза намудаанд, баробар намебошад. Дараҷа (ва ҷойгоҳи) онҳо аз касоне, ки пас аз фатҳ инфоқ ва мубориза намудаанд, бузургтар мебошад ва Худо ҳар ду табақаро ваъдаи некӯ намудааст. Ва Худо ба он чӣ анҷом медиҳед огоҳ аст».***

*(Сураи Ҳадид, ояти 10)*

Олимони ин соҳа мавқеъият ва ҷойгоҳи саҳобагонро ба шаклҳои гуногун табақабандӣ кардаанд ва машҳуртаринашон гуфтаи Имом Ҳоким аст, ки ҷойгоҳи саҳобагонро ба дувоздаҳ мақом табақабандӣ кардааст:

***1.*** *Саҳобагоне, ки дар Маккаи мукаррама аз ҳама пештар Ислом овардаанд, монанди чаҳор ёри Паёмбар (с).*

***2.*** *Саҳобагоне, ки пеш аз машварат кардани мардуми Макка дар «Дорун-надва» (Маҷлисгоҳ), мусалмон шудаанд.*

***3***. *Саҳобагоне, ки ба сарзамини Ҳабаша ҳиҷрат карда буданд.*

***4.*** *Иштирокчиёни байъати якуми Ақаба.*

***5.*** *Иштирокчиёни байъати дуюми Ақаба.*

***6.*** *Аввалин муҳоҷироне, ки бо Расули Худо (с) дар «Қубо», пеш аз ворид шудани он Ҳазрат (с) ба Мадинаи мунаввара, ҳамроҳ шуданд.*

***7.*** *Иштирокчиёни «Ғазваи Бадр».*

***8.*** *Саҳобагоне, ки дар байни «Ғазваи Бадр» ва «Сулҳи Ҳудайбия» ҳиҷрат кардаанд.*

***9.*** *Иштирокчиёни «Байъати Ризвон» дар Ҳудайбия.*

***10.*** *Саҳобагоне, ки дар байни «Сулҳи Ҳудайбия» ва «Фатҳи Макка» ҳиҷрат кардаанд.*

***11.*** *Саҳобагоне, ки дар «Фатҳи Макка» исломро қабул кардаанд.*

***12.*** *Кӯдакон ва ноболиғони мусалмононе, ки рӯзи «Фатҳи Макка» ва дар «Ҳаҷҷатул видоъ» ба дидори Паёмбар (с) мушарраф гаштаанд.*

## СИТОИШИ УЛАМО ДАР ФАЗИЛАТИ САҲОБАГОН

*Ситоиши уламо дар ҳаққи саҳобагони Расули Худо (с) на аз барои далел гирифтан аст, балки он саҳобагонро Худованд дар Қуръони карим ва Паёмбар (с) дар ҳадисҳояшон хеле ва хеле ситоиш кардааст, балки ин ситоиши уламо бар саҳобагон аз ҷиҳати дӯстдориашон будааст, ки Имом Нававӣ фармудааст:* ***Абузаръаи Розӣ мегӯяд: Агар касеро дидӣ, ки аз расули Худо (с) бадгӯӣ мекунад бидон, ки зиндиқ ва бедин аст, зеро дар назди мо Паёмбар (с) ҳақ аст ва Қуръон ҳақ аст ва ин Қуръону Суннатро, Расулуллоҳ (с) ва саҳобагони Расулуллоҳ (с) ба мо расонидаанд, аммо бадгӯён ва носазогӯёни Паёмбару асҳоби гиромияш мехоҳанд шоҳидони моро ботил гардонанд, то Китоб ва Суннатро ботил кунанд, дар ҳоле, ки худ ботил ва беасос мебошанд, зеро онҳо бедин ҳастанд.***[19]

*Имом Аҳмад ибни Ҳанбал дар чанд ривояте аз ӯ дар мазҳаби рофизиён аз Абдулмалик ибни Абдулҳамид нақл карда шудааст, ки гуфтааст: Шунидам Абдуллоҳро, ки мегуфт:*

***Ҳар касе саҳобагони Расули Худоро ба монанди рофизиён бадгӯӣ намояд, тарси он дорам, ки кофир бошад. Сипас гуфтааст: Ҳар касе саҳобагони Расулуллоҳ (с)-ро бадгӯӣ намояд аз дин хориҷ шудааст.***[20]

*Хатиби Бағдодӣ дар китоби «ал-Кифоя» дар*

---

[19] . *Ал-кифоя 49.*

[20] . Ас – суннатул – Халхол 1-4 -493

*бораи адолати саҳобагон гуфтааст:* ***Он чизе, ки Худованд ва Расулаш дар мавриди адолати саҳобагон гуфтаанд, дигар ҳеҷ эҳтиёҷе надорад, ки аз онҳо суол карда шавад, балки ба ғайр аз саҳобагон касеро, ки иснооди ҳадис ба вай расида бошад, ба он (ҳадис) амал кардан лозим нест, магар баъди таҳқиқ намудани садоқату адолати он шахс. Аммо дар мавриди саҳобагони гиромӣ бошад, адолати онҳоро Худованди бузургу тавоно, дар Қуръони карим, худаш собит кардааст.***

Имом Молик дар ситоиши саҳобагон фармудааст: ***Касе саҳобагони Паёмбар(с)-ро бадгӯӣ кунад, ҳеҷ баҳрае аз дин надорад ва ё гуфтааст, ҳеҷ саҳме дар дини Ислом надорад.***

*Ҳазрати Алӣ (р) гуфтааст:* ***Ҳеҷ касе маро бар Абубакр ва Умар бартарӣ надиҳад, вагарна, барои тӯҳмат ӯро дурра мезанам.***

*Шахсе аз Алӣ(р) пурсид:* ***Кист он хулафои рошидин? Дар хутбаҳоят доимо мешунавем, ки мегӯӣ: Худовандо! Моро ислоҳ кун ба он чӣ ислоҳ кардӣ хулафои рошидинро. Чашмони Алӣ (р) пури об шуду гуфт: Он ҳар ду Абубакр ва Умар, дӯстони ман, ки имомони ҳидоят ва шайхони дар Ислом ва мардони Қурайш ҳастанд. Ҳар касе ки бошад аз онҳо пайравӣ кунад ва ба онҳо чанг бизанад, зеро онҳо дар ҳизби худовандӣ ва ҳидоятшудагони ба роҳи рост ҳастанд.***

*Аз Абдуллоҳ, ки лақабаш (Ан-нафсуз-закийя) аст, пурсида шуд:* ***Оё шумо дар болои маҳсӣ масҳ мекашед? Абдуллоҳ дар ҷавоб гуфт: Масҳ мекашам ва Умар ҳам масҳ кашидааст.***

***Боз ҳамон марди саволкунанда пурсид: Ман аз худат мепурсам, ки ту масҳ мекашӣ? Абдуллоҳ гуфт: Ман туро аз Умар хабар медиҳам ва ту бошӣ аз худи ман мепурсӣ ва ҳол он ки Умар аз ман ва аз тамоми ҳамонандони ман дар рӯи замин беҳтар аст.***

*Шахсе ба назди Зайналобидин омада гуфт:* **Бароям аз Абубакр(р) маълумот бидиҳед. Зайналобидин гуфт: Аз Сиддиқ? Он мард гуфтааст: Ба Сиддиқ номаш гирифтӣ? Зайналобидин гуфт: «Модарат бар ту нола кунад», ӯро Паёмбар (с), муҳоҷирон ва ансор, Сиддиқ номидаанд ва ҳар касе, ки ба Сиддиқ номаш намегирад, гуфтаҳои Худовандро дар дунё ва охират тасдиқ накардааст. Пас, бирав ва Абубакру Умарро дӯст бидор.**

*Ҷаъфар ибни Муҳаммад мефармояд:* ***Худовандо! Ман Абубакр ва Умарро пешвои худ гирифтаам ва дӯсташон медорам ва агар дар дилам ғайр аз ин чизи дигаре бошад, пас, маро дар рӯзи қиёмат аз шафоъати Паёмбар (с) бенасиб гардон.***

*Ҷаъфари Содиқ гуфтааст:* **Касе ки аз Абубакр(р) ва Умар(р) безорӣ кунад, ман аз он шахс безорам.**

## АВВАЛИНҲОИ ДАР ИСЛОМ ВА ...

Аввалин зане, ки имон овардааст он ҳам модари мӯъминон Хадиҷа (р) духтари Хувайлид мебошад.

Аввалин марди озоде, ки Исломро

пазируфтааст Абубакри Сиддиқ (р) мебошад, ки Паёмбар (с) дар шаъни ӯ фармудааст: *Ҳар касеро ба Ислом даъват кардам, як нобоварӣ ва дудилагӣ дар дилаш дошт, ба ғайр аз Абубакр, ки бидуни шакку дудилагие Исломро пазируфт.*

Аввалин ноболиғе, ки Ислом овардааст, Алӣ (р) мебошад. Ҳар вақте Паёмбар (с) дар вақтҳои намоз ба сӯи кӯҳҳои Маккаи мукаррама баҳри адои намоз мерафт, Алӣ (р) пинҳонӣ аз падараш ҳамроҳаш мерафт. Дар он вақт даҳсола буд, ки намозҳояшро ҳамроҳи Паёмбар (с) хонда ва бегоҳ ба хона бармегаштанд.

Аввалин шахсе, ки Қуръонро дар Маккаи мукаррама, бо садои баланд, назди роҳбарони Қурайш тиловат кардааст, Абдуллоҳ ибни Масъуд мебошад.

Аввалин шаҳид дар Ислом Сумайя бинти Хуббот (модари Аммор (р)) мебошад.

Аввалин хатибе, ки ба сӯи Худо ва Расулаш даъват мекард, Абубакри Сиддиқ (р) мебошад.

***Аввалин хона барои даъвати Ислом, хонаи Арқам ибни Абуарқам аст, ки дар кӯҳи Сафо воқеъ мебошад. Паёмбар (с) дар ҳамин хона нишастҳои даъватӣ ва вохӯрӣ бо ёронашонро доир мекарданд. Вақте ададашон ба чиҳил нафар расид, даъваташонро ошкоро эълон доштанд.***

Аввалин шахсе, ки ба Ҳабаша ҳиҷрат кардааст, Усмон ибни Аффон (р) бо ҳамроҳии ҳамсараш Руқия духтари Паёмбар (с) мебошад. Дар ривояте, аз Расули Худо (с) омадааст: *Баъди ҳазрати Лут (а), Усмон (р) аввалин шахсе мебошад, ки бо ҳамасараш ҳиҷрат кардааст.*

Аввалин шахсе, ки аз қабилаи Махзум ба Ҳабаша ҳиҷрат кардааст, Абусалама ибни Абдуласад, ҳамроҳи ҳамсараш, Умми салама духтари Абуумайя мебошад.

Аввалин навзод дар Ҳабаша, Абдуллоҳ ибни Ҷаъфари писари Абутолиб (р) аст.

Аввалин шамшери машҳур дар Ислом, шамшери Зубайр ибни Аввом(р) аст.

Аввалин сафир дар Ислом, Мусъаб ибни Умайр (р) мебошад, ки ӯро Паёмбар (с) ба намояндагӣ аз тарафи худ, ба Мадинаи мунаввара барои омода сохтани ансор ба қабул кардани муҳоҷирон ва таълим додани онҳо аз умури динашон фиристодааст. Ӯ дар адои ин масъулияташ пирӯзу комёб шудааст.

Аввалин шахсе, ки хонаашро масҷид гирифта дар он намоз мехонд, Аммор ибни Ёсир (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки масҷиди набавиро таъмир кардааст, Усмон ибни Аффон (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки аз ансор(аҳли Мадинаи мунаввара) Исломро пазируфтааст, Асъад ибни Зурораи ансорӣ (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки дасташро болои дасти Паёмбар (с) дар шаби байъати Ақабаи дуввум гузоштааст, Баро ибни Маърур (р) мебошад.

Аввалин зани муҳоҷир ба Мадинаи мунаввара, Умми Салама бинти Абуумайя мебошад.

Аввалин хонае, ки Паёмбар (с) дар Мадинаи мунаввара дар он сукунат кардааст, хонаи Абуайюби ансорӣ (р) мебошад.

Аввалин навзод дар Мадинаи мунаввара, Абдуллоҳ ибни Зубайр аст, ки дар батни (шиками)

модараш Асмо бинти Абубакр (р) буд ва ӯ дар саҳрои байни Макка ва Мадина, ҳамроҳи дигар муҳоҷирон роҳро тай мекард, то ин ки ба Мадинаи мунаввара расида қарор гирифтанд. Вақте Абдуллоҳ ба дунё омад, ба назди Паёмбар (с) оварда шуд. Паёмбар (с) ӯро бӯсид ва аз оби даҳони муборакаш ба даҳони навзод гузошт ва аввалтарин чизе, ки ба шиками навзод рафт, оби даҳони мубораки он Ҳазрат (с) буд.

Аввалин муҳоҷире, ки дар мадинаи Мунаввара вафот кардааст, Усмон ибни Мазъун (р) мебошад.

Аввалин муҳоҷире,ки дар қабристони Бақиъ дафн шудааст, он ҳам Усмон ибни Мазъун (р) аст.

Аввалин «Сарийя» (набарде, ки дар он Паёмбар (с) иштирок накардааст), ки мусалмонон барои ҷанг хориҷ шудаанд, дар он Ҳамза ибни Абдулмутталиб фармондеҳӣ кардааст.

Аввалин муаззини дар Ислом, Билол ибни Рабоҳи Ҳабашӣ (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки пеш аз маргаш хондани ду ракаъат намозро шурӯъ кардааст, Хубайб ибни Адий (р) мебошад. Пеш аз он, ки мушрикон ӯро ба чубаи дор овезанд, ду ракаъат намоз гузоридааст.

Аввалин шахсе, ки аз умматони Муҳаммад (с) дохили ҷаннат мегардад, Абубакри Сиддиқ (р) мебошад, ки Паёмбар (с) дар шаъни ӯ гуфтааст: *Ту аввалин шахс аз умматам ҳастӣ, ки дохили биҳишт мешавӣ.*

Аввалин шахсе,ки дар як ракаъати намоз Куръонро хатм кардааст, Усмон ибни Аффон (р) мебошад.

Аввалин набарди лашкар бо лашкар, дар байни мусалмонон ва лашкари Рум, набарди Муъта мебошад.

Аввалин шахсе, ки дар масҷид чароғро рӯшан кардааст, *Тамим ибни Авс* (р) мебошад.

Аввалин халифа дар Ислом, *Абубакри Сиддиқ (р)* аст, ки ӯро баъди вафоти Паёмбар (с) дар «Сақифаи бани Соъида» (номи маконе) барои хилофат байъат карданд.

Аввалин шахсе, ки Куръонро ҷамъоварӣ кардааст, *Абубакри Сиддиқ (р)* мебошад.

Аввалин шахсе,ки мардумро дар мавсими Ҳаҷ, барои адои маносики ҳаҷҷашон, роҳбарӣ кардааст, Абубакри Сиддиқ (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки ба лақаби «Амиралмӯъминин» хонда шудааст, Умари Форуқ (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки мардумро барои шабзиндадорӣ, дар шабҳои моҳи шарифи Рамазон ҷамъ овардааст, Умари Форуқ (р) мебошад.

Аввалин шахсе,ки таърихро аз ҳиҷрати Паёмбар (с) навиштааст, Умари Форуқ (р) мебошад.

Аввалин шахсе,ки дар вазифааш барои огоҳ шудан аз аҳволи мардум шабгардӣ мекард ва ҳангоми набудани зердастонаш дар шаб, аз онҳо пурсон мешуд, он ҳам Умари Форуқ (р) мебошад.

Аввалин шахсе, ки дар масҷид бурё фарш кардааст, Умари Форуқ (р) мебошад.

Аввалин саҳобае, ки дар шаҳри Куфа дафн шудааст, Хабоб ибни Арат (р) мебошад.

## *АВВАЛИНИ САҲОБАГОН ДАР ИСЛОМ ВА ОХИРИНАШОН ДАР ТАРКИ ДУНЁ*

Аввалин қабулкунандагони даъвати Паёмбар (с) ва нахустин пайравони Ислом аз мардон, ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р), аз занон, модари мӯъминон ҳазрати Хадиҷа бинти Хувайлид(р), аз ноболиғон, ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (р) ва аз ғуломон, ҳазрати Билол ибни Рабоҳ (р) мебошанд.

Ибни Аббос, Ҳасан, Шаъбӣ ва Нахаъӣ (р) чунин гуфтаанд ва ба ин гуфтаҳо, ривояти Муслим аз Амр ибни Аббос, дар қиссаи Ислом оварданаш далолат мекунад. Вақте аз Расули Худо (с) мепурсад: *Кист ҳамроҳат? Гуфтааст: «Як озоду як ғулом».*

Амр ибни Аббос гуфтааст: Дар он замон ҳамроҳи Паёмбар (с) Абубакр ва Билол буданд.

Ибни Салоҳ гуфтааст: Беҳтараш ин аст, ки гӯем: Аз мардони озод Абубакр(р) ва аз ноболиғон Алӣ(р) ва аз занон Хадиҷа(р) ва аз ғуломони озодшуда Зайд(р) ва аз ғуломони озоднагашта Билол(р), аввалин касонеанд, ки Ислом овардаанд.

Дар мавриди охирини саҳобае, ки аз олам чашм пӯшидааст, Имом Муслим дар Саҳеҳаш, Абутуфайл Омир ибни Восилаи Лайсиро ном мебарад. Вай дар соли садуми ҳиҷрӣ вафот кардааст. Ҳарчанд дар баъзе ривоятҳо соли вафоти ӯро яксаду дуввум, яксаду ҳафтум ва ё яксаду даҳуми ҳиҷрӣ мешуморанд, лекин аз охирин саҳобагон будани ӯ саҳеҳ ва дуруст аст.

## АДАДИ САҲОБАГОН

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Каъб ибни Молик ривояте, дар бораи ақибмонияшон аз набарди Табук ривояте омадааст, ки дар он гуфтааст: Саҳобагони Расули Худо (с) бисёр ҳастанд, ки ададашон дар як китоб ҷой намешаванд, лекин дар баъзе ҳолатҳое, ки ба шакли дастаҷамъӣ иштирок кардаанд, монанди «Ғазваи Табук» ва «Ҳаҷҷи видоъ», мумкин, ки шуморида шуда бошанд.

Ал-Ироқӣ гуфтааст: Ҷамъоварӣ ва ҳисобгирии шумораи саҳобагони Расули Худо (с) имконнопазир буд, зеро онҳо дар тамоми гӯша ва канори рӯи замин паҳн шуда буданд.

## САҲОБАГОН ВА ДОНИШАШОН

Барои саҳобагони Расулуллоҳ (с) ҳар воқеае, ки пеш меомад ва ё ҳукми Худоро дар кадом чизе фаҳмидан мехостанд, ба назди Расули Худо (с) омада, онро мепурсиданд. Барои Паёмбари Худо (с), агар дар баробари суолоти саҳобагон барояш ваҳй нозил мешуд, ба онҳо тибқи ваҳйи нозилшуда посух медод. Дар ҳолати мувофиқи он саволҳои пешниҳодшуда нозил нагаштани ваҳйи илоҳӣ, Паёмбар (с) иҷтиҳод

мекарданд ва ба саволҳои пешниҳодшуда, ҷавоби мувофиқ медоданд. Ва дар ҳолате, ки ба он саҳобагон пурсидани саволе аз Паёмбар (с) муяссар намегашт, ҳукми он суолро ё ҳадисҳои ношунидаро, яке аз дигаре мепурсиданд ва ҳамаи онҳо дар илму дониш баробар набуданд. Масалан ба монанди донистани ҳукми тайяммум, ки Аммор (р) ва дигар саҳобагон аз он бохабар буданд, лекин ҳазрати Умар (р) ҳукми онро хабар надошт. Инчунин ҳукми масҳ кашидан, ки Алӣ (р) ва Ҳузайфа (р) онро медонистанд, аммо Оиша (р), ибни Умар (р) ва Абуҳурайра (р) аз он хабардор набуданд. Мардумоне, ки дар шаҳрҳои дур аз Мадина истиқомат мекарданд ба назди он саҳобагоне, ки аз ҳузури Паёмбар(с) меомаданд, омада ва масоили муҳимро аз онҳо мепурсиданд.

Пас аз вафоти Паёмбар (с), салоҳияти фатводиҳӣ дар ҳукмҳои шаръӣ, ба хулафои рошидин ва бузургони саҳоба вогузор гашт. Аз ин ба баъд илми фиқҳ рӯз то рӯз васеъ шудан гирифт, чунки дини мубини Ислом дар шарқу ғарби рӯи замин канораҳои худро то рафт паҳн мекард. Ва ҳамаи он дастпарвардагони Расули Худо (с) дар шаҳрҳои дуру наздики қаламрави Ислом, аз рӯи дастуроти қуръонӣ ва суннати набавӣ, барои барқарор намудани адолати илоҳӣ, машғули кору фаъолият буданд.

Ҳукмҳои лозима ва саволҳои пайдошударо, мувофиқи он чи, ки аз Қуръони карим ва суннати Паёмбар (с) омӯхта буданд, ҳукм мебароварданд ва саволҳоро посух медоданд. Агар ҳукмеро ва ё посух ба саволеро аз Қуръон ва суннат пайдо намекарданд, тамоми кӯшиши худро ба харҷ дода,

иҷтиҳод мекарданд, то дар зимни усули куллӣ ва тибқи мақосиди Қуръон ва суннат барои мардум ваҷҳи шаръии онро муайян созанд. ***Аҳди хулафои рошидин ва бузургони саҳоба, даврони тиллоии Ислом ба шумор меравад. Он дорои низому тақво ва назму оромиш буда, дар он амнияти комил барқарор буд. Ҳамдигарфаҳмӣ ва робитаи устувор байни раъият ва ҳокимон дида мешуд. Хело кам ба назар мерасид, ки назарияи мардум бо назарияи ҳокимон мухолифат дошта бошад. Ҳофиз ибни Касир ва чанде дигарон аз Имом Аҳмад нақл кардаанд, ки он саҳобагоне, ки ҳадисҳои ривояткардаашон аз ҳазор бештар аст, шаш нафар мебошанд: Аз ҷумлаи онҳо, Анас ибни Молик, Абдуллоҳ ибни Умар, модари мӯъминон Оиша (р), Абдуллоҳ ибни Аббос, Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва Абуҳурайра мебошанд, ки Худованд аз ҳамаи онҳо розиву хушнуд бод. Абуҳурайра (р) 5364 ҳадис, Абдуллоҳ ибни Умар (р) 2630 ҳадис, Анас ибни Молик (р) 2286 ҳадис, Оишаи Сиддиқа (р) 2210 ҳадис, Абдуллоҳ ибни Аббос (р) 1660 ҳадис ва Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) 1540 ҳадис ривоят кардаанд.***

Аммо дар мавриди он, ки кадоме аз саҳобагон бештар фатво содир кардаанд, гуфтан мумкин аст, ки онҳо ҳафт нафар мебошанд: **Умар (р), Алӣ (р), ибни Масъуд (р), Ибни Аббос, Ибни Умар (р), Зайд ибни Собит (р) ва модари мӯъминон Оиша (р).** Агар хоҳем, ки фатвоҳои онҳоро ба сурати китоб ҷамъоварӣ кунем, аз ҳар кадоми онҳо китобҳои бузрге тартиб додан мумкин аст ва **ба хусус аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р), ки воқеан**

**ҳам, дар фатво додан баҳреро мемонд ва ин ҳама ба сабаби дуъои Паёмбар (с) дар ҳақи ӯст, ки фармудааст:**

*Худовандо китобро (яъне, Қуръонро) биомӯзонаш (Дар Бухорӣ 1\49 ва Ибни Ҳаҷар дар Фатҳулборӣ 1\180 ) ва дар дигар ҷо омадааст: Худовандо дар дин олимаш бигардон ва таъвилро биомӯзонаш (Бухорӣ 1\80 ва Муслим 4\1927).* **Дар дигар ривоят омадааст**: *Худовандо ҳикмату таъвил ва фаҳми Китобро (яъне, Қуръонро) биомӯзонаш (Тирмизӣ 5\638 ва Ибни Моҷа 1\58 ва Табаронӣ дар Ал - Кабир 10\293).*

Пас, он бузургмардон, барои мо пайрвонашон неъмати бузурге будаанд, ки бо чи қадар заҳмату талошҳои мудовим, ин дини мубинро то сарзаминҳои мо оварда расонидаанд. Барои мо саҳобагони киромро қадршиносӣ кардан, лозим ва шарт аст, агарчи дараҷаи онҳо аз дараҷаи Паёмбар (с) паст ҳам бошад.

## ХИДМАТИ АСҲОБ ДАР ТАФСИР ВА НАШРИ ҚУРЪОНИ КАРИМ

### Мактаби сегонаи тафсир

Албатта, барои пажӯҳандаи таърихи Ислом, интишору рушди назарраси он пӯшида нест, ки ин дин тавассути заҳамоти шогирдони нахустини

мадрасаи нубувват (асҳоби киром), дар ҷодаи даъват, тадрису тавзеҳи ду масдари муҳимми Ислом, яъне Қуръон ва Суннат мебошад.

Бинобар ин тамоми уламои Ислом иттифоқи назар бар ин доранд, ки донандаи дурусти Қуръон баъди Расули Худо (с) асҳоби ӯ мебошанд, аз ин рӯ тамоми китобҳои тафсир, бар ақволу назари эшон роҷеъ ба фаҳм ва бардоштҳои аҳкоми Қуръон, эътимод доранд. Зеро асҳоби киром на танҳо ҳофизи Қуръон буданд, балки онро бо баҳои ҷонҳову молҳояшон харида дар ҳаёти воқеъии хеш татбиқ намуданд ва ҳар нуқта ва асрору маъонии Қуръонро аз Паёмбар (с) пурсиданд ва азбар намуданд.

Аксар саҳобагон аз тафсир ва нукоти Қуръон огоҳ буданд, вале аз миёни онҳо даҳ нафарашон ба тафсиршиносиву илми шариъат мавриди эътирофу эътимоди мусалмонони садри аввали Ислом қарор гирифтаанд, ки метавон аз онҳо чунин ном бурд: Хулафои рошидин, Ибни Аббос, Ибни Масъуд, Убай ибни Каъб, Зайд ибни Собит, Абумӯсои Ашъарӣ ва Абдуллоҳ ибни Зубайр.

Аз тафсирҳои хулафои рошидин, танҳо аз Алӣ ибни Абутолиб ривоятҳои зиёд ба даст расида, ки дар қиёс ба ин, аз се халифаи дигар ривоятҳои тафсир кам ба назар мерасанд. Дар миёни ин шаш нафари боқимонда нақши бузургро дар Қуръоншиносӣ ва тафсир Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Масъуд ва Убай ибни Каъб бар дӯш доштанд. Зеро маҳз бо кӯшишу заҳматҳои ин се нафар, мактабҳои сегонаи тафсир дар Макка, Мадина ва Ироқ таъсису поярезӣ шуд ва бо тарбияву омодасозии донишмандони тобеъин

илми Қуръон ва тафсири аҳкоми он ба тамоми атрофу акнофи паҳновари ҷаҳони Ислом расид ва ин чароғи ҳидояту нур лаҳзае хомӯш намонд.

Агар дар сарчашмаҳои тафсири Қуръон ба номҳои Зайд ибни Аслам, Абуъолия, Муҳаммад ибни Каъби Куразӣ рӯ ба рӯ шавем, шояд аз ҳувияти онҳо пурсиданӣ шавем, ки инҳо кӣ бошанд? Инҳо ҳама кадрҳои таҳсилкардаи мактаби тафсири Мадина ба шумор мераванд, ки бевосита ё ба восита илми қуръоншиносӣ ва тафсирро аз Убай ибни Каъб омӯхтаанд.

Ҳамчунин Ибни Аббос, ки ҳамасронаш ӯро тарҷумонул-Қуръон лақаб гузошта буданд дар мадрасаи тафсиршиносии худ дар Макка ин донишмандони бузурги тобеъинро ба уммати Ислом тақдим намудааст: Саъид ибни Ҷубайр, Муҷоҳид, Икрима, Товуси Ямонӣ ва Ато ибни Абирабоҳ.

Дар Ироқ бошад Абдуллоҳ ибни Масъуд, ки ба тафсир ва фиқҳи масоили шаръ дар миёни асҳоб шӯҳрати хосса дошт, дар мактаби тафсири хеш ин донишмандони забардастро таълиму тарбия кард, ки баъдҳо дар ривоят ва истинботи масоили шаръ сарчашмаи ривояти имомони фиқҳ қарор гирифтанд: Алқама ибни Қайс, Масруқ, Асвад ибни Язид, Мураи Ҳамадонӣ, Омири Шаъбӣ, Ҳасани Басрӣ ва Қатода ибни Диъомаи Садусӣ.

Маҳз илми қуръоншиносӣ, қироат ва тафсири он ба воситаи ин донишмандони таълимгирифтаи се мадрасаи мазкур ба тобеъин ва табаъа тобеъин ва асрҳои баъдӣ расид, ки дар ин ҷо нақши асосиро дар ҳифзу фарогирии комил, заҳмати пайвастаи асҳоби киром ба хусус

асосгузорони ин се мактаби бузурги тафсир мебинем, ки дар воқеъ Худованд онҳоро барои ҳифзи китоби худ бо анҷом додани хидматҳои беназирашон омода намуда буд.

Дар ҷамъоварӣ ва ҳифзи қироатҳои даҳгонаи Қуръони карим ва ҷорӣ намудани шакли мусҳафи Усмонӣ, умуман дар тамоми корҳои марбут ба ин дастури зиндагӣ (Қуръони карим), нақши меҳвариро асҳоби киром анҷом доданд ва барои таълими ин паёми ҷонбахш (Қуръон) сафарҳову ғурбатҳоро таҳаммул намуда, ҳатто аксари эшон барои анҷоми ин рисолати таърихии худ дур аз ватан ба шаҳодат расиданд ё бо марги табии фавтиданд. Худованд рӯҳи тамоми асҳоби Паёмбар (с)-ро мавриди иноёту алтофи бепоёнаш қарор диҳад ва моро пайрави ростини эшон бигардонад.

### *Сабабҳои таълиф ва нашри тафсир*

Дар аҳди саҳобагон доираи эҳтиёҷоти мардум ба донистани тафсири Қуръони карим ба чанд сабабе, ки зикрашон мекунем, васеъ гардид.

***Сабаби аввал:*** Дохил шудани мардуми ғайри араб дар дини Ислом, шавқмандии онҳо ба донистани умури динашон, аҳкоми шариъаташон ва андешидан дар оятҳои китоби Худовандӣ, паст будани сатҳи дониши онҳо ба забони арабӣ ва нафаҳмидани маъонии Қуръон, яке аз сабабҳое буд, ки ба таълифи илми тафсир ва шарҳи Қуръони карим дар аҳди саҳобагон боис гардид.

***Сабаби дуввум,*** ба воя расидани насли ҷавоне аз фарзандони саҳобагон ва ғайри саҳобагон мебошад, ки дар ҷараёни ваҳй ҳузур надоштанд ва дар воқеъаҳое, ки Қуръон дар мавридашон нозил шудааст, вуҷуд надоштанд, пас, марҷаъи онҳо дар ин маврид саҳобагони Паёмбар (с) буданд. Бинобар ин фаҳмондани аҳкоми шариъат тақозо мекард, ки оятҳои Қуръони каримро тафсир кунанд, то наслҳои баъд аз саҳобагон ба фаҳми амиқи Қуръон бирасанд.

***Сабаби саввум:*** Баъд аз васеъ шудани доираи давлати Исломӣ, ки дар шарқ то ҳудуди Ҳинд ва дар шимол то Арманистон ва Озарбойҷони имрӯза ва дар ғарб то уқёнуси Атлантик ва баҳри Рум ва дар ҷануб то баҳри Араб мерасид, ҳамаи мусалмонон ва ғайри мусалмонон, аз арабу аҷам, якҷо зиндагӣ мекарданд ва фарҳангу маданияти аҳли китоб (яҳудиён ва насрониён) бо фарҳангӣ мусалмонон омехта шуд. Ин ҳолат эҳтиёҷи мардумро барои фарқ кардани дурусту нодуруст ва донистани қиссаҳои умматони гузашта ва паёмбаронашон афзуд. Руҷуъи мардум ба саҳобагон ва омӯхтани аҳком аз онҳо, ин заруратро пеш овард, ки саҳобагони Паёмбар (с) ба тафсиру шарҳи оятҳои Худовандӣ бипардозанд, зеро онҳо ҳамон насле буданд, ки илму тарбиятро аз муаллими инсоният ва муршиди башарият ва расонандаи рисолат омӯхта буданд.

*Абдуллоҳ ибни Масъуд фармудааст:* ***«Ҳар касе аз шумо, ки пайравӣ кардан мехоҳад, пас, бояд аз саҳобагони Расули Худо (с) пайравӣ кунад, зеро поктарини қалбҳо, қалбҳои онҳо ва аз ҳама донотарин дар илм ва ҳи-***

***доятёфтагон ба роҳи ҳақ ва аз ҳама хушҳолтарини мардумон онҳоанд. Худованд онҳоро барои Паёмбар (с) ва баҳри ҷорӣ ва барқарор кардани дини Ислом интихоб намудааст. Пас, фазилати онҳоро бидонед ва пайрави онҳо бошед»[21].***

## *Зикри маноқиби баъзе аз муфассирони саҳоба*

Машҳуртарин саҳобагони муфассирро Суютӣ низ дар китоби «ал-Итқон» ном бурдааст, ки онҳо: **Хулафои рошидин, Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Убай ибни Каъб, Зайд ибни Собит, Абумӯсои Ашъарӣ ва Абдуллоҳ ибни Зубайр мебошанд, ки Худованд аз ҳамаашон розӣ ва хушнуд бошад.** Агарчи чандин саҳобагони дигар низ Қуръони каримро тафсир кардаанд, лекин ба ин андоза шӯҳрат наёфтаанд, чунки бисёр кам тафсир кардаанд. Аз байни ин даҳ саҳоба, ки ба тафсир кардани оятҳои Қуръони карим, шӯҳрат ёфтаанд, чаҳор нафари машҳуртарини онҳоро зикр хоҳем кард:

**Аввал**, **Абдуллоҳ ибни Аббос (р)**, ки писарамаки Паёмбари Худо (с) мебошад. Вақте Абдуллоҳ ибни Аббос таваллуд шуд, ӯро ба назди Паёмбар (с) оварданд ва Паёмбар (с) аз оби даҳони муборакашон дар даҳони навзод чакониданд, яъне таҳникаш карданд. Ин ҳодиса се сол қабл аз ҳиҷрат буд. Ӯ ҳамин тавр аз даврони кӯдакӣ то синни сездаҳсолагиаш, яъне то вафоти он Ҳазрат (с) аз ӯ (с) пайравӣ карда меомӯхт. Вай баъди вафоти

---

[21] . Манохиҷул Муфассирин, саҳифаи 41.

Паёмбар (с) аз бузургони саҳоба пайравӣ карда, он чи, ки аз Паёмбар (с) дастрас накарда буд, аз дигар саҳобагон дарёфт кардааст. Соли шасту ҳаштуми ҳиҷрӣ дар Тоиф аз ҷаҳон чашм пӯшид ва дар ҳамон ҷо ба хок супорида шуд. Абдуллоҳ ибни Аббос аз сабаби зиёд будани илмаш ба«Баҳрул-илм» ва «Ҳабрул-уммат» машҳур гашта буд. Сабабҳои шӯҳрати илмии ӯ чунинанд:

***1. Дуъои Паёмбар (с) барои ӯ, ки фармудааст: «Худовандо, илми китоб (Қуръон) ва ҳикмат (ҳадис)-ро биомӯзонаш».***

***2. Ба воя расидани он дар хонаи нубувват ва пайравиаш аз Паёмбар (с).***

***3. Пайравӣ ва истифода карданаш аз бузургони саҳоба.***

***4. Нигоҳ доштани забони арабӣ, бо хусусиятҳо ва услубу адабиёташ.***

***5. Муҳимтарин сабабе, ки ӯро машҳур сохт ғайрат ва қудрати баёни ӯ нисбат ба ҳақиқати донишаш буд.***

**Дуввум, Абдуллоҳ ибни Масъуд (р**), ки кунияаш Абуабдурраҳмон аст. Ӯ аввалин шахсе баъди Паёмбар (с) аст, ки Қуръонро бо овози баланд дар байни мардуми Қурайш тиловат кардааст ва барои ин кораш бисёр ранҷу азоб дидааст. Вақте Исломро пазируфт, Паёмбар (с) ӯро бо худ гирифт ва ба хизмати он Ҳазрат (с) машғул буд. Вай ба андозае Паёмбар (с)-ро хидмат мекард, ки мардум аз сабаби дар назди Паёмбари Худо (с) бисёр ҳузур доштанаш гумон мекарданд, ки ӯ аз аҳли байти Паёмбар (с) аст. Абдуллоҳ ибни Масъуд дар бисёре аз набардҳо иштирок кардааст, ва ӯро Паёмбар (с) ба ҷаннат башорат додааст. Абдуллоҳ ибни Масъуд, соли сию дуюми ҳиҷрӣ, дар Мадинаи мунаввара вафот карда

ва дар қабристони Бақиъ дафн карда шудааст.

**Абдуллоҳ ибни Масъуд аз ҷумлаи беҳтарин ҳофизони Қуръони карим буд ва Паёмбар (с) аз забони ӯ Қуръон шуниданро дӯст медошт.**

**Саввум, Алӣ ибни Абутолиб(р)** писарамаки Паёмбар (с) ва домоди он Ҳазрат (с), шавҳари Фотима духтари Паёмбар (с) ва чаҳорумин халифаи мусалмонон буд. Ӯ аввалин ноболиғе буда, ки Исломро пазируфтааст. Алӣ (р) дар бисёр набардҳо иштирок карда ва мавқеъи хоси худро дар Ислом пайдо кардааст. **Ӯ аз ҷумлаи яке аз даҳ ёри биҳиштист, ки онҳоро Паёмбар (с) ба ҷаннат башорат додаст. Алӣ ибни Абутолиб дар синни шасту сесолагиаш яъне моҳи Рамазони соли чилуми (40) ҳиҷрӣ ба дасти Абдурраҳмон ибни Мулҷами хориҷӣ ба шаҳодат расид.**

**Чаҳорум, Убай ибни Каъб ибни Қайси ансории хазраҷӣ** мебошад, ки дар байъати Ақаба ва набарди Бадр иштирок дошт. Ҳазрати Умар (р) бар ӯ сано ва ситоиши бисёр хонда ва гуфтааст, ки Убай раҳбару пешвои мусалмонон аст.

Дар бораи соли вафоти Убай ибни Каъб ихтилоф вуҷуд дорад, лекин бештар бар ин қавл ҳастанд, ки дар замони хилофати Умар (р) вафот кардааст. **Убай ибни Каъб пешвои ҳофизони Қуръон ва яке аз котибони ваҳйи худовандӣ ва яке аз қозиҳои Паёмбар (с) буд. Убай ибни Каъб донишманд буд ва аз муҳимтарини сабабҳои доногиаш ба маъонии Қуръони карим, ин аст, ки ӯ яке аз донишмандони қавми яҳуд ва аз асрори китобҳои қадим огоҳ буд. Асбоби нузули Қуръон ва оятҳои носиху мансухро хуб медонист, зеро вай котиби ваҳйи Расули Худо (с) буд[22].**

[22] *. Аттафсир вал муфассирун, 1\49-70.*

## *Хидмати асҳоб дар ҳифз ва нашри суннати набавӣ*

Чуноне ки медонем, ба иттифоқи тамоми мусалмонон Суннат дуввумин асли асосии дини мубини Ислом ба шумор меравад ва албатта, дар ин ҳеҷ баҳс ё шакке нест. Аммо мантиқи ақл тақозо мекунад, ки вақте Суннат яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои дин ба шумор меравад, пас бояд саҳеҳ, дастнахӯрда ва дорои ҳарими муҳофизатӣ бошад. Зеро усули дин, асос ва пояҳои ҳамешагии дин ба шумор мераванд ва кӯчактарин тағйир ва дигаргуние дар онҳо, сабаби бесуботии дин мегардад. **Мо Суннатро монанди Қуръон дуруст, маҳфуз ва дастнохӯрда аз тасарруфи душманон медонем. Ва бовар дорем, ҳамон гуна, ки Суннат дар аҳди Паёмбар (с) саҳеҳ ва солим буд, бе шакку шубҳа дар давраҳои пас аз он Ҳазрат (с), ё дурустараш аз аҳди саҳоба (р) гирифта, то қиёми қиёмат, моҳияти ҳақиқӣ ва дастнахӯрдагии хешро ҳифз карда ва хоҳад кард.**

**Инро бояд донист, ки Суннат аҳодиси Паёмбари гиромии Ислом ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ки иншоаллоҳ мисли Қуръон дар пардаи ҳифозати илоҳӣ қарор дошта, ба монанди он дорои сиҳҳат ва эътибори ҷовидона аст.**

Барои дарки ин ҳақиқат донистани ин нукта зарур аст, ки «Қуръон» ба иттифоқи тамоми донишмандони луғат ва уламои усул исми «назм» ва «маъно»[23] ҳарду мебошад ва ҳаргиз наметавон гуфт, ки фақат мунҳасир дар «назм» (алфози зоҳирӣ) ва ё «маъно» аст.

Мо мусалмонон медонем, ки Худованд ҳифозат ва нигоҳдории «Қуръон»-ро дар зиммаи хеш ниҳодааст ва ҳеҷ қудрате наметавонад дар он дахл ва тасарруфе намояд. Дар сураи Ҳиҷр дар бораи ҳифз ва нигаҳдошти Қуръон чунин эълом намудааст.

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا ٱلذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ﴿٩﴾

***«Мо Қуръонро худ нозил кардаем ва худ нигаҳбонон ҳастем».***

*(Сураи Ҳиҷр, ояти 9)*

***Ибни Ҳазм мегӯяд:***

Тамоми аҳли луғат аз тамоми шароеъ бар ин амр иттифоқ доранд, ки тамоми навъҳои ваҳй, яъне ҳам Қуръон ва ҳам Суннат дар ҳифозат ва нигаҳдории Худованд мебошанд, зеро ҳарду бо шаҳодати худи Қуръон аз ҷониби Худо нозил шудаанд, он ҷо ки мефармояд:

وَأَنزَلَ ٱللَّهُ عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ...

***«Худованд бар ту китоб ва ҳикмат (ҳадис) ҳардуро нозил намудааст».***

*(Сураи Нисо, ояти 113)*

23 . *Китоби «Нурул-анвор»*

Ононе, ки мегӯянд мисдоқи «Зикр» дар ояти «Ҳифозат», яъне ояти ***«Инно наҳну наззалназзикра ва инно лаҳу лаҳофизун»***, танҳо Қуръони карим аст ва он ҳам дар маҳдудаи алфоз, бе тардид, метавон гуфт, ки даъвояшон ғалат ва бе далел аст…[24]

Албатта, ба ҳеҷ оқиле пӯшида нест, ки истифода аз Қуръон иртибот ва бастагие аз Суннат дорад, зеро бе баёни Паёмбар (с), муроди Худованд аз оят ва алфози зоҳирии Қуръон, ҳаргиз маълум намегардад ва мусалламан ҳикмати бақои ҳамешагии Қуръон нафъ бурдани инсонҳо аз маъонии воло ва созандаи он аст.

Бояд қайд гардад, ки бо маҳдуд донистани ваҳӣ ба Қуръон ва Суннатро берун аз он донистан ҳар фурсатталабе маҷол меёбад, ки бар сафҳаи баёни шево ва гуҳарбори Расули Худо (с) (яъне, Суннат), хат кашад ва дар тафсири он орои заҳрогини худро бар ҳамагон талқин ва таҳмил бикунад ва ё бо хотири осуда бигӯяд: Имкони баҳрабардорӣ аз Қуръон танҳо дар замони худи Паёмбар (с) буд, ки мардуми он замон дар ёфтани мақосиди он ба ӯ (с) рӯй меоварданд. Аммо акнун, ки аҳодис ва тафосир ба мурури айём фарсуда ё кӯҳна шудаанд, дар ин сурат наметавон барои ҳалли мушкилот ва ҳосил намудани маърифат, ба Қуръон рӯй овард!

Барои он ки чунин пиндорҳои ғалату беасосро аз байн барем ва ҳатто барои чунин афкори палид ҳеҷ даромадгоҳе во нагузорем, бояд бипазирем, ки ваъдаи илоҳӣ шомили ҳифз ва нигаҳдории Суннат низ мешавад ва фақат дар ин сурат аст, ки биниши мо нисбат ба Қуръон ва Суннат бар як меҳвари ақлӣ

[24]. *Холид маҳмуд «Осорул ҳадис» ҷ/1 саҳ.318.*

ва мувофиқ бо бадеҳиёти илмӣ иншоаллоҳ қарор мегирад.

Хонандаи ниҳоят гиромӣ, агар аҳодиси Расули Худо (с)-ро, ки ҳамон тафсири Қуръон ва маъонии он аст, ғайри маҳфуз пиндорем, чӣ чизе дигар аз китоби осмонии Қуръони карим, ба ҷуз таркиби муштамал бар алфоз ва таъбирҳои чандваҷҳаи зиёд, дар даст хоҳем дошт? Оё аслан метавон чунин вонамуд кард, ки зиммаи илоҳӣ фақат барои ҳифозат ва нигаҳдории алфози Қуръон аст ва чизе аз маъонӣ ва мақсади онро шомил намегардад? Касе дорои чунин ақида бошад, вай дар ҳақиқат, Қуръонро низ ғайри маҳфуз донистааст.

Қазовати мунсифона дар ин бора ба ӯҳдаи хонандагони воқеъбин аст… Бешак Худованди мутаъол тибқи ваъдаи хеш ҳамон тавре, ки барои ҳифзу нигоҳдории Қуръон дар ҳар асру замон ҳофизон ва муфассирон пайдо карда ва онро то рӯзи қиёмат ҳифозат мекунад, бидуни шак, барои ҳифз ва нигаҳдории Суннат, муҳаддисине ба дунё овардааст ва дар оянда низ ба дунё хоҳад овард ва Суннати Расулашро, ки шореҳи китобаш аст, нигоҳ хоҳад дошт.

## *Таъбири Имом Шофеъӣ дар бақои ҳамешагии ҳадис*

Имом Шофеъӣ (р) дар рисолаи хеш менависад:: «**Тамоми захираи Суннат аз нигоҳи маҷмуъ назди муҳаддисин вуҷуд дорад. Албатта назди бархе аз онон зиёдтар ва назди иддаи дигар камтар, лекин агар ҳамаи онҳоро якҷо гирд оваранд, яқин ҳамаи захираи Суннат фароҳам меояд. Маълум ва ҳувайдост, агар аҳодиси ҷамъшударо аз ҳам ҷудо созанд, дар ин ҳолат назди ҳар муҳаддис теъдоде аз онҳо вуҷуд хоҳанд дошт. Аммо воқеъият аст, ки аҳодисе, ки назди як муҳаддисе вуҷуд надоранд, назди муҳаддиси дигаре ёфт мешаванд[25]».** Аз суханони Имом Шофеъӣ дармеёбем, ки Имом ишорае ба ҳақиқати маҳфуз будан ва маҳфуз мондани Суннат доранд ва Суннат низ маҳфуз аст ва абадан маҳв ва нестиро дар он роҳ нест.

Албатта, қабл аз ин, ки мо вориди баҳси худ шавем, дар бораи мафҳуми Суннат ва маҳфуз мондани он маълумоти муфассале барои хонанда ироа намудем, то ин ки аз ин асли муҳим низ бохабар гардад, ки **Суннат низ маҳфуз аст ва абадан маҳв ва нестиро дар он роҳе нест.**

---

[25]. *Рисола саҳ. 43 ва нақл аз Осорул-ҳадис ҷ/1 саҳ.319-320.*

### *Саҳобагон нахустин муҳофизони Суннат*

Бешак, аввалин ҳофизон ва ҳимоякунандагони Суннат саҳобагони киром буданд, ки бо кӯшишҳои ҷоннисоронаи худ тавонистанд, Суннатро дар як равиш ва масири мустақим ва мутмаин қарор диҳанд ва дар ин роҳи ҳақ, таҳкурсии маҳкаме гузоштанд. Онон Суннатро ба чашми амонати бузург менигаристанд. Онҳо ҳам дар ҳаёти босаодати Расули акрам (с) ва ҳам пас аз вай, бо шеваҳои ҳифозатии мутмаине, аз қабили ёддоштҳои зеҳнӣ ва китобати аҳодис ва нигаҳдории комил аз раҳовардҳои созандаи он, бо амал кардан ба он ва дифоъ аз ҳарими муқаддаси он, масъулияти ҳифзи онро анҷом додаанд ва аз ҳар гуна осебпазирӣ ва василаи дасти золимон қарор гирифтани он, ҷилавгирӣ намудаанд.

Бешак, ин абармардон Суннатро аз ҳар навъ нуқс ва тазалзул наҷот доданд ва ба ин тариқ ваъдаи Худовандро дар ҳифзи он мутаҳаққиқ сохтанд. Дар натиҷаи кӯшишҳои ҳамаҷониба ва дақиқи саҳобагон (р) аст, ки мусалмонон бо итминони хотир ба Суннат такя карда ва онро ҳамчуноне, ки дар даврони вуҷуди он Ҳазрат (с) будааст, мепазиранд.

Нақши саҳобагони киром (р) дар ҳифзи Суннат, ки баъзан аз иршодоти он Ҳазрат (с) илҳом гирифта буд ва дар бархе аз мавридҳои дигар аз раъйи бурро ва фарогири хеш баҳра мебурданд, ки ин амалкарди самимии эшон

барои муҳадиссин ва уламои баъдӣ сармашқи дарс гардид ва ба василаи он абармардон илми ҳадис интишор ёфт.

***Маҳбубияти Паёмбар (с) ва шахсияти рӯҳонии ӯ муҳаррик ва ангезаи нерӯманде барои саҳобагон дар ҳифзи Суннат буд. Шахсияти Расули Худо (с) ончунон ононро таҳти таъсир қарор дода буд, ки ҷузъитарин сухан ё феъли ӯ (с) дар назарашон тӯҳфаи арзишманд ва қобили такрор ва пайравӣ буд.***

Қабл аз баёни Суннат хуб аст ба баёни ангезаҳое бипардозем, ки саҳобагонро ба ҳифзи Суннат ва дифоъ аз он водошта буд.

### *Омилҳои маҳфузияти Суннат*[26]

### *1. Саҳобагон дӯстдорони ростини Паёмбар (с)*

**Ҳазрати Алӣ (р) мефармояд:**

«*Расули Худо (с) дар назди мо аз амвол, падарон ва модарони мо ва аз он оби сарде, ки ба ташнае бидиҳанд маҳбубтар аст*». Дар муҳаббати саҳобагон (р) нисбати Паёмбар (с) гуфтаи Алӣ (р) ба андозае куллӣ аст, ки барои дарки мизони муҳаббати онон кофӣ ва басанда аст. Наметавон яко як ҷилваҳои дӯстдории содиқонаи саҳобагон (р)-ро нисбат ба Паёмбар (с) баршумурд.

---

[26]. *Дар ин қисмат мухтасаран аз таснифи латифи Шайх Абдуллазим Зарконӣ «Манохилул-ирфон» истифода кардем.*

**Ҳеҷ касро надидаам, ки ба андозаи дӯстдории асҳоби Муҳаммад ба Муҳаммад, касеро дӯст дошта бошад».**

Ҳамин қадар кофист бидонем, ки таърих назир ва монанди онро дар миёни ҳеҷ пешво ва пайравонаш ёд надорад. Ба қавли яке аз саҳобагон: Ин нуктаро метавон аз гуфтаи яке аз занони баруманди садри ислом низ дарёфт. Дар ривоятҳо омадааст: **Яке аз занони Ансор падар, бародар ва ҳамсарашро дар ғазваи Уҳуд аз даст дода буд ва чун аз ин талафоти сангин барояш хабар доданд, худашро ба даст гирифта, ба такрор аз ҳоли Расули Худо (с) мепурсид.**
**Барояш гуфтанд: Алҳамду лиллоҳ Расули Худо хуб аст, вале ӯ гуфт: То бо чашмони худам Расули Худоро набинам бовар намекунам.**
**Чун Паёмбари Худоро барояш нишон доданд ва ӯро солим дарёфт, мутмаин гашт ва гуфт: Ҳар мусибате дар баробари вуҷуди шумо, эй Расули Худо (с), хурду ночиз аст.**

Албатта, мазоҳири ин дӯстии шигифтангез дар гӯшаҳои мухталифи зиндагонии саҳобагон (р) ба андозае бисёр аст, ки қалам аз навиштани ҳамаи он корнамоиҳои самимонаи он абармардон оҷиз ва ҷумлапардозӣ намудан дар тавсифи асҳоби Муҳаммад (с), ғайриимкон аст.

### *2. Эъҷоз ва балоғати каломи Расулуллоҳ (с)*

Балоғат ва вузуҳи эъҷоз ва имтиёзи каломи нубувват аз як тараф ва алоқаи шадиди арабҳо ба адаб ва фасоҳату балоғати забони арабӣ аз тарафи дигар, яке аз бузургтарин роҳҳои ҳифзи Суннатро,

дар саҳоба (р) ба вуҷуд оварда буд. Қобили зикр аст, ки пас аз каломи Худо (ҷ), суханони Паёмбар (с) дар эъҷоз ва балоғат, ишроқ ва зебоии баланди маъонӣ ва ҳидояту ҳусни тартиби алфоз, ҳамто надоранд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин мавзӯъ, табиъӣ буд, ки саҳобагон (р) таваҷҷӯҳи хосе ба ҳифзи Суннати Паёмбар (с), ки худ бузургтарин суханварони араб буданд, нишон диҳанд ва суханони зебо, мухтасар ва пурмаънову саршор аз маъонӣ ва мақосиди волои ӯро даҳон ба даҳон ба дигарон бирасонанд.

**3. Тарғиб ва ташвиқ ба ҳифз ва *фарогирии Суннат***

Оятҳои зиёде дар Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ, мусалмононро ба ҳифзи Суннат ба маънои комили калима ташвиқ мекард.

Худованд дар шаъни Суннати Паёмбар (с) мефармояд:

وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَىٰكُمۡ عَنۡهُ فَٱنتَهُواْۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ إِنَّ
ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ﴿٧﴾

***Ҳар чӣ Паёмбар ба шумо дод, биситонед ва аз ҳар чӣ шуморо манъ кард, парҳез кунед. Ва аз Худо битарсед ки ҳаройна, Худо сахтуқубат аст!***

*(Сураи Ҳашр, ояти 7)*

***Худованд дар ояти дигар мефармояд:***

لَّقَدۡ كَانَ لَكُمۡ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ لِّمَن كَانَ يَرۡجُواْ ٱللَّهَ وَٱلۡيَوۡمَ
ٱلۡأٓخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرٗا ﴿٢١﴾

***Барои касе аз шумо, ки ба Худо ва рӯзи қиёмат умед дошта бошад ва Худоро фаровон ёд кунад, ба таҳқиқ, шахси Расулуллоҳ муқтадои(пешвои) писандидаест.***

*(Сураи Аҳзоб, ояти 21)*

Расули акрам(с) суханони гуногуне барои ташвиқи саҳоба ба фарогирӣ, нашр ва ҳифзи Суннати шарифаш иршод фармудааст.

**Аз он ҷумла мефармоянд:** «*Худованд хуррам ва шодоб гардонад касеро, ки аз ман ҳадисе шунавад ва онро ҳамон гуна, ки шунидааст, ба дигарон бирасонад».*

**Дар хутбаи Ҳаҷҷатул-видоъ фармудаанд:** *«Эй мардум! Бохабар бошед, он ки ҳозир аст бояд гуфтаҳои маро ба ғоиб бирасонад»*.

*(Ҳадиси муттафақуналайҳ).*

### *4. Ҷойгоҳи рафеъи Суннат дар дин*

Суннат, илова бар он, ки дуввумин масдари ташреъ (қонунгузорӣ) дар дин аст, ҳамчунин, шарҳдиҳандаи мақосиди Қуръони карим, ва баён-созандаи асрори он аст.

***Худованд дар Қуръони карим мефармояд:***

وَأَنزَلْنَا إِلَيْكَ ٱلذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٤٤﴾

***Ва Қуръонро бар ту нозил кардем , то он чиро барои мардум нозил шудааст, барояшон баён кунӣ ва бошад, ки биандешанд.***

(Сураи Наҳл, ояти 44)

Пас бешак, Суннат калиди хазинаҳои қуръонӣ мебошад ва бидуни он баҳрабардорӣ аз маърифи Қуръон ва дастурамалҳои созандаи он, бисёр андак ва ночиз мегардад. **Барои ҳамин аст, ки Яҳё ибни Касир мефармояд:**

*- Суннат қозӣ бар Китоб аст, аммо Қуръон бар Суннат қазоват надорад»,* яъне Суннат баёнкунандаи Қуръон аст, аммо худи Суннат ошкор ва равшан аст, бинобар ин истифода аз он мавқуф ба Қуръон нест.

Бешак, ки саҳобагон (р) бештар ба манзалат ва ҷойгоҳи хосси Суннат огоҳӣ доштанд. Аз ин ҷиҳат барои посдорӣ аз Суннат ва амал кардан бар он, беш аз дигарон кӯшо буданд.

### 5. Ҳидоятёбии саҳобагон *ба Суннат*

Ҳамон тавр, ки қаблан мутазаккир шудем, пас аз Қуръон дуввумин омили ҳидояти муслимин Суннат мебошад. Саҳобагон (р) ҳамон тавре, ки аз Қуръон нури ҳидоят меёфтанд, аз ҷилваҳои пурнури ҳидояти Суннат низ баҳраи вофир мебурданд. Қуръон асосу асли зиндагии исломӣ ба шумор меравад ва Суннат пешбарандаи меъёрҳо ва баёнгари мақосиди он аст. Саҳобагон (р) дар амал ба қавонин ва дастуруламалҳои Қуръон, комилан ба Суннати Паёмбар (с) такя доштанд ва дар анҷоми кӯчактарин амали динӣ,

ба Суннат чанг мезананд. Бадеҳӣ аст, ки саҳобагон (р) бинобар азамати Паёмбар (с) ва таъсири бевоситаи вай дар беҳрӯзии зиндагонии дунё ва охират, ҳаргиз аз Суннати он Ҳазрат (с) канора намегирифтанд ва ба он, ба унвони калиди дастёби ба ҳидояти илоҳӣ менигаристанд. Аз ин хотир, бо камоли диққат дар ҳифзи он мекӯшиданд.

### *6. Вуҷуди Расули Худо (с) дар миёни саҳобагон (р)*

Сояи пурфайзи Расули акрам (с), ҳамеша бар сари саҳобагон (р) қарор дошт ва онон дар мактаби рӯҳонии рисолат парвариш меёфтанд. Расули Худо (с) ҳар кӯтоҳиеро аз саҳобагон (р) бармечид ва бар асоси тарбияти исломӣ ва парвариши волои инсонӣ, ононро ба ҳифзи дастурҳои Қуръону Суннат ва амал намудан бар ин ду асл амр менамуд ва ба донишҳояшон меафзуд. Ҳар гоҳ аз он Ҳазрат (с) чизеро савол мекарданд, бо услуби ҳакимона ва дилкаш посухашон медод. Хатоҳояшонро ислоҳ мекард ва роҳи дурустро ба онон нишон медод ва агар дар коре ба шак меафтоданд, ба ҳақиқати амр огоҳашон месохт. Бешак, вуҷуди муассири он Ҳазрат (с) дар миёни ёрон, ки бо он шеваи ҳайратангез бархӯрд ва таълимашон менамуд, омили муҳимми дигаре дар роҳи ҳифзи аҳком ва омӯзишҳои динӣ барои саҳобагон (р) буд ва дар натиҷаи он, саҳобагон (р) дифоъи муассире дар ҳифзи Суннати Паёмбар (с), аз худ нишон доданд.

# САРГУЗАШТИ СУННАТ ДАР ҲАССОСТАРИН МАРОҲИЛ

Суннат, собиқаи таърихие ба андозаи Қуръон дорад ва дар тӯли чаҳордаҳ қарне, ки аз умраш мегузарад, ҷавлонгоҳи андешаҳо ва вокунишҳои мухталиф, аз тарафи мактабҳои фикрии гуногун будааст. Бе тардид, созандатарин давраҳои таърихии Суннат, се қарни аввали Ислом мебошад. Пояҳои Суннат дар ин муддат шакл гирифт ва устувор гардид. Умедворам хонандаи азиз бо баҳсе, ки дар мавриди сайри Суннат кардаем, таъсири ин давраҳоро дар ҳифзи Суннат ва нақши босазои саҳобагони Расули акрам (с)-ро дар он дармеёбад.

## *Суннат дар замони Паёмбар (с)*

Даврони ваҳй, сароғози Суннат ва ошкор шудани таъсири ғайри қобили инкори он, дар равиши таълимот ва аҳкоми осмонист. Дар ин давра Суннат ҷойи хешро дар радифи сарчашмаҳо ва далелҳои осмонӣ мегирад ва аҳаммияти волои он дар Ислом барои мӯъминон ошкор мегардад. Аз ҳамон оғози нузули ваҳй, Суннат ба унвони тафсири оятҳои нозилшуда, нақши муҳимме мебозад ва ба мӯъминон кӯмак мекунад, то тариқи анҷом додани аҳкоми илоҳиро дар созандагиҳои фардӣ ва ҷамъиятӣ ва ибодоту тоъот бидонанд.

Агар ба рӯйдодҳои рӯзҳои аввали даъвати ҳақ бингарем, метавон осори барҷастае аз Суннат ва пайравии гаравидагони нахустини онро, пайдо намоем. Шеваи адои намоз, ки аз қадимтарин Суннатҳои Паёмбари Ислом (с) ва пайравии уммул-мӯъминин Хадиҷа (р), Абубакри Сиддиқ (р), Алӣ (р), Зайд ибни Ҳориса (р) ва Билол (р) аз намози Паёмбар (с), ин худ аввалин мутобиъат ё пайравӣ аз Суннат ба шумор меравад.

Ба ин тартиб, Суннат ҳамзамон бо оғози рисолати Расули акрам (с), ба манзалаи дуввумин марҷаъи дарёфти аҳкоми шаръ дар қаламрави Ислом, зуҳур намудааст ва бо густариши сареъи Ислом ва зиёд гардидани таълимҳои аҳкоми динӣ, танҳо роҳи пайдо намудан ё донистани маъориф ва улуми қуръонӣ ба шумор мерафт. Дар замони Паёмбар(с) ҳар ду ҷониби илм: Таълим ва таъаллум ба Суннат гиреҳ хӯрда буд ва пас аз Қуръон, Суннат муқаддастарин илм ба шумор мерафт ва мусалмонон бо эҳтимоми зиёде ба фарогирии  он машғул буданд.

Ҷойи зикр аст, ки дар тамоми даврони ваҳй силсилаи таълим, бе ҳеҷ вақфае, ки дар сайри эъҷобангези он эҷод шавад, ҷорӣ буд ва ба ду сурат анҷом мегирифт.

***1.*** *Омӯзиш ва фарогирии саҳобагон (р) аз Расули акрам (с).*

***2.*** *Омӯзиш ва фарогирии саҳобагон (р) аз якдигар.*

Агар ба эътибори уммат бигирем, уммати Муҳаммад (с) охирин уммат дар рӯйи замин аст. Аммо дар мактаби Ислом, он Ҳазрат (с) аввалин муаллими башарияти охири замон буда ва асҳоби ӯ аввалин шогирдони Ислом ҳастанд, ки дар ин ҳеҷ ҷойи шакке вуҷуд надорад. Саҳобагон (р) ба ақвол ва афъоли Паёмбар (с) ба таври дақиқ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд ва дар адо ва пайравии афъоли Паёмбар (с) бо диққат амал мекарданд. Онҳо ҳамин тавр дар бозгӯ кардан ва нақли суханони ӯ, ба кӯчактарин иштибоҳ роҳ намедоданд, ва динро ба наслҳои баъдӣ ва то замони моён он чуноне ки буд, солим ва беолоиш таҳвил доданд. Ин ҳама аз баракат ва нақши босазои он саҳобагон (р), дар нашри ин дини азиз буд ва он то рӯзи растохез боқӣ хоҳад монд.

### *Асҳоби Суффа*

Дар миёни саҳобагон (р), касоне буданд, ки ба онҳо «Асҳоби Суффа» мегуфтанд. Дар онҳо, одамони мусофир, ғариб ва нодоре, ки аз гирду атрофи нимҷазираи Араб ва сарзаминҳои атрофии он ба Мадина омада буданд ва аз партави иноятҳои рисолат касби файз мекарданд, шомил буданд. Онҳо дар шиддати фақр ва нодорӣ ба сар мебурданд ва чун ҷойи маскуние дар шаҳри Мадина надоштанд, барояшон дар ҷивори (назди) масҷиди набавӣ, сарпаноҳе сохта буданд, то дар он зиндагӣ кунанд. Чун он асҳоб вазифа ё шуғле дар шаҳр надоштанд, ҳамеша вақтҳои худро сарфи фарогирӣ ва омӯзиши Қуръон ва аҳодиси гуҳарбори он Ҳазрат (с) мекарданд.

Бо вуҷуди тамоми сахтиҳо ва маҳрумияти он саҳобагон аз имконот ва осоиши зиндагӣ, онҳо дар талаби илм ва шунидану ҳифзи аҳодиси Расули акрам (с), бехобӣ ва ҳушёрӣ аз худ нишон медоданд. Онҳо ҳамаи рӯзро дар масҷид ба сар мебурданд ва тамоми ҳалқаҳои дарси Паёмбар (с)-ро дармеёфтанд ва ба ҳамин тарз дар ҳифз ва ёддошти аҳодис аз бисёр саҳобаҳои дигар пештар буданд. Асҳоби суффаро метавон аз беҳтарин шогирдони мактаби Ислом шумурд. Абуҳурайра (р) яке аз саҳобагоне аст, ки дар суффа ба сар бурда ва чаҳор соли пурра дар ҳалқаҳои дарсии он Ҳазрат (с) ҳузур доштааст. Вай бештарин аҳодисро аз Паёмбар (с) ривоят карда ва аз ҳамин хотир дар ривояти ҳадис дар байни саҳобагон мақоми аввалро дорост. Абуҳурайра (р), дар мавриди бисёр ривоят карданаш чунин мегӯяд:

- «*Ҳама мегӯянд, ки ту бисёр ривоят мекунӣ! Воқеият ин аст, ки бародарони Муҳоҷири ман тиҷоратпеша буданд ва сару корашон маъмулан дар бозор буд. Ва бародарони Ансори ман, кишоварз буда ва кори кишоварзиашонро анҷом медоданд, аммо ман мискине аз масокини Суффа буда ва ба ҳар чизе, ки дар назди Паёмбар (с) аз хӯрокиҳо ба даст меомад, қаноат доштам. Гоҳе чунин мешуд, ки аз Муҳоҷирин ва Ансор ҳеҷ кадом ҳузур надоштанд ва ман танҳо будаму аз Ҳазрат(с) чизҳоеро шунида ҳифз мекардам, ки онҳо намедонистанд*».[27]

[27] . *Маҷмӯаи «Фазоили аъмол» бахши ҳикояти саҳоба.*

Хулоса «асҳоби Суффа» бо ҳифзи Суннатҳои Паёмбар (с) ва нақли онҳо ба наслҳои баъдӣ, хидмати бузурге барои уммати Ислом кардаанд ва ба сабаби хидматҳои олии онҳост, ки пояҳои Суннати Паёмбар (с) мустаҳкам ва ба андозаи матлуб устувор гардидааст.

Саҳобагон бевосита аз Расули Худо (с) баҳра мебурданд ва боз дар мавридҳое, ки худашон шахсан дар ҳалқаҳои марбута ҳузур надоштанд аз саҳобагони дигар, ки ҳозир будаанд, аҳком ва масоили диниро дарёфт мекарданд. Инҳо низ агар ҳукмеро ё масъалаеро аз Паёмбар (с) мешуниданд, бо тамоми шавқу рағбат ба дигарон мерасониданд. Ва агар касеро медиданд, ки бар хилофи он чи ки аз Паёмбар (с) шунидаанд, анҷом медиҳад, фавран барои фаҳмондан ва ислоҳи ӯ бармехостанд ва ҳақиқати мавзуъро ба вай ёдовар мешуданд. Онҳо ба Суннат, шадидан пойбандӣ нишон медоданд.

### ***Роҳҳои ҳифзи Суннат дар аҳди рисолат***

Саҳобагони бузургвор, барои дастёбӣ ба Суннат ва нигаҳдории он, маъмулан ба яке аз ин чаҳор тарз амал мекарданд:

***1.*** *Бакоргирии ҳофиза (ҳифзаш мекарданд).*

***2.*** *Музокира ба ҳамдигар (ёдоварӣ ва хотиррасон кардан ба якдигар).*

***3.*** *Амал кардан ба Суннат.*

***4.*** *Навиштани Суннат.*

### 1. Бакоргирии ҳофиза

Шароит ва муҳити зиндагии араб онҳоро чунон бор оварда буд, ки дар дониш ва ҳифз кардан, бештар эътимод бар ҳофизаи худ доштанд. Шояд ҳеҷ миллатеро натавон ёфт, ки дар тавоноӣ ва тезии ҳофиза, бо арабҳои ҷоҳилият ва давраҳои нисбатан дарозе баъди ислом, бирасад. Ҳофизаи араб дар он рӯзгор дафтари хотиротеро мемонд, ки дар он ҳазорҳо ҳодисаву воқеаҳо сабт гаштааст. Мудовимат кардани тадриҷӣ дар парвариши ҳофиза, боис гашта буд, ки дар ҳифз ва нигаҳдошти шунидаҳояшон қудрати фавқулодаеро пайдо намоянд.. Ба тавре, ки ҳазорон шеър ва қасидаҳои дароз бар сафҳаи зеҳнашон барои ҳамеша нақш баста буд ва ҳадди ақал ҳар кас силсилаи насаби хонаводагии хешро ба тафсил медонист. Хулоса, арабҳо дар ҳифзи шунидаҳо ва хондаҳояшон назир надоштанд ва ба ҷои навиштану ёддошт кардани мароми мақсадҳояшон онҳоро бештар дар кунҷи ҳофизаашон нигаҳ медоштанд.

Ҳазрати Муҳаммад (с) дар миёни чунин қавм мабъус гашт ва аз ин нерӯи фавқулодаи онон дар ҳифз ва бақои аҳодис бештарин истифодаро бурд. Ва онон ҳам пас аз имон овардан ҳиммати хешро аз ҳама бештар ба ҳифзи аҳодис равона доштанд. Чунонки гурӯҳе аз онон тамоми корҳоро ба хотири шунидан ва ҳифзи аҳодис раҳо сохта ва бештари вақти худро дар масҷид мегузарониданд. Паёмбар (с) онҳоро ба ҳифзи аҳодиси хеш ташвиқ карда мефармуд: *Худованд сарсабзу хуррам нигоҳ дорад касеро, ки гуфтаҳои маро*

*бишунавад ва ҳифз кунад, сипас онҳоро ҳамон тавре, ки шунидааст, ба дигарон бирасонад»*. Ин ҳадис ва ҳадисҳои муждаовари дигар он саҳобагонро дар роҳи ҳифзи аҳодис ва расондани онҳо ба дигарон рӯҳу илҳоми тоза мебахшид.

### *2.Музокира бо ҳамдигар*

Музокира ва хондану шунидани аҳодис дар миёни ҳамдигар, тарзи муҳимми дигаре буд, ки онро барои ҳифзи Суннат истифода бурдаанд. Ҳар кадоме аз саҳобагон агар ҳадисеро медонист, дарҳол онро ба дигарон мерасонид.

Дар воқеъ, ин равиш аз фармоишҳои худи он Ҳазрат(с) сарчашма мегирифт. Яке аз фармудаҳои Паёмбар (с) ба саҳобагонаш ин аст, ки фармудааст: «*Такрор ва музокираи илм бо ҳамдигар дар соате аз шаб, беҳтар аз зинда доштани он (шаб) аст*». Инчунин аз дастуроти он Ҳазрат(с) ин аст: «*Ҳар касе дар маҷлиси ман ҳузур дорад, бояд гуфтаҳоямро ба ғоибон бирасонад». Боз фармудааст: «Агар як ҳадисе ҳам аз ман мешунавед, онро ба дигарон бирасонед*». Ҳамаи ин фармудаҳои Паёмбар (с) он саҳобагонро ба ташкил кардани ҳалқаҳои музокира ва ба такрор ва омӯзонидани аҳодиси гуҳарбори Паёмбар (с) илоҳом мебахшид.

### *3. Амал кардан ба Суннат*

Амал кардан ба Суннат саввумин тариқаи ҳифозати аз Суннат буд. Ва Паёмбар (с) қисмати зиёди вазифаи худро дар тарибияи амалии

саҳобагон ихтисос дода ва ҳаргиз ба мавъиза ва панду андарзи забонӣ иктифо намекард. Саҳобагони киром низ ба ҳифзу такрори забонии Суннат басанда намекарданд, балки дар канори он, амалан суннатҳои Паёмбар (с)-ро дар ҳаёти хеш татбиқ мекарданд. Саҳобагони Паёмбар (с), бо амал ба Суннат, онро дар зиндагӣ дастурамали худ қарор дода ва ба ин тариқ, худро дар итоъат ва хидмати он қарор медоданд.

Ин шеваи боварибахши нигаҳдории Суннат, сад дар сад, баъд аз вафоти Паёмбар (с) бо саҳобагон ҳамроҳ буд. Ва чи басо дар ҷавоби саволкунандагон амалеро анҷом медоданд ва ба ин тариқ худи ҳамон амали Паёмбар (с)-ро дар он масъала, пеши назар меоварданд ва ба саволкунанда тарзи дурустеро, ки аз Паёмбар (с) дида буданд мефаҳмониданд, то ҳаргуна шубҳа ва нофаҳмоиро аз зеҳни он суолкунанда дур кунанд.

### *4. Китобат (навиштан)*

Навиштани аҳодис дар саҳифаҳо тарзи дигаре барои нигаҳдории Суннат дар замони Паёмбар (с) буд. Дар аввал бинобар маслиҳате Паёмбар (с) саҳобагонро аз навиштани аҳодис боз дошта буд. Аммо баъд, бо фароҳам омадани заминаи мусоид барои ин амр ба онҳо иҷозати ин корро дод. Ва бисёре аз саҳобагон аҳодиси Паёмбар (с)-ро дар саҳифаҳое навишта ва гирдоварӣ намуда буданд. Ногуфта намонад, ки навиштани ҳадисҳо дар замони Паёмбар (с) чандон умумият надошт, яъне на ҳамаи саҳобагон ҳадисҳоро менавиштанд ва ин вазъият дар замони

саҳобагон низ, то андозае вуҷуд дошт ва бо вуҷуди он ки навиштани аҳодис дар миёнашон ривоҷ ёфта буд, боз ҳам бисёре аз онҳо бинобар далелҳое худашонро аз ин кор дур нигоҳ медоштанд.

Камтар таваҷҷӯҳ доштани бархе аз саҳобагон, ба навиштани ҳадисро метавон дар яке аз ин сабабҳо донист:

**а).** *Паёмбар (с) дар аввали Ислом, ба ғайр аз Қуръон навиштани чизи дигарро манъ карда буд ва бо вуҷуди он, ки ин мамнуъиятро баъдтар мансух (бекор) кард, боз ҳам бисёре аз саҳобагон то охири умрашон аз ин мансухгардонӣ хабар надоштанд.*

**б).** *Баъзе аз саҳобагон метарсиданд, ки бо навиштани аҳодис дар саҳифаҳо аз меҳнати пурсамари ҳифз ва такрори забонӣ маҳрум мемонанд.*

**в).** *Саҳобагон тарси он доштанд, ки ҳар ҷоҳиле навиштаҳои ҳадисеро ба даст мегирад ва даъвои олим буданро мекунад ва бо сарфи назар аз ҳушёрӣ ва эҳтиёти комил дар ривояти ҳадис, сабаби гумроҳии авом мегардад.*

**г).** *Ҳифз ва дар хотир нигоҳ доштани ҳадисро аз навиштан болотар медонистанд ва ба он одат доштанд. Балки назди онҳо навиштани матлабе ва нигаҳдории он, нишонаи заъфи ҳофиза буд ва ин як айби бузурге дар миёнашон ба шумор мерафт. Сарфи назар аз он, ки бархе аз саҳобагон аҳодисро наменавиштанд, лекин*

*яке аз роҳҳои чаҳоргонаи нигаҳдории Суннат ҳамин будааст ва худи Паёмбар (с) на танҳо ба он иҷоза додааст, балки ба он чунин тавсия намудааст:*

***«Илмро бо навиштан ҳифз намоед», яъне ба сабаби навиштан илмро дар банд нигоҳ доред.***[6]

## *Хулосае аз корҳои Паёмбар (с) дар нашри Суннат*

Замони Паёмбар(с) аз ҳар навъи дасиса ва ҳиллаву найрангҳо маҳфуз буд ва аз ҳама мутмаин ва муносибтарин вақт барои ҷорӣ шудани Суннат ба шумор мерафт. Аз ин хотир мусалмонон бисёр ба роҳат масоили динӣ ва аҳкоми илоҳиро фаро мегирифтанд ва барои он, ки фаромӯш накунанд ва низ дар оянда захираи комилтаре аз он дар даст дошта бошанд, дар ҳифз ва нигаҳдории он мекӯшиданд. Бо ин ҳама Расули акрам (с) дар гуфтани Суннат ва тавсияи ҳифз ва амал ба он, лаҳзае қарор надоштанд. Дар даврони рисолати худ чанд иқдомоте ба амал оварданд ва дастуроте содир карданд, ки сабаби созмондиҳии Суннат ва захира шудани он то ба наслҳои баъдӣ гардид. Аз ҷумлаи он иқдомот:

[6] *Муҳаммадрафеъи Усмонӣ «Китобати ҳадис» саҳифаи 37-38*

***1. Ҳамаи саҳобагонро вазифадор намуд, ки суханонашро ба дигарон бирасонанд, агар чӣ як ҷумла ҳам бошад.***

***2. Расонидан ва нашри ҳадисҳоро ба чанд нафари саҳобагон маҳдуд накарда, балки бар ҳар нафаре, ки аз ӯ мешунавад, бар дигарон расониданро вазифадор намуд.***

***3. Дар бораи нақл ва ривоят ба саҳобагонаш супориш дод, ки суханони ӯро ба воситаи ашхоси бо фаҳму заковат ба ояндагон бирасонанд.***

***4. Аз қасдан дурӯғпардозӣ кардан ва нисбат додани он ба Паёмбар (с) ба шиддат манъ карда фармудааст: «Ҳар ки ба амд (қасдан) сухани дурӯғеро ба ман нисбат диҳад, ҷойгоҳашро дар ҷаҳаннам (дӯзах) омода сохтааст», яъне он корро барои ба дӯзах рафтани худ кардааст.***

***5. Аз ин ҳам сахттар, он ки китмони илм ва махфӣ нигоҳ доштани суханашро манъ намудааст. Он Ҳазрат (с) пинҳон доштани суханашро як гуноҳи бузург шуморида фармудаанд: «Ҳар ки дар бораи илме, ки медонад, савол карда шавад ва ӯ ҷавоб надиҳад, дар қиёмат лаҷоме аз оташ бар даҳонаш мезананд».***

***6. Расули акрам (с) ба баъзе аз саҳобагон бинобар дархости худашон навиштани ҳадисҳоро иҷозат дод, то онҳоро ҳифз ва азбар кунанд ва онҳоро ба дигарон бирасонанд.***

***7. Барои занон таълими мустақил ҷорӣ кард, то дар миёни онҳо низ нақл ва ривояти ҳадис ҷорӣ гардад.***

Таърих гувоҳ аст, ки модари мӯъминон Оишаи Сиддиқа (р), чи қадар ҳадисҳоро ҳифз ва азбар доштааст ва бо чи меҳнатҳое ин захираи илмиро баояндагон расонидааст.

### ***Суннат дар аҳди хулафои рошидин***

### ***Суннат дар аҳди хилофати Абубакри Сиддиқ (р)***

Хилофати Абубакри Сиддиқ (р), баъд аз даргузашти ҷонгудози Паёмбар (с), бо бурузи бузургтарин фитнаи таърихи Ислом *(фитнаи иртидод)* рост омад, ки ин сабаби зоҳир гаштани бисёр фитнаву найрангҳо дар дохили мамлакат гардид. Агар суботу истодагарӣ ва муқовамати ҷасуронаи Абубакр (р) намебуд, хатар, тамоми аркони Исломро фаро мегирифт ва ҳамаи мусалмононро ба коми хеш мекашид ва сабаби душманӣ ва бадбахтиҳои зиёде дар миёни онҳо мегардид. Иқдоми ҷавонмардонаи халифаи аввал сабаб шуд, ки ин падидаи марговарро дар оғози зуҳураш саркӯб кунанд ва доманаш барои ҳамеша аз нимҷазираи араб чида шавад.

Абубакри Сиддиқ (р) дар муддати ду солу се моҳи хилофаташ хидматҳое ба ҷомеъаи навбунёди исломӣ намуд, ки то дунё боқист, мусалмонон мадюни хидматҳои ӯ мебошанд. Ҳифз ва нигаҳдории Суннат аз ҷумлаи хидматҳои арзандаи ин абармард ва аввалин халифаи Расули акрам (с) ба шумор меравад.

Дар гуфтаи машҳури ӯ, ки: «**Асоси дини мо бар нақл аст, на ба ақл»**, метавонем аҳаммият

ва ҷойгоҳи Суннатро дар назди ӯ бифаҳмем ва метавон гуфт, ки дар нигоҳ доштани ин пояи бузурги дин, чӣ қадар дақиқ ва нуктасанҷу дурандеш будааст. Абубакр (р) дар даврони кӯтоҳ, вале пурсамари хилофати хеш, муассиртарин иқдомотро дар роҳи ҳимоят ва нигаҳбонии Суннат ба амал овард.

### *Аз ҷумла:*

### *1. Такмили иқдомоти Паёмбар (с)*

Аввалин коре, ки Абубакр (р), пас аз интихобшуданаш ба хилофат ба он пардохт, такмили ҳадафҳои Паёмбар (с ) буд. Тамоми корҳоеро, ки он Ҳазрат (с) оғоз карда ва бо вафоташ нотамом монда буд, Абубакр(р) ба охир расонид.

Аз ҷумлаи иқдомоти Паёмбар (с) омода сохтани лашкаре бо роҳбарии Усома ибни Зайд буд, ки барои мубориза бо куффори Шом ташкил шуда буд. Абубакр (р) ин лашкарро пурра таҷҳиз намуда, ба сӯи Шом равона сохт. Вай бо анҷоми ин кор, хости Расули акрам(с)-ро пас аз вафоташ, ҷомаи амал пӯшонид.

### 2.Ташкили анҷумани шурои саҳобагон

Абубакр (р) лозим донист барои ёфтани роҳи ҳалли асосӣ дар ҳифозат ва нигаҳдошти Суннат, як анҷумане аз саҳобагони соҳибназар ва ботаҷриба дар амри ҳадис ташкил гардад. Абубакр (р) аввалин касе бу д, ки даст ба ин иқдоми асосӣ зад. Ӯ саҳобагони Паёмбар (с)-ро ҷамъ карда ва

бо онҳо дар мавриди ҳар масъалае, ки пеш меомад машварат меорост. Ва ин ташкили анҷуман яке аз роҳҳои ҳифзи Суннат буд.

### *3. Эҳтиёт дар қабули ривоёт*

Абубакри Сиддиқ (р) нахустин касе буд, ки барои қабул кардани ҳадисҳои Паёмбар (с) эҳтиётро шарт медонист. Аз ин хотир буд, ки Абубакр (р) барои модаркалоне, ки назди ӯ омада хост барояш саҳме аз мерос муайян кунад, гуфт: **Ман барои саҳми шумо дар Қуръон чизе надидаам ва намедонам, ки оё Паёмбар (с) барои афроде, ба монанди шумо саҳмия муқаррар кардааст, ё не.** Сипас ҷавоби ин суолро аз мардум пурсид. Муғира аз ҷой бархоста гуфт: **Ман дар ҳузури Паёмбар(с) будам ва ӯ (с) шашяки меросро ба модаркалон дод. Абубакр (р) аз ӯ пурсид: Ягон шоҳиде дорӣ? Муҳаммад ибни Маслама ба он гуфтаи Муғира шаҳодат дод. Баъд аз он Абубакр (р) шашяки меросро барои модаркалон таъйин намуд.**

### *4.Аз байн бурдани ҳадисҳои машкук (шубҳадор)*

Яке аз дигар корҳои Абубакри Сиддиқ (р), ин поксозии аҳодиси Паёмбар (с) аз байни ҳадисҳое, ки дар сиҳҳати онҳо шак вуҷуд дошт, мебошад. Аз ҳамин хотир, панҷсад ҳадисеро, ки аз дигарон шунида буд ва дар сиҳҳати онҳо шак дошт, ҳамаро сӯзонид, то мабодо халале дар ин дини ҳаниф ворид гардад ва ба мисли дигар динҳои осмонӣ,

ки феълан аз онҳо танҳо ном боқӣ мондааст, ин дини илоҳиро дар инзиво қарор диҳанд. Ҳамаи ин иқдомотро Абубакри Сиддиқ (р), ин абармарди ҷаҳони Ислом барои ҳифз ва нигаҳдошти Суннати Расули акрам (с) ба кор бурдааст.

### *Суннат дар замони хилофати Форуқи Аъзам*

Ҳазрати Умари Форуқ (р) фаъолияти халифаи аввалро бо сахтгирии бештар пайгирӣ намуд ва барои ҳимоят аз Суннат маҳдудиятҳои бисёре дар миёни саҳобагон дар мавриди ривояти ҳадисҳо эҷод намуд ва он роҳеро, ки Абубакр (р) бо мулоимат ва нармӣ тай карда буд, бо сахтгирии ҳар чӣ бештаре пайгирӣ кард. Ҳазрати Умари Форуқ (р) дӯст медошт, ки ҳадисҳои Паёмбар (с)-ро бо ҳар роҳе, ки мумкин бошад, яқин гардонад, то дар онҳо камтарин эҳтимоли хато ва иштибоҳе боқӣ намонад. Ба ҳамин хотир аз ровиёни ҳадис барои ривояташон гувоҳ металабид ва бе шакку шубҳа ҳар ҳадисе, ки онро ду нафар ровии мутмаин ривоят кунад, аз ҳадисе, ки як нафар онро ривоят кардааст, ба чанд мартаба қавитар ва роҷиҳтар аст. Дар ин ҷо намунае аз сахтгирии Умари Форуқро, ки дар ҳаққи ривояткунандаи ҳадис доштааст, зикр мекунем.

**Абусаъид нақл мекунад, ки:** *Абумӯсо бар Умар(р) аз пушти дарвоза се мартаба салом дод, аммо чун аз дохил барояш ҷавобе нашуд баргашта рафт. Умар (р) якеро ба дунболаш фиристода ва ӯро ба наздаш баргардонд. Вақте омад, Умар (р) аз ӯ пурсид: Барои чӣ пушти дар интизор нашуда баргаштӣ?*

*Абумӯсо мегӯяд: Аз Паёмбар (с) шунидам, ки*

*фармуд: «Ҳар гоҳ як нафаре аз шумо се бор салом дод ва ҷавобе нашунид, бояд баргардад». Умар (р) гуфт: Ту бояд бар ин гуфтаҳоят гувоҳ биёварӣ, вагарна ҷазоят хоҳам дод. Абусаъид гуфт: Мо нишаста будем, ки Абумӯсо бо ранги парида назди мо омад. Аз ӯ пурсидем, ки чӣ гап шудааст? Ӯ қиссаро бароямон нақл карда гуфт: Оё аз миёни шумо касе ин ҳадисро шунидааст? Гуфтам: Ҳамаи мо ин ҳадисро шунидаем. Он гоҳ якеро ҳамроҳи вай назди Умар (р) фиристодем ва бар он чӣ, ки Абумӯсо ривоят карда буд, гувоҳ шуд.*[7] *Он гоҳ Умар (р) ривояти ӯро қабул кард.*

Умар (р) дар ривояти ҳадис ҳамеша чунин шиддату сахтгирӣ дошт ва ҳамаи ин иқдомот барои ҳифзи Суннати Паёмбар (с) буд, то мунофиқон дар ривояти ҳадис аз он ғаразнок истифода карда натавонанд ва дар Суннати Паёмбар(с) ҳадисҳои бардурӯғ ворид нагарданд.

### Иқдомоти Умари Форуқ (р)

Халифаи дуввум илова бар иқдомоти Абубакр(р) тавонист тарзҳои дигареро эҷод кунад, то барои ҳифз ва расонидани Суннат ба наслҳои оянда кӯмак расонад.

### Аз ҷумлаи иқдомоти ӯ:

#### 1.Фиристодани саҳобагон ба ҳар гӯшаи дунё барои таълими Суннат

Бо васеъ шудани қаламрави Ислом дар натиҷаи пирӯзиҳои ҳамаҷониба эҳтиёҷ ба таблиғ

[7] *«Тазкиратул ҳуффоз» 1/4.*

ва омӯзишҳои исломӣ пайдо шуд. Умар (р) барои баровarda сохтани ин ниёзи мардум фаъолиятҳои таълимиро густариш дод ва баъзе аз саҳобагонро ба манотиқи гуногуни қаламрави хилофат гусел намуд, то дар минтақаҳои муайяншуда ба таълими Қуръон ва Суннат бипардозанд. **Умар (р), ҳамеша ба коргузорони нашри арзишҳои илоҳӣ васият мекард, ки мартаба ва аҳаммияти Суннатро пеши рӯйи худ дошта бошанд ва мутобиқ бо дастуроти он рафтор намоянд.**

### *2.Ташвиқ ба навиштани аҳодис*

Дастури Умар (р) ба навиштани ҳадис намоёнгари таваҷҷӯҳи махсуси ӯ ба тадвини Суннат буд. Ӯ мехост саҳобагон ҳадисҳоро ба риштаи таҳрир дароваранд, то замонати саломатии онҳо бо навиштан афзоиш ёбад. Ва ҳамаи мусалмононро такрор ба такрор ба ин кор тарғиб мекард ва худаш низ ба фикри навиштани ҳамаи ҳадисҳо афтод. Аммо бинобар маслиҳате, ки зикраш хоҳем кард, аз ин тасмими худ гашт. **Умар (р) худаш сабаби аз ин фикр бозгаштанашро баён мекунад:** *«Мехостам Суннатро (ҳадисҳоро) якҷо гирд оварам ва бинависам, аммо қавмеро, ки қабл аз шумо мезистанд ба хотир овардам. Онҳо ба дасти хеш китобҳое навиштанд ва чунон дар он фурӯ рафтанд, ки китоби Худовандро раҳо сохтанд. Савганд ба Худо ман чизи дигареро ба китоби Худо нахоҳам омехт».*[8]

[8] *«Ҷомиъул баён лил-ъилм» 2/64.*

Яъне танҳо хатари омехта шудани Суннат бо Қуръон сабаби худдори кардани Умар(р) аз тадвин ва ҷамъоварии Суннат дар як маркази маъмурӣ буд.

### *3. Мубориза бар ҷӯяндагони шубҳаҳо дар Қуръон*

Дар Қуръон оятҳое вуҷуд доранд, ки ба онҳо *(муташобиҳот)* мегӯянд. Мафҳум ва маънои воқеии онҳо дар зеҳни одамӣ намеғунҷад ва кунҷкобии бисёр дар онҳо оқибат ба залолат ва ҳатто ба куфр мерасонад ва бар ин асос гузаштагони аҳли Суннат ва Ҷамоъат бар ин фатво додаанд, ки бисёр кунҷкобӣ кардан барои фаҳми чунин оятҳо ҷоиз нест. Ва бояд хомӯш бошем ва дар муқобили он таваҷҷӯҳамон ба Суннат бошад. Нақл мекунанд, ки марде бо номи Субайғ ба Мадинаи мунаввара омад ва ба пурсидани мардум аз муташобеҳи Қуръон шурӯъ кард. Умар (р) ӯро ҳозир намуд ва қаблан барои таъдибаш чӯбҳое тайёр карда буд. Аз ӯ пурсид: ***Ту кистӣ? Гуфт: Ман бандаи Худо Субайғ ҳастам. Умар (р) чӯбе аз он чӯбҳоро бардошта ва гуфт: Ман бандаи Аллоҳ Умар ҳастам. Он гоҳ ба қадре ӯро зад, ки сараш хунолуд шуд. Он мард гуфт: Бас аст, эй Амиралмӯъминин! Он чи дар сарам медидам, аз байн рафт.***[28]

Ӯ ба мардум хитоб карда, чунин эълон намуд, ки ба зудӣ касоне меоянд, ки дар оятҳои муташобеҳи Қуръон бо шумо ҷанҷол мекунанд ва шумо дар муқобилашон бо сипари Суннат истодагӣ кунед, зеро доноёни Суннат аз ҳама

[28]. *«Қурратулайнайн» 56.*

бештар ба китоби Худо ошноӣ доранд[29]. Бешак, ҳазрати Форуқ (р) рост гуфтааст ва мо феълан дар чунин аср ҳастем, ки он бузургвор баён дошта буданд. Мо бояд ҳушёриро аз даст надиҳем ва бо сипари Суннат бар зидди афроди фитнаҷӯ бошем.

### *Суннат дар аҳди хилофати Усмон (р)*

Ҳазрати Усмони зиннурайн дар даврони дувоздаҳ соли хилофаташ ҳамаи фаъолиятҳояшро бар идомаи иқдомоти муассири Шайхайн (Абубакр ва Умар (р)) мутамарказ сохт. Чун табиати мулоим ва нарме дошт, дар иҷрои ҳадафҳои худ аз отифа ва нармӣ кор мегирифт. Дар охири аҳди хилофати Усмон (р) бар асари шӯришҳои дохилӣ, ки мунофиқон барпо карда буданд, вазъият бисёр ноамн гашт ва захираи Суннат низ мавқеияти номуносибе пайдо кард. Халифа барои ин, ки битавонад ганҷинаи Суннатҳоеро, ки Абубакр ва Умар бо талошҳои пайгирона ва бо эҳтиёткорӣ тартиб дода буданд, аз дасти ошӯбгарон дар амон нигоҳ дорад, саҳобагони Паёмбар (с)-ро дар ривоят ва расонидани ҳадисҳо ба мардум озод гузошта буд. Усмон (р) ва Алӣ (р) ду халифае буданд, ки эътиқоди комиле бар иқдомоти ислоҳии Шайхайн (Абубакр ва Умар(р)) доштанд ва то имкон доштанд бо пайравӣ аз роҳи онҳо амал мекарданд ва одамонро низ ба ҳамон роҳ мекашонданд. Аз ин хотир Усмон(р) дар бисёри корҳояш аз Абубакр ва Умар (р) пайравӣ мекард.

Бе шакку шубҳа, Абубакр (р) ва Умар(р) бо

---

29. «Қурратулайнайн» 57.

тарзу услубҳое, ки барои ҳифзу ҳимояи Суннат эҷод кардаанд, сабаби рушду амалӣ гаштани Суннат шудаанд. Аммо ин, ки ҳазрати Усмон (р) дар зинда кардан ва ривоҷ додани Суннат аз онҳо муваффақтар буд, воқеияти ғайри қобили инкор аст.

Аз миёни Суннатҳо маносике вуҷуд доранд, ки бар хилофи Суннатҳои дигар кам ба вуқӯъ меоянд ва баъзе аз онҳо соле як бор иҷро мегарданд. Ҳатто Суннатҳое вуҷуд доранд, ки барои бархе мардум дар умрашон як бор ба вуқӯъ мепайванданд. Ба монанди маносики ҳаҷ, ки аз ҷумлаи чунин Суннатҳо мебошанд. ***Ҳазрати Усмон (р) дар ин Суннатҳо дониши васеъе дошт ва ба гуфтаи Ибни Сирин аз миёни саҳобагон дар бораи маносик аз ҳама бештар медонист.***[30] Бо сипари шудани даврони ваҳй бисёре аз чунин Суннатҳо ба сабаби дурӣ аз зиндагӣ рӯ ба фаромӯшӣ ниҳода буданд, аммо Усмон (р) бо амалкардҳои худ дар фурсатҳои муносиб ба онҳо ҳаёти тоза бахшид.

Он чизе ки аз Паёмбар(с) дар ин маврид дида ё шунида буд, ба Саҳобагон ёдоварӣ мекард. Бешак, Усмон(р) бо ба кор бурдани ин тарз ба Суннат равнақи тоза бахшид. Ва мо дар кашф кардани ҳукми ҳақиқии бисёр аз масоиле, ки саҳобагон дар он ихтилоф доштанд ва ё аз он бехабар буданд, миннатпазири дониш ва амали Усмон (р) ҳастем.

---

[30] . Гелонӣ «Тадвини ҳадис» 402.

## ***Суннат дар замони хилофати Алӣ (р)***

Ҳазрати Алӣ(р) монанди ҳазрати Усмон(р) шартҳое, ки ду халифаи аввал дар роҳи ҳифз ва ривояти ҳадис гузошта буданд, пазируфта буд ва барои бештар пурсамар гаштани он талош меварзид. Шӯълаҳои оташи фитнаҷуйиҳои мунофиқон, ки дар охири солҳои хилофати Усмон(р) шурӯъ шуда буд, ӯро ба коми хеш фурӯ бурд ва нороҳатиҳое барои халифаи чаҳорум офарид.Илова бар ин, бо густариши суръати қаламрави давлати исломӣ, ки аз аҳди Абубакр (р) оғоз шуда буд, то даврони Алӣ (р) низ идома дошт ба нигарониҳояш меафзуд. Чун бо васеъ шудани сарзаминҳои исломӣ теъдоди мусалмонон афзун мешуд ва ба таври табиъӣ навмусалмонон он пухтагӣ ва таъаҳҳуди виҷдонии саҳобагонро надоштанд. Алӣ (р) наметавонист аз ҷониби онҳо ба хиёнат накардан ва тақаллуб дар маҷмӯаи Суннат мутмаин бошад. Ин ҳама боис шуда буд, ки Алӣ (р) дубора мардумро аз бадии дурӯғ огоҳу хабардор кунад. Ва аз виҷдони онон дар паҳншавии сидқ ва ростӣ кӯмак бигирад ва дар натиҷаи он Суннатро аз осеби душманон дур нигоҳ дорад. Ӯ гоҳу ногоҳ аз болои минбар бо садои баланд, ин гуфтаи Паёмбар(с)-ро ба мардум мерасонид:

*«Ҳаргиз суханони дурӯғин бар ман нисбат надиҳед, ҳар ки бар ман ифтиро намояд(дурӯғ печонад), дар оташи ҷаҳаннам меафтад»*[31] . ***Алӣ (р) гуфтааст: «Агар аз осмон бияфтам ва***

---

[31] . *Муснади Аҳмад ,ҷ-1/81. «Ҷомиъул масонид вассуннат», ҷ.17/200-230.*

***пора пора шавам, инро барои худам беҳтар медонам, аз ин ки бар Паёмбари Худо (с) ифтиро намоям»***[32]***.***

## *Тадбирҳои Алӣ (р) барои муҳофизати Суннат*

Пештар зикр кардем, ки Алӣ (р) тадбирҳои хулафои пешинро дар ҳифз ва нигаҳдошти Суннат пазируфта буд ва бо тамоми қувва барои пиёда сохтани онҳо фаъолият мекард. Аммо сар задани мушкилот ва хатарҳои навин дар аҳди хилофати ӯ вайро ба чораҷӯиҳои наве барои ҳифзи Суннат водор намуд ва ӯ чанд тариқаи нави дигареро ҷойгузини равиши хулафои қаблӣ намуд:

### *1.Паҳн кардани суннат ба тариқи бисёр ривоят кардан*

Ҳазрати Алӣ (р) дар аввали хилофаташ ба монанди хулафои пеш аз худаш бисёр ривоят карданро манъ мекард ва дар розӣ сохтани мардум барои кам кардани он мекӯшид. Аммо пас аз сар задани фитнаҳои бузург, ки наздик буд бунёди ақидатии исломро тағйир диҳад, ба маҳзи мунтақил кардани маркази хилофат аз Мадина ба Куфа Алӣ (р) ин тарзу услуби қаблиро раҳо сохт ва барои банд кардани роҳи ин тӯфон, тарзи бисёр ривоят карданро ҷорӣ кард. Ӯ мехост Суннатро дар байни мардум паҳн кунад ва

[32]. Ҳамон китоб.

онҳоро бо Суннати Паёмбар (с) ошно созад. Ҳазрати Алӣ (р) ҳадисҳоеро, ки худаш аз Паёмбар (с) шунида буд, ба дигарон мегуфт.

**Ибни Саъд менависад**: Як рӯзе Алӣ (р) дар хутбаи худ барои мардум гуфт: **Кадоме аз шумо ҳозир аст, ки бо як дирҳам илм (ҳадис) харидорӣ кунад? Аз миёни мардум яке ба номи Ҳориси Аъвар ба як дирҳам теъдоде варақ харид ва назди Алӣ (р) овард. Он бузургвор барои Ҳорис дар он варақҳо ҳадисҳои зиёдеро навишт.**[33] Бинобар ин, возеҳ аст, ки Алӣ (р) бисёр ривоят карданро муассиртарин тарзу услуб барои ҳимояи ҳадис медид. Ва хато нахоҳад буд, агар бигӯем дар даврони хилофати Алӣ (р), беҳтарин дифоъ барои маҷмӯаи Суннат зиёд кардани ривоят буд..

### *2. Супориш ба музокира ва такрори ҳадисҳо*

Чунончи пештар баён кардем, музокира ва такрори ҳадисҳо бо ҳамдигар яке аз роҳҳои ҳифзи Суннат дар замони Паёмбар (с) буд. **Ҳазрати Алӣ(р) ба мусалмонон тавсия кард,** ки дубора ҳалқаҳои музокираи ҳадисро барпо кунанд ва аз ин тариқ низ ба Суннат хидмат намоянд. Ӯ такрор накардани ҳадисҳоро офате барои илм ва сабаби кӯҳна шудани он номида ва дар яке аз суханонаш бо ишора ба ин нукта ба такрор кардани суханони Паёмбар (с) дастур медиҳад: ***Бо ҳамдигар музокираи ҳадис***

---

33. *«Табақот» ҷилди 6/116/.*

***намоед, зеро дар ғайри ин сурат илм кам-кам аз байн меравад[34].***

### *3. Савганд додани ровии ҳадис*

Эҳтиёт дар қабули ҳадисҳо чизе буд, ки халифаи чаҳорумро бо вуҷуди супоришоти зиёде, ки дар ривоҷ ва тавсиъаи умумии ҳадисҳо мекард, аз худ бениёз накард, зеро ҳар чи бошад, ҳадаф, қабул ва баёни суханони Паёмбар (с) буд. Ӯ наметавонист ба содагӣ аз ҳар кас ҳадис қабул намояд. Алӣ (р) барои дарёфти садоқат ва ростгӯй будани ривояткунанда, ӯро ба саҳеҳ будани ҳадисаш савганд медод ва он гоҳ ривояташро мепазируфт. Ин дар мавриде буд, ки шиносоии кофӣ бо ривояткунанда надошта бошад. Ва агар аз саҳобагони машҳур ва афроди одил ҳадисе мешунид, бидуни он ки дар саҳеҳ будани он тараддуде дошта бошад, гуфтаашро қабул мекард. Ӯ худаш дар мавриди савгандиҳияш, ки пеш аз хилофаташ чунин кор мекард, фармудааст: ***«Ҳар гоҳ аз Расули Худо (с) ҳадисе мешунидам, Худованд он чи аз нафъ бароям муқаддар карда буд, аз он ҳадис ба ман инояд мефармуд ва агар аз шахси дигар ҳадисе мешунидам, ӯро қасам медодам ва пас аз он тасдиқаш мекардам».***[35]

---

[34] . *«Одоби шаръия» 2/128.*

[35] . *«Тазкиратул хуффоз» 1/10.*

### *4. Манъи баёни ҳадисҳои душворфаҳм*

Дар миёни захираҳои бузурги Суннат ҳадисҳое вуҷуд доранд, ки дорои маъниҳои душвор ҳастанд ва гоҳо пазируфтани онҳо аз нигоҳи мафҳуми зоҳирияшон хело мушкил ба назар мерасад. Дар асли шаръ баён кардани матлабҳои динӣ дар пеши рӯйи мардуми авом, ки қобили фаҳм набошанд, мамнӯъ мебошад. Зеро онҳо аз фаҳми он суханон оҷиз хоҳанд монд ва эҳтимол дорад, ки онро дурӯғ шуморанд ва эътиқодашон аз гӯянда низ боз гардад.

Расули акрам (с) шахсан барои ин, ки мардуми авом дар фаҳми ин гуна ҳадисҳо мубталои мушкиле нагарданд, ба пӯшондани онҳо аз мардуми авом дастур медоданд. Дар ин бора мазмуни ҳадисеро аз «Мишкот», ки дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст, ба таври мисол зикр мекунем. *Рӯзе Расули акрам (с) бо Муъоз (р) ба шутуре савор буданд. Он Ҳазрат (с) се бор Муъозро садо зад ва ӯ ҳар бор лабайк мегуфт. Бори саввум ба Муъоз гуфт: «Ҳар, ки бо сидқи дил гувоҳӣ диҳад, ки ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад Расули Ӯст, Худованд бар вай оташи дӯзахро ҳаром мегардонад».* Муъоз гуфт: Оё ин муждаро ба мардум бирасонам,то ки шунида хушҳол гарданд? *Расули акрам (с) фармуд: Не! Зеро дар ин сурат фақат ба гуфтани калимаи шаҳодат иктифо (ва аз шитоб ба корҳои нек худдорӣ) мекунанд.*[36]

[36]. *Мишкот ҷ. 1.*

Мегӯянд Муъоз ибни Ҷабал (р) солҳои дароз ин ҳадисро пӯшида нигоҳ медошт, аммо вақте лаҳзаи маргаш фаро расид, онро ифшо сохт, то муртакиби гуноҳи китмони (пинҳон доштани) илм нагардад. Ҳазрати Алӣ (р) аз ин дастуроти Паёмбар (с) илҳом гирифта ривояткунандагони Суннатҳоро аз нақли чунин ҳадисҳо боз медошт ва мефармуд: «**Барои мардум ҳадисҳоеро бигӯед, ки онҳоро бифаҳманд ва он чиро, ки мумкин аст инкор намоянд, канор бигузоред. Оё дӯст медоред, ки мардум Худо ва Расулашро таксиб намоянд?»**[37]

Ин сухани Абуҳурайра (р) низ ҳамин мафҳумро ифода мекунад: **«Ман аз Расули Худо (с) ду навъ ҳадис ёд кардаам, якеро ба дигарон гуфтаам, аммо агар навъи дигарро ҳам бигӯям, гарданамро аз даст медиҳам».**[38]

Дар хулосаи хидматҳои хулафои рошидин бояд зикр кард, ки ба баракати заҳматҳои он пешвоёни хилофат ва бо ҳамкории дигар саҳобагон, ки шоистаи таҳсин мебошанд, Суннати Расули акрам (с) масири орому одии хешро бо шукӯҳу азамат тай кард, то ин, ки вориди марҳалаҳое шуд, ки тозатарин либоси ҳифозатро пӯшид ва бо он ваъдаи илоҳӣ дар ҳифзи ҷовидонаи он ба охирин шакли мумкин таҳаққуқ ёфт. Дар ин марҳала Суннат дар қолаби китобҳо ҷамъоварӣ шуд, ки метавон онро марҳалаи ба самаррасии заҳмати саҳобагон номид.

[37] . *«Тазкиратул-ҳуффоз» 1/13.*

[38] . *Саҳеҳи Бухорӣ*

## МУШОҶАРОТ ВА Ё ИХТИЛОФОТИ БАЙНИ САҲОБА (Р)

Метавон ҳамдигарнофаҳмӣ ва ихтилофотеро, ки дар миёни саҳобагон пас аз шаҳодати шаҳиди мазлум, ҳазрати Усмони зин-нурайн, халифаи саввуми Расули Худо (с) ба дасти шӯришиёни саркаш сар зад ва саҳобагони Расули Худо (с)-ро ба гурӯҳҳо ҷудо намуд, сароғози кушодашавии дари фитнаҳо номид. Дар оғози шурӯъи ин фитна, ки ба сафгирӣ ва ҷангу куштор анҷомид, сараввал ҷанг миёни лашкари ҳазрати Алӣ (р) аз як ҷониб ва аз тарафи дигар, лашкари модари мӯъминин ҳазрати Оишаи Сиддиқа (р) бо роҳбарии ҳазрати Талҳа (р) ва Зубайр (р) дар ҷанги Ҷамал рух дод ва баъдтар ин ҷанг бо даргирии миёни лашкари ҳазрати Алӣ (р) ва ҳазрати Муъовия (р) дар ҷанги Сиффин идома ёфт. Ин гирудорҳои сиёсӣ, мусалмононро ба парокандагӣ, ҳизбгароӣ ва ба фирқаҳои гуногуне, ки бо номи фирқаҳои исломӣ машҳур гаштаанд, ҷудо сохт.

Ин ихтилофот ва гирудорҳои сиёсии саҳобагон, ҳамчун баҳонае барои заъиф гардонидани дини мубини Ислом ва ғолибу мусаллат гардонидани ҷаҳони куфр бар ҷаҳони Ислом ва ба унвони қавитарин аслиҳаи мубориза бо Ислом ва мусалмонон, мавриди истифодаи душманон қарор гирифт. Агар мо бурду бохти олами Ислом ва олами куфрро ба унвони тахтаи шоҳмотбозӣ қиёс кунем, баръало дидан мумкин аст, ки душманони дин ҳассостарин гашти мӯҳраро дар он давра кардаанд, яъне асос ва таҳкурсӣ ё фундаменти ҳокимиятеро, ки мақсадаш барпо сохтани ҳокимияти адли илоҳӣ ва ғолиб гардонидани дини мубини Ислом болои

дигар динҳои мансухшуда буд, мавриди ҳамла қарор доданд. Масалан, ҳукуматеро, ки Расули Худо (с) асосашро тарҳрезӣ кард ва ҳамроҳ бо ёрони бовафо, яъне хулафои рошидин ва дигар саҳобагони киром(р), барқарор ва устувораш намуд ва тавонист дар муддати чанд даҳсола империяҳои бузурги Руму Форсро аз байн барад ва аксари давлатҳои дунёро зери парчами хеш қарор диҳад, ҳамон гуна ҳукумати устувору мустаҳкамро, ки афроди ҷомеааш саҳобагони Расули Худо (с) буданд, душманони дину миллати мусалмон тавонистанд дар байнашон ихтилофу низоъ эҷод намоянд ва аз рӯи мақоли «Тафриқа андозу ҳукумат кун» амал намуда, мусалмононро дар муқобили якдигар қарор доданд ва аз масири аслиашон, ки барпосозии ҳукумати адли илоҳӣ ва эълои калиматуллоҳ (нашри арзишҳои дини Худо) буд, мунҳариф созанд.

Илова бар ин, аз сӯи пайравони фарҳангҳои шикастхӯрда, душманони ғайриошкори дини Худо ва дастнишондагони дохилии онҳо ҳазорон ривоятҳои беасос, эпизодҳои бофтаи таърихӣ ва дурӯғҳое дар бораи ин ихтилофоти онҳо ба вуҷуд оварда шуд ва он ҳамаро дар сафаҳоти таърих дарҷ намуданд, то минбаъд чеҳраи доғдор ва таноқузоти дохилие аз он саҳобагони бузург барои наслҳои баъдӣ нишон диҳанд. Нақшаи барномарезишудаи онҳо то ҷое пеш рафт, ки дар пайкари уммати Ислом ҷараёнҳои мунҳариф ва тоифаҳои гумроҳеро ба вуҷуд оварданд. Пайравони бероҳи ин ҷараёнҳо ва гурӯҳҳои сохта бо истинод ба он ривоятҳои нодурусти таърихӣ ва санадҳои машбӯҳ ҳамлаи таблиғотии пурҳаҷмеро дар ҳар давру замон бар зидди арзишҳои дини Худо ва нахустин нашркунандагони он ба роҳ меандозанд. Ҳар гоҳ

макр ва ҳиллаву найрангҳои душманони уммати Ислом фошшудан гирад, онҳо барои машғулсозии афкори ҷомеъа, лаҳзаҳои нозуки ин воқеъотро истифода карда, бо дасти душманони дӯстнамо ва номусалмонони мусулмонамо, пешкаши ҷомеъаи мусалмонон менамоянд ва бо истифода ва такя ба ривоятҳои бофтаи таърихӣ, ки асоси воқеъӣ, чун оятҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои саҳеҳи набавӣ надоранд, мепардозанд. Ин тарзи амалкарди худро душманони Ислом, гӯё сирф барои баррасии ҳақиқати таърих мекарда бошанд, хайрхоҳона нишон медиҳанд ва дар зимни ин гуна амалҳояшон, аз номҳо ва лаҳзаҳои бархӯрди он саҳобагони Расули Худо (с) дар он воқеъаҳо истифода карда ва ба даъвои ин, ки гӯё воқеъаҳои таърихиро нақл ва баррасӣ мекарда бошанд, нисбати он бузургворон беэҳтиромӣ нишон медиҳанд ва байни худашону онҳо ва ин давраву лаҳзаҳои замони онҳо ҳеҷ фарқияте намегузоранд ва ба ин восита чеҳраҳои софу беолоиш ва дараҷаву мартабаҳои бузурги онҳоро мехоҳанд доғдор намоянд.

Натиҷаи амалкард ва нақшапардозии душманони дину миллат аст, ки имрӯз мебинем баъзеҳо ба ҳимоят аз ҳазрати Алӣ(р) ва ҳамроҳонаш мепардозанд ва гурӯҳе ба пуштибонии ҳазрати Муъовия(р) ва тарафдоронаш ҳамчун ҳазрати Оиша (р) ва Талҳа(р) ва Зубайр(р) қиём мекунанд ва ҳар кадоми аз ин ду даста мухолифони худро ба ҳар тарзе, ки бихоҳанд, мазаммат ва маломат менамоянд ва дар мавриди он бузургворон ноогоҳона ва ғайри воқеъбинона, изҳори назар менамоянд, ки ин кор дар ниҳоят ба бархӯрд ва ихтилофу парокандагии байни мусалмонон оварда мерасонад.

Дар ҳоле, ки ин равиши кор ва тарафдори карданҳои бемавридро Худованди мутаъол дар Қуръони карим дар сураи Бақара чунин баён кардааст.

***Худованд мефармояд:***

تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ ۖ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُم مَّا كَسَبْتُمْ ۖ وَلَا تُسْأَلُونَ عَمَّا
كَانُوا يَعْمَلُونَ ﴿١٣٤﴾

***«Онҳо уммате будаанд, ки даргузаштаанд. Он чӣ карда буданд, аз они онҳост ва он чӣ шумо мекунед аз они шумост ва шумо аз аъмоле, ки онҳо мекарданд, пурсида намешавед.».***

*(Сураи Бақара, ояти 134 )*

Худованди меҳрубон ин тарзи муҳокимаронӣ ва ин гуна равиши корро амали беҳуда ва беманфиъат нишон додааст. Машғул шудан ба чунин баҳсҳои пучу бемаънӣ барои мусалмон, чизе ҷуз рӯҳафтодагӣ ва бадбахтӣ ба бор нахоҳад овард ва агар фоидае вуҷуд дошта бошад, он ҳам барои душманони Ислом буда ва бар зарари мусалмонон мебошад.

Агар мо дар ҳақиқат хоҳони фаҳмидани ҳақиқати кор бошем ва дар ин бора бихоҳем таҳқиқоти холисона барем ва бо худ биандешем, ки агар он бузургворон байни худ ихтилоф

намекарданд, мо ба ин фирқаҳо ва гурӯҳҳо ҷудо намешудем, боз ҳам хато мекунем, зеро дар ин ихтилофот на ҳазрати Алӣ (р) ва тарафдоронаш ва на ҳазрати Оишаи Сиддиқа (р) ва ҳазрати Зубайру Талҳа (р) ва на ҳазрати Муъовия (р) ва тарафдоронаш камтарин кӯтоҳӣ ва камбудие аз нуқтаназари Қуръон ва ҳадис надоранд ва ҳамаи ин бузургони азимушшаън аз чунин нисбате пок ва аз ин тӯҳмат мубарро ҳастанд, зеро ҳар кадоми аз он ду гурӯҳ муҷтаҳидоне буданд, ки бар сари мавзуъи қисос ва талаб кардани хуни шаҳиди мазлуму барҳақ, ҳазрати Усмон (р) ва таҳқиқ аз қотилони он ҳазрат ва дар тариқаи истинботи масъала ва истидлол аз манобеъи шаръӣ, бо такя ба далелҳои қуръонӣ ва суннати набавӣ ба иҷтиҳод пардохтанд ва ҳар яке аз он ду гурӯҳ барои расидан ба ҳақ бар ҳасаби он чи, ки ба назари муҷтаҳидонаашон дуруст буд, иҷтиҳод карда ҳақро талабгор шудаанд.

Агарчи ҳақ танҳо яке буда метавонад ва дар ин ҷо ҳақ бо далелҳои собитшуда ҷониби Алӣ (р) мебошад, аммо чун тарафи муқобили ӯ низ саҳобагони Паёмбар (с) ва аз ҷумлаи росихини дар илм ва муҷтаҳидони бузург буданд ва хатояшон фақат бар асоси иҷтиҳодашон буд ва на аз рӯи ғараз ва ҳавас, аз ҳамин хотир дар мавриди амал бар чунин хатои иҷтиҳодӣ мустаҳиқи аҷр ва савоб буданд, на ин ки гунаҳкор ва муқассир бошанд. Чуноне, ки дар мазмуни ҳадисе омадааст, **муҷтаҳиди дар фатвояш хато карда низ як дараҷа аҷр ва савоб дорад, зеро неруи фикрӣ ва кӯшиши худро ба миқдори тавоынноияш барои расидан ба ҳақ ба кор бурдааст.**

Дар ҳақиқат, ҳеҷ яке аз бузургоне, ки зикрашон рафт, дар ин бора муқассир ва мавриди маломат намебошанд, балки гунаҳкорони аслӣ дар ин ҳодисае, ки миёни саҳобагони Расули Худо (с) рух дод, танҳо мунофиқони «Сабаӣ» мебошанд, ки дар мактаби душмани сарсахте ба номи Ибни Савдо, маъруф ба «Абдуллоҳ ибни Сабаи яҳудӣ» омӯзиш дида ва дар зоҳир Ислом оварда ва аз ҳамон лаҳзаҳои аввали Ислом дар камини мусалмонон нишаста ва дар фикри интиқомҷӯии шикастҳои пай дар пайи яҳудиёни Хайбар, Бани Қурайза ва Бани Назир, ки аз дасти Паёмбари акрам (с) ва мусалмонон ба шикаст мувоҷеҳ шуда буданд, интизорӣ мекашиданд. Ӯ ин мактаби нопокро бар асоси нифоқ, дурӯягӣ ва макру фиреб таъсис кард ва дар интизори мавқеъи муносиб барои зарба задан буд.

Дар даврони хилофати халифаи аввал Абубакри Сиддиқ (р) ва халифаи дуввум, амиралмӯъминин Умар ибни Хаттоб (р) пояҳои давлати Ислом, бо кӯшишу заҳматҳои пайгиронаи ин ду ёри бовафои Паёмбар(с) хеле мустаҳкаму устувор гашт, ки на аз дохил ва на аз хориҷи қаламрави давлати Ислом ҳеҷ қуввае вуҷуд надошт, ки ошкоро ҷуръати таҳдиди давлат ва хилофати исломиро дошта бошад.

Дар замони хилофати халифаи саввуми Расули Худо(с) Усмон (р) бо пешрафтҳои чашмгири Ислом ва густариши арзишҳои дини мубин то қалби Аврупо ва то дохили Африқо хатари ба нестӣ расидани насроният ва аз байн рафтани яҳудият ва ҳукуматҳои шайтонӣ ва ғайри худопарастӣ рӯз то рӯз ошкортар мегашт.

Бинобар ин мунофиқони тарбиятёфта ва омӯзишдида дар мактаби Абдуллоҳ ибни Саба, ки марги худро дар пешрафти Ислом мушоҳида мекарданд, барои ҳифзи бақои худ ва думравонашон дар рангу сурати мусалмонони хайрхоҳи Ислом, бо шиъорҳои исломии адолатписандона аз камингоҳҳои Мисру Куфа ва Басра дар либоси мардумони он диёр баромаданд ва бо тазоҳур ба қасди ҳаҷҷи Байтуллоҳ ва зиёрати Расули Худо (с), ба тарафи Мадинаи мунаввара, ки маркази хилофати исломӣ буд, рафтанд. Онҳо ба сурати ғофилгиронае ба шаҳр ҳамла карда, хонаи халифаи мусалмонон Усмон (р)-ро муҳосира карданд ва амирул-мӯъминин Усмон (р)-ро ба шаҳодат расониданд, дар ҳоле ки он бузургвор бо даҳони рӯзадор машғули тиловати Қуръони карим буд ва хуни покашро дар болои сафҳаи Қуръони пок, рӯи ояти

... فَسَيَكْفِيكَهُمُ ٱللَّهُ ۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴿١٣٧﴾

*«...**пас бо ту сари хилоф доранд ва дар баробари онҳо Худо туро кофист ва Ӯ шунаво ва доност**»*,

(Сураи Бақара, ояти 137)

рехтанд. Ин худ як ишораи ошкор аст, ки Худованд аз яко яки он қотилон интиқом хоҳад гирифт. **Расули Худо(с) низ, аз мазлумона ба қатл расидани Усмон (р) аз тарафи гурӯҳи ситамгор ва золим, хабар дода буд.**

***1. Ҳазрати Ҳузайфа ибни Ямон, роздор ва соҳиби сирри расули Худо (с) фармудааст:***

***Ҳазрати Усмон ба биҳишт ва қотилонаш ба дӯзах хоҳанд рафт.***

***Боз фармудааст: Агар қатли Усмон (р) ҳидояте буд, ҳамоно уммат ба василаи он шир меҷӯшид, вале куштанаш дар ҳақиқат, залолате буд, ки уммат дар асараш хун ҷӯшид[39].***

**2. Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Салом (р) ба шӯришиён гуфтааст:** ***Ҳушёр ва огоҳ бошед, ки ҳазрати Усмонро ба қатл нарасонед, вагарна то қиёмат шамшерҳоятон дар миёни якдигар ба ҳаракат дархоҳад омад. Вақте ҳазрати Усмон (р) ба дасти шӯришиён ба қатл расид, он гоҳ ҳазрати Абдуллоҳ ибни Салом фармуд: Мардум дарҳои фитнаҳоро ба рӯи худ кушоданд ва он то қиёмат баста нахоҳад шуд[40].***

**Аллома Суютӣ ба нақл аз муаррихи Шом, Ибни Асокир ва Ибни Адий ин ҳадисро ба ривояти ҳазрати Анас (р) нақл кардааст:**

***То замоне ҳазарти Усмон (р) зинда аст, шамшери Худо дар наём (ғилоф) хоҳад монд ва ҳар гоҳ ӯ кушта шавад, шамшери Худо бе наём хоҳад шуд ва то абад ба наём барнахоҳад гашт[41].***

Оре, инҳо гунаҳкорони аслӣ ва масъулони тамоми мушкилоте ҳастанд, ки куштани ҳазрати Усмон (р) ва бе наём (ғилоф) кардани шамшери ғазаби Худоро болои мардум ба бор оварданд. Инҳо буданд, ки дирӯз Расули Худо (с)-ро ба василаи зани яҳудӣ заҳролуд карда буданд,

---

[39] . *Ал-Бидоя ван-Ниҳоя, ҷ.6.с.208, Бейрут, китоби Мақоми саҳоба, саҳ 9.*

[40] . *Сирати хулафои рошидин, саҳ.182, китоби Мақоми саҳоба, саҳ 10.*

[41] . *Китоби Мақоми саҳоба, саҳ 10.*

Абубакри Сиддиқро масмум сохтанд ва баъдан Умари Форуқ (р)-ро дар меҳроби масҷиди Расулуллоҳ (с) ба василаи марди маҷусии палиде, бо номи Абулӯълӯъи Маҷусӣ ба шаҳодат расониданд. Бале, ҳамонҳо буданд, ки имрӯз боз чеҳраи худро дигар кардаанд. Дар либоси адолатхоҳӣ хуни поки ҳазрати Усмон (р)-ро рехтанд. Ибни Масъуд (р) дар ҳаққи вай фармуда буд:

«*Санги осиёби Ислом, пас аз сию панҷ сол аз ҷояш такон хоҳад хурд*».Бале, ҳамонҳо буданд, ки дар соли 35-ҳиҷрӣ бо ба шаҳодат расонидани ҳазрати Усмон (р) санги осиёби Исломро аз ҷояш беҷо карданд ва мардум ва миллати мусалмонро ба ошуб кашониданд. Боз ҳам ҳамонҳо буданд, ки дар рӯзҳои баъдӣ ба унвони ҳаводорони ҳазрати Алӣ (р) дар ҷанги Ҷамал ва Сиффин саҳнаҳои ҷангӣ оростанд ва ҳудуди 90-ҳазор тан мусалмонро, ки аз он ҷумла ҳазрати Талҳа, Зубайр ва Аммор ибни Ёсир (разияллоҳу анҳум) низ буданд, ба шаҳодат расониданд ва нисбат ба мақоми баланди модари мӯъминин, ҳазрати Оишаи Сиддиқа (р) беҳурматӣ зоҳир карданд ва сипас ба номи Хавориҷ исми худро тағйир доданд ва дар маъракаи Наҳравон дар муқобили ҳазрати Алӣ (р) саф гирифта бо ӯ ҷангиданд ва оқибат тасмими куштани ҳар се роҳбари бузурги исломӣ, ҳазрати Алӣ (р), ҳазрати Муъовия (р) ва ҳазрати Амр ибни Ос (р)-ро, ки чашми олами Ислом ба онҳо дӯхта шуда буд, гирифтанд ва дар ниҳоят дар рамазони соли чиҳилуми ҳиҷрӣ, ҳазрати Алӣ (р)-ро ба шаҳодат расониданд ва бузургтарин зарбаро бар пайкари Ислом ворид сохтанд. Пас аз он ҳам то имрӯз ҳеҷ гоҳ лаҳзае ором нанишас-

тaанд ва то абад, аз дасисабозӣ ва фитнаву фасод дар рӯи замин, ором нахоҳанд нишаст.

**Аз гузаштаҳои таърих то имрӯз ҳар гоҳ Ислом ва мусалмонон ба таври хусусӣ ва ҷомеъаи башарият ба таври умумӣ, ҳар навъ зарар ва зарбае хӯрда бошад, боз ҳам аз дасти ҳамон сияҳкорон ва бадхоҳони яҳудӣ аст, ки дар ҳар давру замон бо ҳар ному лақаб хуруҷ мекунанд ва дунёро мубталои бадбахтиҳо, хунрезиҳо ва дигар мушкилот месозанд.** Далели ин гуфтаҳо фармудаҳои Худованд аст, ки мефармояд:

۞ لَتَجِدَنَّ أَشَدَّ ٱلنَّاسِ عَدَٰوَةً لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلْيَهُودَ وَٱلَّذِينَ أَشْرَكُواْ ۖ

***«Душмантарин мардум нисбат ба касоне, ки имон овардаанд, яҳуд ва мушриконро меёбӣ...».***

*(Сураи Моида, ояти 82)*

***Дар ояти дигари Қуръони карим омадааст:***

كَيْفَ وَإِن يَظْهَرُواْ عَلَيْكُمْ لَا يَرْقُبُواْ فِيكُمْ إِلًّا وَلَا ذِمَّةً ۚ يُرْضُونَكُم بِأَفْوَٰهِهِمْ وَتَأْبَىٰ قُلُوبُهُمْ وَأَكْثَرُهُمْ فَٰسِقُونَ ﴿٨﴾

***«Чӣ гуна паймон мебошад, ки агар бар шумо пирӯз шаванд, ба ҳеҷ аҳду савганд ва хешовандӣ вафо накунанд. Бо забон хушнудатон месозанд ва дар дил сар мепечанд ва бештарашон бадкоронанд».***

*(Сураи Тавба, ояти 8)*

Чун аз ҷараёни аслии воқеаҳои рухдода ба таври хулоса маълумот пайдо кардем, акнун мавқеъият ва назари аҳли суннат ва ҷамоъатро дар хусуси якдигарнофаҳмӣ ва ихтилофоти байни саҳобагон, бо далелу бароҳин пешкашатон мегардонем.

Дидгоҳи аҳли суннат ва ҷамоъат аз назокат ва ихтилофоте, ки дар миёни саҳобагони киром (р) гузаштааст, ин аст, ки бояд забонҳоямонро нигоҳ дорем ва ҳеҷ гоҳ суханеро, ки сабаби душманӣ ё шикастани шавкату шаҳомати онҳо дар миёни мардум мегардад, ба забон наорем. Бар ҳар мусалмон дӯст доштани ҳамаи асҳоби киром ва инчунин аз ҳамаи онҳо розӣ будан ва пос доштани фазилатҳо ва собиқаи неки дар Ислом ва ҳамеша аз некии онҳо ва садоқату бузургии он абармардони садри Ислом сухан гуфтан воҷиб аст. Он чи дар миёни онҳо гузашт, онро як иҷтиҳоди муҷтаҳидона барои дарёфт ва расидани ба ҳақ бидонем ва ҳамеша ҳар ду тарафи муқобилро ба хубӣ ёд кунем ва қотилу мақтули асҳоби киромро ҷаннатӣ бидонем.

Дар он чи, ки миёни он бузургон гузаштааст, аҳли суннат ва ҷамоъат ҳеҷ гоҳ иҷозат намедиҳад ба таҳқиқи тарафи нодурусти он машғул бошем[42], зеро ҳақ донистани як тараф ва ноҳақ донистани тарафи дигар ба мо суде надорад ва кунҷкоби кардани дар он мавзӯъ, барои мо савоб ё аҷреро ба бор нахоҳад овард ва масъулияти амалкарди ҳар шахс дар ҳар давру замон, хоҳ кори нек асту

[42]. *Ақидату аҳлис-суннати вал-ҷамоъати фи саҳобатил киром (32/727) ва китоби, Танзеҳи Холулмӯъминин Муъовия (р) мин зулм ва фисқ фи мутолабати би дамил амирулмӯъминин Усмон (р) саҳ.41.*

мустаҳиққи аҷр ва ё кори бад асту сазовори ҷазо, ба худи ҳамон шахс мутааллиқ мебошад ва аз дигарон пурсида нахоҳад шуд, чуноне, ки Худованди карим дар ин бора, дар Қуръони карим хуб баён кардааст:

تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ ۖ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُم مَّا كَسَبْتُمْ ۖ وَلَا تُسْـَٔلُونَ عَمَّا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٤١﴾

***«Онҳо уммате будаанд, ки даргузаштаанд. Он чӣ карда буданд, аз они онҳост ва он чӣ шумо мекунед, аз они шумост ва шумо аз аъмоле, ки онҳо мекарданд, пурсида намешавед»***.

*(Сураи Бақара, ояти 141)*

Барои ошноии бештар ба баррасиҳои қуръонӣ ва шинохти дурусти мавқеъи аҳли суннат дар ин бора, ояти каримаро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱقْتَتَلُوا۟ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَهُمَا ۖ فَإِنۢ بَغَتْ إِحْدَىٰهُمَا عَلَى ٱلْأُخْرَىٰ فَقَـٰتِلُوا۟ ٱلَّتِى تَبْغِى حَتَّىٰ تَفِىٓءَ إِلَىٰٓ أَمْرِ ٱللَّهِ ۚ فَإِن فَآءَتْ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَهُمَا بِٱلْعَدْلِ وَأَقْسِطُوٓا۟ ۖ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ ﴿٩﴾

***«...ва агар ду гурӯҳе аз мӯъминон бо якдигар ба ҷанг бархостанд, миёнашон оштӣ афканед. Ва агар як гурӯҳ бар дигаре дастдарозӣ кард, бо он ки дастдарозӣ кардааст, биҷангед, то ба фармони Худо бозгардад. Пас, агар ба амри Худо бозгашт, дар миёнашон сулҳе одилона***

***барқарор кунед ва адолат варзед, ки ҳароина, Худо одилонро дӯст медорад».***

*(Сураи Ҳуҷурот, ояти 9)*

Дар ин ояти карима ба вузӯҳ маълум мебошад, ки Худованди меҳрубон мусалмононро барои ислоҳу оштӣ афкандан дар миёни ду гурӯҳ мӯъминони мутахосим, амр намудааст. Пас, ба хубӣ маълум мешавад, ки он чӣ аз даргириҳое, ки миёни он бузургон гузашт ва ҳол он ки онҳо мӯъмину бо ҳам бародари динианд, онҳоро аз имон хориҷ намекунад ва Худованди тавоно онҳоро ба сулҳу салоҳ дар миёнашон амр намудааст.

Пас, асҳоби Расули акрам (с) дар даргириҳое, ки дар мавқеъи Ҷамал ва ғайри он миёнашон сурат гирифт ва ҳол он ки онҳо аввалин шахсоне мебошанд, ки исми имондориро соҳиб гаштаанд, дорандагони имони ҳақиқиянд ва он чӣ дар миёни эшон гузашт, дар ҳоли имондориашон буд ва имонро аз онҳо касе ҳаққи салб кардан (кашида гирифтан) надорад ва мо кори онҳоро иҷтиҳод медонем[43] .

Ақидаи мо аҳли суннат ва ҷамоъат дар баробари мавқеъияти ҳарду гурӯҳ чунин аст, ки ёрону тарафдорони Алӣ(р), яке аз ду тоифаи ба ҳақ наздиктар ва Алӣ(р) ҳамчун ҳоким ва муҷтаҳиди ба ҳақ расида буда ва Муъовия (р) ва тарафдорону пайравонаш муҷтаҳиди хато карда ва дар айни ҳол, бо хости Худо маъҷур (мустаҳиққи аҷр ва соҳиби савоб) мебошанд. Дар

[43] . Алавосиму минал қавосим,саҳ (169/170) ва аҳкомул Қуръон, (ҷ4/1717).

Саҳеҳи Бухорӣ ҳамин тавр омадааст.

***Аз Амр ибни Ос (р) ба ин мазмун ҳадисе ривоят аст, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки фармуданд:***

*«Вақте ҳоким (раиси давлат ва пешвои қавм), ҳангоми ҳукм кардан иҷтиҳод намояд ва дар иҷтиҳодаш ба савоб бирасад (яъне ҳақро дарёбад), барояш ду аҷр (музд) аст (як аҷр барои заҳмати иҷтиҳод ва аҷри дигар барои расидан ба ҳақ). Ва агар иҷтиҳод кунад ва дар иҷтиҳодаш хато намояд, барояш як аҷр (музд) аст, (ки ҳамон музди иҷтиҳодаш мебошад)».*[44]

Мехоҳам ин ҷо мазмуни ҳадиси дигареро перомуни баҳси мавҷуда пешкаш намоям, то ҳақиқат беҳтару хубтар аён гардад.

***Аз Абубакра (р) ба ин мазмун ҳадисе ривоят аст, ки гуфтааст:***

*«Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки болои минбар нишаста ва барои мардум ваъз мегуфтанд, ки ҳамин вақт Ҳасан ибни Алӣ(р) ба наздашон омада истод. Паёмбар(с) чун ӯро диданд, ба тарафи мардум рӯй оварда гуфтанд: Ин фарзанди ман пешво ва роҳбаре аст, ки шояд Худованди мутаъол ба сабаби вай миёни ду гурӯҳи бузурге аз мусалмонон сулҳ барқарор созад»*[45]*.*

Албатта, он чизеро, ки Расули акрам(с) таваққуъ намуда буданд, ба вуқуъ пайваст, зеро

---

[44]. *Бухорӣ, ҳадиси (2218), боби Аҷрул-ҳокими изо иҷтаҳада, Фатҳул-Борӣ, (13/318).*

[45] . *Бухорӣ, ҳадиси ( 2704) ва низ бо лафзи дигаре аз Бухорӣ дар ҳадиси (7109), китоби «Фитан» омадааст.*

Худованд ба сабаби Имом Ҳасан (р) миёни ду гурӯҳи бузурги мусалмонон, ки гурӯҳи Ҳасан (р) ва Муъовия (р) буд, сулҳ барқарор сохт.

Аз ин ҳадис чунин маълум мешавад, ки шаҳодати Расули акрам (с) ба мусалмон будани ҳар ду тоифа, яъне дурустараш аҳли Шом ва аҳли Ироқ, шаҳодати тасдиқшуда мебошад. Ин ҳадис як ҳуҷҷати қавиест, бар зидди Хавориҷ, ки Алӣ (р) ва пайравонашро ва низ Муъовия (р) ва тарафдоронашро ба куфр ҳукм намудаанд.

**Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки Суфён ибни Уяйна гуфтааст**: Гуфтани Расулуллоҳ (с) (фиатайни минал муслимина, яъне ду гурӯҳ аз мусалмонони бо ҳам дар низоъ) моро бисёр дар тааҷҷуб меандохт.

***Байҳақӣ мегӯяд***:

Дар ҳақиқат, онҳоро ин чиз дар тааҷҷуб андохтааст, ки Расули акрам (с) фармудааст, ки ҳамаи онҳо мусалмонанд.

Ин хабарест аз тарафи Расули акрам (с), ки бо супоридани Ҳасан ибни Алӣ(р) ҳокимиятро ба Муъовия ибни Абусуфён (р) пас аз вафоти Алӣ (р), тасдиқи худро ёфтааст[46].

Хонандаи гиромӣ, ин ду ҳадисеро, ки баён намудем, ишора ба аҳли Ироқ дорад, ки ҳамроҳи Алӣ (р) буданд ва инчунин ишорае аст ба аҳли Шом, ки ҳамроҳи Муъовия ибни Абусуфён (р) буданд ва шумо худ шоҳидед, ки Расули акрам (с) ҳар ду гурӯҳро ба сифати мусалмонони умматаш тавсиф намудаанд[47].

---

[46]. *Ал-эътиқод лил Байҳақӣ, (саҳ.198) ва дар Фатҳул-Борӣ, (13/66).*

[47] . *Саҳеҳи Муслим, (2/746),*
*«Мебошад дар уммати ман ду гурӯҳ».*

Чуноне, ки Расули акрам(с) тавсиф намудааст, ҳаммаи онҳо ҳаққанд ва ҳеҷ кадоми онҳо аз ислом берун нарафтаанд ва ҳамеша бо имону ислом буда ва ба сабаби даргирие, ки миёнашон гузаштааст, аз имону ислом хориҷ нашудаанд ва ҳамаи онҳо зери ин ояти қуръонӣ дохил мебошанд:

وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱقْتَتَلُوا۟ فَأَصْلِحُوا۟ بَيْنَهُمَا

***«...ва агар ду гурӯҳе аз мӯъминон бо якдигар ба ҷанг бархостанд, миёнашон оштӣ афканед»***.

*(Сураи Ҳуҷурот ояти 9)*

Чуноне, ки қаблан зикр намудем, инҳо ҳамон бузургони уммати ислом ҳастанд, ки мадлули оят қарор гирифтаанд ва Худованд аз ҳамаи онҳо хушнуд бод. Ба таҳқиқ, ки онҳо ба сабаби он чи дар миёнашон рух дод, «ал-ъаёзу биллоҳ» на аз ислом берун рафтаанд ва на фосиқанд, балки онҳо муҷтаҳидони замони худ буданд. **Дар ин ҷо метавон ҳукми ҳазрати Алӣ (р) барои кушташудагони ҳар ду гурӯҳро, аз китоби Мусаннафи Ибни Абишайба бо санади ҳасан таҳти рақами(15\303), ба ривояти Язид ибни Асам овард, ки гуфтааст:** *Ҳангоме ки байни Алӣ (р) ва Муъовия (р) дар ҷанги Сиффин сулҳ барқарор шуд, ҳазрати Алӣ(р) баромад ва пои пиёда дар байни кушташудагони майдони ҷанг гашту гузор кард ва ҳоли онҳоро мушоҳида намуд, он гоҳ ба тарафи кушташудагони тарафдор ва пайраваш ишора карда гуфт: Ҷойгоҳи инҳо дар ҷаннат аст. Сипас ба тарафи кушташудагони тарафдор ва пайрави ҳазрати Муъовия(р) ишора карда гуфт: Ҷойгоҳи онҳо низ дар ҷаннат мебошад*

*ва ҳукм ҳар чи ҳаст, ба ману Муъовия бармегардад.*

**Хонандаи гиромӣ, пас воҷибу лозим аст барои ҳар мусалмони воқеъӣ, ки дар эътиқодаш, равиш ва маслаки аҳли суннат ва ҷамоъатро пеша кунад ва он беҳтарин равиш аст ва ҳеҷ яке аз он бузургонро аз пеши худ ҳукм накунад, ки мабодо ба мақоми он парвардагони мактаби рисолат густохиеро раво бинад, зеро мақоми онҳо дар назди Худову Паёмбар хеле баланд аст ва дар ин робита хомӯширо ихтиёр кардан авло аст, зеро кӯчактарин лағзиш дар ин маврид метавонад оқибатҳои бад ва вазнинеро дар дин ва имони ҳар мусалмон дошта бошад[48].**

Китобҳои аҳли суннат ва ҷамоъат, ки ақидаи поку беолоиш ва ростини асҳобу ёрони Паёмбари Худо (с) аст, дар бораи мавқеъият ва назароташон аз ин даргириҳое, ки миёни он абармардони садри ислом гузаштааст, пур мебошанд ва инак барои боз ҳам рӯшантар намудани дидгоҳи уламои аҳли суннат гуфтаҳо ва назарҳои зеринро пешкаши шумо азизон мегардонем, то ин масъаларо пурра ҳал намоем.

***1- Ҳазрати Умар ибни Абдулазиз (р) дар бораи он ихтилофоте, ки миёни саҳоба (р) гузаштаст, савол карда шуд.***

Гуфт: Он хунҳое ҳастанд, ки Худованд дастони маро аз онҳо пок нигоҳ доштааст, пас, оё ман забонамро аз воқеъ шудан дар он хунҳо пок нигоҳ надорам. Асҳоби Расули акрам (с) ба монанди чашмҳоанд ва давои чашмҳо даст нарасонидани онҳост[49].

***Байҳақӣ*** дар робита ба ин сухани Умар ибни Абдулазиз (р) гуфтааст:

---

[49] *. Алинсоф лил Боқилонӣ саҳ. (69) ва «Табақот»,(5/394).*

[48] *. Ақидаи аҳли суннат пиромуни саҳоба (р) (2/746), зери боби, «Такуну фи умматӣ фирқатон».*

Ин гуфтаҳо бисёр зебост, зеро хомӯш будани шахс дар хусуси он чи ки бефоида аст, савоб ва некӯст[50].

***2- Ҳасани Басрӣ (р) аз он назокатҳое, ки миёни саҳоба (р) гузаштааст, савол карда шуд.***

Гуфт: Он даргириест, ки миёни асҳоби Муҳаммад (с) сурат гирифтааст ва мо он ҷо ҳузур надоштем ва онҳо худашон (он чиро, ки миёнашон мегузашт) донистаанд ва моён аз он бехабарем. Онҳо дар ҳар коре, ки ҳамфикр гаштаанд ва як назар шудаанд, мо онро пазируфтаем ва аз пайяшон меравем ва аммо дар ҳар коре, ки байнашон ихтилоф воқеъ шудааст, мо меистем ва хомӯширо ихтиёр мекунем ва ҳеҷ гоҳ аз пеши худ, дар ҳаққи онҳо фикр ва раъйеро намегӯем[51].

***3- Имом Ҷаъфари Содиқ (р) аз он даргирие, ки дар миёни саҳоба (р) гузашт, савол карда шуд.*** Ӯ чунин гуфт: Мегӯям он чиро, ки Худо гуфтааст:

قَالَ عِلْمُهَا عِندَ رَبِّي فِي كِتَابٍ ۖ لَّا يَضِلُّ رَبِّي وَلَا يَنسَى ﴿٥٢﴾

***Гуфт: «Илми он дар китобест назди Парвардигорам, Парвардигори ман на хато мекунад ва на фаромӯш[52] ».***

*(Сураи Тоҳо, ояти 52)*

[50]. Маноқиб аш-Шофеъӣ (136).

[51] . Ал-ҷомеъул аҳкомул Қуръон (16/332).

[52]. Ал-инсоф лил Боқилонӣ (саҳ.6).

***4- Аз имом Аҳмад ибни Ҳанбал (р) савол карда шуд,***

ки шумо дар хусуси он чи дар миёни Алӣ (р) ва Муъовия (р) гузаштааст, чӣ мегуед? Гуфт: Намегӯям, магар сухани нек ва ин ояти Қуръонро тиловат кард.

تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُم مَّا كَسَبْتُمْ وَلَا تُسْـَٔلُونَ عَمَّا كَانُوا۟ يَعْمَلُونَ ﴿١٤١﴾

***«Онҳо уммате будаанд, ки даргузаштаанд. Он чӣ карда буданд, аз они онҳост ва он чӣ шумо мекунед, аз они шумост ва шумо аз аъмоле, ки онҳо мекарданд, пурсида намешавед[53] ».***

*(Сураи Бақара, ояти 141)*

***5- Аз Ибни Абузайди Қайравонӣ савол карда шуд,*** ки мусалмонон барои асҳоби Расули Худо (с) чӣ ақида дошта бошанд ва чӣ гуна онҳоро ёдоварӣ кунанд?

Гуфт: Ҳамеша асҳоби Муҳаммад (с)-ро ба некӣ ёд намоед ва (аз гуфтани) он чи миёни онҳо гузаштааст, худдорӣ намоед ва онҳо мустаҳиқтарин мардумонанд, ки аз онҳо пайравӣ карда шавад ва раҳоии шумо дар пайравии онҳост ва гумони (нек) мекунанд ба онҳо беҳтарин мазҳабҳо[54] .

*53 . Маноқиби имом Аҳмад, ли Ибни Ҷавзӣ саҳ.(164).*

*54 . Рисолатил-машҳура маъа шарҳиҳо ас-Самара ад-Донӣ (саҳ. 23)*

***6- Абуабдуллоҳ ибни Бутта вақте аз ақидаи аҳли суннат дар ин хусус пурсида шуд,*** чунин гуфт: Пас аз ин, нигоҳ медорем забонҳоямонро аз даргириҳое, ки миёни асҳоби Расули акрам (с) гузашт.

Ба таҳқиқ, он бузургон дар ҳама ҳолат ҳамдаму ҳамнафаси Расули акрам (с) буданд ва пешдасти намуданд ҳамагонро дар фазл, пас ба таҳқиқ, Худованд бахшидааст асҳобро ва фармон додааст шуморо, ки талаби мағфират намоед барояшон ва худро ба Худованд бо муҳаббат ва дӯстдории онҳо наздик созед. Ва маҳфуз гардонидааст ин амалро аз забони паёмбараш дар ҳоле, ки Худованд доно ва огоҳ аст, ки миёни онҳо чӣ мегузарад. Онҳоро Худованд ба тамоми халоиқ фазилат додааст, зеро хатову лағжиш ва ҳар амали амдие аз онҳо бардошта шудааст ва он чи миёни онҳо аз ихтилоф гузашт, мағфур ва бахшида шудаанд[55] .

***7- Абубакр ибни Тайиб ал-Боқилонӣ гуфтааст:***

Бар мо зарур аст дар бораи донистани он чи миёни асҳоби Расули акрам (с) гузаштааст, бозистем ва хомӯширо ихтиёр намоем ва ба ҳолати раҳму шафқат бар ҳамаи онҳо назар намоем ва бар эшон сано гӯем ва аз Худованд барои асҳоб (р) ҷаннати ризвонро талаб намоем ва мӯътақид бошем, ки Алӣ (р) бар хато набуд ва он чи кард барояш ду аҷр муясар гашт. Вале он чи аз асҳоб (р) рух дод, иҷтиҳоди он бузургон буд ва бинобар ин бар эшон як аҷр насиб гашт ва ҳеҷ гоҳ онҳо фосиқ ва бидъаткор набуданд. Бар мо воҷиб аст аз он чӣ дар миёни эшон гузаштааст,

[55]. Аш-Шарҳу вал ибонату ъало усулис-суннати вад-диёнат (саҳ 268).

худдорӣ карда ва хомӯширо ихтиёр намоем. Ин суханони зебои Худованд (ҷ) дар ҳаққи эшон кофист[56].

﴿ لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَـٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾

***«Худо аз мӯъминон, он ҳангом, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас, оромишеро бар онҳо фуруд оварду ба фатҳе (ғалабае) наздик подошашон дод...»***

*(Сураи Фатҳ, ояти 18)*

وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنْ غِلٍّ إِخْوَٰنًا عَلَىٰ سُرُرٍ مُّتَقَـٰبِلِينَ ﴿٤٧﴾

***«Ҳар кинаеро аз дилашон баркандаем, ҳама бародаранд, бар тахтҳо рӯ ба рӯи ҳамдигаранд».***

*(Сураи Ҳиҷр ояти 47)*

***8- Ибни Касир (р) фармудааст:***

Он воқеъа ва даргирие, ки миёни саҳоба (р), пас аз Расули акрам (с) воқеъ гаштааст, яке бидуни қасд ё амдан сар зад ба монанди ҳодисаи рӯзи Ҷамал ва дигаре ба монанди ҳодисаи рӯзи Сиффин, ки он аз рӯйи иҷтиҳод рух дод ва иҷтиҳоди иҷтиҳодкунанда низ гоҳе хато мешавад, лекин соҳибаш маъзур аст ва дар ҳолати хато карданаш низ як аҷр (як подош ва савоб) мегирад. Вале агар иҷтиҳодаш дуруст бошад ду аҷр (ду подош ва савоб) мегирад.[57].

---

[56] .ал- Инсофу фи мо яҷибу эътиқодуҳу ва ло яҷузу ҷаҳлу биҳ ,саҳ (67-69).
[57]. Албоъисул ҳасис, (саҳ.182).

***9- Ибни Ҳаҷар (р) мегӯяд:***

Аҳли Суннат ва Ҷамоъат бар воҷибияти манъи таъна ва маломат намудан бар ҳеҷ яке аз саҳоба, ба сабаби он чи дар миёни онҳо гузашт, иттифоқ намудаанд, агарчи ҳақиқати он ҳаводисро దониста шавад ҳам, зеро ҳеҷ яке аз онҳо дар он даргириҳо ва мушоҷараҳо наҷангидаанд, магар аз рӯи иҷтиҳоде, ки намуда буданд. Балки собит гардидааст, ки онҳое, ки дар иҷтиҳодашон хато кардаанд, (бинобар саъю талошашон барои дарёфти ҳақ), агарчи хато аст як аҷр ва ононе, ки дар иҷтиҳодашон ба ҳақ расидаанд, ду аҷр ё подош мегиранд[58] .

Хонандаи гиромӣ ва нуктасанҷ, бидон ва огоҳ бош, ки аҳли Суннат ва Ҷамоъат ҳама як назаранд, ки мо пайравонаш бар худ сукут ва хомӯширо воҷиб бидонем аз он мушоҷара ва фитнае, ки миёни саҳобагон, пас аз кушта шудани Усмон (р) гузашт ва ба назари раҳмат ба онҳо бингарем ва бояд, фазилати он бузургонро ҳифз намоем ва ба собиқаи онҳо дар дин эътироф намоем ва накӯиҳои он абармардонро бозгӯ намоем ва аз онҳо розӣ бошем.[59]

## ТАЪРИХ ДАР БОРАИ АСҲОБ ЧӢ МЕГӮЯД, ОЁ ҲАМАИ ОНҲО ДУРУСТАНД?

Яке аз бузургтарин дурӯғҳои баъзе таърихнигорон ин аст, ки гуфтаанд, асҳоби Паёмбар (с) нисбат ба

[58]. *Фатҳул-борӣ, (ҷ.13/34).*

[59]. *Ақидаи аҳли суннат, (ҷ.2/740).*

якдигар дар дилҳояшон душманӣ ва хусумат доштанд. Ин як иддаъои ботил аст, зеро Худованд бо сароҳат баён медорад, ки асҳоби Расули Худо (с) аз ин гуна аъмоли носавоб бисёр фосила доранд. Худованд дар бораи асҳоби Паёмбар (с) мефармояд:

***«Кунтум хайра умматин ухриҷат линоси таъмуруна билмаъруфи ва танҳавна ъанил-мункари ва туъминуна биллоҳи ва лав омана аҳлул-китоби лакона хайран лаҳум, минҳумул-мӯъминуна ва аксаруҳумул-фосиқуна».***

***«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум падид оварда шудааст, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мекунед ва ба Худо имон доред. Агар аҳли Китоб (ба чунин барнома ва оийни дурахшоне) низ имон биёваранд, барояшон беҳтар аст! (Вале танҳо) баъзе аз онҳо мӯъминанд. Вале бештари онҳо табаҳкоронанд (ва берун аз итоъати Парвардигор)».***

*(Сураи Оли Имрон, ояти 110)*

Паёмбар (с) низ дар ин бора фармудааст: «Беҳтарини мардумон касоне ҳастанд, ки дар асри ман мебошанд»[60]. Баъд аз се асри аввал, ки Паёмбар (с) ба бартарии он шаҳодат додааст, нависандагоне пайдо шуданд, ки таърихи Ислом-ро таҳриф ва сиёҳ намуданд ва бо ҳақ мухолифат карда, душманӣ варзиданд ва иддаъо кардаанд, ки гӯё асҳоби Паёмбар (с) бо ҳамдигар дӯст ва бародар набуданд, балки онҳо душманони якдигар буда ва ҳамдигарро лаънат мекарданд ва бар зидди ҳамдигар фитнагарӣ намуда ва бо ҳам

60. Ал-Бухорӣ: Китобуш-шаҳодат, боб «ло яшҳаду ъало шаҳодати ҷаврин изо ушҳида», ҳадиси 2509.

рафтори мунофиқона доштанд. Савганд ба Худо онҳо дурӯғбофӣ карда, ин тӯҳматҳои гӯшношунидро дар ҳаққи сардафтарон ва парчамбардорони дини азизамон эҷод кардаанд. Он бузургон иборат аз Абубакр (р), Умар (р), Усмон (р), Алӣ (р). Талҳа (р), Зубайр (р), Абуубайда (р), Оиша (р), Фотима (р) ва садҳо ва ҳазорҳо дигар пешоҳангоне мебошанд, ки даъвати Расули Худо (с)-ро пазируфта дар барқарор гардонидани дини Ислом ва ҳимояи он Ҳазрат (с) ва суннаташ ҷонҳо ва молҳояшонро фидо кардаанд. Асҳоби киром (р) болотар ва поктар аз он мебошанд, ки чунин чизҳои нописанд ва норавое аз онҳо сар занад. Бани Ҳошим ва Бани Умайя ҳама мусалмон ва бо якдигар хешованд ва ба ҳамдигар вафодор буда, иртиботи ногусастание бо ҳам доштанд ва дар роҳи хайр бо ҳамдигар ҳамкорӣ менамуданд. Ва онҳо буданд, ки бо саъю талош ва даъвати холисонаи эшон аксари миллатҳои дунё ба Ислом рӯй оварданд. Бояд донист, ки ахбор ва ривоятҳои саҳеҳе, ки ростгӯён ва дурусткорон онро ривоят кардаанд, собит мекунад, ки асҳоб (р) баъд аз паёмбарон (а) беҳтарин ва баргузидатарин инсонҳои таърихи башарият мебошанд. Ривоятҳое, ки таърихи асҳоби киромро зишт ва бад ҷилва медиҳанд ва иддаъо мекунанд, ки онҳо афроди носипос ва нолоиқе будаанд, ривоятҳое ҳастанд, ки онро дурӯғгӯён ва ҳадисбофон ривоят кардаанд.

Таърихи исломии он давраҳоро бояд аз сари нав навишт ва онро аз сарчашмаҳои соф ва мӯътамад фаро гирифт. Ба хусус дар мавридҳое, ки афроди ғайри қобили эътимод ва дурӯғгӯ онро

ривоят кардаанд, зеро уммати ислом аз ҳама миллатҳо дида дар ҳифзи таърихи дуруст ва воқеиаш ғанитар аст ва таърихнигорону гузаштагони солеҳи мо ахбор ва ривоятҳоро ба пуррагӣ ҷамъоварӣ кардаанд ва дурусту нодурусти онро гирдоварӣ намуда ва манбаъи ахбор ва номҳои ривояткунандагонро баён кардаанд, то хонанда дуруст ва нодурсти онро бидонад.

Мо бояд дар роҳи гузаштагони солеҳи худ қадам бардорем ва ин ривоятҳоро дуруст мутолиъа ва ташхис намоем ва дурустро аз нодуруст муайян кунем. Дар ин сурат мо беҳтарин ҷонишинон барои беҳтарин гузаштагони худ хоҳем буд.

Уммати Ислом аз дидгоҳи воқеъӣ ва азамати гузаштааш маҳрум мондааст, дар ҳоле, ки ин уммат гузаштагоне доштааст, ки таърих сирате поктар ва дурухшонтар аз сирати онҳоро дар худ надидааст. Ва бояд ҳама бидонанд, ки корномаи асҳоби Муҳаммад (с) ба монанди дилҳояшон пок ва солим будааст.

Ҳар касе мехоҳад оиди таърих бинависад, бояд дар дилаш нисбати аҳли ҳақ ва хайр, хоссатан асҳоби бузургвори Муҳаммад (с) кина ва бадбинӣ надошта бошад ва онҳоро бишиносад ва ҳаққи ононро бидонад ва дар фарқ гузоштан байни ривояткунандагон ва ноқилони хабар ва ташхиси ривоятҳои дуруст аз нодуруст низ, маҳорат дошта, амонатдору содиқ ва аз пайи ҳақ бошад.

### *Таърихро чӣ гуна бихонем?*

Мо бояд таърихро он гуна бихонем, ки ҳадисҳои Паёмбари Худо (с)-ро мехонем. Вақте ҳадисҳои Паёмбар (с)-ро мехонем, бояд таҳқиқ кунем, ки оё ин ҳадис аз Паёмбар (с) собит шуда аст ё не? Ва мо, то санад ва матнро баррасӣ накунем, наметавонем ба дурустӣ ё нодурустии ҳадис пай барем. Аҳли илм ва муҳаққиқини ин соҳа, ҳадис ва ривояткунандагони онро мавриди баррасӣ қарор додаанд ва ҳадисҳои онҳоро баррасӣ намуда ва дурустро аз нодуруст мушаххас кардаанд ва дар натиҷа ин ҳадисҳо аз ҳадисҳои дурӯғ ва заъифе, ки дар атрофи онҳо оварда шудаанд, пок гардидаанд. Аммо таърих бо ҳадис бояд фарқ накунад. Гоҳе мебинем, ки бисёре аз ривоятҳои таърихӣ санад надоранд ва гоҳе мебинем, ки санадҳо ҳастанд, вале афроде, ки дар санадҳои он ривоятҳо омадаанд, афроди ношинохтаанд ва дар ҳеҷ ҷое шарҳи ҳолашон баён нашудааст ва ҳеҷ кас аз аҳли илм дар тайъид ё радди онҳо чизе нагуфтааст. Пас, дар ин гуна ҳолатҳо ҳукм кардан дар бораи чунин ривоятҳо барои мо душвор мешавад, зеро, мо вазъияти баъзе аз афроди санадро намедонем.

Пас, агарчи мавзӯъи таърих назди мо мусалмонон аз ҳадис муҳимтар ва болотар набошад ҳам, ин ба он маъно нест, ки дар он зоҳирбинӣ ва саҳлангорӣ кунем, балки бояд таҳқиқ кунем ва бидонем, ки таърихи худро чи гуна фаро гирем. Шояд касе гӯяд, ки бо ин тариқа бисёре аз таърихро аз даст хоҳем дод. Дар посух мегӯем:

Бисёре аз таърихро аз даст нахоҳем дод, зеро бисёре аз ривоятҳои таърихие, ки мо ба он ниёз дорем ва ба хусус ривоятҳои таърихие, ки феълан мавриди баҳс қарор доранд, бо санадҳояшон дар китобҳои таърих, монанди Таърихи Табарӣ мавҷуд мебошанд. Инчунин дар китобҳои ҳадис, мисли Бухорӣ, Муснади Аҳмад, Ҷомеъи Тирмизӣ ва Мусаннафи ибни Абушайба низ зикр шудаанд. Инчунин дар китобҳои тафсире, ки баъзе аз ривоятҳои таърихиро бо санад зикр мекунанд, монанди Тафсири ибни Ҷарир ва Тафсири ибни Касир баён шудаанд. Ин санадҳо гоҳе дар китобҳои махсус, ки ба давраҳои хоссе аз таърих пардохтаанд, низ баён шудаанд. Монанди китоби «Ҳурубур-риддат» аз Каллоъӣ ва ё китоби Таърихи Халифаи ибни Хайёт. Манзур ин аст, ки мо аз он, ки санаде барои ривояте биёбем, дар намемонем ва агар санади қавие наёбем аз асли куллӣ пайравӣ мекунем ва он ин аст, ки Худо ва Паёмбараш (с) асҳоб ва ёрони Расули Худоро ситоиш карда ва гуфтаанд, ки онҳо одил ва дурусткор буданд. Ва ҳар ривояте, ки аз асҳоб (р) айб мегирад, бояд ба санади он нигоҳ кунем, агар санади он саҳеҳ бошад, бояд ба таъвил ва шарҳи он ривоят нигоҳ кунем ва агар заъиф бошад ё аслан санаде надошта бошад, мо аз асл ва қоидаи куллӣ пайравӣ мекунем ва он ин аст, ки асҳоби Муҳаммад(с) одил ва дурусткор ҳастанд.

Пас, ба ҳангоми мутолиъаи китобҳои таърих, ба хусус таърихи асҳоби Паёмбари Худо (с), бояд дар ташхис ва муайян намудани дурусту нодурусти он бодиққат бошем, то ба хато ва каҷфаҳмие роҳ надиҳем.

## *Китобҳои чӣ касонеро нахонем?*

Мутаассифона, дар даврони мо бисёре аз мардум шефтаи хондани китобҳои наве шудаанд, ки дар соҳаи илми таърих таълиф шуда, фақат ба зебо ҷилва додан ё бад нишон додани достону ривоятҳои таърихӣ аҳаммият медиҳанд ва ё зиштӣ ва зебоиро дар як мавқеу замон пешкаши хонандагон менамоянд ва ба дурустӣ ва нодурустии санади он ривояти таърихӣ таваҷҷӯҳ намекунанд. Монанди китобҳои Аббос Ақод[61] ва китобҳои Холид Муҳаммад Холид[62], ё китобҳои Тоҳо Ҳусайн[63] ва китобҳои Ҷорҷ Зайдан[64] (-и масиҳӣ) ва ё баъзе дигар нависандаҳои нав.

## *Пас китобҳои чӣ касонеро бихонем?*

Посух ин аст, ки агар шумо санадҳоро баррасӣ карда метавонед ва хубро аз нохуб ҷудо менамоед, пас, китоби Имом Табариро мутолиа кунед, зеро, ӯ дар садри таърихнависон қарор дорад. Агар шумо қодир ба ташхиси санадҳо нестед, пас, таърихи ибни Касир «Ал-бидоя ван-ниҳоя»-ро хонед ва «Таърихул ислом»-и Заҳабиро мутолиъа кунед. Ва беҳтарин китоб Алъавосиму минал-қавосими ибни Арабӣ аст, ки дар мавриди саҳобагон (р) дар таърихи Ислом сухан гуфтааст.

---

[61] . Китобҳое ба номи «Абқариёт» дорад.

[62] . Китобе дорад ба номи Хулафоур- Расул.

[63] . Китоби «Мавқиъатул-ҷамал ва Алӣ. Ван-нубуввату вал-фитнатул-кубро»-ро навиштааст.

[64] . Китобе дорад бо номи Таърихи тамаддуни Исломӣ.

Инчунин китобҳои «Ҳаёти саҳоба» таълифи аллома шайх Муҳаммадюсуф Кондеҳлавӣ дар панҷ ҷилд ба забони форсӣ ва «Ҳақиқатул хилоф байнас-саҳоба»-и дуктур Алӣ Муҳаммад ас-Саллобиро метавонед мавриди мутолиъа қарор диҳед. Барои хонандагони гиромӣ хотиррасон мекунем, ки дуктур ас-Саллобӣ муҳаққиқ ва пажӯҳишгари мумтоз ва мунсифе мебошад, ки китобҳои зиёде перомуни сирати Расули Худо (с) ва хулафои рошидин ва дигар саҳобагон(р) ва шахсиятҳои садри Ислом таълиф намудааст, ки метавонед ҳақиқати мунсифонаи таърихиро аз мутолиъаи онҳо дарёбед.

### *Он чи, ки бояд аз он дурӣ ҷӯем*

Вақте китобҳои таърихро мехонем, бояд аз ҳаракот ва назариёт ва дидгоҳи муаллиф парҳез кунем, балки мо бояд ба асли ривоят нигоҳ кунем, на ба раъй ва нуқтаназари муаллиф. Ва низ бояд ба ҳангоми мутолиаи китоб инсофро пеши назар дошта бошем. Вақте таърихи асҳоби Паёмбари Худо (с)-ро мехонем бояд ба ду чиз муътақид бошем:

Аввал: Ин, ки асҳоби Паёмбар (с) баъд аз Паёмбарони Худо (а) беҳтарин инсонҳо ҳастанд, зеро, ки Худованди таборак ва таъоло онҳоро ба некӣ васф кардааст ва дар чандин ҳадис баён шуда, ки асҳоби Паёмбар (с) баъд аз паёмбарони Худо беҳтарин инсонҳо ҳастанд ва дар миёни умматҳо, беҳтарин уммат ҳастанд.

Дуввум: Ин, ки бидонем асҳоби Паёмбари Худо (с) маъсум нестанд. Бале, мо мӯътақидем, ки агар ҳамаи онҳо бар чизе иҷмоъ кунанд ба хато намераванд ва иҷмоъи онон маъсум аст, зеро Паёмбар (с) ба мо хабар дода, ки ин уммат бар гумроҳӣ иттифоқ нахоҳад кард. Пас асҳоб (р) аз иҷмоъ кардан ба хато маъсум ҳастанд[65], аммо афроди онҳо маъсум нестанд ва фақат паёмбарон (а) ва малоика маъсуманд ва ғайр аз паёмбарон (а) ва фариштагон аз дидгоҳи мо касе маъсум нест. Бинобарин, мо бояд муътақид бошем, ки асҳоби Муҳаммад(с) беҳтарин инсонҳо ҳастанд ва низ муътақид бошем, ки онҳо маъсум нестанд. Пас агар ба ривоёте бархурд кардем, ки дар онҳо як саҳоба мавриди айбҷӯӣ қарор гирифтааст, бояд пеш аз қабул кардан ё накардани он ба санадаш нигоҳ кунем. Агар санад саҳеҳ бошад, пас бидонем, ки онҳо маъсум нестанд ва монанди дигар инсонҳо дучори хато ва лағзиш мешаванд ва агар санад заиф бошад, пас бояд аз асл ва қоидаи куллӣ пайравӣ кунем ва он қоъидаи куллӣ ин аст, ки асҳоби Муҳаммад(с) баъд аз паёмбарон (а) беҳтарин инсонҳо ҳастанд ва Худованд асҳоби Паёмбар (с)-ро дар каломи покаш ситоиш кардааст, он ҷо, ки мефармояд:

[65]. *Аҳмад дар Муснад аз Абубасри Алгифорӣ 6/396, 26682 ин ҳадисро ривоят кардааст. Ибни Моҷа дар китоби Алфитан-боби саводул-аъзам-2/367 ҳадиси 3998 аз тариқи Анас ибни Молик ва ибни Осим дар Сунан, боби «мо зукира мин амри Набий(с) билузумил-ҷамоъати» саҳ 39 ҳадиси 80 онро ривоят кардааст.*

***«Муҳаммад (с) фиристодаи Худо аст ва касоне, ки бо Ӯ (с) ҳастанд, дар баробари кофирон устувор ва шадид ва дар миёни худ меҳрубонанд, пайваста онҳоро дар ҳоли рукуъ ва суҷуд мебинӣ, дар ҳоле, ки ҳамеша фазли Худо (с) ва ризои Ӯро металабанд (то ононро ба биҳишт ворид намояд), нишонаи (итоати) онҳо (аз Худованд) дар чеҳраашон аз асари саҷда (ва ибодат) намоён аст, (мурод ин аст, ки асари ибодат ва салот ва ихлос барои Худованди мутаъол дар чеҳраи мӯъмин ошкор мешавад) ин тавсифи онон дар Таврот ва тавсифи онон дар Инҷил, ба монанди зироъате аст, ки шохаҳои худро хориҷ сохта, сипас ба тақвияти он пардохта то муҳкам шуда ва бар пои худ истода аст ва ба қадре рушд карда, ки зироаткоронро ба таааҷҷуб вомедорад. Ин барои он аст, ки кофиронро ба хашм оварад, (Яъне: Ҳақ таъоло мусалмононро бисёр нерӯманд мегардонад то мояи хашм ва ғазаби кофирон гарданд, вале) касоне аз онҳоро ки имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, Худованд ваъдаи омурзиш ва аҷри бузурге, (ки биҳишт аст) додаст».***

*(Сураи Фатҳ, ояти 29)*

Албатта, ин масал шомили саҳобагони Расули Худо (с) буда ва инчунин ҳама касони бо имон ва лашкариёни Исломро дар тамоми асрҳо ва наслҳо дар бар мегирад, ки нақши

қадамашонро пайрав ба роҳ ва равиши онҳо карда бошанд.

Дар ин оят Худованди таборак ва таъоло ҳамаи асҳоби Паёмбар (с)-ро васф намудааст. Пас, асл ва қоидаи куллӣ дар мавриди онҳо ин аст, ки онон бояд тавсиф ва мавриди эҳтиром қарор гиранд. Аз Паёмбар (с) ривоят шудааст, ки фармуд:

«*Асҳоби маро носазо нагӯед, агар аз шумо касе ба андозаи кӯҳи Уҳуд дар роҳи Худо нафақа кунад, ба андозаи як муд ё нисфи мудди онҳо намерасад*»[66].

Пас, Паёмбар (с) асҳоб ва ёронаш (р)-ро тавсиф ва тамҷид кардааст.

Ва Абумуҳаммади Қаҳтонӣ дар китоби «Нунияташ» мегӯяд:

*Ло тақбаланна миннат-таворихи кулла мо,*
*Ҷамаъа рувоту ва хатта кулла банон,*
*Ирвил-ҳадисал-мунтақия ъан аҳлиҳ,*
*Сиямо завил-аҳломи вал-аснон.*
*Ка ибнил-Мусайяби вал-Алои ва Моликин.*
*Вал-Лайси ваз-Зуҳрийи ав Суфён.*

***<u>Тарҷума:</u>***

**Аз таърих ҳама он чиро, ки ровиён гирд оварда ва ҳар кас навиштааст, қабул накун.**

**Ҳадиси баргузидаву дурустро аз аҳли он, ба хусус бузургон ва моҳирони фан ривоят кун.**

**Аз афроде монанди ибни Мусайяб ва Ало ва Молик ва Лайс ва Зуҳрӣ ё Суфён ривоят кун.**

---

[66] . *Муттафақун ъалайҳ: Бухорӣ к:. Фазоилус-саҳоба, боби: Лав кунуту муттахизан халилан, 3673. Муслим: Фазоилус-саҳоба 254.*

Яъне вақте китобҳои таърихии саҳеҳ ва дурустеро дастрас кардӣ, ки таърихнигоронашон аз афроди боваринок ва мавриди эътимоде ривоят мекунанд, пас монанди касоне мабош, ки таърихи асҳоби Паёмбар (с)-ро мавриди айбҷӯӣ қарор медиҳанд ва мегӯянд: Таърихи мо таърихи сиёҳе аст, аммо дар асл чунин нест, балки таърихи мо таърихи дурахшон ва зебое аст, ки инсон аз хондани он лаззат мебарад, на чун таърихҳои дурӯғину бе санаде, ки фикри хонандаи мусалмонро мушавваш ва бадбин ба гузаштаи дурахшони садри Ислом карда ва шахси ғайри мусалмон ва пажӯҳишгарро ба Ислом дилгарму ҷалб нанамуда, балки гурезон месозад. Пас, таъсири чунин ривоёт ба нафъи кист?

Барои иттилоъи бештар пайдо кардан дар мавриди Паёмбар (с) ва асҳоби киром(р) ба китобҳои таърих, мисли «Таърихул-умами вал-мулук», маъруф ба Таърихи Табарӣ, «ал-Бидоя ван-Ниҳоя» ва «Таърихул Ислом»-и Заҳабӣ ва дигар китобҳои муътабари таърих мурочиат кунед. Аммо бояд донист, ки китоби Таърихи Имом Табарӣ муҳимтарин китоб дар таърихҳои Исломӣ аст ва бештари мардум аз он нақл мекунанд.

Аҳли суннат аз Таърихи Табарӣ нақл мекунанд ва аз он санад меоранд ва ҳамчунин аҳли бидъат низ аз он китоб санад меоранд. Таърихи Табарӣ бар дигар китобҳои таърих аз чанд ҷиҳат муқаддам аст, ки баъзе аз ин умур иборатанд аз:

1- *Замони Имом Табарӣ ба замони он руйдодҳо наздик мебошад.*

*2- Имом Табарӣ бо санад ривоят мекунад.*
*3- Ҷойгоҳи баланди илмии Имом Табарӣ (р).*
*4- Бештари китобҳои таърих аз ӯ нақл мекунанд.*

*Пас, вақте мо мехоҳем таърихи Исломро биомӯзем ва дар бораи Паёмбар(с) ва асҳоби кером(р) бихонем, бояд бевосита ба суроғи Таърихи Табарӣ биравем, вале чунон, ки гуфтем ҳам аҳли суннат аз Таърихи Табарӣ далел меоваранд ва ҳам аҳли бидъат. Пас чӣ гуна метавон фарқияти байни онҳоро мушаххас кард.*

Бояд донист, ки чунон, ки гуфтем, яке аз хусусиятҳои Таърихи Табарӣ ин аст, ки ривоят-ҳоро бо санад зикр мекунад ва аҳли суннат аз ривоёти саҳиҳи Табарӣ истифода мекунанд, дар сурате, ки аҳли бидъат ривоятҳои дуруст ва нодурустро нақл мекунанд ва муҳим назди онҳо ин аст, ки бо хостаҳо ва майлҳояшон мувофиқ бошад. Бинобар ин бояд равиши Имом Табариро дар китоби таърихаш бидонем.

### *Равиши Имом Табарӣ дар таърихаш*

Имом Табарӣ (р) дар муқаддимае, ки дар авали китобаш навишта аст, кори моро осон кардааст ва эй кош касоне, ки ин таърихро мехо-нанд, ин муқаддимаро мехонданд ва қабл аз оғоз намудани мутолиъаи китоб ба ин нукта тааммул ва тадаббур мекарданд.[67]

Имом Табарӣ дар муқаддимаи китоби таърихаш мегуяд:

[67] .Таъкид барои хонанда: Барои равиши муаллифро фахмидан, мукаддимаи китобашро ҳатман хондан лозим.

«Хонандаи китоби мо бояд бидонад, ки дар ин китоб ахбор ва ривоётеро ҷамъ намудаам ва санад ва ровиёни онҳоро баён кардаам. Пас агар дар ин китоб (ровиёни хабар) чизе дар мавриди гузаштагон баён намудаанд, ки дуруст нест ва ҳақиқат надорад ва хонанда онро намеписандад, бояд донист, ки чунин хабареро мо аз пеши худ наовардаем, балки касоне онро оварда барои мо нақл кардаанд(расонидаанд) ва мо ба ҳамон сурат, ки онҳо барои мо нақл кардаанд, нақл кардаем (расонидаем)»[68].

Фикр мекунам Имом Табарӣ бо муқаддимае, ки барои китобаш навиштааст, масъулиятро ба зиммаи хонанда гузошта ва ба мову шумо мегуяд: Агар дар ин китобам хабар ё ривоятеро дидед, ки бароятон нописанд менамояд ва қобили қабул нест, нигоҳ кунед, ки аз чӣ касе онро ривоят кардаам ва масъулият ба гардани касе аст, ки ман аз ӯ ривоят кардаам ва ман фақат бояд касеро, ки онро ривоят кардааст ном бибарам, агар боваринок ва мавриди эътимод буд, ривояташро қабул кунед ва агар боваринок ва мавриди эътимод набуд, ривояташро қабул накунед.

Бештари муҳаддисон низ чунин кардаанд ва шумо агар ба ғайр аз Саҳеҳайн, ки Бухорӣ ва Муслим фақат ба зикри ҳадисҳои саҳеҳ мутааҳҳид шудаанд, ба китоби дигаре аз китобҳои ҳадис, монанди Тирмизӣ ё Сунани Абудовуд ё Дорулқутнӣ ё Доримӣ ё Муснади Аҳмад ва ғайра мурочиат кунед, мебинед, ки онҳо санади ҳадисро бароятон баён мекунанд ва худро фақат ба зикри аҳодиси саҳеҳ мулзам накардаанд ва балки

[68]. Муқаддимаи Таърихи Табарӣ саҳ. 5

санадро бароятон баён кардаанд ва шумо бояд ба санадҳо нигоҳ кунед. Пас агар санади ҳадис саҳеҳ буд, онро қабул кунед ва агар саҳеҳ набуд, онро қабул накунед. Ҳамчунин Табарӣ худашро вазифадор накардааст, ки фақат ахбори саҳеҳро зикр кунад, балки ӯ худро вазифадор ва масъул медонад, ки номи нақлкунандаи хабар ва ривоятро зикр кунад. Бинобар ин, Имом Табарӣ масъулияти дуруст ва ё нодуруст будани ривояти дар китобаш омадаро надорад, зеро дар муқаддимаи китобаш хонандаро аз ин хусус огоҳ кардааст.

Имом Табарӣ дар китоби таърихаш ривоятҳои зиёде аз шахсе бо номи Лут ибни Яҳё, ки кунияаш Абумихнаф аст, зикр кардааст ва Имом Табарӣ аз ин шахс панҷсаду ҳаштоду ҳафт (587) ривоят нақл намудааст. Ин ривоятҳо аз вафоти Паёмбар (с) оғоз мешаванд ва поёнбахши онҳо ривоёте аст, ки дар бораи хилофати Язид ибни Муъовия нақл шудаанд. Дар ин ҷо қисмате аз он ривоятҳои таърихиро ёдовар мешавем, мисли воқеъаи Сақифаи бани Соъида, ҳикояти Шӯро, умуре, ки ба хотири онҳо, шуришиён бар зидди Усмон (р) шӯриш бардоштанд ва сипас ӯро мазлумона ба шаҳодат расониданд ва хилофати Алӣ (р), ҷанги Ҷамал, маъракаи Сиффин, қазияи таҳким, ҷанги Наҳравон, хилофати Муъовия (р), кушта шудани Ҳусайн (р) ва баъзе аз он ривоятҳоро мавриди баҳс ва таҳқиқ қарор медиҳем. Ҳамаи ин рӯйдодҳо дар ин қисмат аз таърих иттифоқ афтодаанд ва дар ҳамаи ин мавридҳо Абумихнаф ривоятҳое дорад, ки аҳли бидъат аз онҳо истинод мекунанд ва мавриди писандашон мебошад.

Абумихнаф танҳо касе нест, ки аҳли бидъат ба

ривоёти ӯ истинод кунад, балки ӯ яке аз маъруфтарини ровиёни таҳрифкор аст ва ғайр аз ӯ нафарони дигаре монанди Воқидӣ[69], ки муттаҳам ба дурӯғгӯи аст ва ривоятҳояш қобили қабул нестанд, низ дар ин маврид ривоятҳое дорад. Шакке нест, ки Воқидӣ муаррихи бузург ва огоҳ ба таърих аст, аммо ӯ мавриди эътимод нест. Саввумӣ Сайф ибни Умари Тамимӣ[70] аст, ки ӯ низ муаррихи маъруфе аст, аммо ривоёти ӯ қобили қабул нест ва муттаҳам аст (яъне, боваринок нест). Ҳамчунин аст Калбӣ,ки як дурӯғгӯи маъруф аст.

Пас бинобар сабабҳое, ки дар боло зикр шуд, шахси мусалмон бояд дар мавриди ривоятҳои ин афрод ва дигар ровиёне, ки бо инҳо ҳамфикру ҳаммаслак ҳастанд, таҳқиқи амиқ ва баррасии комил намояд.

Бозмегардем ба Абумихнаф, ки Ибни Муъин дар бораи ӯ мегӯяд: (Ривоятҳои ӯ) боваринок ва қобили эътимод нест. Абуҳотим мегӯяд: Ҳадиси ӯ қобили қабул нест. Боре Абуҳотимро дар бораи Абумихнаф пурсиданд, дастҳояшро ба ҳамдигар зад ва гуфт: Ниёзе ба пурсидан надорад. Дорулқутнӣ мегӯяд: (ривоятҳои ӯ) заиф аст. Заҳабӣ мегӯяд: Нақлкунадаи бад ва фосид аст, ки қобили эътимод нест[72].

Бинобар ин, шумо вақте Таърихи Табариро боз кардед ва ривояте дар он дидед, ки асҳоби

---

*[69]. Муҳаммад ибни Умар ибни Воқидӣ. Шарҳи ҳоли вайро дар. Таҳзибут-таҳзиб 9/363 ва Мизонул-эътидол 3/662 ҷустуҷӯ кунед.*
*[70]. Шарҳи ҳоли вай дар Таҳзибут-таҳзиб 4/295 ва Мизонул-эътидол 2/255 баён шудааст.*
*[71]. Муҳаммад ибни Соиби Калбӣ, Мизонул- эътидол 3/556.*
*[72]. Мизонул-эътидол 3/419, Алҷарҳу ват-таъдил 7/182, Лисонул-мизон 4/492.*

Паёмбар (с) дар он айбҷуӣ шудаанд ва ривояткунанда Абумихнаф аст, бояд он ривоятро бовар накунед ва дур биандозед, зеро Абумихнаф онро ривоят кардааст ва Абумихнаф ҳам бидъатгузор ва ҳам дурӯғгӯ буда, ривоятҳои зиёде гуфтааст, ки аз онҳо буи фитна меояд. Мо барои исботи таҳрифкориҳои Абумихнаф як ривояти таърихиро, ки «Достони Сақифаи бани Соъида» мебошад, бо ривояти ӯ пешкаши шумо мегардонем, то ки худатон тааммул намоед, ки чигуна онро таҳриф намудааст.

***Достони Сақифаи бани Соъида.***

Дар он муддат, ки Алӣ, Аббос ва Фазл разияллоҳу ъанҳум аҷмаъин ба таҷҳиз ва такфини Паёмбар (с) машғул буданд, баъзе аз Ансор (р) дар Сақифаи бани Соъида гирдиҳам омаданд. Мо аввал ин ривоятро чи гунае, ки Имом Табарӣ аз Абумихнафи дурӯғгӯ нақл кардааст, баён мекунем ва сипас худи ҳамин ривоятро он гуна, ки Имом Бухорӣ ривоят кардааст зикр мекунем ва он гоҳ ҳар ду ривоятро бо якдигар муқоиса менамоем, то зиёдагӯиҳоеро, ки Абумихнаф ба асли воқеъа дохил кардааст, бидонем.

Имом Табарӣ мегӯяд: Ҳишом ибни Муҳаммад барои мо аз Абумихнаф ривоят кард, ки гуфтааст: Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абуамраи ансорӣ ба ман гуфт: Вақте Паёмбар (с) вафот кард, Ансор  дар Сақифаи бани Соъида ҷамъ шуданд ва гуфтанд: Баъд аз Муҳаммад (с) раҳбарии умурро ба Саъд ибни Убода месупорем. Сипас, яке аз онҳо бархост ва гуфт: Арабҳо ба василаи шамшерҳои шумо сари таслим фуруд

оварданд ва Паёмбари Худо (с) дар ҳоле аз ҷаҳон чашм фурӯ баст, ки аз шумо розӣ ва хушнуд буд, пас худатон зимоми умурро ба даст бигиред. Он гоҳ ҳама дар посухи ӯ гуфтанд, ки назари ту дуруст аст. Яке аз он ҷо будагон гуфт: Агар муҳоҷирони Қурайш қабул накунанд, мегӯем як амир аз шумо бошад ва як амир аз мо. Он гоҳ Саъд ибни Убода гуфт: Ин оғози сустӣ аст.

Чун Умар ибни Хаттоб хабар ёфт, ки баъзе аз Ансор дар Сақифаи бани Соъида ҷамъ шудаанд ва мегӯянд як амир аз шумо (муҳоҷирон, аҳли Макка) ва як амир аз мо (ансор, аҳли Мадина) интихоб шавад[73]. Он гоҳ Умар пеши Абубакр рафт ва ӯро аз ҷараёни воқеъа хабардор кард ва гуфт: Бародарони ансори мо ҷамъ шудаанд ва чунину чунон мегӯянд, биё то назди эшон биравем. Абубакр ва Умар ба роҳ афтоданд ва дар роҳ Абуубайдаро диданд ва ба ӯ гуфтанд: Бо мо биё ва ҳар се нафар пеши Ансор рафтанд. Умар мегӯяд: Ман дар дилам суханонеро омода карда будам ва вақте хостам сухан бигӯям, Абубакр ба ман ишора кард, ки хомӯш бошам ва Абубакр оғоз ба сухан намуд ва баъд аз ҳамду ситоиши Худованд гуфт: «Худованд Муҳаммад (с)-ро мабъус кард» ва Умар хутбаи тӯлониеро аз Абубакр нақл кард, ки ӯ ба Ансор хитоб намуда ва дар охири хутба чунин гуфтааст: «Муҳоҷирон аз дигарон дида ба хилофат авло ва сазовортар ҳастанд».

Он гоҳ Ҳубоб ибни Мунзир гуфт: Эй гурӯҳи Ансор коратонро худатон ба уҳда бигиред. Мардум дар сояи

[73]. Яке аз Ансор ба ӯ хабар дод.

шумо қарор доранд ва ҳеҷ кас ҷуръати мухолифат бо шуморо надорад. Мардум тибқи раъйи шумо амал хоҳанд кард, зеро шумо соҳиби қудрат ва сарват ҳастед ва афроди зиёде доред. Агар онҳо (муҳоҷирон, аҳли Макка) хостаи шуморо қабул накарданд, онҳро аз ин сарзамин берун кунед ва зимоми умурро ба уҳда гиред. Савганд ба Худо, ки шумо аз онон ба ин амр сазовортар ҳастед ва ба василаи шамшерҳои шумо мардум ба ин дин гаравидаанд ва ман аз дигарон дида ба он сазовортар ҳастам.

Чун кор то ин ҷо расид, Умар ва Абуубайда ба Абубакр хитоб карда гуфтанд: Дастатро дароз кун, то мо бо ту байъат кунем. Вақте Умар ва Абуубайда назди Абубакр рафтанд то ба ӯ байъат кунанд, Башир ибни Саъд (аз қабилаи Авс) аз онҳо пеш гузашт ва бо Абубакр байъат кард, пас бархост ва гуфт: Савганд ба Худо, агар як бор Хазраҷро фармонравои худ қарор диҳед, ҳамеша ин бартариро бар шумо хоҳанд дошт[74].

Он гоҳ Саъд(аз қабилаи Хазраҷ) гуфт: Агар тавоноии бархостанро медоштам дар кӯчаҳо ва атрофии Мадина сару садоҳои нохуше ё бонге мешунидӣ, ки туро ва ёронатро захмӣ мекард. Савганд ба Худо, туро ба қавме пайванд мекунам, ки дар миёни онҳо фармонбардор будаӣ на фармонраво! Маро бигиред ва аз ин ҷо берун баред». Он гоҳ ӯро гирифтанд ва ба хонааш бурданд. Чанд рӯз баъд ӯ гуфт: «Савганд ба Худо, то вақте тирҳоеро, ки дар тиркаши худ дорам, ба сӯи шумо партоб мекунам ва теғаи

[74]. Яъне Усайд ибни Ҳузайр нисбат ба Саъд ибни Убода ҳасодат кард.

найзаамро бо хунатон рангин мекунам ва шуморо бо шамшерам мезанам ва бо хонавода ва касоне аз қавмам, ки аз ман пайравӣ мекунанд, бо шумо меҷангам ва байъатро қабул нахоҳам кард». Аз он ба баъд Саъд бо онҳо намоз намехонд ва дар ҷумъаи онон ширкат намекард ва ба Ҳаҷ мерафт ва аз Арафа ҳамроҳи онон бознамегашт ва ҷудо меомад ва ӯ чунин буд, то он ки Абубакр вафот кард[75].

Ин ривояти Абумихнаф буд, ки достони Сақифаро ин гуна нақл мекунад ва инак мо ин донстонро чунон,ки Имом Бухорӣ (р.ҳ) ривоят намуда, зикр мекунем ва ҳар ду ривоятро бо ҳам муқоиса мекунем.

Имом Бухорӣ мегӯяд: Исмоил ибни Абдуллоҳ аз Сулаймон ибни Билол аз Ҳишом ибни Урва аз Урва ибни Зубайр аз Оиша (р) ҳамсари Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки гуфт: «Вақте Паёмбар (с) вафот кард, Ансор дар Сақифаи Бани Соъида пеши Саъд ибни Убода ҷамъ шуданд ва гуфтанд: Як амир аз мо (ансор, аҳли Мадина) ва як амир аз шумо(муҳоҷирон, аҳли Макка) бошад. Он гоҳ Абубакр (р) ва Умар (р) ва Абуубайда (р) назди онҳо рафтанд. Умар (р) хост сухан бигӯяд, Абубакр (р) ӯро ором кард ва Умар (р) мегӯяд: Савганд ба Худо, фақат ба хотири он хостам сухан бигӯям, ки сухан ва гуфтори хубе омода карда будам ва метарсидам, ки Абубакр (р) шояд онро нагӯяд. Сипас Абубакр (р) бисёр расо ва зебо сухан кард ва гуфт: Мо амир ҳастем ва шумо вазир. Он гоҳ Ҳубоб ибни Мунзир гуфт: Не,

---

[75]. *Таърихи Табарӣ 2/455. бо андаке тасарруф. Тарҷумаи таърихи Табари чопи теҳрон интишороти Асомир ҷилди 4/ саҳ 1348.*

савганд ба Худо, чунин намекунем, як амир аз шумо бошад ва як амир аз мо. Сипас Абубакр (р) гуфт: Не, балки мо амир мешавем ва шумо вазир бошед. Онҳо (Қурайш) аз ҳамаи арабҳо наҷибтар ва шариф-тар ҳастанд, бинобар ин, ё бо Умар (р) ва ё бо Абуубайда (р) байъат кунед. Умар (р) гуфт: Не, балки мо бо ту байъат мекунем (эй Абубакр(р)), зеро ту сарвар ва беҳтарини мо ҳастӣ ва Паёмбари Худо (с) туро аз ҳама бештар дӯст медошт. Он гоҳ Умар (р) ба Абубакр (р) байъат кард ва мардум низ ба Абубакр (р) байъат карданд»[76] .

Он гоҳ яке аз миёни ҷамъшудагон (дар Сақифа бани Соъида) гуфт: Саъд ибни Убодаро ҳалок намудед. Умар (р) гуфт: Худованд ҳалокаш кард.

Имом Ҳофиз ибни Ҳаҷари Асқалонӣ гуфтааст: Ин сухане, ки Умар (р) барои Саъд ибни Убода гуфта, ки (Худованд ҳалокаш кард) дар забони араб ба маънои дуъои бад истифода мегардид.[77]

Ин ривояти Имом Бухорӣ буд. Чунон, ки мебинем як ривояти кутоҳ ва мухтасар аст ва ҳақиқати воқеъаи Сақифа ҳамин аст. Аммо он чӣ Абумихнаф зиёд карда, ки Саъд ибни Убода гуфт:

***Бо шумо меҷангам ва бо онҳо намоз намехонд ва дар ҷумъаи онҳо ширкат намекард ва дар маросими Ҳаҷ аз Арафа ҳамроҳ бо онон бознамегашт ва ин ки Ҳубоб ибни***

---

[76] *. Бухорӣ китоби «Фазоилус-саҳоба, боби: Лав кунту муттахизан халилан» ҳадиси 3467.*

[77] *. Фатҳулборӣ шарҳи саҳеҳи Бухорӣ, ҷ / 7 саҳ 384 нашри дорулфикр.*

***Мунзир бо Абубакр (р) мухолифат кард*** ва зиёдагуиҳои дигаре, ки овардааст, ҳама пуч ва ботил ҳастанд, ки ҳақиқати воқеъӣ надоранд.

Чунон, ки маълум аст достони Сақифа ним соат бештар тӯл накашидааст, аммо мебинем, ки чи гуна онро тӯлонӣ ва бузург кардаанд. Аммо дар мавриди Саъд ибни Убода, Аҳмад дар Муснади худ аз Ҳамид ибни Абдурраҳмон ривоят кардааст, ки гуфт: Абубакр (р) сухан гуфт ва ҳама чизҳое, ки дар фазилати Ансор нозил шуда ва он чиро, ки Паёмбар (с) дар фазилати онҳо гуфта буд, ҳамаро баён кард ва гуфт: Шумо медонед, ки Паёмбар (с) фармуд:

«*Агар мардум дар дарае биравcovand ва Ансор ба дараи дигаре, ман ба роҳи Ансор хоҳам рафт*».

Ва ту эй Саъд! Медонӣ, ки дар ҳузури ту Паёмбар (с) фармуданд: «*Қурайш фармонравоён ҳастанд, пас накӯкорони мардум пайрави накӯкоронанд ва фоҷирон ва бадкорони мардум пайрави фоҷирону бадкорон*».

Дар ин ҳангом Саъд гуфт: Рост мегӯӣ, мо вазир ҳастем ва шумо амир ҳастед[78].

Ин ривоятро Аҳмад дар Муснади худ бо санади саҳеҳ аз Ҳамид ибни Абдурраҳмон ибни Авф (р) ривоят кардааст ва ин ривоят гарчи мурсал аст, аммо аз ривояти Абумихнафи дурӯғгӯӣ хеле қавитар ва саҳеҳтар аст.

Хонандаи гироми худ қазоват кун ва ривояти дурустро аз ғалат ҷудо намо, зеро санади ривоят ва ровӣ дар ҳар ривояте як асли муҳим мебошанд.

[78]. *Муснади Аҳмад 1/18, таҳқиқи Аҳмад Шокир.*

## Ноқилони ахбор чӣ гуна таърихро таҳриф мекунанд

Василаҳое, ки нақлкунандагони ахбор ба василаи он симои таърихро доғдор мекунанд, иборатанд аз:

**1-Дурӯггӯӣ ва аз худ бофтабарории достоне:**

Чунончи ба дурӯғ достон сохтаанд, ки вақте хабари марги Алӣ (р) ба Оиша (р) расид, Оиша (р) саҷдаи шукр ба ҷо овард ва ин худ як достони дурӯғин аст[79].

**2- Зиёду кам кардани воқеъа, ба ҳадафи таҳрифи воқеъият.**

Ба ин сурат, ки асли воқеъа дуруст аст, монанди воқеъаи Сақифа, ки достони Сақифа дуруст аст ва дар он ҷо Абубакр (р) ва Умар (р) ва Абуубайда(р) аз як сӯ ва аз тарафи дигар Ҳубоб ибни Мунзир ва Саъд ибни Убода ва касони дигаре аз Ансор (р) ҷамъ шудаанд. Аммо касоне, ки хостаанд, ки ин ҳақиқатро таҳриф кунанд, чизҳое ба он зиёд кардаанд, чунончи он воқеъа дар боло зикр гардид ва шумо худ шоҳиди он гаштед, ки он воқеъа чи гуна таҳрифшуда ва дастхӯрда аст.

**3-Таъвил ва тавҷеҳи нодурусти воқеъаҳо.**

Ба ин сурат, ки нақлкунандаи ахбор мекӯшад то воқеъаро тавҷеҳ ва тафсири нодурусте кунад, ки бо майл ва ҳавои нафсаш ва бо ақида ва

---

79 . «Фасъалу аҳлаз-зикри», саҳ , 97 онро зикр карда ва гуяндаашро баён накардааст.

бидъаташ мутобиқат намояд. Чуноне, ки дар воқеъаи Сақифа, баён гардид.

***4-Бузург ҷилва додани хатоҳо ва камбудиҳо.***

Шояд, ки достон саҳеҳ ва дар он воқеъият бошад, аммо нақлкунандаи ахбор дар он хатоҳоро бузург ҷилва медиҳад ва хубиҳоро мепӯшонад, ки ин мухолифи чорчӯбаи ривоят аст.

***5-Сурудани шеърҳое барои таъйиди ҳодисаҳои таърихӣ.***

Шеъреро бофта ва месароянд ва сипас онро ба амирулмӯъминин Алӣ (р), ё ба Уммулмӯъминин Оиша (р), ё ба Зубайр (р) ва ё ба Талҳа (р) нисбат медиҳанд, ки дар ин шеър яке аз асҳоб (р) мавриди айбҷӯӣ қарор гирифтааст. Чунончи шеъреро ба Ибни Аббос (р) нисбат додаанд, ки гӯё ӯ дар ҳаққи Уммулмӯъминин Оиша (р) гуфта бошад:

***“Табаггалти таҷаммалти,***
***Ва лав шиъти тафайялти.”***

*Хачирсавор шудию шутурсавор шудӣ,*
*Гар мехостӣ[80] савори фил ҳам мешудӣ.*

***Навиштани номаҳои дурӯғин.***

Чунончи дар достони кушта шудани Усмон (р) баён шудааст, ки номаҳои дурӯғинеро ба ӯ нисбат додаанд ва низ навиштаеро ба дурӯғ ба Оиша (р), Алӣ (р), Талҳа (р) ва Зубайр (р) нисбат додаанд. Ҳамчунин китоби «Ал-имомат вас-сиёсат», ки бардурӯғ ба Ибни Қутайба нисбат додаанд[81].

---

[80]. *Барои ҷанг ва фитнаангезӣ*

## *Ровиёни ғайри мўътамаде, ки таърихнигорон аз онҳо ривоят кардаанд*

***1- Абумихнаф-Лут ибни Яҳё,*** ибни Сулаймон ибни Ҳарс ибни Авф ибни Саълаба ибни Ом ибни Зуҳал ибни Мозан ибни Зубён ибни Саълаба ибни Саъд ибни Маннод ибни Ғомид, ки кунияаш Абумихнаф буда ва қабл аз соли (170ҳ.қ) вафот кардааст.

Нисбати ӯ Абуҳотим гуфтааст:

- Ҳадисҳояш таркшуда ва ғайри қобили қабул мебошанд.

Ибни Адий гуфтааст:

- Ӯ шахси ғайри сиқа (мўътамад) аст.

Имом Заҳабӣ дар китоби «Алмизон» фармудааст:

- Ӯ як шахси ғайри сиқае (ривоёташ ғайри эътимод) буда, ки хабарҳои беасосро ривоят кардааст.

***2 - Сайф ибни Умари Тамимӣ,*** соҳиби китоби «*Аррида*» ва «*Алфутӯҳ*», ки дар замони хилофати Рашид, соли 180 вафот кардааст. Дар нисбати Сайфи Тамимӣ Абуҳотим мефармояд:

- Ҳадисаш монанди ҳадисҳои Воқидӣ ғайри қобили қабул аст.

Ибни Ҳаббон гуфтааст:

- Сайф ҳадисҳои мавзӯъро бештар ривоят кардааст.

Баъзе дигар ровиён гуфтаанд: Сайф худ ҳадис мегузошт.

---

[81]. *Ниг: Ба муқаддимаи китоби «Таъвилу мушкилил-Қуръон», Ибни Қутайба, таҳқиқи Саид Аҳмади Сақар, саҳ 32.*

Ҳоким ӯро ба зиндиқӣ муттаҳам кардааст ва дигарон низ нисбати Сайф чунин суханон гуфтаанд.

Ибни Муъин гуфтааст: - Аз ӯ хайре нест.

***3 - Ҳишом ибни Муҳаммади Калбӣ,*** соли (204) вафот кардааст. Ал-Асмаъӣ ва Абулфараҷи Исфаҳонӣ ва Дорулқутнӣ нисбати Калбӣ гуфтаанд: - Хабарҳояш ғайри қобили қабул ҳастанд.

Баъзе дигар ровиён фармудаанд, ки ғайри сиқа буда аз ӯ ривоят қабул карда намешавад.

***4 - Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ,*** санаи (207) вафот кардааст. Бешак, ҳадисҳояш дар назди Аҳмад ва Ибни Муборак ва Ибни Нумайр ва Исмоил ибни Закариё ва Абузаръа ва ад-Дулобӣ ва Уқайлӣ ғайри қобили қабул ҳастанд. Насоӣ ва баъзе дигар муҳаддисон ҳадисҳояшро дурӯғ шумоидаанд.

Абудовуд мефармояд, ки аз Воқидӣ ҳеҷ ҳадисе наменависам ва нисбаташ ҳеҷ ҷизе намегӯям ва он чӣ, ки дар ӯ шак дорам ин аст, ки ҳадис мебофад[82].

## ***Аҳли суннат таҳқиқ барои касби итминонро аз чӣ замоне оғоз карданд?***

---

[82]. *Иқтибос аз муқаддимаи таърихи Табарӣ, чопи Байтулафкор аддувалия, Бейрут, саҳ 4-5.*

Вақте фитна падидор шуд, аҳли суннат барои касби итминон аз дурустии ривоятҳо, таҳқиқро оғоз карданд. Чунончи Имом Муҳаммад ибни Сирин (р), тобеъии гаронқадр мегӯяд: Аҳли суннат пештар аз санадҳо намепурсиданд, аммо он гоҳ, ки фитна падидор шуд ба нақлкунандагон ва ровиёни ривоятҳо гуфтанд: Афродеро, ки шумо аз онҳо ривоят мекунед, барои мо ном бибаред. Вақте он ровиёни ҳадисро ном мебурданд, аҳодиси ривояткардаи аҳли суннат пазируфта мешуд ва аҳодиси ривояткардаи аҳли бидъат пазируфта намешуд[83]. Зеро қоидаи куллӣ дар мавриди афрод ин аст, ки онҳо боваринок ва мавриди эътимод ҳастанд.

Ибни Сирин аз бузургони тобеъин аст ва даврони асҳоб(р)-ро дарёфта ва бо ҳама тобеъин зиндагӣ кардааст ва манзур аз фитна дар ин ҷо пайдоиши аҳли бидъат монанди, хавориҷ[84] ва қадария[85] аст.

## ФАЗИЛАТИ САҲОБАГОН ДАР АҚИДАИ АҲЛИ СУННАТ ВА ҶАМОЪАТ

Ҷамъи олимони аҳли суннат бар ин ақидаанд, ки беҳтарин саҳобагони Расули Худо (с) Абубакр (р) ва пас аз он Умар (р) мебошанд. Аз ҷумлаи ин уламои аҳли суннат Абулаббоси Қуртубӣ чунин фармудааст:

83 . Муқаддимаи Саҳеҳи Муслим боби Аласноду минад-дини.
84 . Хавориҷ касоне буданд, ки баъд аз ҷанги Сиффин бар зидди Алӣ (р) шӯриш карданд ва Алӣ (р) дар Наҳравон бо онҳо ҷангид.
85 . Қадария касоне ҳастанд, ки мункири тақдир ва сарнавишт мебошанд ва мегӯянд: «Ҳар чиз нав аст ва падид хоҳад шуд».

- Ҳеҷ кадом аз имомон ва пешвоёни гузаштаи солиҳамон дар ин гуфтаҳо ихтилофе накардаанд.

Байҳақӣ дар китоби «ал-Эътиқод» аз Абусавр аз Шофеъӣ ривояте овардааст, ки фармудааст: Ҳеҷ як аз саҳобагон ва пайравони онҳо (тобеъин) ба бартар доштани Абубакр ва Умар ва беҳтар донистани он ду аз дигар саҳобагон ихтилофе надоранд. Агар касе ихтилофе карда бошад, он ҳам дар бораи Усмону Алӣ (р) будааст.[86] Амома ибни Ҳумом дар китоби «Алмусояра» гуфтааст: Бартарии чаҳор ёри Расули Худо (с) дар хилофат аз рӯйи тартибашон буда ва фазилату бартарии воқеии онҳоро худи Худованд (ҷ) беҳтар медонад. Расули Худо (с), дар ҳаққи ҳамаи саҳобагонаш дуъо ва ситоишҳои нек кардааст.

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст, ки вақте Амр ибни Ос аз Паёмбари Худо (с) пурсид, ки дар назди шумо дӯстдоштатарини мардон кист? Паёмбар (с) дар ҷавобаш гуфт: «Падараш», яъне падари Оиша (р), ки Абубакр (р) аст. Дар намоз пеш гузаронидани Абубакр (р) ва аз пушти сари ӯ иқтидо карда намоз гузоридани Паёмбар (с) далели дигар аст барои исботи бартарии Абубакр (р) бар дигар саҳобагон. Барои пеш гузашта имоматӣ кардани мардум дар намоз олими дин, қории хуби Қуръони карим, ахлоқи нек ва парҳезгор будани шахс нисбат ба дигарон шарт аст. Пас. маълум мешавад, ки ҳамаи ин сифатҳои хуби инсонӣ дар Абубакр (р) дида мешуд ва ин буд, ки беҳтарини саҳобагон дониста шуд. Дар китоби Саҳеҳи Бухорӣ аз Ибни Умар (р), ривоят шудааст, ки дар замони Расули Худо (с)

[86] . *Фатҳул мугис (ироқӣ) 4/41.*

ҳеҷ касе аз саҳобагон ба Абубакр (р) баробар намешуд, пас аз он ба Умар (р) ва Усмон (р) ва Алӣ (р). Бартарӣ ба ин тартиб дар байни саҳобагони Расули Худо (с) вуҷуд дошт. Боз дар ин маврид ҳадиси саҳеҳе ба ин мазмун аз Муҳаммад ибни Ҳанафия ривоят шудааст, ки гуфтааст: Аз падарам пурсидам: Беҳтарин мард баъди Расулуллоҳ (с), кӣ бошад? Дар ҷавоб гуфт: Абубакр (р). Боз пурсидам: Баъд чӣ касе бошад? Гуфт: Умар (р).

Муҳаммад ибни Ҳанафия мегӯяд: Яқин доштам, ки баъди Умар (р) Усмон (р)-ро ном мебарад, вале кунҷковона гуфтам: Пас аз он шумо ҳастед, эй падари бузургвор?! Гуфт: Ман яке аз мусламонони оддӣ ҳастаму бас.

Дар ин гуфтаҳо ба таври ошкоро баён гардидааст, ки Абубакр (р) беҳтарини инсонҳост. Ва ин гуфтаҳо ҳама баёнгари он ҳастанд, ки Абубакр (р) беҳтарини саҳобагон буда ва баъд аз он бузургвор он ду халифаи дигар, ки мувофиқи тартиби дар хилофаташон буда, омадаанд. Аммо иттифоқи уламо ба интихоби Алӣ (р) баъди ин се халифа далолат бар он мекунад, ки Алӣ (р) беҳтарин саҳобагоне ҳаст, ки дар замони Алӣ (р), яъне дар вақти халифа таъйин шуданаш буданд, ба монанди Зубайр (р), Талҳа (р) ва дигар саҳобагони кибор, ки Худованд аз ҳамаашон розӣ ва хушнуд бод. Аз ин ҷо маълум гашт, ки Алӣ (р) беҳтарини саҳобагон баъди Абубакр (р), Умар (р) ва Усмон (р) аст. Аз ин хотир дар ақидаи аҳли суннат ҳамаи он саҳобагони Расули Худо (с)-ро ба некӣ ёд кардан ва онҳоро мавриди эҳтиром қарор додан шарт аст, чуноне ки Худованди бузургу тавоно онҳоро ситоиш кардааст.

***Сухани Худо:***

كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ
ٱلْمُنكَرِ وَتُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ ۗ وَلَوْ ءَامَنَ أَهْلُ ٱلْكِتَٰبِ لَكَانَ خَيْرًا لَّهُم ۚ
مِّنْهُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ وَأَكْثَرُهُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ ﴿١١٠﴾

***«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум падид оварда шудааст, ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мекунед ва ба Худо имон доред. Агар Аҳли Китоб низ имон биёваранд, барояшон* беҳтар аст. Баъзе аз онҳо мӯъминанд, вале бештарашон табаҳкоронанд».**

*(Сураи Оли Имрон, ояти 110)*

Аллома Бағдодӣ дар китоби «Усули дин» фармудааст: Уламои усули дин чунин эътиқод доранд, ки беҳтарини саҳобагон чаҳор ёри Паёмбар (с) буда, баъд аз онҳо шаш ёр аз даҳ ёри биҳиштӣ мебошанд, ки Паёмбар (с) биҳиштӣ будани эшонро мужда додааст.

Монанди: Талҳа, Зубайр, Саъд ибни Абуваққос, Саъид ибни Зайд, Абдурраҳмон ибни Авф ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ, ки Худованд аз ҳамаашон розӣ бод.

Шоире ин бузургмардони биҳиштиро ба риштаи назм овардааст:

*Даҳ ёри биҳиштианд қатъӣ медон,*
*Бубакру Умар, Алию Усмон.*
*Саъд асту Саъиду Буубайда,*
*Талҳасту Зубайру Абдураҳмон.*

Баъд аз 10-ёри биҳиштӣ, беҳтаринҳо иштирокчиёни «Ғазваи Бадр» ва «Ғазваи Уҳуд» ва баъди онҳо касоне, ки дар Ҳудайбия бо Расули Худо (с) байъат кардаанд, ки бо номи «Байъати Ризвон» машҳур аст, мебошанд. Қалонисӣ саҳобагонеро, ки баъд аз шаҳодати Усмон (р) дар қайди ҳаёт буданд, дар воқеаҳое, ки байнашон гузашт, ба се гурӯҳ табақабандӣ кардааст, ки тақрибан мазмуни тақсимбандиаш чунин аст:

Гурӯҳи аввал, саҳобагоне буданд, ки воқеаҳои ба амал омадаро назди худ баррасӣ карда ва барои муътадил гардонидани вазъияти ба амал омада, ҳамроҳ бо ҳазрати Алӣ (р) саҳми худро гузоштанд. Гурӯҳи дуввум, саҳобагоне мебошанд, ки вазъияти ба амал омадаро аз нуқтаи назари худашон таҳлилу баррасӣ намуда, ҳамроҳ бо ҳазрати Муъовия (р), барои аз байн бурдани шубҳа ва гумонҳои мавҷуда саҳмгузорӣ карданд. Гурӯҳи саввум, саҳобагоне мебошанд, ки ба ҳеҷ як аз ин ду гурӯҳ ҳамроҳ нашуда худро канор гирифтанд ва дар алоҳидагӣ барои дур кардани ин нофаҳмиҳо кӯшиш ба харҷ доданд.

Дар мавриди ин гурӯҳҳо аҳли илм ба ин боваранд, ки бо ҳамроҳии ҳар кадоме аз ин

гурӯҳҳо саҳобагони донишманде вуҷуд дошт, ки лаёқати иҷтиҳод карданро доштанд. Пас, ҳар кадоме аз он гурӯҳҳо, ки бар ҳақ бошанд, ду аҷру савобро ноил гаштаанд ва ҳар кадоме аз он гурӯҳҳо, ки ҳақро дарнаёфта бошанд, як савобро ноил гаштаанд, зеро Худованд ва Паёмбараш бар адолати онҳо шаҳодат додаанд ва он чи, ки байни онҳо рух дода буд, ҳеҷ яке аз онҳоро аз ҳавзаи адолат берун намекашад, зеро онҳо ҳамаашон олим ва муҷтаҳиди замони худ буданд.

Саъди Тафтазонӣ гуфтааст: Бузург доштани саҳобагон ва эҳтиром намудани онҳо ва таъну айб нагирифтан дар ҳаққи онҳо бар мо воҷиб аст. Ба хусус дар ҳаққи мардуми муҳоҷир ва ансори аз онҳо ва ононе, ки дар «Ғазваи Бадр» ва «Ғазваи Уҳуд» ва «Байъати Ризвон» ва «Сулҳи Ҳудайбия» иштирок намудаанд ва ин бузургии мақоми онҳо, бо оятҳои худовандӣ ва ҳадисҳои набавӣ ва иттифоқи уламо собит шудааст.

Алломаи Маръашӣ дар китоби «Нашри таволеъ» гуфтааст: Бар мо воҷиб аст бузург-доштан ва эҳтиром кардани ҳамаи саҳобагони Расули Худо (с) ва айбҷӯи накардан аз онҳо ва гумони нек доштан нисбати ҳамаашон. Набояд дар дӯстдории баъзе аз онҳо ба андозае зиёдаравӣ кунем, ки сабаби костани муҳаббатамон нисбати дигар саҳобагон гардад. Зеро Худованди карим саҳобагони Расули Худо (с)-ро, вақте ба ӯ имон оварда ва ҳамроҳияш кардаанд, дар ҳар ҳолате, ки бошанд, мавриди ситоиш ва мағфирати хеш қарор додааст.

**Худованд мефармояд:**

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا تُوبُوا إِلَى اللَّهِ تَوْبَةً نَصُوحًا عَسَىٰ رَبُّكُمْ أَنْ
يُكَفِّرَ عَنْكُمْ سَيِّئَاتِكُمْ وَيُدْخِلَكُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي مِنْ تَحْتِهَا الْأَنْهَارُ يَوْمَ لَا
يُخْزِي اللَّهُ النَّبِيَّ وَالَّذِينَ آمَنُوا مَعَهُ ۖ نُورُهُمْ يَسْعَىٰ بَيْنَ أَيْدِيهِمْ
وَبِأَيْمَانِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا أَتْمِمْ لَنَا نُورَنَا وَاغْفِرْ لَنَا ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ
قَدِيرٌ ﴿٨﴾

***«Эй касоне, ки имон овардаед, ба даргоҳи Худо тавба кунед, тавбаи аз рӯи ихлос. Бошад, ки Парвардигоратон гуноҳонатонро маҳв (дур) кунад ва шуморо ба биҳиштҳое дохил кунад, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист. Дар он рӯз Худо, паёмбар ва касонеро, ки бо ҳамроҳии ӯ имон овардаанд, хору зор накунад ва нурашон пешо пеш ва аз самти росташон дар ҳаракат бошад. Мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, нури моро барои мо ба камол расон ва моро биёмурз. Ҳаройна, Ту бар ҳар коре тавоно ҳастӣ!».***

*(Сураи Таҳрим, ояти 8)*

Паёмбар (с) саҳобагонашро дӯст медошт ва онҳоро ситоиш намуда дар ҳаққашон дуъои нек мекард. Ва низ умматашро ба таъну лаън ва бадбинӣ накардан ва озор надодани онҳо васият кардааст, зеро ҳамаи онҳо дар назди Худованд мавриди мағфират қарор гирифтаанд. Тамоми олимони исломӣ ба ин иттифоқ доранд, ки шаҳодату ривояти саҳобагон қабул ва адолаташон комилу писандида аст.

# ДАШНОМУ НОСАЗО ГУФТАНИ САҲОБАГОН ВА ҲУКМИ ОН

Бояд қайд кард, ки азамат ва пирӯзии Ислом ба дасти он парвардагони мактаби рисолат ва саҳобагони Расули акрам (с) оташи ҳасад ва кинаи душманони динро барафрӯхт ва онҳоро дар тӯли таърихи Ислом омоҷи ҳамалоти фарҳангӣ ва таъну бадгӯии одамони ҳасуд ва бадандеш қарор дод.

Илова бар ин, бегонагон бо истифода аз фазои тасомуҳ ва таҳаммулпазирии Ислом дар мақтаъ-ҳои гуногуни замонӣ тоифаҳои тундрав ва бероҳе арзи вуҷуд намудаанд, ки ҳамон равиши таъну бадгӯии бегонагонро дар шаъни саҳобагони Расули Худо (с) ва бузургони садри Ислом ба кор бурдаанд.

Имрӯзҳо дар зери таъсири андешаҳои бегона одамоне низ ба бадгӯӣ ва таъни он зубдаи таърихи башарият пардохтаанд, ки ҳанӯз гароишоти гурӯҳии худро ба таври равшане ошкор насохтаанд. Онҳо дар либоси пайравони аҳли суннат машғули фаъолият буда, ҳамалоти интиқодии шадидеро ба сӯи асли рисолат ва арзишҳои илоҳии дини Ислом равона сохтаанд. Ин тоифа бо номи баррасии таърихии ҳаводиси садри Ислом ва бо номи таҳлили мантиқии ҳаёти саҳобагон ба таҳриф ва каҷсозии асли рисолати Паёмбар (с), ҳақоиқи қуръонӣ ва воқеъиятҳои таърихӣ пардохта, мантиқи таҳлилро вайрон намудаанд. Онҳо бо тазоҳур ба равиши таҳқиқӣ

воқеъияти инҳирофии худро рӯйпӯш менамоянд. Вале иншоаллоҳ, ки навмедӣ ва хок ба сари талошҳояшон мегардад.

... وَقَدْ خَابَ مَنِ ٱفْتَرَىٰ ﴿٦١﴾

***«Воқеъан ҳам, навмед (ва хок ба сар) гаштааст, касе, ки ифтиро намояд».***

*(Сураи Тоҳо, ояти 61)*

Дашном додан ва носазогӯӣ нисбати саҳобагон навъҳои гуногун дорад. Монанди ин, ки бархе мардум саҳобагонро ба куфру фисқ ва баъзе ба василаи умури дунявӣ ва инчунин, ба надоштани илми кофӣ ва кинаварзӣ, дашном медиҳанд. Ва ин дашному носазогӯӣ ё ба ҳамаи онҳо ё ба баъзе ва ё ба як нафаре аз онҳо нисбат дода мешавад, ҳол он ки саҳобае, ки мавриди таҳкир ва бадгӯи қарор мегирад, барои исботи фазилати ӯ ҳадисҳои мутавотир ва саҳеҳе вуҷуд дорад.

Акнун ба таври муфассал ҳукми онро баён хоҳем кард. Касе, ки куфр ё фосиқиро ба баъзе ё ба тамоми саҳобагон нисбат медиҳад, ҳеҷ гуна шакке нест, ки чунин фарде аз дин хориҷ мешавад ва барои исботи ин ҳукм далелҳои зиёде вуҷуд дорад, ки онҳоро зикр мекунем:

- Онҳо касонеанд, ки саҳобагони гиромие, ки Қуръон ва Суннатро то ба мо оварда расонидаанд, кофир ё фосиқ мегӯянд.

Оё бо чунин суханони таҳқиромез ва беасоси ин тоифа, дар Қуръон ва Суннат шакку шубҳа эҷод намешавад?

Оё таъну бадгӯӣ нисбат ба ҳомилон ва

оварандагони Қуръону Суннат, дар ҳақиқат, ворид сохтани таъну бадгӯӣ ва эҷоди шак дар худи Қуръон ва Суннат намебошад?

Яъне агар он саҳобагон, ки ҳомилони Қуръону Суннат ва нашркунандагони арзишҳои илоҳии Ислом буданд, кофир ё фосиқу бадкора (бинобар эътиқоди онҳо) бошанд, пас Қуръону Суннат ва арзишҳои исломӣ чӣ гуна дуруст ва солим ба мо расидаанд?

Таъну бадгӯии онҳо ба ин маъност, ки Қуръону Суннат ва арзишҳои волои Ислом низ дурусту солим ва ба таври комил ба мо нарасидаанд. Зеро, агар он саҳобагони бузург хиёнаткор ва бадкора бошанд, пас дар амонати илоҳӣ низ хиёнат кардаанд ва онро солим ва комил ба наслҳои баъдӣ таҳвил надодаанд. Яъне дар сурати пазируфтани назароти интиқодӣ ва бадгӯиҳои ин тоифа дар ҳаққи саҳобагони Расули акрам (с), дигар аз Ислом ва рисолати он Ҳазрат (с) чизе боқӣ намемонад.

Ва ҳамчунин дар ин гуфтаҳо, яъне кофир ё фосиқ донистани баъзе ё тамоми саҳобагон (наъузу биллоҳ), ба маънои дурӯғ шумоНа оятҳои Қуръон мебошад, ки дар фазилати саҳобагон омадааст ва ин худ бисёр тӯҳмати бузург аст. Худованд ба таври ошкор аз он саҳобагон изҳори ризоият намуда, онҳоро мавриди ситоиш қарор додааст. Оятҳои Қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, ки далолат бар фазилати саҳобагон мекунанд, хеле зиёд буда ва ҳар касе, ки ин оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар (с)-ро инкор намояд ва ё мавриди шакку шубҳа қарор диҳад, аз дин хориҷ гардидааст.

Инчунин, дар ин кор, яъне кофир ё фосиқ донистани баъзе ё тамоми саҳобагон, дашном ва азияти Паёмбар (с) вуҷуд дорад, зеро он саҳобагон ёрони наздик ва дӯстдорони он Ҳазрат (с) мебошанд. Дашном додан ба наздикон ва афроди махсуси инсон бе ягон шубҳа як навъ таҳқир ва озор додани худи он инсон аст ва ба ҳамагон маълум аст, ки ранҷонидани Паёмбар (с) куфр аст.

Баъзе аз уламои дин дар баён кардани ин ҳукм чунин гуфтаанд:

Агар касе нисбати суханони Худованд таваҷ-ҷӯҳ накунад ва гумон барад, ки саҳобагон баъд аз вафоти Паёмбар (с) ба ғайр аз чанд нафаре, ки теъдодашон ба бист нафар ҳам намерасад, муртад гаштанд ё ки ҳама саҳобагон фосиқ буданд, гӯяндаи ин суханон бе ягон шак аз дини Ислом хориҷ мегардад. Агар, шахсе чунин ақида дорад бидонад, ки Қуръони каримро дурӯғ шуморидааст, зеро худи Худованд дар чанд ҷойи Қуръон саҳобагонро ситоиш карда ва аз онҳо изҳори ризоият намудааст. Ва ҳар касе аз кофир шудани ин гуна ашхосе, ки саҳобагонро муртад ва ё фосиқ медонад, дар дили худ шак роҳ диҳад, ӯ низ аз дин хориҷ мешавад.

Ҳайсамӣ (р) мегӯяд: Дар кофир донистани дашномдиҳандаи баъзе аз саҳобагон ба таври алоҳида ихтилофи назар вуҷуд дорад, вале дашном додани ҳамаи саҳобагон бе ҳеҷ шакке куфр аст, зеро ҳамаи далелҳои овардашуда дар хусуси саҳобагон равшану ошкор мебошанд. Баъзе аз олимон далелҳои дигареро ба таври муфассал овардаанд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон гуфт:

**<u>Аввал:</u>**

Он чи, ки олимҳо дар тафсири ояти охири сураи Фатҳ овардаанд, ки мефармояд:

مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ ۖ
تَرَىٰهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا ۖ سِيمَاهُمْ فِى وُجُوهِهِم
مِّنْ أَثَرِ ٱلسُّجُودِ ۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمْ فِى ٱلتَّوْرَىٰةِ ۚ وَمَثَلُهُمْ فِى ٱلْإِنجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ
شَطْـَٔهُۥ فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسْتَغْلَظَ فَٱسْتَوَىٰ عَلَىٰ سُوقِهِۦ يُعْجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ
ٱلْكُفَّارَ ۗ وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّـٰلِحَـٰتِ مِنْهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا
عَظِيمًۢا ﴿٢٩﴾

***«Муҳаммад паёмбари Худост ва касоне, ки ҳамроҳи ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон (яъне дар муқобили мухолифони динашон сахтгирӣ мекунанд ва нисбат ба ҳамдинони худ меҳру нармиш ва утуфат нишон медиҳанд, зеро Худованд ба мӯъминон фармон додааст, ки нисбат ба куффор сахтгир бошанд.) Ононро бинӣ, ки рукӯъ мекунанд, ба саҷда меоянд (яъне порсоёни шаб ва шерони рӯз ҳастанд) ва (ба василаи тоъату ибодати худ) талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд. Нишонаашон асари саҷдаест, ки бар чеҳраҳои онҳост. Ин аст васфашон дар Таврот ва васфашон дар Инҷил ба мо-***

***нанди киштзоре, ки ҷавона (хӯша) бизанад ва он ҷавона маҳкам шавад ва бар пояҳои худ биистад ва кишоварзонро ба ҳайрат водорад (мӯъминон низ ҳамин гунаанд ва лаҳзае аз ҳаракат бознамеистанд ва мисли гандум сар кашида, хӯша мезананд. Он хушаҳо парвариш ёфта, борвар мешаванд. Ин пешрафту қувва ва қудратро Худо насиби мӯъминон мекунад), то он ҷо ки кофиронро ба хашм оварад. Худо аз миёни онҳо касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ба омурзиш ва мукофоте бузург ваъда кардааст».***

*(Сураи Фатҳ, ояти 29)*

Имом Молик аз ин ояти қуръонӣ исбот мекунад, ки ҳар касе «саҳоба»-ро мавриди бадбинӣ қарор диҳад, кофир аст ва Шофеъӣ ва дигарон ба ин назар мувофиқанд:

***<u>Дуввум:</u>***

Он чи, ки аз ҳадиси Шайхайн (Бухорӣ ва Муслим) ривоят кардаанд, ки Паёмбар (с) фармудааст:

آية الإيمان حب الأنصار وآية النفاق بغض الأنصار»''''

*Нишонаи имон дӯст доштани ансор аст. Ва нишонаи нифоқ бад дидани онҳост*[87] *.*

---

[87] *. Саҳеҳи Бухорӣ (85 / 1, 113 / 7).*

Ва дар ривояти дигар мефармояд:

«لا يحبهم إلاّ مؤمن ولا يبغضهم إلاّ منافق»

*Онҳоро касе ҷуз мӯъмин дӯст намедорад ва ба ғайр аз мунофиқ касе ба онҳо кина намегирад[88].*

Ва дар мазмуни ҳадисе Муслим аз Абуҳурайра (р) ривоят карда, ки Паёмбар (с) фармудааст: Касе ба Худо ва рӯзи қиёмат имон дошта бошад, Ансорро мавриди кина ва бадбинии худ қарор намедиҳад[89] ва касе онҳоро дашном диҳад, бар кинаи худ афзудааст, пас, ҳатман он кас мунофиқ аст ва ба Худо ва рӯзи қиёмат имон надорад.[90]

***Саввум:***

Ҳодисаест, ки барои Умар ибни Хаттоб (р) рух додааст. Ӯ шахсеро бо асои кӯчаке ба хотири ин, ки Умарро аз Абубакр (р) беҳтар шумурдааст, ҳад (шаллоқ) задааст. Сипас, Умар (р) гуфтааст: Абубакр (р) баъд аз Паёмбар (с) беҳтарини мардум мебошад. Он гоҳ чанд мавридҳоеро аз бартариҳои он бузургвор шуморида ва гуфтааст: Ҳар касе ғайр аз инро бигӯяд, барояш ҳадди тӯҳмат зада мешавад.[91]

Алӣ ибни Абутолиб (р) низ гуфтааст:

- Ҳеҷ кас маро нисбат ба Абубакр ва Умар бартарӣ надиҳад, вагарна ӯро барои ин кораш ҳадди тӯҳмат мезанам.[92]

---

88 . Саҳеҳи Бухорӣ (1\85, 7\113).

89 . Саҳеҳ Муслим, ҷилди 1/86.

90 . Ас-соримул маслул 581.

91 . Фазоили Саҳоба, Имом Аҳмад 1/300.

92 . Фазоили Саҳоба 1/83.

Пас, метавон аз рафтори ин ду халифа, яъне Умар ва Алӣ (р), натиҷа гирифт, ки нисбати афроде ки Умар (р)-ро ба Абубакр (р) ва Алӣ (р)-ро, нисбат ба Абубакру Умар (р) бартарӣ додаанд, ҳадди тӯҳмат зада мешавад ва ҳол он ки бартарӣ додани касе бар дигаре, дашном нест. Аз ин ҳукми он бузургворон бояд чигунагии ҳукми дашном додани саҳобагонро дониста шавад. Набояд аз саҳобагони Паёмбар (с) ҷуз ба хайр ва некӣ ёд кард. Аммо дашном ба саҳобагон ва бадгӯйи аз онон ва гуфтани ин ки баъзе аз онҳо дуруст ва бархе хато кардаанд, қатъан ҳаром аст ва гоҳе куфр мебошад. Далели ин гуфтаҳо мазмуни фармудаи он Ҳазрат (с) аст, ки мефармояд:

*Саҳобагони маро сухани носазо нагӯед, агар яке аз шумо ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло нафақа кунад, ҳаргиз ба андозаи як мудд (яъне як мушт, ё як каф тилло, ки тақрибан баробари 509 грам аст) тилло нафақа кардаи онон ё нисфи он намерасад.*[93] *Ва низ фармудааст: Ёрони маро гиромӣ доред, ба яқин онҳо беҳтарини шумо ҳастанд*.

*(Имом Аҳмад ва Ҳоким ин ҳадисҳоро ривоят кардаанд).*

Паёмбар (с) дар ҷои дигар фармудааст:

-*Дар мавриди ёронам аз Худо битарсед ва баъд аз ман онҳоро ҳадафи ғаразҳои худ қарор надиҳед.Ҳар касе онҳоро дӯст дорад, пас ба сабаби дӯстдории ман онҳоро дӯст доштааст ва ҳар касе онҳоро бад бинад, пас ба сабаби*

[93] . Ин ҳадисро ҳар-чаҳор имомони ҳадис ривоят кардаанд.

*бадбинии ман онҳоро бад дидааст. Ва ҳар кас онҳоро озор диҳад, маро озор додаст ва ҳар кас маро озор диҳад, Худоро озурдааст ва ҳар кас Худоро озурда кунад, Худованд ӯро ба зудӣ гирифтори азоби худ созад.*

Ва аммо муттаҳам намудани саҳобагон ба ин, ки баъд аз Паёмбар (с) муртад шуданд, бешак, хилофи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ аст, зеро Худованд хушнудии худро аз саҳобагон дар оятҳои қуръонӣ иброз дошта ва Паёмбар (с) низ онҳоро ба биҳишт башорат додааст. Ин ахбор аз Паёмбари содиқ аст ва дӯрӯғ шумоþví шумаридани онҳо рад намудани суханони он Ҳазрат (с) мебошад.

***Худованд фармудааст:***

وَالَّذِينَ آمَنُوا وَهَاجَرُوا وَجَاهَدُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَالَّذِينَ آوَوا وَّنَصَرُوا أُولَٰئِكَ هُمُ الْمُؤْمِنُونَ حَقًّا ۚ لَّهُم مَّغْفِرَةٌ وَرِزْقٌ كَرِيمٌ ﴿٧٤﴾

***«Онон, ки имон овардаанд ва ҳиҷрат карда ва дар роҳи Худо ҷиҳод кардаанд ва онон, ки ҷояшон дода ва ёриашон кардаанд, дар ҳақиқат, мӯъминонанд. Омурзиш ва рӯзии некӯ барои онҳост»*.**

*(Сураи Анфол, ояти 74)*

Бар мо воҷиб аст, ки аз бадгӯйи нисбати он ёрони бовафои Расули Худо (с) худдорӣ намоем ва бояд онҳоро бо сифатҳои волову нек, мисли: худотарс, ростагор, парҳезкор, одил,

саховатманд, ҳақпараст, ғайюр, мушфиқу меҳрубон нисбати якдигар ва дигар сифатҳои ҳамидае, ки симои воқеъии шахсияти он бузургонро нишон медиҳад ва Худову Паёмбари барҳаққаш онҳоро ситудаанд, ёдоварӣ намоем ва ба ояндагон бо ҳамин сифатҳо бишносонем.

Аммо, агар Худо нахоста, мо дар ин кор саҳлангорӣ намоем ва дунболаи кӣ ҳақ буду кӣ ноҳақ гардем ва бебокона ҳаводиси он давраро пайгирӣ карда ба муҳокимаи онҳо пардозем ва ҳол он, ки ин ҳақро на Худо ва на Паёмбар (с) барои мо надодааст, дар ҳақиқат теша бар решаи худ зада ва роҳро барои бадхоҳони дину миллат боз кардаем.

Асҳоби гиромии Паёмбар (с) касоне ҳастанд, ки Қуръони карим ва Суннати поки Паёмбарро, ба наслҳои баъдӣ расонидаанд ва таъну бадгӯӣ кардан дар ҳаққи эшон ба маънои таъну бадгӯӣ кардан дар ҳаққи сарвару пешвояшон, ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад. Таъну бадгӯӣ дар ҳаққи Паёмбар (с) ин таъну бадгӯӣ дар ҳаққи рисолат ва китоби ӯ Қуръони карим ва Суннати покаш, мебошад ва таъну бадгӯӣ кардан нисбати Қуръону Суннат, Исломро комилан, зери суол қарор медиҳад.

Мо ба ҷуз хайр, чизи дигаре дар бораи саҳобагони Расули Худо (с) намегӯем ва ба ҷаннатӣ будани даҳ ёре, ки Паёмбар (с) онҳоро ба ҷаннат башорат додаст, шаҳодат медиҳем. Мо ҳамчунин, ба ин боварем, ки беҳтарини уммат баъди Паёмбар (с) Абубакр (р) ва пас аз вай Умар (р) ва пас аз он Усмон (р) ва баъд Алӣ (р) мебошанд. Дӯст доштани онҳо нишонаи

сидқи имони банда ва бадбиниашон аломати куфру нифоқи шахс мебошад.

Исҳоқ ибни Роҳавайҳи гуфтааст:

- Ҳар касе саҳобагони Расули Худоро дашном диҳад, ба ҳабс гирифта азоб дода шавад.

Эмом Молик мегӯяд:

- Ҳар касе Расули Худоро дашном диҳад, кофир бувад ва касе асҳоби Паёмбар (с)-ро дашном диҳад, адаб дода мешавад.

Қози Абуяъло гуфтааст:

- Касе саҳобагонро дашном диҳад ва ин дашном доданро ҳалол шуморад, кофир аст ва касе онро ҳалол нашуморида ин амалро анҷом додааст, фосиқ аст.

## НАЗАРИ УЛАМОИ МУОСИРИ ТОҶИК ДАР МАВРИДИ САҲОБА

Мардуми мусалмони тоҷик аз ҳамон ибтидои пазириши Ислом пайрави аҳли суннат ва ҷамъоат буда, дилҳои эшон дар тӯли таърихи наздик ба якуним ҳазор сол аз муҳаббати саҳобагони Расули акрам (с) ва дигар бузургони садри Ислом лабрез мебошад. Онҳо дар муҳаббати асҳоб ва ёрони Паёмбар (с) аз ифроту тафрит дурӣ намуда, дар шинохти фазлу азамат ва ҷойгоҳи рафеъи эшон равиши эътидолро дар пеш гирифтаанд.

Онҳо ҳеҷ гуна ифтиро (дурӯғбофӣ) ва зулмеро нисбат ба бузургони садри Ислом ва ёрони Расули акрам (с) аз касе напазируфтаанд. Инак, назари чанд тан аз шахсиятҳои барҷаста ва ходимони намоёни динро дар бораи мақом ва ҷойгоҳи саҳобагони Расули акрам (с) ва бузургони садри Ислом манзури хонандагон менамоем. Онҳо бо мутолиъаи назари ин бузургон метавонанд мавқеъи феълии донишмандон ва ҳамин тавр мардуми мусалмони тоҷикро дар бораи бузургон ва пешвоёни садри аввал ба даст оваранд.

## Назари Раиси Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон
## *Шайх Амонуллоҳ Неъматзода*

***Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим***

***Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин. Вал ъоқибату лилмуттақин вассалоту вассалому ъало расулиҳи Муҳаммадин ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.***

Аммо баъд, дурусту солим нигаҳдоштани ақида мавзӯъи муҳимми имрӯза мебошад. Афкор ва ақидаи ноҷо гоҳо қавмҳо ва миллатҳоро ба арсаи нобудӣ мебарад. Дар шароити истиқлолияти миллӣ шукронаи озодии диниро карда ҳар фарди мусалмон намозу ибодати худро ба ваҷҳи дуруст адо намояд. **Шинохтани асҳоби Расули акрам яке аз масоили эътиқодӣ аст**. Гарчанде он аз ҷумлаи аркони дин ҳам набошад, лекин василаи пешорӯйи дурусти шинохтани аркони дин буда, фазилати асҳоби Расули карим бояд назди ҳар як мусалмони равшанзамир собит бошад. Дар садри аввали Ислом чуноне, ки дар ривояти Ибни Умар омадааст, ин маъно дуруст эътибор дорад. Бухорӣ аз Ибни Умар ривоят мекунад, ки гуфт: «*Мо дар замони Паёмбар (с) касеро ба Абубакр, баъд аз он ба Умар, баъд аз он ба Усмон баробар намедонистем ва фазилат миёни бақияи асҳоби Паёмбар (с) намегузоштем*». Аз ин рӯ мабнои дурусти чунин назар дар замони босаодати Расули Худо (с), албатта бар асли шаръӣ бар мегардад, зеро ***фазилати онҳо ба эътибори қурбати онҳост ба Ҳақ таъоло ва хидмати онҳост***

***бар Расули мубаллиғи Ӯ таъоло биттабъ. Маълум аст, ки ҳам дар замони Расули Худо (с) ва ҳам баъди вафоти он Ҳазрат (с) Абубакру Умар ва дигар ёрони вафодори Расули акрам (с) дар хидмати дин ва Қуръон ва суннат камари ҳиммат баста, ҷону мол ва ҳастии худро дареғ надоштанд, то нури эмон шаъшаъа афканд ва калимаи тавҳид ҷаҳонгир шуд. Имрӯз баъд аз гузашти сад солаҳо дар ҳаёти амн ва рафоҳияте, ки умр ба сар мебарем нодида гирифтани ранҷу заҳматҳои кашидаи эшон аз рӯйи инсоф набуда носипосии Худованди таъолост. Ҷумҳури уламои аҳли суннат ва ҷамоъат бар афзалияти асҳоби Расули карим (с) эътиқод доранд ва онҳоро бар тамоми пайравони умматҳо афзал мешуморанд ва дар ҳаққи онҳо носазо гуфтан ва дашном доданро шаръан ҷоиз намедонанд, зеро чунин афъоли ноҷо аз рӯи нифоқ мехезад ва нахустин касоне, ки дар муҳити Мадинаи мунаввара забони таън дароз намудаанд, яҳудон ва мунофиқони Мадина буданд.***

**Шинохти ҳуқуқи асҳоби Паёмбар (с) дар зимаи ҳар фарди мусалмон аст.** Дар шароити имрӯзӣ, ки муҳити динии кишвар ба афкору назарҳои аз берун ворид шуда ва ба ақидаи мардуми мусалмони тоҷик номувофиқ ва тазодҳои фикри рӯ ба рӯст, нигаҳдоштани ақидаи солим ва ҳусни назар дар ҳаққи гузаштагони солеҳ аз воҷиботи имон ба шумор меояд. **Аз ин ҷост, ки ҳама касоне, ки дар ин мавзӯъи ҳассос**

**мехоҳанд иқдоме намоянд, маслиҳат ва тавсия медодам, ки эҳтиётро дар ҳама ҷониби ин масъала мадди назар дошта бошанд ва боиси фитнаҳои навбатӣ ва эҷоди мушкилоти нав дар ҷомеъаи кунунии тоҷик нагарданд.** Нигаҳ доштани ақидаи солим ва парҳез намудан аз ҳама тамоюлоти ноҷо дар зеҳн ва фикр ва амали шудани орзуву афкори накӯву писандидаро аз даргоҳи Парвардигор масъалат дорам.

## *Сӯҳбат бо домулло Муҳаммадии Қумсангирӣ*

**Домуллои мӯҳтарам назари шумо дар мавриди саҳобагони Расули акрам (с) чист?**

**Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим**

Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин вал оқибату лил муттақин, ассалоту вассалом ъало ашрафил анбиёи вал мурсалин ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.

Аммо, баъди ҳамди бар Худо ва салавоти бар Расулу олу асҳобаш, назари банда дар ҳаққи асҳоби киром (р) ин аст, ки Худованд он зотҳоро дар Қуръон мадҳу сано гуфта, онҳоро ба некӣ сифат кардааст.

***<u>Худованд мефармояд</u>***:

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلسَّٰبِقُونَ ﴿١٠﴾ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلْمُقَرَّبُونَ ﴿١١﴾ فِى جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ﴿١٢﴾

***«Ва сабқаткунандагон, сабқаткунандагонанд. Эшон муқаррабонанд, дар боғҳои пурнеъмат».***

(Сураи Воқеъа, оятҳои 10-12)

Имом Аҳмад аз ҳазрати Оишаи Сиддиқа(р) ривоят кардааст, ки Расули Худо(с) аз асҳоби

киром пурсид: Оё шумо медонед, ки сабқаткунандагон ба сӯи зилли (сояи) худовандӣ дар рӯзи қиёмат, чӣ касоне мебошанд? Саҳобагони киром арз намуданд, ки: Худо ва Расулаш беҳтар медонанд. Он Ҳазрат(с) фармуданд: Сабқаткунандагон касоне ҳастанд, ки ҳар гоҳ ба сӯи ҳақ даъват шаванд, онро мепазиранд ва ҳар гоҳ аз онон ҳақ талаб карда шавад, онро адо мекунанд ва дар ҳаққи дигарон чунон қазоват мекунанд, ки дар ҳаққи худашон қазоват мекарда бошанд.

Ин оятҳо дар шаъни саҳобагон нозил шудааст, ки онҳо собиқинанд. Аз ибтидои зуҳури Ислом онҳо ҳамнишин ва ҳамсӯҳбати Паёмбар (с) буда, дар ҳамаи ҳолатҳо барои эълои калиматуллоҳ мубориза карда барои барқарор кардани дини Ислом, ҳатто ҷонҳо ва молҳояшонро фидо кардаанд.

Дар ҳама дунё тақрибан Исломро ҷорӣ карданд. Ба дараҷаи саҳоба ғайри худашон, дигар на тобеъин ва на табаъи тобеъин намерасанд. Дар хусуси баландии дараҷаи саҳоба дар китобҳо ривоят аст, ки валиюллоҳ ва авлиёҳое, ки ғайри саҳоба ҳастанд ба дараҷаи камтарини саҳоба намерасанд. Мисол меоранд, Ваҳшие, ки қотили Ҳамза (р), амаки Паёмбар (с) буд, пас, Ислом оварда сӯҳбати Русулуллоҳро дарёфтааст, ҳамон касро дараҷааш аз Увайси Қаранӣ, ки дар табақаи авлиё аз ҳамаи авлиёҳо дараҷааш баланд аст ва дар батни модараш аломоташ маълум будааст, ҳамон қотили Ҳамза мартабааш аз Увайси Қаранӣ баланд аст. Чаро? Барои он, ки Увайси Қаранӣ тобеъин аст, вале қотили Ҳамза (р) тавба карда саҳоба шудааст, аз ин рӯ дараҷаи ҳабашӣ баланд аст.

Онҳоро Худованд худаш «собиқун ва муқаррабун» гуфтааст.

Дар шаъни онҳо назари ман ин аст, ки онҳо бисёр зотҳои бузург ва дар Ислом бисёр дараҷаву мартабаҳои баланд доранд.

Баъд аз паёмбарон онҳо ҳамин хел зотҳо ҳастанд, ки онҳоро Ҳазрати Расули Худо (с) дар ҳадисҳояш сифат кардааст. Масалан, дар ҳадисҳо омадааст:

Аз Абдуллоҳ ибни Муғаффали Музаннӣ омадааст, ки *Расули Худо (с) фармудааст:*

عن عبداللهِ بن مُغَفَّلٍ قال:قال رسول الله صلى الله عليه وسلم "أللهَ اللهَ فِي أصحَابي, أللهَ اللهَ فِي أصحَابي, لا تتَّخِذُوهُم غَرضاًبَعدِي, فَمَن أحبَّهُم فَبِحُبي أَحبَّهُم, وَمَن أبغَضَهُم فَبِبُغضِي أبغَضَهُم, ومَن آذاهُم فقدآذاني, ومن آذاني فقد/ آذى أللهَ, ومن آذى أللهَ فَيُوشِكُ أن يَأخُذَهُ (انفرد به الامام الترمذى) حديث تحت رقم 3/3862 ، باب 133 /58

*Аз Худо битарсед дар мавриди саҳобагонам! Аз Худо битарсед дар мавриди саҳобагонам ва баъди ман ба онҳо ҳеҷ ғараз нагиред. Касе онҳоро дӯст доштааст, пас ба сабаби дӯстдории ман онҳоро дӯст доштааст ва касе онҳоро бад дидааст, пас ба сабаби бадбинии ман эшонро бад дидааст ва касе онҳоро азият кардааст, дар ҳақиқат, маро азият кардааст ва касе маро азият кардааст, пас ба таҳқиқ, Худоро азият кардааст ва касе Худоро азият кунад, ба зудӣ ӯро Худо ба азоб мегирад.*[94]

عَنْ حُجْرِ بْنِ حُجْرٍ,عَنِ الْعِرْبَاضِ بْنِ سَارِيَةَ, عَنِ النَّبِيِّ صَلَي اللهُ عَلَيهِ وَسَلَّم قال:"فَعلَيكُمْ بِسُنَّتِي, وَسُنَّةِ الْخُلَفاءِ الرَّاشِدِينَ الْمَهْدِيِّينَ,عَضُّوا عَلَيْهَا بِالنَّوَاجِذِ,,
(هذا حديث حَسَنٌ صَحِيحٌ , في ترمذي(2676م/2 صفحة1041) و رواه أبو داود في ألسنَّة باب:لزوم السنَّة الحديث 4607 وأخرجه ابن ماجة الحديث 42 , و تحفة الأشراف 9890,)

[94] . Тирмизӣ саҳеҳаш донистааст, Ибни Ҳаббон ва Аҳмад низ.

*Ривоят аст аз Ҳуҷр ибни Ҳуҷр, аз Ирбоз ибни Сория, аз Расули Худо (с), ки фармудааст: Бар шумо лозим аст, ки суннат ва равиши маро бигиред. Боз суннат ва равиши хулафои рошидини маҳдийинро (яъне, онҳо рошиданд роҳнамоянд, маҳдиянд роҳ ёфтагонанд) лозим бигиред ва бо дандонҳои курсиатон сахт бигазед.*

Дар бораи суннат гуфтааст, ки роҳу равиши Паёмбар (с) ва саҳобаҳоро маҳкам бигиред. Яъне роҳу равиши онҳоро бо дандонҳои курсӣ бидоред. Ҳар чизеро, ки одам бо дандони курсиаш мегазад, бисёр сахту маҳкам мегирад.

Дар ҳаққи он зотҳо ҳамин ривоятҳо ва далелҳо ҳаст, ки ба рошид будану маҳдӣ буданашон мисли ситора ва чароғ ҳастанд, ки ба онҳо пайравӣ мекунем. Дар дин асл ва асос инҳо ҳастанд: Аввал китобуллоҳ, яъне Қуръони карим. Дуввум, суннати Паёмбар (с). Саввум, осори саҳоба, яъне хабарҳое, ки аз саҳоба ба мо расидаанд. Асли дину шариъати мо ҳаминҳо аст. Ҳар касе аз инҳо берун биравад, бар хилофи роҳу равиши Паёмбар (с) ва роҳу равиши саҳоба буда ва аз роҳи савоб берун мешавад. Ақидаи банда ва назари банда ҳамин аст. Мо бояд то ҳадди имкон суннат ва равиши онҳоро пайравӣ кунем. Паёмбар (с) дар як ҳадиси муборакашон фармудаанд:

عن رسول الله صلي الله عليه وسلم قال:خَيرُ القُرُونِ قَرْني, ثُمّ الّذِينَ يَلونَهُمْ, ثُمّ الّذِينَ يَلونَهم ثُم يَفْشُو الكَذِ بُ """(أخرجه الترمذي 476/4(2303) وذكره ابن حجر في تلخيص الحبير 204/4 وكتاب أسد الغابة في معرفة الصحابة مقدمة22/1)

*Беҳтарини асрҳо асри ман аст, он гоҳ касоне, ки пас аз он меоянд, боз касоне, ки баъди онҳо меоянд ва пас аз онҳо дурӯғ пахш (паҳн) мегардад.*

Беҳтарини аср шуда наметавонанд, магар касоне, ки адолат дошта ва пойбандии сахте ба дин доранду амалҳои хуб анҷом медиҳанд.

Баъд аз саҳоба боз тобеъин, ки инҳо баъд аз саҳобагон тобеъи онҳо шуданд. Баъд аз онҳо табаъи тобеъин, ки пайрави тобеъин шуданд, ки инҳо табақаи саввум ҳастанд.

Ҳамаи се қарн, ки қуруни салосаанд ва «машҳудун бил хайрашон» мегӯянд, ҳама равиши онҳо ба кулли ба хайру савоб буд.

***Домуллои мӯҳтарам назар ва ҳукми шумо дар мавриди носазо гуфтан ва бадгӯӣ кардани саҳобагон чист?***

Дар мавриди шахсе, ки сухани баду носазое дар шаъни он бузургворон гӯяд, дар ин ҷо ба ҳамин далелҳо, ки саҳобагон зотҳои бузург буданду собиқин ҳастанд ва дар Ислом собиқа доранд ва мавсуф ба сифатҳои нек ҳастанд ва ба далелҳои қатъӣ собит ҳаст, ки касе ба хилофи ин гуфтаҳо дар шаъни онҳо таҳқиру мазаммат ва ё онҳоро мубтадиъ ё, ки фосиқ мегӯяд, ё ғайриодилашон мехонад, инҳо ҳамааш дар шаъни онҳо гуноҳ аст ва дуруст нест ва номашрӯъ аст. Паёмбар (с) дар як ҳадиси муборакашон фармудаанд:

«أكرموا أصحابى، فإنَّهم خياركم»

*Ёрони маро мавриди эҳтиром қарор диҳед, зеро онҳо беҳтаринҳои шумо ҳастанд.*

«Ин ҳадисро Аҳмад, Насоӣ ва Ҳоким дар китобҳояшон овардаанд»

Яъне, саҳобаҳои маро мавриди иззату эҳтиром қарор бидиҳед ва аз онҳо ба некӣ ёд кунед, на ба бадӣ, зеро онҳо беҳтаринҳои шумо ҳастанд. Дар шаъни онҳо сифатҳои неки ҳамида бисёранд. Агар аҳли бидъату ҳаво онҳоро мазаммату тӯҳмат мекунанд ва дигар суханҳои таҳқиромез мегӯянд, ҳамаи инҳо нодуруст аст ва гуноҳи бузург мебошад.

***Домуллои мӯҳтарам! Дар охир шумо чӣ таманниёт ва гуфтаниҳо барои ҷавонони кишварамон доред ва иншоаллоҳ, ки назар ва раъйи шумо дар ҷомеъаи мо аз ҷойгоҳи махсус бархӯрдор аст.***

Аввалан, барои тамоми мардуми мусалмон ва хусусан барои ҷавонони азизи кишварамон, ки ояндаи ин марзу бум ҳастанд ва сарсабзиву шукуфоии ин кишвар ба онҳо вобастагии зиёд дорад, таманниёти онро дорам, ки Худованди таборак ва таъоло сиҳҳатмандиву осудахотириро насибашон гардонад, то дар таҳсилоту корҳояшон муваффақ бошанд ва барояшон ҳаминро хотир-расон карданӣ ҳастам, ки банда, умрам аз 80-сол гузаштааст ва дар ин ҳаёти худ, рӯзҳои гуногунеро аз сар гузаронида, пастию баландиҳои зиёдеро дидаам ва устувориамро дар ҳама ҳолатҳо дар ақидаву мазҳабам нигоҳ доштаам ва то ҷое, ки тавониста бошам хидматамро барои дину мазҳабам, чи аз нигоҳи тадрис ва навиштани рисолаҳои гуногун, анҷом додаам ва шуморо падарвор насиҳат намудани ҳастам, ки бобову аҷдоди мо тоҷикистониён, дар таърихи беш аз ҳазор

сола, пойбанд ба Исломи азиз ва пайрави «Аҳли суннати вал ҷамоъат», хусусан мазҳаби Имом Абуҳанифа (р) ҳастанд ва ин мазҳабест, ки дар ҳама ҳол, миёнаравӣ ва эҳтиёткориро пеша кардааст ва буғзу кина ва бадбинию таҳқирро дар масири гузаштаи таърих, ба касе раво надидааст ва ҳамеша равиши «Ал-ҳуббу филлоҳи вал-буғзу филлоҳ», яъне дӯст доштан ва бад дидан, дар оне ки ризои Парвардигорро дарёфтан бошад, ихтиёр кардааст ва равиши ин мазҳаб пайравонашро, ба Паёмбар (с) ва асҳоби гиромии он Ҳазрат ва тобеъину табаъи тобеъин ва солеҳони гузаштаамон алокамандии хайрхоҳонаро таълим медиҳад. Аз ин хотир, аз ҷавонони азиз хоҳиши онро дорам, ки тамассук ва пойбандӣ ба ин равиш дошта бошанд, то иззату шарафи бобову аҷдодашонро ҳифз карда тавонанд. Вассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.

**Устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода,**
**роҳбари маънавии ҲНИТ**

## Мавқеъи саҳоба аз назари аҳли суннат ва ҷамоат

Назари аҳли суннат ва ҷамоат нисбати асҳоби Расул (с), мавқеъи мӯътадил ва беҳтарин мебошад. Тавре, ки Имом Абуҳанифа (р) дар Фиқҳи акбар, ки мансуб ба ӯст, чунин роҳнамоӣ кардааст: «Касеро аз асҳоби Расули Худо (с) ҷуз ба хайру некӣ ёд намекунем». Имом Таҳовӣ (р) ақидаи Абуҳанифа ва асҳобашро дар масъалаи асҳоби Расули Худо (с) чунин баён мекунад: «Асҳоби Паёмбар (с)-ро дӯст медорем ва дар дӯст доштани касе аз онҳо ифрот наменварзем ва аз ҳеҷ кадоме аз эшон бароат эълон намекунем. Ҳар касе, ки эшонро бад бинад ва зикри хайр накунад, ӯро бад мебинем. Тамоми саҳобагонро ҷуз ба некӣ ёд намекунем. Дӯст доштани эшон, дину имону эҳсон аст ва бад дидани онҳо, куфру нифоқу туғён».

Худованди таъоло барои ёрону асҳоби Расули Худо (с) фазлеро ато кардааст, ки касе аз уммат ба онҳо баробар шуда наметавонад. Онҳо баргузидагони Худованди таъоло барои сӯҳбату ёрӣ додани Расули Худо (с) буданд. Аммо дар дигар фазилатҳо афроди ин уммат метавонанд, бо ҳам мунофасат дошта бошанд. Ва мо барои якеро бар дигаре дар фазл бартарӣ додан, далелу ҳуҷҷате надорем. Зеро меъёри бартарии афроди ин уммат, дар фазл ва бузургӣ, ҷуз назди Худо бар касе маълум нест. Худованди

таъоло дар баёни меъёри мазкур мефармояд: «Бешак, мукаррамтарини шумо дар пешгоҳи Худо, ботақвотарини шумост». Аз ин рӯ, мо наметавонем якеро бар дигаре, дар фазлу бузургӣ, тарҷеҳ бидиҳем, ба ҷуз саҳобагон, ки касе ба онҳо дар ин фазл баробар шуда наметавонад. Уммати Ислом дар тафзилу хайрияти асҳоби Расули Худо (с) бар дигар наслҳо ва афроди уммат иҷмоъ кардаанд. Ва далели ин тафзил ҳадисест, ки ба ҳадди тавотур расидааст ва дар он омадааст: «*Беҳтарини қарнҳо, (наслҳо) қарни ман аст, сипас онҳое, ки пас аз эшон меоянд, сипас онҳое, ки пас аз онҳо меоянд…*».

Аксари уламо, бо такя ба ҳамин ҳадиси набавӣ, фазли саҳобагонро бар дигар наслҳои уммат собит медонанд. Ҳамаи уламо қоил бар инанд, ки ҳеҷ амале ба фазилати саҳоба баробар намегардад, чунки онҳо Паёмбар (с)-ро дида, бо ӯ мусоҳиб гаштаанд. Аммо онҳое, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) аз дин дифоъ кардаанд ва бо гузашт аз ҳама чизи худ ҳамроҳи ӯ ҳиҷрат намудаанд ва аз Расули Худо (с) дин ва шаръи Худоро омӯхта, ба наслҳои баъдӣ расонидаанд, бидуни шак, ҳеҷ кас ба эшон баробар шуда наметавонад. Имом Аҳмад (р) мегӯяд: «*Камтарин касе, ки ба Паёмбар (с) ёрӣ кардааст, беҳтару фозилтар аст, аз онҳое, ки Паёмбар (с)-ро надидаанд. Агарчӣ афроди асрҳои баъд, соҳиби аъмолу кирдори бузурге буда, бо он аъмоли худ ба Худованд мулоқот кунанд»*.

(Шарҳи усули эътиқоди аҳли суннат).

Имом Нававӣ (р) дар баёни фазилати асҳоб чунин мегӯяд: «*Саҳобӣ, агарчӣ як лаҳза ҳам бо Паёмбар (с) буда бошад, ҳеҷ амале бо он баробар нахоҳад шуд ва ҳеҷ чизе ба ин дараҷа намерасад, зеро фазилатҳо ба таври қиёс гирифта намешаванд. Ин фазилатест, ки Худованд ба ҳар касе, ки бихоҳад, медиҳад*[95].

Худованди таборак ва таъоло, ки огоҳ ба асрори қалбу синаи бандагон аст, асҳобро тазкияи ботинӣ намуда, мефармояд:

***«Пас Худо донист чизеро, ки дар дилҳои онҳост».***

*(Сураи Фатҳ, ояти 18).*

Яъне имону садоқат ва ихлосеро, ки дар дилҳои онҳо нуҳуфта буд, Худованд медонист ва дар ҳаққи онҳо фармуд:

***«Худованд аз эшон розӣ шуд ва онҳо аз Худо розӣ шуданд».***

*(Сураи Тавба, ояти 101).*

Аз ин болотар чӣ мақому манзалате метавонад бошад? Фазлу бузургии саҳоба (р) бо шаҳодати Худованди таъоло ва бо шаҳодати Расули Худо (с) собит шудааст. Аз ин рӯ, бар мо лозим аст, ҳамаи онҳоро дӯст бидорем ва ҳеҷ касе аз онҳоро ба бадӣ ёд накунем. Паёмбар (с) фармудаанд: «Дашном мадиҳед асҳоби маро...» (Ривояти аимаи ҳадис). Агарчӣ таърих гувоҳӣ медиҳад ва дар саҳифаҳои худ сабт кардааст, ки аз баъзе

[95] . *Нававӣ, Шарҳи Муслим.*

саҳобагон корҳое сар зада, ки дар сурати зоҳирӣ, ҳамроҳ бо эҳсосот маълум мешавад, вале он бар иҷтиҳоди онҳо бояд ҳамл карда шавад, на аз роҳи иноду фасод, балки хатои онҳо дар доираи иҷтиҳод ва хатои башарӣ сурат гирифтааст ва нисбати онҳо гумони нек беҳтар аст. Паёмбар (с) фармудаанд: «Ҳар гоҳ асҳоби ман зикр карда шавад, шумо худдорӣ кунед…», яъне набояд мо вориди муҳокимаи аъмоли эшон гардем.

Он чизе, ки дар саҳифаҳои таърих аз ихтилофи байни саҳобагон ва низоъи онҳо нақл шудааст, на ҳамаи онҳо саҳеҳ аст, балки баъзе аз онҳо дурӯғу ботиле беш нест, ки набояд ба он таваҷҷӯҳ кард. Ва ҳар чӣ, ки аз ихтилофи миёни онҳо ба сурати саҳеҳ сабт шудааст, моро лозим аст, ки онро таъвили дуруст ва саҳеҳ кунем. Зеро Худованди бузург бар эшон санову ситоиш гуфтааст. Имом Шофеъӣ (р) роҷеъ ба ҷангу низоъҳое, ки миёни саҳобагон воқеъ шуда, ки он боиси рехтани хуни мусалмонон гаштааст, чунин мегӯяд: «*Он хунҳое буданд, ки Худованд дасти моро аз он хунҳо пок нигоҳ доштааст, пас набояд мо забони худро ба он хунҳо олуда кунем…*».

Аҳмад ибни Ҳанбалро аз воқеае, ки миёни Алӣ (р) ва Оиша (р) сар задааст, пурсида шуд, дар ҷавоб ӯ гуфт: *«Онҳо ҷамоае буданд, ки гузаштанд, ҳар чӣ карданд барои худ карданд ва шумо ҳар чӣ мекунед, барои худ мекунед. Ва шумо аз он чи, ки онҳо карданд, пурсида намешавед».*

Барои ҳамин тибқи ҳидояту роҳнамоии Қуръон чунин дуъо мекунем, Парвардигоро, биёмурз моро ва бародарони моро, ки пеш аз мо гузаштанд ва дар дилҳои мо нисбати касоне, ки имон овардаанд, адовату бадбинӣ магардон. Парвардигоро, ту

меҳрубону раҳимӣ.

Имом Абунуъайм (р) гуфтааст: «*Танҳо касоне, ки маризулқалб ҳастанд, дунболи иштибоҳоту лағзишҳои асҳоби Паёмбар (с) мегарданд». Дар ҷои дигар мефармояд: «Касе забон ба ин гуна масоил мекушояд, қасд дорад дар шахсияти Паёмбар (с) ва ёронаш ва инчунин дар Ислом нақсу халал эҷод намояд*[96] ».

Абузаръаи Розӣ гуфтааст: «*Ҳар гоҳ шахсеро дидӣ, ки шахсияти ёрони Паёмбар (с)-ро зери интиқоди худ қарор медиҳад, яқин дошта бош, ки ӯ бедин аст. Зеро Паёмбар (с) ва Қуръон ҳаққанд ва ҳамин Қуръону Суннатро ёрони Расули Худо (с) барои мо расонидаанд ва ҳар кӣ нисбати онҳо чунин муомилаи бад кунад, бояд бидонӣ, ки ӯ шоҳидони айнии дини моро доғдор мекунад, то ба ин васила Китобу Суннатро ботилу халалдор намояд. Назди чунин афрод мақоми Қуръону Суннатро паст задан, ба тариқи авло хушоянд аст. Зеро чунин афрод зиндиқу бедин ҳастанд*[97] ».

Хулоса, бузургони салаф дар масъалаи дӯст доштани ёрони Расули Худо (с) ва шоҳидону ноқилони одил будани онҳо иҷмоъ ва эътиқод доранд. Мухолифати гурӯҳе аз афроди шоз ба ин иҷмоъ таъсире надорад.

Зеро фарқ миёни ин ду ақида дар он аст, ки гурӯҳи аввал эътиқоди худро бар асоси дӯст доштан, эҳтиром кардан ва бузург доштани асҳобу ёрони Паёмбар (с) бунёд кардаанд. Аммо гурӯҳи дуввум асоси эътиқодашонро буғз, бадбинӣ, адовату нафрат нисбати беҳтарин ёрони Паёмбар (с) ташкил медиҳад. (Худованди таъоло моро аз чунин эътиқоди ботил нигоҳ дорад.

---

[96] *. Ал-имомат, саҳ. 344, 376.*

[97] *. Ал-кифоя, Хатиби Бағдодӣ, саҳ. 97.*

## Домулло Эшонҷон
## (Мулломустазъафи Қаротегинӣ)

***Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим***

Алҳамду лиллоҳ, вассалоту вассалому ъало Расулиллоҳ ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи хайри халқиллоҳ.

Аммо баъд: Саҳобагони киром (р) касонеанд, ки асли дин ба воситаи онҳо ба мо мусалмонон расидааст ва Худову Паёмбар (с) ба андозае онҳоро ситоиш карда ва муждаи бешуморе барояшон дода, ки ба ситоиши мо бандаҳо ниёз надоранд.

Дар муждаву ситоиши Ҳақ таъоло бар онҳо оятҳои 100-уми сураи Тавба ва ояти 18 ва 29-уми сураи Фатҳ ва ояти 74-уми сураи Анфол ва ояти 10-уми сураи Ҳадид ва Ҳашрро ба таври мисол метавон ном бурд, ки Худованд дар оятҳои мазкур аз имон, суботу пойдорӣ, ҳиҷрату ҷиҳод ва фидокории онҳо, ки молҳову ҷонҳояшонро барои нашри дини Ислом дар ҷаҳон бахшидаанд, сухан гуфта, хушнудии худро бобиҳишти барин ҳамчун подоши илоҳӣ барояшон мужда додааст.

Аллоҳ таъоло дар Қуръони карим на танҳо аз корномаҳову подошҳо ва фазоилу мақоми асҳоби Паёмбар (с) хабар медиҳад, балки ба тамоми уммати Ислом одоби бархӯрд бо асҳобро таълим медиҳад, ки мо мусалмонон ҳамеша некхоҳи эшон буда, барои онҳо талаби мағфирату бахшиш намоем ва дар дилҳоямон нисбати он бузургворон кина ва бадбиние ҷо надиҳем.

Аз аҳодиси гуҳарбори Расули акрам (с) дар мавриди мақому фазоили асҳоб ба таври намуна метавон аз мазмуни порае аз ҳадисҳои зайл мисол биёварем.

1. ***Асҳоби ман барои мусалмонон ситорагони роҳи ҳидоятанд. Агар мусалмонон ба он иқтидову пайравӣ кунанд, роҳи ҳидояту савобро меёбанд.***

2. ***Беҳтарин қарн, қарни ман (ва асҳоби ман) аст.***

3. ***Подошу савоби амали ками онҳо баробари савоби миқдори кӯҳи Уҳуд садақа кардани дигарон аст.***

4. ***Як соат истодани онҳо дар назди Расули Худо (с) аз амали чиҳилсолаи дигарон беҳтар аст[98].***

Саҳобагон касонеанд, ки барои мусалмонон хидматҳои беназире кардаанд. Асли дини Ислом, ки Қуръону ҳадис аст, онҳо ҳамин ду аслро аз Расули Худо (с) гирифта, ба ҳамаи мусалмонон расонидаанд, яъне ривояткунандаи ду сарчашмаи бузурги зикршуда онҳо мебошанд.

Бинобар ин, кадом ашхоси ғофиле нисбати асҳоби Паёмбар (с) бадгумонӣ карда, онҳоро носазо ва бадгӯӣ менамоянд, воқеъан, Қуръон ва ҳадисро мавриди шакку шубҳа қарор медиҳанд, ки ҳукми чунин ашхос дар Ислом ба ҳамагон маълум аст.

*[98]. Ин ҳадисҳоро Имом Муслим, Аҳмад, Абудовуд, Ибни Моҷа ва дигар муҳаддисони бузурги олами Ислом зикр кардаанд.*

Бояд гуфт, касоне ки фазоилу мақоми асҳобро дар пешгоҳи Худованд ва хадамоти арзандаи онҳоро дар таърихи башарият инкор мекунанд, ҷоҳилтарини мардум ба шумор меравад.

## Назари Ҳоҷӣ Домулло Мирзо Тоҳир

**Алҳамду лираббил вадуд вассалоту вассалому ъало соҳибил мақомил маҳмуд ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи уманоил маъбуди вал-лаъну доиму ъало аъдоиҳим аҳлил ъиноди вал ҷуҳуди минал она ило явмил мавъуд.**

Ин ҷониб банда бинобар иродати хосси хеш нисбат ба саҳобагони Расулуллоҳ (с), ҳамеша орзу доштам то таҳқиқи ҳарчанд мухтасар дар бораи фазоил ва симои тобноки саҳобагони Паёмбар(с) вуҷуд дошта бошад. Ниҳояти шукр аз Худованд ва сипосро аз гирдоварандаи ин китоби бо арзиш, ки Муҳаммад-иқболи Садриддин мебошад, дорам. Ва аз Аллоҳ таъоло барои ҳамаи он азизоне, ки дар таҳияи он ба гунае саҳм гузоштаанд, орзуи муваффақият ва сарбаландиро хосторам. Ва умедворам, ки Худованди мутаъол ин талошро барои бандаи гунаҳкор ва ҳақир, хонандагони мухлис, ҷӯяндагони ҳақиқии роҳи он ситорагони дурахшон ва хайрхоҳони Ислом ва муслимин муфид бигардонад.

Фазилати асҳоби Расули Худо (с)-ро метавон аз оятҳои бешумори Қуръони маҷид ва ҳадисҳои Набии мукаррами Ислом ва гуфтаҳои салафи солеҳ ёдовар шуд ва ба он истинбот кард.

***<u>Худованд мефармояд:</u>***

لَٰكِنِ ٱلرَّسُولُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ جَٰهَدُواْ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ ۚ
وَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلْخَيْرَٰتُ ۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٨٨﴾

***«Вале Паёмбар ва касоне, ки бо ӯ имон овардаанд, бо молу ҷони худ дар роҳи Худо ҷиҳод карданд. Некиҳо аз они онҳост ва онҳоянд, ки наҷотёфтагонанд».***

*(Сураи Тавба, ояти 88)*

***<u>Низ мефармояд:</u>***

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم
بِإِحْسَٰنٍ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُواْ عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا
ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

***«Аз собиқадорони нахустин аз муҳоҷирин ва ансор (аҳли Мадина) ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд, Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хушнуданд. Барояшон биҳиштҳоест, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд. Ин аст комёбии бузург!»***

*(Сураи Тавба, ояти 100)*

***<u>Боз мефармояд:</u>***

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ أَعْظَمُ
دَرَجَةً عِندَ ٱللَّهِ ۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْفَآئِزُونَ ﴿٢٠﴾ يُبَشِّرُهُمْ رَبُّهُم بِرَحْمَةٍ مِّنْهُ
وَرِضْوَٰنٍ وَجَنَّٰتٍ لَّهُمْ فِيهَا نَعِيمٌ مُّقِيمٌ ﴿٢١﴾

***«Онон, ки имон оварданд ва ҳиҷрат карданд ва дар роҳи Худо бо молу ҷони хеш ҷиҳод карданд, дар назди Худо дараҷоте азимтар доранд ва онҳо комёфтагонанд.***

***Парвардигорашон ба раҳмату хушнудии худ ва ба биҳиште, ки дар он неъматҳои ҷовид бошад, навидашон медиҳад».***

*(Сураи Тавба, оятҳои 20- 21)*

يَوْمَ لَا يُخْزِي ٱللَّهُ ٱلنَّبِيَّ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَعَهُۥ ۖ نُورُهُمْ يَسْعَىٰ بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَبِأَيْمَـٰنِهِمْ ﴿٨﴾

***«Дар он рӯз Худо паёмбар ва касонеро,ки бо ҳамроҳии ӯ имон овардаанд, хору зор накунад ва нурашон пешо пеш аз самти росташон дар ҳаракат бошад».***

*(Сураи Таҳрим, ояти 8)*

Худованд дар оятҳои мазкур асҳоби Паёмбари хотам (с)-ро мавриди ситоиш қарор дода ва барои онҳо дараҷоти бузург зикр карда ва аз онҳо изҳори ризоият намудааст. Ҳамчунин ривоятҳо ва ҳадисҳои зиёде низ дар фазоили саҳоба омадааст.

Аз Имрон ибни Ҳусайн омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд:

«خير أمتى قرنى ثم الذين يلونهم ثم الذين يلونهم» قال عمران: «فلا أدرى، أذكر بعد قرنه قرنين أو ثلاثاً»

*Беҳтарини (мусалмонони) уммати ман касоне ҳастанд, ки дар ин қарн бо ман зиндагӣ мекунанд, сипас ононе, ки баъд аз ин қарн меоянд, сипас ононе, ки баъд аз онҳо меоянд. Имрон мегӯяд, намедонам, ки Паёмбар (с) баъд аз қарни худ ду қарнро зикр кард ё се қарнро[99].*

*Имом Ҳасани Аскари (р) мефармояд: Рӯзе Мӯсо (а) аз Холиқи ҳастӣ пурсид: Оё дар миёни ёрони Паёмбарон касоне вуҷуд доранд, ки назди Ту маҳбубтар ва азизтар аз ёрони ман бошанд? Худованди мутаъол посух дод: Эй Мӯсо магар намедонӣ фазилат ва бартарии ёрони Муҳаммад (с) ба ёрони соири паёмбарон монанди фазилат ва бартарии Муҳаммад (с) бар соири паёмбарон мебошад[100].*

Дайламӣ аз Анас (р) ривоят кардааст, ки Паёмбари Худо фармудааст:

والديلمي: عن أنس(ر) أذا أرَا دَ اللهُ برَجُلٍ مِنْ أمّتِي خَيْراً ألْقي حُبَّ أصحَابي في قلْبِه,,{رواه الترمذي}

***«Агар Худо ба марде аз умматам некиро бихоҳад, дӯстдории асҳобамро дар қалбаш ҷой мекунад».***

عَنْ حُجْرِ بْنِ حُجْرٍ,عَنِ الْعِرْبَاضِ بْنِ سَارِيَةَ, عَنِ النَّبِيِّ صَلَّي اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّم
قَالَ:"فَعَلَيْكُمْ بِسُنَّتِي, وَسُنَّةِ الْخُلَفَاءِ الرَّاشِدِينَ الْمَهْدِيِّينَ,عَضُّوا عَلَيْهَا بِالنَّوَاجِذِ,,
(هذا حديث حَسَنٌ صَحِيحٌ , في ترمذي(2676م/2 صفحة1041) و رواه أبو
داود في ألسنّة باب:لزوم السنّة الحديث 4607 وأخرجه ابن ماجة الحديث 42 , و
تحفة الأشراف 9890),

---

[99] . *Бухорӣ ва Муслим 2535 – 3650.*

[100] . *Ал-бурҳонул Ҳошимӣ, Ал-баҳронӣ 3\ 228.*

*Аз Ҳуҷр ибни Ҳуҷр, аз Ирбоз ибни Сория ривоят аст, ки Расулуллоҳ фармуд: Бар шумо лозим аст, ки суннат ва равиши маро бигиред. Боз суннат ва равиши хулафои рошидини маҳдийинро, (яъне) роҳу равиши онҳоро бо дандонҳои курсӣ газида бигиред.*

«لا تسبوا أحداً من أصحابی؛ فإنّ أحدكم لو أنفق مثل أُحُدٍ ذهباً ما أدرک مُد أحدهم ولا نصيفه»

*«Касе аз саҳобагони маро дашном надиҳед, зеро агар касе аз шумо ба монанди кӯҳи Уҳуд тилло нафақа (хайр) кунад, ҳаргиз ба андозаи мудди онон ва на ба нисфаш намерасад»*[101] .

***Ва Табаронӣ аз Ибни Умар ривоят кардааст:***

و الطَّبراني: عن ابن عمر(ر) لعَنَ اللهُ مَنْ سَبَّ أصحابي,,{كتاب الصواعق المحرقة صفحة/ 5 -6}

Лаънати Худо бар касе бод, ки саб ва шатми асҳоб кунад.

Хатиб аз Ибни Умар (р) дар ривояте овардааст, ки Паёмбар (с) фармуд:

والخطيب عَن ابن عُمر(ر) أذا رَأيْتُمُ الّذِيْنَ يَسُبُّونَ أصْحَابي فقُوْلُوا لعْنَةُ الله عَلَيَ شَرِّكُمْ,
{ كتاب الصواعق المحرقة صفحة/5}

*«Агар касонеро дидед, ки асҳобамро дашном медиҳанд, пас бигӯед лаънати Худо бар бадии шумо бод».*

---

[101] . *Ин ҳадисро Бухорӣ таҳти рақами 3673 ва Муслим таҳти рақами 2541 овардаанд.*

Аз Абдуллоҳ ибни Муғаффали Музаннӣ омадааст, ки Расули Худо (с) фармудааст:

عن عبدالله بن مُغَفَّلٍ قال:قال رسول الله صلى الله عليه وسلم "ألله الله في أصحابي, ألله الله في أصحابي, لا تتَّخِذُوهُم غَرضاًبعدِي, فمَن أحبَّهُم فبِحُبي أحبَّهُم, ومَن أبغَضَهُم فبِبُغضي أبغَضَهُم, ومَن آذاهُم فقدآذاني, ومن آذاني فقد/ آذى ألله, ومن آذى ألله فيُوشِكُ أن يأخُذَهُ (انفرد به الامام الترمذى) حديث تحت رقم 3/3862 ، باب 133 /58

*Аз Худо битарсед дар мавриди саҳобагонам! Аз Худо битарсед дар мавриди саҳобагонам ва баъди ман ба онҳо ҳеҷ гараз нагиред. Касе онҳоро дӯст доштааст, пас ба сабаби дӯст-дории ман дӯсташон доштааст ва касе онҳоро бад дидааст, пас ба сабаби бадбинии ман онҳоро бад дидааст ва касе эшонро азияташон кардааст, пас, дар ҳақиқат маро азият кардааст ва касе маро азият кардааст, ба таҳқиқ, Худоро азият кардааст ва касе Худоро азият кунад, ба зудӣ ӯро Худо ба азоб мегирад*.[102]

Асҳоби киром (р) ҳам бо Қуръони карим ва ҳам бо ҳомили Қуръон, яъне Расули Худо (с) қурби зоҳир ва ботин доштанд ва манзур аз қурби бо Қуръон ин аст, ки вақте ояте нозил мегардид ва ҳукме баён мешуд, ё ваҳйе фуруд меомад, ин бузургворон ҳузур доштанд. Онҳо дар мавриди ҳар як аз аҳком медонистанд, ки ин оят ва ин ҳукм чи гуна нозил шуд ва шаъни нузули он чист ва дар чӣ мавқеъ сухан гуфта шудааст, чун ба тағйири мавқеъият, ба таври куллӣ мафҳум дигаргун мешавад.

---

[102] . *Тирмизӣ таҳти рақами 3/3862 ва 133/58 саҳеҳаш донистааст, Ибни Ҳаббон ва Аҳмад низ.*

Ва манзур аз қурб бо Расули акрам(с) ин аст, ки он ҳазрат ҳар чизе, ки мефармуданд, асҳоби киром ба суханони ӯ (с) гӯш фаро медоданд ва бо диққат тағйироти чеҳраи муборакашро мушоҳида мекарданд, то манзури эшонро бифаҳманд.

Агар аз рӯи ақл ва таҷриба ҳам баррасӣ шавад, ақл ва таҷриба низ барои фаҳмидани Қуръон ва ҳадис, бо дар назар нагирифтани Суннат ва равиши асҳоби киром (с), онро ҷоиз намедонанд. Барои гуфтори ҳар кас, қурби зоҳир ва қурби ботин бениҳоят муассир аст, зеро манзур аз қурби зоҳир ҳамнишинӣ ва мусоҳибат аст. Ҳар фарде, ки ба миқдори зиёд наздиктар бошад, сухани ҳамнишин ва ҳамсӯҳбати худашро беҳтар ва дақиқтар мефаҳмад. Ӯ ҳадафи ҳар ҷумла ва гуфтаи ӯро дарк мекунад ва манзур аз қурби ботин робитаи қалбӣ, муҳаббат ва улфат аст.

Набии мукаррами Ислом (с) дар муддати 23 соли паёмбарии худ муаллими саҳобагон буда ва тавонистааст онҳоро бар асоси таълимоти исломӣ парвариш дода ва онҳоро барои ҷомеъа намуна ва сармашқи дигарон бисозад, ки дар тӯли таърих беназир будааст.

Касоне, ки ба роҳу равиши асҳоби киром чанг задаанд ва ба он амал кардаанд ва собитқадам дар он мондаанд, имони ин гурӯҳ маҳкам ва росих аст. Ин гурӯҳи мӯъминон ба туфайли пайравӣ аз асҳоби Паёмбар (с) ҳеҷ вақт гумроҳ нахоҳанд шуд.

Ва он даста аз мардуме, ки хилофи ин роҳи мустақимро паймудаанд ва аз масири ёрони

Паёмбар(с) мунҳариф гаштаанд, ба ибораи дигар, онҳое,ки мехоҳанд Қуръон ва Суннати Паёмбари хотам(с)-ро аз ғайри ин масир бифаҳманд, онҳо дар торикиҳои залолат гирифтор буда, мубтадиъ ба шариъати Ислом ва мактаби Қуръон шуда ва гумроҳанд.

Бинобар ин, бузург донистан ва қадршиносӣ аз ёрони Паёмбар (с) ба манзалаи қадршиносӣ ва таҷлили Расули Худо (с) аст.

## Домулло Маҳмудҷони Тураҷонзода

***Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим***

Алҳамдулиллоҳ, вассалоту вассалому ъало Расулиллоҳи ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи ва ман волоҳ.

Маърифати асҳоб (р) ҷузъе аз масоили эътиқодӣ дар назди «Аҳли суннат ва ҷамоъат», ба хусус дар мазҳаби мо Ҳанафиҳо, мебошад. Эшон, ба иттифоқи «Аҳли суннат», беҳтарин насл аз уммати Ислом ҳастанд, ки дар беҳтарин аср, бо беҳтарин Паёмбари Худованд зиндагӣ кардаанд ва ба ӯ (с) эмон овардаанд ва дар рикоби ӯ (с) бо камоли ихлос ва муҳаббат барои барпоии дин ва нусрати Ислом ҷиҳод ва пайкор намудаанд.

Фазоили онҳо аз нусус (далелҳо)-и Қуръон ва Суннат ва «иҷмоъи уммат» собит гаштааст. Фазилати онҳо бар уммат то ҷоест, ки камтарини саҳоба афзал ва беҳтар аз бузургтарин тобеъин ва ғайри тобеъин аст.

Миллати мусалмон дар ҳар асру замон мадюн ва қарздори заҳматҳо ва хидматҳои онҳо ҳастанд, зеро воситаи байни миллати мусалмон ва Паёмбари Ислом (с) танҳо онҳо ҳастанд. Ҳамаи саҳоба дар нақли шариъати муқаддаси Ислом ба уммати мусалмон одил ва мақбул ҳастанд. Таъзим ва эҳтиром ва қадршиносӣ аз хидматҳои онҳо бар уммати мусалмон воҷиб аст. Мо мӯътақидем, ки он мушоҷарот ва ихтилофоте, ки байни онҳо дар таърихи Ислом иттифоқ афто-

дааст, ҳама аз иҷтиҳод ва нияти хайри онҳо сарчашма гирифта ва ба мақсади исботи ҳақ ва ҳақиқат будааст.

Албатта, дар ин даргириҳо гурӯҳе аз онҳо ба роҳи савоб ва гурӯҳи дигар ба роҳи хато рафтанд. Вале дар ҳар ду сурат онҳо маъҷур ва аҳли савобанд, на маъзур ва аҳли гуноҳ. Мо ҳақ надорем дар ин робита аз онҳо бадгӯие бикунем, зеро бо ривояти Саҳеҳайн аз Абусаъиди Худрӣ(р) омадааст, ки Паёмбари акрам (с) моро аз носазо гуфтан нисбати онҳо манъ кардааст.

«لا تسبوا أحداً من أصحابى؛ فإنّ أحدكم لو أنفق مثل أُحُدٍ ذهباً ما أدرک مُدَّ أحدهم ولا نصيفه»

*«Саҳобагони маро дашном надиҳед, зеро агар касе аз шумо ба монанди кӯҳи Уҳуд тилло нафақа (хайр) кунад, ҳаргиз ба андозаи мудди онон ва на ба нисфаш намерасад»*

Аз назари мазҳаби мо бадгӯйи ва дашном ба асҳоби Паёмбар (с) дар ду сурат гӯяндаашро ба куфр мекашонад:

**1.** Бадгӯӣ ва дашноми «саҳобагон»-ро ҳалол шуморад.

**2.** Дар масъалае бадгӯӣ бикунад, ки табриаи он бо насси қотеъ собит гаштааст, мисли масъалаи қазф ва бӯҳтони ҳазрати Оиша (р).

Дар сурати мавҷуд набудани ин ду амр носазогӯянда мубтадиъ ва фосиқ аст, на кофир[103].

[103] . *Маъхази ин гуфта шарҳи фиқҳи Акбар аз Мулло Алӣ Қорӣ мебошад.*

Хулоса, мо ҳамаи «саҳобагон»-ро бандагони мақбули Худо медонем.
Ва агар фарзан лағзише аз онҳо сар зада бошад, онро бахшида ва омурзида шумурда, дар бораи онон ҳеҷ сухане, ки сабаби костани шаъни яке аз онҳо бошад ва ё сабаби озори онон гардад, аз забон хориҷ намекунем, зеро азият додани онҳо азияти Паёмбари акрам (с) аст.

## ***Назари махсуми Саддод***

Асҳоби киром сироҷи уммати исломанд, яъне чароғи умматанд. Онҳо буданд, ки бо имону амалҳои холисонаи худ ва кӯмаку ёрии Худованди бузургу тавоно, тавонистанд ин дини муқаддасро, аз макру дасисаҳои душманонаш, ки баъд аз вафоти Расули акрам (с) ҳар лаҳза таҳдиде ба нобудиаш доштанд, ҳамчун гавҳараки чашм дар худ нигаҳ дошта ва бе каму кост Исломи азизро ба наслҳои дигар расонданд. Ва ҳар кас, ки ба нисбати кадом яки эшон ё ҳамаашон бадбиние дошта ва дар ҳаққи он бузургон носазое мегӯяд, пас ҷазояш мазмуни гуфтаи Паёмбари Худо (с) аст.

- Бадтарин афроди уммати ман, афроде ҳастанд, ки нисбат ба ёронам, ҷасорат мекунанд.

## Махдуми Ҳоҷи Исмоил

**Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин. Ас-салоту вас-салом ъало ашрафил анбиёи вал мурсалин, Муҳаммад ибни Абдиллоҳ ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.**

Аммо баъд: Назари банда дар мавриди ёрони Паёмбар(с), яъне саҳобагони киром (р) ҳамчуноне аст, ки Худованди меҳрубон дар каломи покаш Қуръони карим ва дар китобҳои барои дигар паёмбарон нозил кардааш, ба сифатҳои неки ҳамида ситудааст, мебошад. Лекин пеш аз он, ки мо саҳобагони Расули Худоро бишиносем, аввалан бояд паёмбари Худо (с)-ро хуб бишиносем ва дӯст дорем. Дар бораи маноқиби Паёмбар (с) ва асҳоби киром (р) иттилоъ дошта бошем. Чуноне, ки Худованд дар сураи Фатҳ мефармояд:

مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ ۖ
تَرَىٰهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا ۖ سِيمَاهُمْ فِى
وُجُوهِهِم مِّنْ أَثَرِ ٱلسُّجُودِ ۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمْ فِى ٱلتَّوْرَىٰةِ ۚ وَمَثَلُهُمْ فِى
ٱلْإِنجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْـَٔهُۥ فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسْتَغْلَظَ فَٱسْتَوَىٰ عَلَىٰ
سُوقِهِۦ يُعْجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ ٱلْكُفَّارَ ۗ وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟
وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنْهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًۢا ﴿٢٩﴾

***«Муҳаммад паёмбари Худост ва касоне, ки ҳамроҳи ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон (яъне дар муқобили мухолифони динашон сахтгирӣ мекунанд ва***

***нисбат ба ҳамдинони худ меҳру нармиш ва утуфат нишон медиҳанд, зеро Худованд ба мӯъминон фармон додааст, ки нисбат ба куффор сахтгир бошанд.) Ононро бинӣ, ки рукӯъ мекунанд, ба саҷда меоянд (яъне порсоёни шаб ва шерони рӯз ҳастанд) ва (ба василаи тоъату ибодати худ) талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд. Нишонаашон асари саҷдаест, ки бар чеҳраҳои онҳост. Ин аст васфашон дар Таврот ва васфашон дар Инҷил ба монанди киштзоре, ки ҷавона (хӯша) бизанад ва он ҷавона маҳкам шавад ва бар пояҳои худ биистад ва кишоварзонро ба ҳайрат водорад (мӯъминон низ ҳамин гунаанд ва лаҳзае аз ҳаракат боз намеистанд ва мисли гандум сар кашида, хӯша мезананд. Он хушаҳо парвариш ёфта, борвар мешаванд. Ин пешрафту қувва ва қудратро Худо насиби мӯъминон мекунад), то он ҷо ки кофиронро ба хашм оварад. Худо аз миёни онҳо касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд ба омурзиш ва мукофоте бузург ваъда кардааст»***.

*(Сураи Фатҳ, ояти 29)*

Парвардигори рабул иззат саҳобагони Паёмбар (с)-ро дӯст медошт.Худованд ин оятҳоро дар ҳақи онҳо фармудааст:

إِنَّمَا يُؤْمِنُ بِـَٔايَـٰتِنَا ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِّرُوا۟ بِهَا خَرُّوا۟ سُجَّدًا وَسَبَّحُوا۟ بِحَمْدِ
رَبِّهِمْ وَهُمْ لَا يَسْتَكْبِرُونَ ۩ ﴿١٥﴾ تَتَجَافَىٰ جُنُوبُهُمْ عَنِ ٱلْمَضَاجِعِ
يَدْعُونَ رَبَّهُمْ خَوْفًا وَطَمَعًا وَمِمَّا رَزَقْنَـٰهُمْ يُنفِقُونَ ﴿١٦﴾

**Танҳо касоне ба оёти Мо имон овардаанд , ки чун оёти Моро бишнаванд, ба саҷда бияфтанд ва Парвардигорашонро ба покӣ биситоянд ва онҳо такаббур намекунанд. Аз бистари хоб паҳлуҳояшон дур мемонад, Парвардигорашонро бо биму умед илтиҷо мекунанд ва аз он чӣ ба онҳо додаем, садақа мекунанд».**

*Сураи Саҷда ояти 15 – 16*

Саҳобагон дар канори Паёмбар (с) буданд ва ҷонҳояшонро барои пирӯзии Ислом фидо мекарданд, ки Худованд дар ҳаққи онҳо чунин фармудааст: «Ва ло тақулу лиман юқталу фи сабилиллоҳи амвотан...»

Афзали саҳоба Абубакр (р) мебошад, баъд аз он Умар(р), баъд аз он Усмон(р) ва баъд аз он Алӣ(р), ҳамчуноне, ки дар давраи хилофаташон гузаштааст, мебошанд. Хоки пои саҳобагон (р) аз мо беҳтар аст зеро, ки онҳо Паёмбар (с)-ро дидаанд ва аз ҷумлаи ҳидоятёфтагон будаанд. Инчунин Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

لَّقَد تَّابَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلنَّبِيِّ وَٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ فِي
سَاعَةِ ٱلۡعُسۡرَةِ مِنۢ بَعۡدِ مَا كَادَ يَزِيغُ قُلُوبُ فَرِيقٖ مِّنۡهُمۡ ثُمَّ تَابَ عَلَيۡهِمۡۚ إِنَّهُۥ
بِهِمۡ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١١٧ وَعَلَى ٱلثَّلَٰثَةِ ٱلَّذِينَ خُلِّفُواْ حَتَّىٰٓ إِذَا ضَاقَتۡ عَلَيۡهِمُ
ٱلۡأَرۡضُ بِمَا رَحُبَتۡ وَضَاقَتۡ عَلَيۡهِمۡ أَنفُسُهُمۡ وَظَنُّوٓاْ أَن لَّا مَلۡجَأَ مِنَ ٱللَّهِ إِلَّآ
إِلَيۡهِ ثُمَّ تَابَ عَلَيۡهِمۡ لِيَتُوبُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ١١٨

***«Худо тавбаи Паёмбару муҳоҷирин ва ансорро, ки дар он соати усрат ҳамроҳи ӯ буданд, аз он пас, ки наздик буд, гурӯҳеро дил аз ҷанг***

***бигардад, пазируфт. Тавбаашон пазируфт, зеро ба эшон рауфу (мушфиқу) меҳрубон аст! Ва низ Худо пазируфт тавбаи он се танро, ки аз ҷанг хилоф карданд, то он гоҳ, ки замин бо ҳамаи кушодияш бар онҳо танг шуд ва ҷон дар танашон намегунҷид ва яқин донистанд, ки ҷуз Худованд ҳеҷ паноҳгоҳе, ки ба он рӯй оваранд надоранд. Пас Худованд тавбаи онон пазируфт, то ба Ӯ бозоянд, ки тавбапазиру меҳрубон аст!».***

*(Сураи Тавба ояти, 117-118)*

Ҳамон вақте, ки дар зери дарахт бо Паёмбар (с) байъат карданд Аллоҳ таъоло медонист он чиро, ки дар дилҳояшон нуҳуфта буд. Парвардигор ба Паёмбар ва саҳобагонаш фатҳи наздикеро подошашон дод. Мо мебинем, ки ояти ***«...лақад разияллоҳу анил муъминин...»*** ва дигар оятҳои карима дар ҳаққи саҳобагони Расули Худо ҳастанд ва саҳобагони расули Худо ситорагони иқтидо ва иҳтидо мебошанд.

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَٰنٍ
رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟ عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ
فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

***«Аз он гурӯҳи нахустин аз муҳоҷирин аҳли Мадина, ки пешқадам шуданд ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хуш-нуданд. Барояшон биҳиштҳое, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар онҷо хоҳанд буд, омода кардааст. Ин аст комёбии бузург!».***

**(Сураи Тавба ояти 100)**

Дар бораи дашном додани саҳобагон (р) ва бадгӯи кардан дар ҳаққи онҳо бояд бигӯям, ки Худованди карим, дар Қуръони азим дар бораи фазилати онҳо ба мо хабар додааст. Ва аз фармудаҳои Худованд равшан аст, ки танҳо ҳидоят наёфтагон саҳобагони Расули акрамро дӯст намедоранд ва бадгӯӣ мекунанд.

Дар ҷавоби онҳо ман як гуфтанӣ дорам, ки:

***Санги бадгавҳар агар шишаи заррин шиканад,***
***Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад.***

Ин бадгӯён ҳамон меросхӯроне ҳастанд, мисли Валид, Утба, Абилаҳаб, ки ба Паёмбар (с) ва саҳобагони киром (р) душманӣ доранд. Оятҳои равшани Худованд ба онҳо таъсир намекунад. Онҳое, ки саҳобагони Паёмбар (с)-ро бадгӯи мекунанд , куҷо даъвои исломдорист?

Шахсоне, ки дар бораи саҳобагони Расули Худо (с) чизе менависанд ё мегӯянд, он бузургворонро бояд ба некӣ ёд кунанд ва чизе, ки Худованд дар ҳаққи онҳо гуфтааст, яъне **«разияллоҳу ъанҳум»** бояд бигӯянд.

## *Назари Ҳоҷи Хоҷамир Хоҷамиров узви шурои уламои дини вилояти Суғд*

Алҳамду лиллоҳи раббил-ъоламин вал оқибату лил муттақин ва ло ъудвона илло ъалаз-золимин вассалоту вассалому ъало расулиҳи Муҳаммадин ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.

Аммо баъди ҳамди бар Худо ва санои бар Расул (с) ва олу асҳоби гиромияшон ҳаминро бояд таъкид намоям, ки мавзӯъи саҳобагони Расули Худо бисёр ҳам мавзӯъи ҳассос ва нозук буда дар ин робита бояд бо камоли эҳтиёт ва боодобона бархурд намоем, зеро камтарин лағзиш дар ин маврид метавонад ба эътиқодоти мо халал ворид намояд.

Дашном додан ё, ки таҳқир кардани саҳобагони Паёмбар (с), ки Худованд ҳамаи мӯъминонро аз ин кори бад нигоҳ дорад аз рӯи шариъати Ислом чунин аст:

*Аввалан ин ки* Худованди бузург сифоти неки саҳобагон ва мукофоти ононро дар Қуръони карим дар якчанд оятҳо баён мекунад:

وَٱلسَّـٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَـٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَـٰنٍ
رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟ عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ خَـٰلِدِينَ
فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

***«Ва аз нахустин собиқадорони муҳоҷир ва ансор (аҳли Мадина) ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд, Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хушнуданд. Барояшон боғҳое, ки аз зери онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд, омода кардааст. Ин аст комёбии бузург!»***

(Сураи Тавба, ояти 100)

﴿لَقَدْ رَضِيَ اللَّهُ عَنِ الْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ الشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ
السَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَابَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا﴾ ﴿١٨﴾

***«Худо аз мӯъминон, он ҳангом, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас, бар онҳо оромишро фуруд овард ва ба фатҳе (ғалабае) наздик подошашон дод».***

*(Сураи Фатҳ, ояти 18)*

وَالَّذِينَ جَاءُوا مِن بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ
وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِّلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٠﴾

***Касоне, ки аз паси онҳо омадаанд, мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, биёмурз ва кинаи касонеро, ки имон овардаанд, дар дили мо ҷой надеҳ. Эй Парвардигори мо, ҳаройна, Ту бо навозиш (ва) меҳрубон ҳастӣ»***

*(Сураи Ҳашр, ояти 10)*

Ва дар бораи он касоне, ки ҳамаи мӯъминон ва аз он ҷумла са ҳобагони Паёмбар (с)-ро озор медиҳанд Худованд дар сураи Аҳзоб ояти 58 баён мекунад.

وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيْرِ مَا اكْتَسَبُوا فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَانًا
وَإِثْمًا مُّبِينًا ﴿٥٨﴾

Ва касоне, ки мардони мӯъмину занони мӯъминро бе ҳеҷ гуноҳе, ки карда бошанд меозоранд, пас дар ҳақиқат, тӯҳмату гуноҳи ошкореро бар дӯш мекашанд.

*(Сураи Аҳзоб ояти 58)*

Ва инчунин оятҳои зиёде дар Қуръони карим дар сифати саҳобагон ва мукофоти вайҳо дар бораи манъ, яъне раво набудани дашноми онҳо ва гуноҳи дашном додани онҳо зикр шудааст.

Ҳазрати Паёмбар (с) дар бораи фазилати саҳобагон омматан бисёр ҳадисҳо гуфтаанд. Аз он ҷумла бисёри ин ҳадисҳо аз ривоятҳо бо исноди саҳеҳ ривоят шудаанд.

**عن رسول الله صلي الله عليه وسلم قال:خَيرُ القُرُون قَرْني, ثُمَّ الّذِين يَلونَهُمْ, ثُمَّ الّذِين يَلونَهُمْ ثُم يَفْشُو الكَذِ بُ "(أخرجه الترمذي 476/4(2303) وذكره ابن حجر في تلخيص الحبير 204/4 وكتاب أسد الغابة في معرفة الصحابة مقدمة22/1)**

*Беҳтарини наслҳо насли ҳамасри ман аст, он гоҳ, касоне, ки пас аз онҳо меоянд, боз касоне, ки пас аз эшон меоянд ва пас аз онҳо (дар миёни мардум) дурӯғ равнақ мегирад[1] .*

**«لا تسبوا أحداً من أصحابى؛ فإنَّ أحدكم لو أنفق مثل أُحُدٍ ذهباً ما أدرک مُدَّ أحدهم ولا نصيفه»**

*Ҳеҷ кадоми аз асҳоби маро бадгӯӣ накунед, зеро агар касе аз шумо баробари кӯҳи Уҳуд тилло дар роҳи Худо харҷ кунад, боз ҳам бо мудд ва ҳатто бо нисфи мудди ҳеҷ кадоми онҳо баробар шуда наметавонад[3] .*

**آية الإيمان حب الأنصار وآية النفاق بغض الأنصار»"""**

*Нишонаи имондорӣ дӯст доштани Ансор аст ва нишонаи нифоқ кина варзидан бо онон аст*

*Саҳеҳи Бухорӣ (85/1, 113/7).*

Аз рӯй далелҳои қуръонӣ ва аз аҳодиси Паёмбар (с) ҳамаи уламоҳо иттифоқ бар он доранд касоне, ки дашноми саҳобагон мекунанд бар онҳо се ҳукм аст.

***Аввал:*** Касоне, ки дашноми саҳобагонро аз амалҳои ба Худованд наздиккунанда донанд кофир мешаванд.

***Дуввум:*** Касоне, ки саҳобагонро гӯянд, ки саҳобагон амали бад, зишт ва носазо кардаанд, фосиқ мешаванд.

***Саввум:*** Касоне, ки саҳобагонро бо сифатҳои бахил ва тарсончаки сифат кунад, онҳо амали ҳаром анҷом додаанд.

Акнун суханони Абуҳанифа (р.ҳ) дар бораи саҳобагони Паёмбар (с).

**1.** *Ва ҳеҷ касе аз асҳоби Паёмбар (с)-ро ҷуз ба некӣ ёд намекунем.*

**2.** *Аз ҳеҷ кадоме аз саҳобагон рӯ намегардонем ва ҳамаашонро бе истисно дӯст медорем.*

**3.** *Як соат истодани яке аз асҳоб бо Паёмбар (с) аз амал кардани як мусалмон дар тамоми умраш беҳтар мебошад.*

## Имом ибни Деҳқон ноиби сархатиби масҷиди «Ҳоҷиён»-и н. Исфара.

**Алҳамду лиллоҳил Маликил Ваҳҳоб. Ҳува аъламу ҳайсу яҷъалу рисолатаҳу ва яхтору ликулли набиййин ҳаворийина ва асҳоб ва ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳул-мустафо ва халилуҳул муҷтабо, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллама ва борака ъалайҳи ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи аимматил ҳудо ва масобиҳид-дуҷо.**

***Аммо баъд:***

Паёмбар саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам фармудаанд, ки маро амр карда шуд, то мардумро бар манзалаашон гузорам.

Яке аз хусусиятҳои ин дини бузург, ки мутамассики ягона ва асосии он аҳли суннат ва ҷамоатанд, бар адлу инсоф муттасиф буда, аз ҳар гуна ифроту тафрит дуранд.

Суннати худовандӣ бар он аст, ки бо сабаби ин дини пок ва каломи бузургаш ақвомеро сарбаланд ва муваффақ сохта зикрашонро холидатан толидаҳ гардонида, қавми дигареро вазиъу хору залил сохтааст.

Ин дини бузург шиорҳову дисорҳо дорад. Яке аз шиорҳои бузурги он, ки ба тоифаи наҷотёфта ва яке, ки берун аз ҷодаи ҳақ аст ҷудо гаштан сабаб шудааст, мавзӯи саҳобагон гаштааст.

Ин тоифаи уммат фаришта ва ё паёмбар нестанд. Онҳо ба мисли мо инсонҳоеанд, ки дар як замонае умр ба сар бурдаанд.

Яке аз онҳо Абдуллоҳ ибни Масъуд дар васфи худашон шоҳиди дода мегӯяд, ки агар касе хоҳад, пайрав шавад бояд пайравии мардумони пешгузаштаро кунад, зеро шахси зинда аз фитна эмин нест. Он мардум саҳобагони Муҳаммаданд. Қасам ба Худо онҳо бехтарини ин уммат, дилҳояшон покизатарин дилҳо ва аз ҳама донотарин уммат буданд.
Онҳо қавме буданд, ки Худованд онҳоро барои сӯҳбату пайравии Набияш ва пайравии динаш ихтиёр кард. Фазли эшонро бидонед ва аз роҳашон пайравӣ кунед, ахлоқу одобашонро чӣ қадар, ки метавонед тамассук кунед, чаро ки онҳо дар ҳидояти ростин буданд.

***(Муснади Аҳмад 5/211 рақами 3600)***

Саҳобагон аз ҷиҳати илму фиқҳу дин комилтарини ин уммат буданд. Аз барои ҳамин Имом Шофиъӣ дар васфи эшон гуфтаанд:

Онҳо дар тамоми фиқҳу илм, дину ҳидоят аз мо болоянд. Онҳо дар роҳу василаҳо ноил шудаанд ва ба илму ҳидоят аз мо пешдастӣ кардаанд.

Фикру андеша ва раъйу гуфтори эшон бароямон аз раъйи худамон дида беҳтар аст.

Касе агар хоҳад, ки бо фазоилу маноқиби саҳобагон аз наздик шинос шавад ба аҳодисе, ки аҳли илм онро саҳеҳу дуруст шуморидаанд руҷӯъ кунад ва ба ҳар гуна суханҳои беилмону беақлон гӯш надиҳад, ки мабодо забонашро ба ғайбату тӯҳмати афзалул халқи баъдал анбиё олуда созад.

Паёмбар (с) гуфтаанд, ки ёрони маро носазо ва бад магӯед , ки агар яке аз шумоён мисли кӯҳи Уҳуд тилло садақа кунад ҳам ба як мудд ё нисфи он садақаи ҷаве, ки саҳобагони ман медиҳанд баробар нест.

Пас, ҳубби саҳобагон аз имону Ислом ва аз мукаммилоти имон ба паёмбар аст, балки онҳоро дӯст доштан аз ҳубби имон ва буғзи онон аз нифоқ аст, чи хеле, ки дар аҳодиси саҳеҳ оиди фазоили Абубакру Умару Усмону Алӣ ва муҳоҷирону ансориён омадааст.

Афсӯс, ки баъзе аз мардумон, то ба ҳол дар ҳаққи эшон таъна мезананд, ки ин феълан қалби мӯъминро маҷруҳ месозад. Нури офтобро надидани кӯр ва он нест гуфтанаш, офтобро ҳеҷ газанду осебе нарасад. Сагон фарёду аккос зананд ҳам корвон аз сайри худ боз наистад.

Фақат як чизро илова бояд кард, ки ҳар он чӣ ки дар накӯҳиши (таъну танқид) саҳоба зикр мешавад бар ду навъ аст.

Навъи аввал: Дастае, ки кизбу дурӯғ хостанд ё ин, ки таҳрифшуда ба тавре, ки зиёда ва нуқсоне дар он ворид шудааст, ки маънои мазаммат ва таъну сарзаниш медиҳад. Аксар манқулоте, ки дар боби накӯҳиши саҳоба сареҳан нақл шудааст аз бобе мебошад, ки дурӯғгӯёни маъруф ба дурӯғгӯӣ онҳоро ривоят кардаанд, мисли Абумихнаф Лут ибни

Яҳё ва Ҳишом ибни Муҳаммад ибни Соиби Калбӣ.

Навъи дуввум: Баъзе аз ин аҳодис низ саҳеҳанд, вале аксари ин, умуре ҳастанд, ки саҳоба дар анҷоми он маъзур буда, узрашон онҳоро аз доираи гуноҳ хориҷ месозад ва онро вориди доираи иҷтиҳод мекунад. Чунончи роҳи савобро паймуда бошанд ду аҷр ва савоб мебаранд ва агар дар он ба хато рафта бошанд аз аҷру подош баҳра мебаранд.

Хулоса ин аст, ки ҳубби саҳоба ва буғзи эшон маҳакки асосии имон будааст. Пас шахси мӯъмин эшонро дӯст бидорад ва аз Худо бипурсад, ки рӯзи ҷазо, ҳангоми изни шафоъат ӯро ба дасти яке аз ин родмардон бисупорад.

## Мавзеъгирии дуруст дар робита бо асҳоби Паёмбар (с)

Ҳақиқатан, доварии дуруст дар бораи асҳоб ва ҳодисаҳои рухдода дар миёни онҳо ҳамон ҳадди мобайн ва мӯътадил аст, ки дур аз зиёдаравӣ ва кӯтоҳию дурӯғпардозӣ ва тӯҳмат дар ҳаққи онҳо мебошад. Тибқи раҳнамоии Худо, ки мефармояд:

وَكَذَٰلِكَ جَعَلۡنَٰكُمۡ أُمَّةٗ وَسَطٗا ...

***«Ва бегумон шуморо уммати миёнарав қарор додаем!».***

*(Сураи Бақара, ояти 143)*

Баёни мо ин аст, ки бояд тамоми асҳоби Паёмбар (с)-ро махсусан собиқини аввалини «Муҳоҷирон ва Ансор» ва пайравони нексириншти онҳоро дар доираи муҳаббат ва дӯстдории хеш қарор диҳем ва дар бораи фазлу мақом ва ҷойгоҳи волои онҳо шинохти дуруст дошта бошем ва оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар (с)-ро, ки дар ин маврид баён шудаанд, сарлавҳаи рафтору гуфтори хеш қарор дода ва аз ихтилофоти рӯйдода дар миёни онҳо чашм пӯшида ва бо истинод ба ривоятҳои маҷҳул ва дурӯғ ва достонҳои афсонасароён ва душманони дин, худро қозии ҳодисаҳои рӯйдода дар миёни онҳо ва шароити ҳоким бар он рӯзгор қарор надиҳем ва бидонем, ки тамоми ихтилофоти рӯйдода дар миёни онҳо пас аз шаҳодати ҳазрати Усмон (р), бар мабнои таъвил ва иҷтиҳоди назаре, ки ҳар кадом худро бар ҳақиқат дониста ва дигареро бар хато пиндошта, воқеъ шудааст. Ҳамон гуна, ки Алӣ (р) барои лашкари хеш гуфт:

«Ҷанги мо бо лашкари рӯ ба рӯ, яъне лашкари Муъовия (р), на ба хотири кофир донистани онҳост ва на ба хотири кофир донистани мо, балки ба ин хотир аст, ки онҳо худро бар ҳақ дониста ва мо низ худро бар ҳақ медонем».

Барои ҳар кадоми мо дӯстдорони Паёмбар (с), асҳоб ва аҳли байт лозим аст, ки дар гуфтору рафторамон аз пешвоёни солеҳамон пайравӣ кунем ва аз лаъну нафрин ва дашном ба асҳоби гиромии Паёмбар (с) комилан худдорӣ намуда ва ҷузви хитобшудагони ин ояти карима қарор гирем, ки мефармояд:

وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا
ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ
ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ﴿١٠﴾

***«Касоне, ки аз паси онҳо омадаанд, мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, биёмурз ва кинаи касонеро, ки имон овардаанд, дар дили мо ҷой мадеҳ. Эй Парвардигори мо, ҳаройна, Ту пурнаво-зишу меҳрубон ҳастӣ!».***

*(Сураи Ҳашр, ояти 10)*

Шайх Муҳаммад Боқири Носирӣ дар тафсири ин оят мегӯяд:

«***Валлазина ҷоу мим-баъдиҳим***»*, яъне, пас аз муҳоҷирон ва ансор ҳар кас, ки то рӯзи қиёмат ба арсаи ҳаёт меояд, «**яқулуна раббанағфир лано ва ли ихвониналлазина сабақуно бил-имон**», яъне, барои пешиниён ва худашон дуъои*

*хайр ва талаби мағфират мекунанд «***ва ло таҷъал фи қулубино ғиллал лиллазина оману***», яъне дар дилҳои мо душманӣ ва кина ва хашмро нисбат ба гузаштагонамон, ки имон овардаанд, қарор мадеҳ. Ва уламо дар ин масъала ихтилофи назар доранд, ки ҳар кас фарди мӯъминеро ба далели имондорияш манфур бидонад, кофир аст ва агар ба далели дигаре аз вай нафрат дошта бошад, фосиқ аст*».

Шайх Муҳаммади Сабзаворӣи Наҷафӣ мефармояд :

«**Валлазина ҷоу мим-баъдиҳим**», яъне касоне, ки баъд аз онҳо меоянд, манзур тобиъин ва пайравони онон, ки то қиёмат аст, «**яқулуна раббанағфир лано ва ли ихвонинал - лазина сабақуно бил-имон**», яъне онҳо барои худ ва гузаштагони мӯъмини хеш дуъои мағфират ва бахшиши гуноҳон мекунанд, «**ва ло таҷъал фи қулубино ғиллал–лил-лазина оману**», яъне мегӯянд: Худовандо, дар дилҳои мо кина ва ғаму ғашше нисбат ба онон қарор мадеҳ ва ҷуз некӣ ва хайрхоҳӣ ва муҳаббати ононро дар дили мо ҷой мадеҳ, «**раббано иннака рауфур - раҳим**», яъне Худовандо, Ту нисбат ба хатоҳо бахшанда ва дорои мағфират ва раҳмат ҳастӣ.

Худованд аҷр ва подоши фаровон насиби имоми обид ва зоҳид Зайналобидин (р) гардонад, ки суннат ва равиши муборакеро барои дӯстдорон ва пайравони хеш ҷорӣ фармуд. Эшон ба ҳангоми дидори афроде, ки аз Ироқ назди ӯ омада буданд ва дар мавриди Абубакр (р) ва Усмон (р) суханони зиште бар забон рондfestivals, ба онҳо фармуд:

«Ба ман бигӯед: Оё шумо аз ҷумлаи касоне ҳастед, ки Худованд дар мавриди онҳо фармудааст?:

لِلْفُقَرَاءِ الْمُهَاجِرِينَ الَّذِينَ أُخْرِجُوا مِن دِيَارِهِمْ وَأَمْوَالِهِمْ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا وَيَنصُرُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ ۚ أُولَٰئِكَ هُمُ الصَّادِقُونَ ﴿٨﴾

***«Низ ғаниматҳо аз они муҳоҷирони фақирест, ки аз сарзаминашон ронда шудаанд ва онҳо дар талаби фазлу хушнудии Худоянд ва Худову паёмбарашро ёрӣ мекунанд. Инҳо ростгӯёнанд!».***

*(Сураи Ҳашр, ояти 8 )*

Дар ҷавоб гуфтанд:

- Не мо ҷузви онҳо нестем.

Имом фармуд:

- Пас оё ҷузви ин даста ҳастед, ки Худованд дар мавридашон фармудааст?:

وَالَّذِينَ تَبَوَّءُوا الدَّارَ وَالْإِيمَانَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّا أُوتُوا وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُولَٰئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾

***«Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон сарзамин ва (пойгоҳи) имонро омода сохтанд, онҳоеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат кардаанд, дӯст медоранд. Ва аз он чӣ ба эшон дода шудааст, дар дил эҳсоси ниёз намекунанд ва дигаронро (муҳо-***

***ҷиронро) бар худ тарҷеҳ (афзалият) медиҳанд, ҳар чанд худ (ансор) мӯҳтоҷ бошанд. Ва онон, ки аз бухли хеш дар амон монда бошанд, растагоронанд!».***

(Сураи Ҳашр, ояти 9)

Дар ҷавоб гуфтанд:

Не ҷузви ин даста низ нестем.

Имом Зайналобидин фармуд:

- Шумо бо эътирофи хеш аз ҳар дуи ин гурӯҳҳо, (яъне Муҳоҷирон ва Ансор) набуданатонро тасдиқ кардед ва худро ҷузви онон намедонед, пас, ман ҳам гувоҳӣ медиҳам, ки шумо аз он даста низ нестед, ки Худованд дар мавридашон фармудааст:

وَالَّذِينَ جَاءُو مِنْ بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا
الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِلَّذِينَ
آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ ﴿١٠﴾

***«Касоне, ки аз паси онҳо омадаанд, мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, биёмурз ва кинаи касонеро, ки имон овардаанд, дар дили мо ҷой мадеҳ. Эй Парвардигори мо, ҳаройна, Ту бонавозишу меҳрубон ҳастӣ!».***

(Сураи Ҳашр, ояти 10)

Пас, ин тавр, ки бошад аз назди ман берун биравед, (зеро бадгӯиҳои шуморо шунидан намехоҳам).

Дар ин ҷо фармудаи Худовандро ба ёд меоварем, ки фармудааст:

تِلْكَ أُمَّةٌ قَدْ خَلَتْ ۖ لَهَا مَا كَسَبَتْ وَلَكُم مَّا كَسَبْتُمْ ۖ وَلَا تُسْأَلُونَ عَمَّا كَانُوا يَعْمَلُونَ ﴿١٣٤﴾

***«Онҳо уммат (ва насле) буданд, ки даргузаштаанд. Он чӣ карда буданд, аз они онҳост ва он чӣ шумо кунед, аз они шумост ва шумо аз аъмоле, ки онҳо мекарданд, пурсида намешавед».***

*(Сураи Бақара, ояти 134)*

Муҳаммадҷаводи Муғния дар бораи ин оят мегӯяд:

*«Ин оят ба як қоидаи умумӣ ишора дорад ва он ин аст, ки натиҷаҳо ва осори амалҳо фақат ба худи шахс бархоҳад гашт ва агар кори неке ба шахсе нисбат дода шавад, ки нақше дар он надошта бошад, ҳеҷ фоидае барои вай надорад ва агар он амал нописанд бошад, низ ҳеҷ зараре барои вай дар пай нахоҳад дошт»*.

# ҶОЙГОҲИ САҲОБАГОН ДАР НАЗМИ ГУЗАШТАГОН ВА МУЪОСИР

Ҷойгоҳ ва муҳаббати саҳобагон ва ёрони Расули акрам (с) дар назм ва насри шоирон ва адибони гузашта ва муъосири мо бозтоби равшане ёфтааст. Онҳо хадамоти арзандаи ёрони он Ҳазрат (с)-ро бузургтарин таҷалии лутфи Худо барои башарият дониста, бо камоли мадюнӣ аз корнамоиҳои эшон ситоиш намудаанд. Тақрибан камтар китоб ва навиштаеро ёбӣ, ки наът ва ситоиши онҳо дар он наёмада бошад. Инак, чанд намунае аз ашъори эшонро тақдими шумо менамоем.

## ШАЙХ ФРИДУДДИНИ АТТОР
## МАНТИҚУТ-ТАЙР

### Шафоъати Пайғамбар (с) аз барои уммат

Сайиди олам бихост аз Кирдгор,
Гуфт:- Кори умматам бо ман гузор.

То наёбад иттилоъе ҳеҷ кас,
Бар гуноҳи уммати ман як нафас.

Ҳақ таъоло гуфт:- Ай садри кибор,
Гар бубинӣ он гуноҳи бешумор,

Ту наёрӣ тоби он, ҳайрон шавӣ,
Шарм дорӣ в-аз миён пинҳон шавӣ.

Оиша, к-ӯ буд ҳамчун ҷон туро,
Сер шуд з-ӯ дил ба як бӯҳтон туро,

Чун бигаштӣ аз гиромитар касе,
Пургунаҳ ҳастанд дар уммат басе.

Ту наёрӣ тоби он ҷумла гуноҳ,
Уммати худро раҳо кун бо Илоҳ.

Гар ту мехоҳӣ ки касро дар ҷаҳон,
Аз гуноҳи умматат набвад нишон.

Ман чунон мехоҳам, ай олӣ гуҳар,
К-аз гунаҳшон ҳам туро набвад хабар.

Ту манеҳ по дар миён, рав бар канор,
Кори уммат рӯзу шаб бо ман гузор.

Кори уммат чун на кори Мустафост,
Кай шавад ин кор аз ҳукми ту рост?

Ҳон, макун ҳукму забон кӯтоҳ кун,
Бе таъассуб бошу азми роҳ кун.

Он чи эшон кардаанд, он пеш гир,
Дар саломат рав, тариқи хеш гир.

Ё қадам дар сидқ неҳ Сиддиқвор,
Ё на, чун Форуқ кун адл ихтиёр.

Ё чу Усмон пурҳаёву ҳилм бош,
Ё чу Ҳайдар баҳри ҷуду илм бош.

Ё мазан дам, панди ман бипзиру рав,
Пой бардору сари худ гиру рав.

Ту на марди сидқу ҳилму Ҳайдарӣ,
Марди нафсӣ, ҳар замон кофиртарӣ.

Нафси кофирро бикуш, мӯъмин бибош,
Чун бикуштӣ нафсро эмин бибош.

Дар таассуб ин фузулӣ мекунӣ,
Аз сари худ ин расулӣ мекунӣ.

Нест дар шаръат сухан танҳо қабул,
Чӣ сухан гӯӣ зи ёрони Расул?

## Дар замми таъассуб

Ай гирифтори таъассуб мондае,
Доиман дар буғзу дар ҳуб(б) мондае.

Гар ту лоф аз ҳушу аз луб(б) мезанӣ,
Пас чаро дам аз таъассуб мезанӣ?

В-ар куни такзиби асҳоби Расул,
Қавли Паёмбар накардасти қабул.

Гуфт:-Ҳар ёрам начме рӯшан аст,
Беҳтарини қаҳрнҳо қарни ман аст.

Беҳтарини халқ ёрони мананд,
Ақрабову дӯстдорони мананд.

Беҳтарин чун назди ту бошад ба(д)тар,
Кай тавон гуфтан туро соҳибназар.

Кай раво дорӣ, зи асҳоби Расул,
Марди ноҳақро кунанд аз ҷон қабул.

Ё нишонандаш ба ҷои Мустафо,
Аз саҳоба нест ин ботил раво.

Ихтиёри ҷумлашон гар нест рост,
Ихтиёри ҷамъи «Қуръон» пас хатост.

Балки ҳар-ч асҳоби Паёмбар кунанд,
Ҳақ кунанду лоиқу дархур кунанд.

Гар кунӣ маъзул як танро зи кор,
Мекунӣ такзиби сию се ҳазор.

Он ки кор ӯ ҷуз ба Ҳақ як дам накард,
То ба зону банди уштур кам накард.

Ӯ чу чандине даровезад ба кор,
Ҳақ зи ҳақвар кай барад ин занн, мадор.

Майл дар Сиддиқ агар ҷоиз будӣ,
Дар «Ақилунӣ» куҷо ҳаргиз будӣ?

Дар Умар гар майл будӣ заррае,
Кай писар куштӣ ба захми даррае?

Доиман Сиддиқ марди роҳ буд,
Фориғ аз кул(л), лозими даргоҳ буд.

Мол наф(а)қа карду ҷон бар сар нисор,
Зулм накнад ин чунин кас шарм дор !

Пок аз қишри ривоят буд ӯ,
З-он ки дар мағзи дироят буд ӯ.

Он ки бар минбар адаб дорад нигоҳ,
Хоҷаро наншонад ӯ бар ҷойгоҳ.

Чун бубинад он ҳама аз пешу пас,
Ноҳақ ӯро кай тавонад гуфт кас.

Боз Форуқе, ки адлаш буд кор,
Гоҳ мезад хишту гаҳ меканд хор.

Банди ҳезумро ба худ бардоштӣ,
Бо дирам нӯҳ шаҳрро бигзоштӣ.

Буд ҳар рӯзе дар ин ҳабси нафас,
Ҳафт луқма нон таъоми ӯву бас.

Сирка будӣ бо намак бар хони ӯ,
Назди Байтулмол будӣ нони ӯ.

Рег будӣ гар бихуфти бистараш,
Дурра болиш буд дар зери сараш.

Бар гирифти ҳамчу саққо машки об,
Бевазанро об бурдӣ вақти хоб.

Шаб бирафтӣ, дил зи худ бардоштӣ,
Ҷумлаи шаб поси лашкар доштӣ.

Бо Ҳузайфа гуфт:-Ай соҳибназар,
Ҳеҷ мебинӣ нифоқе дар Умар?

К-он касе, к-ӯ айби ман дар рӯи ман,
Майл накнад, тӯҳфа орад сӯи ман.

Гар хилофат бар хато медошт ӯ,
Ҳафдаҳ ман далқе чаро медошт ӯ?

Чун на ҷома даст додаш, на гилем,
Бар мураққаъ дӯхтӣ пора адим.

Он ки з-инсон шоҳии хайле кунад,
Нест мумкин, к-ӯ ба кас майле кунад.

Он ки гоҳе хишту гоҳе гил кашад,
Ин ҳама сахтӣ на бар ботил кашад.

Гар хилофат аз ҳаво мерондӣ,
Хешро бар салтанат биншондӣ.

Шаҳрҳои мункирон ҳангоми ӯ,
Шуд тиҳи аз куфр дар айёми ӯ.

Гар таъассуб мекунӣ аз баҳри он,
Нест инсофат, бимир аз қаҳри он.

То ҷаҳон бошад, наёрад Кирдгор
Чун Алӣ Сиддиқро як дӯстдор.

Чанд гӯи Муртазо мазлум буд,
В-аз хилофат рондан маҳрум буд?

Чун Алӣ шери Ҳақ асту тоҷи сар,
Зулм натвон кард бар Шер , ай писар.

Ту дар ин раҳ, не Худой, не Расул,
Даст кӯтаҳ кун аз ин радду қабул.

Аз таваллову табарро пок шав,
Ту кафи хокӣ, дар ин раҳ хок шав.

Чун кафи хокӣ, сухан аз хок гӯй,
Ҷумларо покиза дону пок гӯй.

## КУЛЛИЁТИ ШОҲНЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ

Эй ки ҳастӣ муҳибби оли Алӣ,
Мӯъмини комилию бебадалӣ.

Раҳи суннӣ гузин, ки мазҳаби мост,
В-ар на, гумгаштаию дар халалӣ.

Рофизӣ кист, душмани Бубакр,
Хориҷӣ кист, душманони Алӣ.

Ҳар ки ӯ ҳар чаҳор дорад дӯст,
Уммати поки мазҳаб асту валӣ.

Дӯстдори саҳобаам ба тамом,
Ёри суннию душмани муътазилӣ.

Мазҳаби ҷомиъ аз Худо дорам,
Ин ҳидоят бувад маро азалӣ.

Неъматуллоҳаму зи оли расул,
Чокари хоҷаам хафию ҷалӣ.

## ҲАФТ АВРАНГИ МАВЛОНО АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Хоса оли Паёмбару Асҳоб,
К-аз ҳама бештаранд дар ҳар боб.

В-аз миёни ҳама набуд ҳақиқ,
Ба хилофат касе беҳ аз Сиддиқ.

В-аз пайи ӯ набуд аз он аҳрор,
Кас чу Форуқ лоиқи ин кор.

Баъди Форуқ ҷуз ба Зинурайн,
Кори миллат наёфт зинату зайн.

Буд баъд аз ҳама ба илму вафо,
Асадуллоҳ хотими хулафо.

Ҳама осори ваҳй дида аз ӯ,
Ҳама асрори дин шунида аз ӯ.

Разияллоҳу ъанҳум аз сӯи Ҳақ,
Баҳри эшон башорати мутлақ.

В-аз разу ъанҳ мансаби эшон,
Бартарӣ аз ҳама ризогишон.

Чун ҳама марзии Худованданд,
Чӣ ғам, ар Амру Зайд напсанданд.

Лаън к-аз рофизӣ шавад воқеъ,
Шавад он лаън ҳам бад-ӯ роҷеъ.

Ҷуз ба оли кирому саҳби изом,
Силки дини Набӣ наёфт низом.

Номашон ҷуз ба эҳтиром мабар,
Ҷуз ба таъзим суяшон мангар.

Ҳамаро эътиқоди некӯ кун,
Дил зи инкорашон ба як сӯ кун.

Бар кас ангушти эътироз манеҳ,
Дини худ ройгон зи даст мадеҳ.

Ҳукми он қисса бо Худой гузор,
Бандагӣ кун туро ба ҳукм чӣ кор?

**Дар сифати Хулафои Рошидин**

Сиддиқ акси ҳусну камоли Муҳаммад аст,
Форуқ зилли ҷоҳу ҷалоли Муҳаммад аст,
Усмон зиёи шамъи ҷамоли Муҳаммад аст,
Ҳайдар баҳори боғи хисоли Муҳаммад аст.
Исломи мо итоати Хулафои Рошидин,
Имони мо муҳаббати оли Муҳаммад аст

## АҲМАДИ ҶОМӢ

Ошиқоне к-андарин раҳ масту ҳайрон рафтаанд,
Дар тамоми бехудӣ бо нури имон рафтаанд.

Сарбараҳна, побараҳна бетакаллуф дар ҷаҳон,
Соликони роҳи динанд, ҳамчу Салмон рафтаанд.

Соате дар Маккаанду соате дар Мисру Шом,
Авлиёуллоҳ андар кӯҳи Лубнон рафтаанд.

Ҳоли эшон кас надонад, ҷуз Худову Мустафо,
Фақр фахр аст, эй бародар, к-ин фақирон рафтаанд.

Ҳамчу Сиддиқони ҷонбоз, аз раҳи сидқу яқин,
Манзил ар дураст, сар бар пои ҷонон рафтаанд.

Чун Умар дар адл бурда гуйи сабқат аз миён,
Сар фидо карданду мол, ҳамчу Усмон рафтаанд.

Ҳамчу Ҳайдар дар шуҷоат нафси худро куштаанд,
Чун Ҳусайну чун Ҳасан сӯи шаҳидон рафтаанд.

Аҳмади Ҷомӣ маёвар розшонро дар миён,
Сирри эшонро макун ошкор, ки пинҳон рафтаанд.

## Қиссаи Сабзпарии Аҳмади Ҷомӣ

Аввалин нома ба номи Холиқи Раҳмони ман,
Дуввумин нома ба номи ҳазрати Султони ман,
Саввумин нома ба номи он Абубакри тақӣ,
Чаҳорумин нома ба номи он Умар Усмони ман,
Панҷумин нома ба номи он Алии Муртазо,
Шашумин нома ба номи он ду гули хандони ман,
Чист Ҷомӣ, то фидо созам худам бар рӯи дӯст,
Гир дастам аз карам, эй ҳазрати Султони ман.

## Ҳар нафас дам аз санои Мустафо бояд задан

Ҳар нафас дам аз санои Мустафо бояд задан,
Чанг дар домони асҳоби сафо бояд задан.

Аввалаш Сиддиқ, ки ӯро аз сари сидқу сафо,
Бар дилу ҷонаш ҳазорон марҳабо бояд задан.

Ёри ғори Мустафо, ӯ нури шамъи ҳар ваҷӣ,
Бар сари нӯҳ чарх аз қадраш наво бояд задан.

Махзани илму футувват баҳри адлу дин Умар,
Он ки болои фалак кусу наво бояд задан.

Ҷомиъи Қуръон зу-нурайн, Усмон ибни Афон,
Дам ба дам дар мадҳи ӯ дам аз ҳаё бояд задан.

Ҳайдари Каррор дарёи карам баҳри сахо,
Нағма дар васфи Алӣ шери Худо бояд задан.

Ло фато илло Алӣ, ло сайф илло зулфиқор,
Ҳар даме фаҳм аз сифоти ҳал ато бояд задан.

Гар наҷоти он ҷаҳон матлуб дорӣ ай азиз,
Даст дар домони он хайрул варо бояд задан.

Дар риёзи мадҳи ёрон ҳамчу булбул дар саҳар,
З-иштиёқи хеш ҳар соат наво бояд задан.

Ғута андар баҳри мадҳи сунниёни босафо,
Ҳамчу ғаввосони бадрӣ, бобҳо бояд задан.

Бодаи мадҳи худовандони дин бояд чашид,
Соғари васфи саҳобии Худо бояд задан.

Таънаҳо бар эътиқоди он ки дорад рафзи дин,
Аз далели шаръу суннат бар мало бояд задан.

Ҳар ки дорад майли бидъат ван-ҳирофи роҳи шаръ,
Эй басо силӣ, ки ӯро бар қафо бояд задан.

Гавҳари лаълаш надорад чун далели обдор
Санги лаъл бар синаи аҳли ҷафо бояд задан.

Аҳли бидъатро саросар, сунат бояд сӯхтан,
Оташ андар синаи аҳли ҳаво бояд задан.

Нақши майли аҳли бидъат маҳв бояд сӯхтан,
Бар сари фарқи хавориҷ пушти по бояд задан.

Хориҷиро эътиборе нест, андар қавлу феъл,
Феъли бадкешон ба фатво. нораво бояд задан.

Ҳаст тартиби хилофат он чи фармуда Расул,
Дасту рӯ бар гуфтаҳои нораво бояд задан.

Булфузулонанд ин аҳли ҳаво, шонро бикуш,
Тан ҷудову дил ҷудо, гардан ҷудо бояд задан.

Ҳар, ки гӯяд афзаласт. яке зи асҳобаш ҳама,
Ин сухан лағв аст, бар вай таънаҳо бояд задан.

Эътиқоди аҳли суннат Аҳмадо кардӣ аён,
Бар кафи поят ҳазорон бӯсаҳо бояд задан.

## САЪИДМУҲАММАДИ КАРРУХӢ, МУТАХАЛЛИС БА САЙИДО

Ай Абубакри ту бар авҷи хилофат тоҷдор,
Буд андар ҳазратат Сиддиқи акбар ёри ғор,
Баъди Бубакрат Умар он тоҷдори суррадор,
Кард аз адл он шаҳи одил ҷаҳонро барқарор,
Баъд аз он Усмони зу-нурайн, он шоҳи кибор,
Он ки Фурқонро ба хуни дил навишта чанд бор,
Ёри чаҳорум шери Ҳақ, он сафдари олӣ табор,
Бар сари иҳдои дин, пайваста бар каф зулфиқор,
Ё шафиъал музнибин, ё раҳматан лил оламин,
Чашм бикшову гунаҳкорони умматро бубин.

## ХОҶАФАХРУДДИНИ ЗИНДАДИЛ

Ассалому сад салом бар хотами пайғамбарон,
Ассалому сад салом аз мо Расулуллоҳро.

Ассалому сад салом бар он Абубакри Сиддиқ,
Ӯ ки буда ҳам ба гуфтор сидқ халқуллоҳро.

Ассалому сад салом бар Умари одил, ки буд,
Он, ки ҳукм омад барояш халифаи Аллоҳро.

Ассалому сад салом бар он Усмони ғанӣ,
Ки гирифта ӯ ду тан, духти Расулуллоҳро.

Ассалому сад салом бар он Алии Муртазо,
Ҳам ба домоди Расулу ҳам валиюллоҳро.

Ассалому сад салом бар кулли асҳоби Расул,
Аз ту Фахруддин тамоми  авлиёуллоҳро.

## ДЕВОНИ ҚОЗӢ БЕДИЛ

Ғайри довар дар ҷаҳон Халлоқи дигар ҳаст, нест.
Дар ҷаҳон Халлоқи дигар ғайри довар ҳаст, нест.

Чун шумори анбиё шуд як лаку бисту чаҳор,
Чун Муҳаммад Мустафо дигар паёмбар ҳаст, нест.

Афзале баъди Муҳаммад дар ҷамиъи коинот,
Чун Абубакри тақӣ Сиддиқи акбар ҳаст, нест.

Беҳтарини бандагон дар адлу инсофу сифот,
Баъди Сиддиқи тақӣ монанди Умар ҳаст, нест.

Дар ҳаё монанди Усмони ғанӣ баъд аз Умар,
Ҳам ба илму ҳилму دониш ай бародар ҳаст, нест.

Баъди Усмони ғанӣ дар мардию ҷуду сахо,
Чун Алии муртазо шери диловар ҳаст, нест.

Алғараз дар ҷумлаи ёрону асҳоби Набӣ,
Чун Абубакру Умар Усмону Ҳайдар ҳаст, нест.

Ҳар ки дорад домани поки шариъатро ба каф,
Поктар аз вай ба олам ай бародар ҳаст, нест.

Ҳар ки бошад мустақими маслаки шаръи Набӣ,
Дар сулук аз вай касе оливу бартар ҳаст, нест.

Ибни Қозӣ чун надорад домани тақво ба даст,
Аз ӯ дар кулли халоиқ русиёҳтар ҳаст, нест.

## МАВЛОНО ШАМСИ ТАБРЕЗӢ

Ба асҳоби кирому тобиъинаш,
Ки куфр аз теғи эшон гашт фонӣ,
Ба ҳаққи олу асҳоби Муҳаммад,
Биёмурзи гуноҳи умматонӣ.
Дуъогӯи ту Шамсиддини Табрез,
Ҳар он вақте, ки ин нашраҳ бихонӣ.

## Муҳаммадро расул омад, рисолатро қабул омад

Муҳаммадро расул омад, рисолатро қабул омад,
Ба ин оят нузул омад, ки ло илоҳа иллаллоҳ.

Абубакрост ном Сиддиқ, имоми раҳнамо таҳқиқ,
Бигуфт аз баҳри он Холиқ, ки ло илоҳа иллаллоҳ.

Умар шоҳаншаҳи одил нашуд аз ёди ҳақ ғофил,
Бишуд бар бандагон муқбил, ки ло илоҳа иллаллоҳ.

Амирулмӯъминин Усмон, ки ӯ буд ҷомиъи Қуръон,
Ниҳодаш бар дилу бар ҷон, ки ло илоҳа иллаллоҳ.

Амирул мӯъминин Ҳайдар, ки буд домоди Пайғамбар,
Бигуфташ аз тану аз сар, ки ло илоҳа иллаллоҳ.

Ало ай Шамси Табрезӣ, бикун вақти саҳархезӣ,
Дамодам кун шакаррезӣ, ки ло илоҳа иллаллоҳ.

## МИРШАМСИДДИНИ КАБАРЗОНӢ

Забон бикшой ай марди ҳунарвар,
Ба ҳаққи Мустафо солори Маҳшар,
Бигӯ доим ту ин нукта муқаррар,
Бихон ин наътро доим мукаррар,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар Усмону Ҳайдар.

Абубакр ай бародар ёри ғор аст,
Умар шаръи Набиро чун ҳисор аст,
Зи Усмон ҷамъи Қуръон чанд бор аст,
Алӣ шери Худои кирдигор аст,
Туро ай хориҷӣ бо вай чӣ кор аст,
Адуви ҷумлагӣ ҷовиди нор аст,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар.

Абубакр ай бародар нури имон,
Гурезад аз Умар он деви шайтон,
Бувад ҳилму ҳаё дар шаъни Усмон.
Алии муртазо кони сахо дон,
Агар хоҳи амон ёбӣ зи хизлон,
Бикун аз баҳри эшон хатми Қуръон,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар ,Усмону Ҳайдар.

Абубакр аст бар асҳоб сарвар,
Зи Умар зинати меҳробу минбар,
Ба Усмон дод Пайғамбар ду духтар,
Алии Муртазо дон фатҳи Хайбар,
Ба фардои қиёмат рӯзи Маҳшар,
Шафоъатхоҳи мо бошад Паёмбар,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар.

Ба қавли худ Абубакр аст содиқ,
Умар бошад ба адлу дод шоиқ,
Бувад Усмон ба ин ҳар ду мувофиқ,
Алӣ хатми хилофатрост лоиқ,
Ҳамехоҳӣ зи шайтон гарди фориғ,
Бишав бар чаҳоршон аз сидқ ошиқ,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар.

Илоҳо ман зи исён шармсорам,
Ба ғайри маъсият дигар надорам,
Зи фазлу лутфи Ту умедворам,

Назар бар ҷуд кун яксар ба корам,
Ба авҷи комронӣ сар барорам,
Ба ғайри шон ба кас коре надорам,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар.

Худовандо ба он шоҳи рисолат,
Ба ҳаққӣ чаҳор ёри бокаромат,
Бибахшои Кабарзонӣ зи раҳмат,
Накарда дар раҳи Ту ҷуз надомат,
Нагардонӣ Ту расво дар қиёмат,
Бифармои равам то сӯи ҷаннат,

Сарам хоки раҳи ҳар чаҳор сарвар,
Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар.

## Худоё бар дилам нуру сафо бахш

Худоё бар дилам нуру сафо бахш,
Хати озодагӣ аз мо сиво бахш.
Ба ҳаққӣ мурсалину шоҳи лав лок,
Ба меъроҷи шаҳи хайрул варо бахш.
Гуноҳам ҳаст чун реги биёбон,
Биёмурзу ба руҳи Мустафо бахш.
Ба Ҷибраилу Микоил, Сарофил,
Ба ҳаққи қобизи арвоҳи мо бахш.
Ба ҳаққи ҳурмати Сиддиқи акбар,
Ба ҳаққи ҳазрати Уммар ҷудо бахш.
Ба ҳилми ҷомиъи Қуръон Худоё,
Ба ҳаққи ҳазрати Шери Худо бахш.
Ба қурби васли даҳ ёри биҳиштӣ,

Ба ҳаққи ҳазрати Хайрун-нисо бахш.
Ба васли ҳазрати Аббосу Ҳамза
Ба хотунони ҳафт ҷаннат маро бахш.
Илоҳо қатрае аз оби Кавсар,
Ту Шамсиддинро рӯзи ҷазо бахш.

**Шоҳномаи ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ**

Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи ҳар бад раҳо,
Сар андар наёрӣ ба коми бало,
Шавӣ дар ду гетӣ зи бад растагор,
Накуном бошӣ бар Кирдигор,
Ба гуфтори Паёмбарат роҳ ҷӯй,
Дил аз тирагиҳо бад ин об шӯй.
Туро дину дониш раҳонад дуруст,
Раҳи растагорӣ бибоядат ҷуст.
Чу гуфт он Худованди танзилу ваҳй,
Худованди амру Худованди наҳй,
Ки хуршед баъд аз расулони меҳ,
Натобид бар кас зи Бубакр беҳ,
Умар кард исломро ошкор,
Биорост гетӣ чу боғи баҳор,
Пас аз ҳар ду он буд, Усмон гузин,
Худованди шарму худованди дин,
Чаҳорум Алӣ буд, ҷуфти Батул,
Ки ӯро ба хубӣ ситояд Расул.
Набӣ офтобу саҳобон чу моҳ,
Ба ҳам нисбати якдигаррост роҳ.

## Дар тартиби хилофати Хулафои Рошидин

Он тахти рисолати Паёмбар,
Бар чаҳор халифа шуд муқаррар.

Сиддиқ ба сидқ ҷонишин шуд,
Ҳодии милал сироҷи дин шуд.

Форуқ халифаи дувум дон,
Тоҷи сари кофаи умам хон.

Имон зи Умар чу чархи чаҳорум,
Афканд шуъо бар ду олам.

Шуд солиси сонӣ ибни Аффон,
Зу зеб дигар гирифт имон.

Баъди ин ду се, чаҳор Хайдар омад,
Мулку малакаш  мусаххар  омад.

То хатми халифа Муртазо шуд,
Равнақдеҳи  дини Мустафо шуд,

Он фотиҳи бобу қалъи Хайбар,
Он нури ду дидаи Паёмбар.

Гар илми яқиният бар ин аст,
Ӯ шери Ҳақ асту шоҳи дин аст.

Пас ғасби хилофаташ хилоф аст,
Маҳзи  ғалат асту пургазоф аст.

Инсоф бидеҳ, Алӣ чунин буд?
Ин гуна ҷабуну сустдин буд?

Ин зулму ситам қабул дорад?
Шамшер ба қатл барнаёрад?

Ҳар навъ, ки зикр рафт дар пеш,
Буданд халифа бе каму беш.

Пас нақси Алӣ зи дил раҳо кун,
Шарме зи Паёмбару Худо кун.

В-ин васвасаю хаёли шайтон,
Битрош зи сафҳаи дилу ҷон.

Варна ба сафои рӯзи маҳшар,
Дурӣ зи шафоъати Паёмбар.

Ин чаҳор, ки зикр рафт ҳар як,
К-аз нақс барӣ буданд бе шак.

Худ лаънкунонашон ба Маҳшар,
Малъуни Худо шуду Паёмбар.

Ориф, ки ғуломи чаҳор ёраст,
Ӯ ҷумлаи Асҳоб дӯстдор аст.

# ГУЛЗОРИ ВАҲДАТ АЗ МУҲАММОИ ҒАЗНАВӢ ДАР ВАСФИ ХУЛАФОИ РОШИДИН

Бигу, ай дил, ба ҳар соат санои поки яздонӣ,
Санову ҳамд мезебад Худоеро ки медонӣ.

Зи хилватхонаи хоси ҳарими худ бурун овард,
Барои маърифат моро ниҳода номи инсонӣ.

Бигу ҳамди Худо, наъти Набӣ, авсофи ёронаш,
Ки бошад раҳнамо моро ба манзилгоҳи султонӣ.

Нишони субҳи содиқро намедонӣ ту, ай ғофил,
Зи Сиддиқу зи сидқи ӯ шавад он субҳ нуронӣ.

Зи хашми ҳазрати Уммар. саросар баҳр ларзон аст,
Равофиз гар намебошӣ, чаро номаш намехонӣ?

Чу илми ҳазрати Усмон, чароғи роҳи халқон аст,
Ҳар он кас ҳубби ӯ дорад, набинад шоми зулмонӣ.

Зи сидқи дил ба ҳар соат, бигу бо Ҳайдари Каррор,
Ҳавориҷ гар намебошӣ, чаро барҳақ намедонӣ?

Чу Иброҳим агар хоҳӣ, ки амри Ҳақ ба ҷо орӣ,
Бикун ҷону дили худро, ба рӯзи ид қурбонӣ.

Чу Исмоил агар хоҳӣ, бақои ҷовидон ёбӣ,
Фано бар теғи Яздон шав, ки ояд кеши яздонӣ.

Муҳаммо гар ту медонӣ, ба рӯзу шаб ҳамехонӣ,
Ба васфи чаҳорёронӣ, ба маҳшар дар намемонӣ.

## Илоҳо, давлати кони сахоро

Илоҳо, давлати кони сахоро,
Зи лутфи худ бидеҳ ё Раб ту моро.

Аз он ганҷи ниҳонӣ эй Худоё,
Ато кун умматони Мустафоро.

Туфайли зоти покат ай Худованд,
Ба ҷӯш овар Ту дарёи атоpо.

Туфайли ҳазрати хатми рисолат,
Раво кун мақсаду мақсуди моро.

Туфайли ҳазрати Бубакру Умар,
Бизан бо миси ҷонам кимиёро.

Туфайли ҳазрати Усмону Ҳайдар,
Зи лавҳи дил бишӯй занги хаторо.

Зи мадҳи чаҳорёрони Паёмбар,
Кунам равшан дили шоҳу гадоро.

Шафиъ орам ба даргоҳи Ту ё Раб,
Ду нури дидаи хайрун-нисоро.

Макун шармандаам дар рӯзи маҳшар,
Сафое бахш Ту ин қалбҳои моро.

В-аз он пас бори дигар эй Худоё,
Назар дорам лиқои Мустафоро.

Ба фардои қиёмат рӯзи маҳшар,
Бибахшӣ  ҷурми мову ҳам хаторо.

Ба ин бечора мискини Муҳаммо,
Ато  бахшӣ Ту ҳубби Мустафоро.

**Ай дил, бидон, ки обиди бе илм ҷоҳил аст**

Ай дил, бидон, ки  обиди  бе илм ҷоҳил аст,
Онро, ки нест илм, ту медон, ки ғофил аст.

Ҳарчанд ки  зарфи  ақли  вай, аз ақл пур бувад,
Дар назди комилони  замон. ҳамчу соил аст.

Он обиде, ки дар талаби маърифат нашуд,
Ӯро бидон, ки ҷоҳилу нодону коҳил аст.

Ҳар кас, ки илму маърифат, ай  дил, нахондааст,
Ӯро зи ишқу ҷоми муҳаббат, чӣ ҳосил аст?

Он кас, ки дар шариати Ҳақ мустақим нест,
Берун зи чаҳор мазҳаби он чаҳор одил аст.

Он кас, ки дар тариқаи суннат назад қадам,
Онро бигӯ, ки мазҳабу дини   ту ботил аст.

Бо дини поки Аҳмаду бо миллати Халил,
Ҳар мӯъмине, ки чанг занад, марди оқил аст.

Ай  дил, зи ҷоми  Одаму  бо нури бил яқин,
Менуш бодаву бош, ки ӯ пири комил аст,

То кай зи ҷоми ишқ, Муҳаммо ту май кашӣ?,
Он бодаро, ки  хӯрдани ӯ захри қотил аст.

# ҶАМИЛИ НООШНО

Илоҳо, ба хусну ҷамоли Муҳаммад,
Илоҳо, ба фазлу камоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба ҳаққи Набии мукаррам,
Илоҳо, ба ҷуду наволи Муҳаммад,

Илоҳо, ба рӯҳи Набии Ҳиҷозӣ,
Илоҳо, ба ҷоҳу ҷалоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба эъҷози хатми набийин,
Илоҳо, ба сидқи мақоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба тасдиқи Сиддиқи акбар,
Вазири садоқатмаоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба инсофи Форуқи аъзам,
Амири адолатсиголи Муҳаммад,

Илоҳо, ба икроми Усмони Аффон,
Ки шуд кушта дар имтисоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба такриму эъзози Ҳайдар,
Ки зоҳир шуд аз вай камоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба татҳири хотуни ҷаннат,
Ки ҷон дод аз интиқоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба ифзоли сибтайни ақдас,
Ҷигаргӯшаву фахри оли Муҳаммад,

Илоҳо, ба эъзози руҳи Хадиҷа,
Ки будаст маҳви висоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба тақдиси руҳи Ҳумайро,
Ки буда фидои ҷамоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба ихлоси Аббосу Ҳамза,
Ки буданд ғамхори ҳоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба тавқири Зайд ибни Ҳорис,
Илоҳо, ба ишқи Билоли Муҳаммад,

Илоҳо, ба сӯзи дили Вайси Қарнӣ,
Ки буд ошиқи зори оли Муҳаммад,

Илоҳо, ба мақбулии Ғавси аъзам,
Ки айни Алӣ буду оли Муҳаммад,

Диламро иноят кунӣ, то зи ишқаш,
Ба маҳбубии хатту холи Муҳаммад,

Илоҳо, муроди диламро барорӣ,
Ба таъйиди асҳобу оли Муҳаммад,

Пас аз мурдани худ, ба фирдавси аъло,
Нишонӣ ба саффи ниъоли Муҳаммад,

Ба рӯзе, ки нафсӣ бигӯянд мурсал,
Шафиъам бувад ҷумла оли Муҳаммад,

Илоҳо, ба ҳаққӣ Расули муаззам,
Бисозӣ Ту моро висоли Муҳаммад,

Муроди Ҷамил аст, эй кош бубинад,
Ба руъёи содиқ, ҷамоли Муҳаммад.

## МУҲАММАДӢ ҲОДИЗОДА НАВИД.
## Қасидагуна дар андарз ва маноқиби аҳли байт ва асҳоби Паёмбар (с)

Бисмиллоњир-рањмонир-рањим

Кунам оғози ин нома ба номи Эзиди якто,
Қалам бо ҳукми Ӯ ҷорӣ, забон аз лутфи Ӯ гӯё.

Агарчи аввαласту охирасту зоҳиру ботин,
Вале аз ақли бе моя маҷӯ тафсили ин маъно.

Ҳамедонам, ки зоти Ӯ варои ваҳму пиндор аст,
Аз ин рӯ узр меорам, ки ло юдрак ва ло юҳсо.

Бувам мӯъмин, ки васфи Ӯ ҷуз Ӯ ҳаргиз намегӯяд,
Ҳаме дархурди зоти Ӯ забони нотиқа асло.

Ҳар он чӣ мар ситоишҳои худро дар набаъ[1] гуфта,
Бигӯям аз сари фитрат, ки «оманно» ва «саддақно».

Пас аз ҳамду ситоишҳои зоти ақдасаш гӯям,
Дуруду раҳмати ҳақ бар ту бодо ё Расулаллоҳ.

Ту буди сафҳаи девони ҳақро нуқтаи таммат,
Худо бунёди ҳастиро туфайлат карда побарҷо.

Худоро ҷумла бистоянду Ӯ бистуда дар мусҳаф,
Туро бо хулқу атвори накуву сирати зебо.

---

[1] . Хабари Қуръонӣ.

Дуруди поки имонӣ ба фарзандони он сарвар,
Ки зоҳир пок буданду ба ботин хубу беҳамто.

Ҳар он кас мекунад таъне ба зоҳир ё ба ботиншон,
Мусалмонӣ аз ӯ салбасту[2] бар ин медиҳам фатво.

Ҳама хубанду маҳбубанду марғубанду матлубанд,
Камоли дин агар хоҳӣ марав дунболи истисно.

Биё то мубтадо гуфтему дунболи хабар бошем,
Ки мақсудам аз ин гуфтан ба охир мешавад пайдо.

Дуруде бар равони поки азвоҷи Паёмбар бод,
Шаҳодат медиҳад Қуръон, ки модар будаанд бар мо.

Ту гар бар кеши[3] исломиву бовар дорӣ бар Қуръон,
Забон гар мекушои ҳон! Ба зикри хайрашон бикшо.*

Касе, гар шубҳа дорад бар якешон меравад аз дин,
Чӣ ҷои носазо гуфтан, чӣ ҷои гуфтани беҷо.

Дуруди дигаре дорам ба он Хайруннисо яъне,
Ба духти поки Пайғамбар ҳамон Фотимаи Заҳро.

Кунун дар васфи ёрони Расулуллаҳ сухан гӯям,
Ки наҷми иҳтидо[4] буданд андар зулмати шабҳо.

Замона эй бародар фитнаҳо андар бағал дорад,
Кунун андар ҳарими дин кунад ҳар аблаҳе даъво.

---

*[2] . Бурида ва дур.*
*[3]. Роҳ, равиш, дин.*
*[4].Раҳнамудан, раҳнамои. Ишора ба ҳадиси Пайгамбар (с), ки фармуда: «Асҳоби кан-нуҷум...»*
** Ишора ба қавли Имом Абуҳанифа(р.ҳ).*

Забон бикшода ҳар нокас ба таъни он абармардон,
Яке аз ҷаҳлу нодонӣ дигар аз кизбу истеҳзо.

Макун инкори моҳу меҳру нуру рушанӣ ҳаргиз,
Ду чашмат гар набошад тира чун хаффоши[5] нобино.

Забон ҳам хирмани имон бувад, ҳам оташи сӯзон,
Мазан оташ бар ин хирман, ки охир мешави расво.

Буданд аз собиқини аввалин ёрони Пайғамбар (с),
Ту кай ҳамсанги эшонӣ бад-он зӯҳду бад-он тақво.

Худо розӣ буд аз эшону эшон аз Худо розӣ,
Ту кисти эй фурумоя, ки ҳарза[6] мекунӣ ғавғо.

Яқин бад гуфтани эшон бувад таъни Расулуллаҳ,
Дар ин раҳ аз ҷуҳудон мекунӣ тақлид эй коно[7].

Чӣ дидӣ аз Абубакри Сиддиқ он ёри ғор эй дун,
Ки тира мешави аз зикри номаш чун шаби ялдо.

Зуҳури партави Ислом, баъди риҳлати Аҳмад (с),
Ба ҷаҳду кушиши Сиддиқи Акбар гашт нурафзо.

Ту аз адли Умар охир чаро чин бар ҷабин дорӣ,
Ки аз номаш фитода раъша[8] андар пайкари аъдо.

Хабар дорӣ, чун-ӯ пазруфт дини ҳақ ба ҷону дил,
Зи тарсу ҳайбати ӯ мушрикин гуфтанд вовайло.

---

[5] . *Шаппара, муши парон.*
[6] . *Беҳуда.*
[7] . *Нодон.*
[8]. *Ларзиш ё ки ларза.*

Амири жандапуше дидаи к-ан дар замони ӯ,
Чу гарде бар ҳаво рафта шукӯҳи мулкати Кисро.

Магу ҷуз некӯӣ дар шаъни Усмон ар ҳаё дорӣ,
Ки ӯ ҷамъовари Қуръон, ба имло буду бо иншо.

Чу аҳли фитна дар ҳар аср бисёранд медонӣ,
Ба ҳангоми қироат хуни покаш рехтанд он ҷо.

Хилофат чун мусаллам шуд Алиро баъди Зинурайн,
Ҳамон аҳли фитан бори дигар бинмуда сар боло.

Алӣ, он Муртазо шери Худо вон Ҳайдари каррор,
Саховатрост чун баҳре, футувватрост чун дарё.

Паёмбар гуфта баъди ман нубувват хатм шуд
в-арна,
Ту буди ҷогузини ман, чунон Ҳорун бар Мӯсо.*

Аҷаб ранҷи фаровоне кашид аз гардиши гардун,
Ҳамеша дар набарди хасму дигар дар сафи ҳайҷо.

Ҳар он чи бар гузашта байни ӯ в-асҳоби
Пайғамбар (с),
Забони таъна бар ин тоифа[9] вон тоифа[10] макшо.

Қазову доварӣ баъди ҳазору чорсад чи-бвад,
На даъво мондаву не муддаъӣ, не шоҳиде бар ҷо.

---

*9. Ишора ба гурӯҳи Алӣ ибни Абутолиб(р).*
*10. Ишора ба гурӯҳи Муъовия (р).*
** Ишора ба ҳадиси Паёмбар (с).*

Агар таърихро ислоҳ хоҳӣ, бас муҳол аст ин,
На ту масъули ин кори, агар пири ва гар барно.

Тамоми неку бадро кайфаре[11] кайфарситоне ҳаст,
Ба бозори қиёмат мешавад ин маҳкама барпо.

Ҳар он-ку рӯ биёрад сӯи қибла, мӯъминаш медон,
Таассуб кур месозад ду чашми равшани бино.

Худовандо хатопӯши, зи лутфат чашм медорам,
Ки моро сарфарози бахшӣ, дар дунёву дар уқбо.

Арақпарвардаи шармам, Навидосо зи ҷурми хеш,
Ниёз овардаам бар даргаҳат, эй кони истиғно.

---

*[11] . Подош, ҷазо.*

## САЪДУЛЛОҲИ МӮСО

***Дӯст дор он меҳрубон асҳобро…***

***(Порае аз манзумаи «Насиҳат бар фарзанд»).***

…Ибтидоан, Солеҳо, Ҳақро шинос,
Ҳурмати ҳарфи Худо бинмой пос.

Бош огаҳ аз ҳадиси он Расул,
Суннати Аҳмад бигир бо ҷон қабул.

Дӯст дор он меҳрубон асҳобро,
Ҷоннисорон дар раҳи аҳбобро.

Бо нидои Ҳақ ба хоки мо шуданд,
Меҳрубон дар дидаи мо ҷо шуданд.

Меҳри Ҳақ дар синамон афрӯхтанд,
Чашми моро сӯи фардо дӯхтанд.

Ай писар, огаҳ зи ҳоли шон бишав,
Пайрави шон бошу беармон бишав.

Дӯш аҷдодони мо – оташпараст,
Пеши махлуқи Худо сар карда паст.

Менамудандӣ ба оташ сар фурӯд,
Яъне, аз ғафлат бикардандӣ суҷуд.

Он азизон чашми мо во кардаанд,
Сӯи Ҳақ моро садоҳо кардаанд.

Носазо хонад касе бар шаъни шон,
Ҳукми ӯ куфр аст, эй фарзанди ҷон.

Месазад моро фиристодан салом,
Бар саҳоба - он ҳама воломақом….

## Сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта

1. Тафсири ибни Касир, (Имом Ҳофиз Имодуддин Абулфидо Исмоил ибни Касир), чопи нӯҳум ,«Дорулмаърифат», Бейрут-Лубнон 1997.
2. Тафсири Мухтасари Хатлонӣ, (гирдовари ва таҳияи Муҳаммадиқболи Садриддин), чопи якум, «Рафиграф», Душанбе 2006.
3. Оёти байинот, «Амир Муҳсинул мулк».
4. Муъҷами Алфози Қуръони карим, (Ҳассон Абдулманнон), чопи «Байтулафкори давлияҳ», Риёз.
5. Ат-тафсиру вал муфассирун, (Дуктур Муҳаммад Ҳусайни Заҳабӣ), чопи ҳаштум, «Мактабаи Ваҳба», ал Қоҳира 2003.
6. Маноҳиҷул Муфассирин, Ат-тафсир фи аҳди саҳоба, (Дуктур Мустафо Муслим), чопи якум. «Дорул Муслим», Риёз-1415 ҳиҷрӣ.
7. Саҳиҳул Бухорӣ, (Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ), чопи дуввум, «Риёз-1999».
8. Сунани Тирмизӣ, (Абуисо Муҳаммад ибни Исо). чопи якум, «Дорул маориф», Бейрут-Лубнон-2002.
9. Фатҳулборӣ фи шарҳи саҳеҳул Бухорӣ, (Имом Ҳофиз ибни Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷарӣ Асқалонӣ), чопи «Байтулафкори давлияҳ» Лубнон 2007.
10. Суннат дар гузаргоҳои таърих. (Муҳаммад Салими Озод), чопи якум «Муассисаи чоп ва интишороти донишгоҳи Фирдавсӣ», китобхонаи миллии Ирон.

11. *Тайсиру Мусталаҳул ҳадис. (Дуктур Маҳмуди Таҳҳон), «Мактабатул Маориф лин-нашри ва тавзиъ», Риёз 2004.*
12. *Таърихи Табарӣ, (Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ), «Байтулафкору давлияҳ».*
13. *Таърихи Табарӣ, тарҷумаи Абулқосими Поянда, чопи шашум, «Теҳрон Асотир 1383».*
14. *Усудулғобати фи маърифати саҳоба. (Иззиддин ибни Асир Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммадул Ҷазарӣ), чопи «Дорулкутуби илмияҳ», Бейрут-Лубнон.*
15. *Дидгоҳи аҳли суннат дар мавриди асҳоб, (Дуктур Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Вуҳайбӣ), тарҷумаи Исҳоқ ибни Абдуллоҳ, 1385 ҳиҷрӣ.*
16. *Ҳақиқатул хилоф байна саҳоба, (Дуктур Алӣ Муҳаммади Саллобӣ), чопи якум, «Муассисаи Иқраъ, 2007».*
17. *Сиярру эъломи Нубало, (Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмони Заҳабӣ), чопи якум, «Дорул маърифат», Бейрут-Лубнон, 2007.*
18. *Ассаноул мутабодил байнал оли вал асҳоб. (Марказул баҳси ва диросот-Мубарратул оли вал асҳоб), чопи якум, «Қувайт-2004».*
19. *Луғатномаи Деҳхудо (Алиакбари Деҳхудо), чопи дуввум, «Теҳрон 1378». (Понздаҳ муҷаллад).*
20. *Наҳҷул балоға: (Тарҷумаи Дуктур Ҷаъфари Шаҳидӣ), чопи чордаҳум, «Теҳрон-1378».*
21. *Тақрибу Суқот, (Муҳаммад ибни Ҳаббони Бастии Хуросонӣ), чопи якум «Дорул маърифат», Бейрут-Лубнон, 2007.*

22. *Алимом Абуҳанифата Нуъмон муҳаддисан фи кутубил муҳаддисин, (Муҳаммад Нури Сувайд), чопи якум, «Мактабаи Дорул Кувайт-2003».*
23. *Хулафо аз забони урафо ва шуъаро, гирд-оваранда Хоҷа Фахриддини Зиндадил, Турбати «Ҷом»-1384.*
24. *Мантиқут-тайри Фаридуддини Аттор, таҳия ва тадвини Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, «Эҷод», 2006.*

## Ҳадафи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»

*Бунёди ҷамъиятии* ***«Васатият»*** *мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монда, ҳадафҳои асосии он иборатанд аз:*

-Баланд бардоштани савияи илмию фарҳангии миллати тоҷик.

-Таҳқиқ ва пажуҳиши таърих ва тамаддуни шарқӣ бо услубҳои тоза ва замонавӣ.

-Расонидани аҳкоми дини мубини Ислом тавассути китобҳои пурмуҳтаво ва асил дар партави **Қуръон ва Суннат** ва тибқи мазҳаби **Имоми Аъзам Абуҳанифа (р).**

-Муттаҳидсозии тамоми мардуми Тоҷикистони азиз новобаста аз миллату нажод дар атрофи **қонун ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

-Хидмати содиқона ба миллат ва давлати куҳанбунёди тоҷик ва зиддият бо ҳар гуна ихтилоф ва зуҳуроти номатлуб.

-Нашри китобҳои асилу нобе, ки аз гузаштагони солеҳамон ба мо расидааст.

*Албатта имони комил ва яқин дорем, ки бо ёрии Худованд ба ин ҳадафҳо муваффақ хоҳем шуд. Аз ин хотир ҳамагонро ба хондани чунин китобҳо тавсия менамоем, то аз ҳар гуна инҳирофот ва каҷравӣ солим бошем ва обурӯю эътибори миллати азизамонро ҳифз намуда, парчами давлати соҳибистиқлоламонро боз ҳам баландтар бардорем.*

***Раёсати Бунёди ҷамъиятии «Васатият»***

## КИТОБҲОЕ, КИ АЗ ТАРҶУМОН ТО БА ҲОЛ БАРГАРДОН, ТАРҶУМА ВА ТАҲИЯ ШУДААСТ:

1. Саду як қисса аз ҳаёти Муҳаммад (с);
2. Саду як қисса аз ҳаёти Абубакри Сиддиқ (р) ;
3. Саду як қисса аз ҳаёти Умар (р);
4. Саду як қисса аз ҳаёти Усмон (р);
5. Саду як қисса аз ҳаёти Алӣ (р);
6. Саду як қисса аз ҳаёти Умар ибни Абдулазиз (р);
7. Тафсири мухтасари Хатлонӣ да се ҷилд;
8. Таърихи хулафои рошидин: Абубакр (р) ва Умар (р);
9. Таърихи хулафои рошидин: Усмон (р) ва Алӣ (р);
10. Шинохт ва мақоми Саҳоба (р) дар Ислом;
11. Оиша пешвои бонувони мӯъмин ва дӯстдоштатарин ҳамсари Паёмбари оламин;
12. Панҷоҳ амале, ки шариъат занонро аз он боз медорад;
13. Бонувони хонадони нубувват;
14. Аниси занҳои покдоман;
15. Даҳ ёрӣ биҳиштӣ;
16. Чӣ бояд кард, то ҳамсарат туро дӯст дорад;
17. Бисту панҷ суол аз неъмат ва азоби қабр;
18. Ҳазор ҳикмат;
19. Лаънатшудагон дар ҳадисҳои набавӣ;
20. Моҳи Рамазон, истиқбол ва бузургдошти он;
21. Одоб ва хусусиятҳои моҳи Рамазон;
22. Фазилати шаби Қадр ва даҳҳаи моҳи Рамазон;
23. Амирулмӯъминин Ҳасан ибни Алӣ ибни Абутолиб (р) шахсият ва асри ӯ;
24. Кудаконе дар атрофи Паёмбар (с);
25. Хушбахтарин зан дар олам;
26. Луълуъ ва марҷон аҳодиси муштараки саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.
27. Зиндагиномаи Имомон;
28. Шарҳи ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат;
29. Биҳишт;
30. Сирати комили Ҳусайн (р), аз вилодат то шаҳодат;

**Варақаи иртибот байни хонанда ва ношир**

**АССАЛОМУ АЛАЙКУМ ВА РАҲМАТУЛЛОҲИ ВА БАРАКОТУҲУ.**

Хонандаи гиромӣ, хоҳишмандем саволномаи зеринро бо ҷавобҳои дақиқ пур созед. Ин саҳифаро бурида ба нишонии электронии мо ирсол намоед ва як китоби тоза ба нашррасидаи моро ройгон дарёфт хоҳед кард.

Ному насаб: ______________________________
Вазифа: ______________________________
Маълумот: ______________________________
Суроға: ______________________________
Телефон: ______________________________
e-mail: ______________________________

**- Дар бораи ин китоб** ______________________________
(номи китоб)
**аз куҷо хабардор шудед?**
а) аз китобхона ?
б) аз рафиқон ?
в) аз эълону реклама ?
г) аз намоишгоҳ ?
**- Ин китобро аз куҷо харидед?**
Номи китобхона, намоишгоҳ ё фурӯшгоҳ____________________
Назари шумо дар бораи услуби китоб
а) оддӣ ?
б) хуб ?
в) олӣ ?
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)______________________
______________________________________________________
**- Назари шумо дар бораи сифати китоб:**
а) оддӣ ?
б) хуб ?
в) олӣ ?
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)______________________
______________________________________________________

**- Назари шумо дар бораи нархи китоб:**
а) арзон ?
б) муносиб ?
в) гарон ?
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)________________________
____________________________________________________________

**- Дар оянда дар кадом мавзӯъҳо китоб хондан мехоҳед?**
____________________________________________________________

Ин китоб шояд аз хатогиҳои лафзию техникӣ холи набошад. Агар шумо дар он саҳву хатое мушоҳида намудед, лутфан дар ҷадвали зерин қайд намоед. Назари шуморо ҳатман дар чопҳои оянда ба инобат хоҳем гирифт.

| Сатр ва рақами саҳифа | хато | дуруст |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Почтаи электронӣ:
wasatiyat@mail.ru
fund-wasatiyat@yandex.ru
Quron- khatloni-2006@yandex.ru
iqbolkawthar@hotmail.com

Аз мукотиба ва ҳамкориатон миннатдорем.
***Идораи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»***

**Номи китоб: Шинохт ва мақоми саҳоба (р) дар Ислом**

Муаллиф *Муҳаммадиқболи Садриддин*

Муҳаррири масъул *Файзуллоҳи Аҳё*

Тарроҳ *Усмоналии Абдуқаҳҳор*

Ҳуруфчинон *Меҳрбонуи Раҳимбек*
*Фирузаи Давлатназар*

Ношир: Комбинати полиграфии ш. Душанбе

Супориш № 48

Таърихи чоп 30. 05. 2008.

Теъдод: 2000 нусха

**ISBN 978- 99947- 733- 3- 6**

9 789994 773336